РУСТАМ АЗИЗӢ
ШЕРАЛӢ РИЗОЁН

ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШОРӮЙИ ЧОЛИШҲОИ ИФРОТГАРОЙ

РУСТАМ АЗИЗӢ
ШЕРАЛӢ РИЗОЁН

ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШОРӮЙИ ЧОЛИШҲОИ ИФРОТГАРОӢ

Душанбе – 2026

ТДУ – 101.1:323.28+291.11+327 (575.3)
ТКБ – 60.0+66.4 (2тоҷик)
А – 37

Бо қарори Шӯрои илмию методии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №1 аз 30-уми январи соли 2026 ба нашр тавсия шудааст.

Зери назари профессор **Муҳаммад А.Н.,** узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ

Муқарризон:
Муҳаммадизода Н.Д., доктори илмҳои фалсафа, профессор
Қурбоншоев И.Ҷ., номзади илмҳои фалсафа, дотсент

Азизӣ Рустам Анварзода, Ризоён Шералӣ Шукруллозода
А–37 Азизӣ Р.А., Ризоён Ш.Ш. Тоҷикистон дар пешорӯйи чолишҳои ифротгароӣ. -Душанбе: Ирфон, 2026. -236с.

Монография ба мавзуи шинохт ва пешгирии ифротгароӣ дар шароити Тоҷикистон бахшида шудааст. Китоб дар асоси пажуҳишҳои дафтарӣ ва таҷрибӣ таҳия гардида, натиҷагирии кори муаллифон дар солҳои 2010-2025 мебошад. Дар китоб таҳлили гуфтумони пешгирии ифротгароӣ дар стратегияҳои Тоҷикистон ва дар санадҳои барномавии Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон оварда шуда, рӯйкарди созмонҳои байналмилалӣ низ шиносоӣ гардидаанд. Муҳимтарин гуфтумонҳо дар фазои расонаӣ ва илмии Тоҷикистон дар самти пешгирии ифротгароӣ баррасӣ шудаанд. Шарҳи мухтасари афзоиши андешаҳои ифротӣ дар кишвар ва вижагиҳои шинохту падидоршавии он шиносоӣ мегардад. Арзёбии ифротгароии онлайн ва дурнамои муқовимат бо он, ҳамчунин тарғиботи созмонҳои ифротӣ дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ ва кейсҳои воқеӣ аз Одноклассники, Facebook ва Instagram таҳлил гардидаанд. Арзёбии мухтасари самаранокии чораҳои пешгирикунии мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва байналмилалӣ анҷом гардидааст. Вазъ ва дуроҳиҳои офиятбахшӣ ва барқарорсозии баргаштагон дар кишвар баррасӣ шуда, чолишу фурсатҳо дар пайи тағйири рӯзномаи ҷаҳонии муқовимат бо овардани сенарияҳои эҳтимолӣ шиносоӣ мегарданд.

Китоб ба пажуҳишгарони илмҳои фалсафа, сиёсӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, диншиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, идоркунии давлатӣ, оянданигарии сиёсӣ, инчунин, ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, идораҳои давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, расонаҳо ва ба доираи васеи хонандагон тавсия мешавад.

ISBN 978-99975-1-506-3

© Азизӣ Р.А., Ризоён Ш.Ш., 2026

САРСУХАН

Шинохти падидаи экстремизм ва вижагиҳои он дар шароити муосир аз масъалаҳои калидии назариявӣ ва амалӣ мебошад, зеро ин падида ҳамчун чолиш ба суботу амнияти пойдори кишварҳо дар дарозмуддат барҷаста боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, ин мавзуъ таваҷҷуҳи доираи васеи масъулон, кормандони мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва олимону коршиносонро ҷалб кардааст. Арзёбию пажуҳиши гуногунсоҳавии масъала барои дарки воқеият, шароити падидоршавӣ ва роҳҳои пешгирии он мусоидат мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таъкид ба чолишу таҳдидҳои имрӯзии ифротгароӣ ба суботу амнияти кишвар дар дидор бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин моҳи марти соли 2024 ошкоро гуфтанд, ки "дар 10 соли охир дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ, аз ҷумла 86 амали террористӣ ва сӯиқасд ба он ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террористӣ ва сӯиқасд ба он пешгирӣ гардидааст"[1]. Дар бораи истифодаи абзории зодагони Тоҷикистон аз ҷониби Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" зикр карданд, ки "дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон тарконданӣ худ даст задаанд"[2]. Ин падида барои симои мусбати байналмилалии кишвар таъсири манфӣ гузошта чолишҳоеро барои сиёсати хориҷӣ эҷод кардааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯз анҷом додани пажуҳиш дар мазвуи ифротгароӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави пешгирӣ аҳамияти баланди давлатӣ дорад.

Аз таҷрибаи кишварҳои бесубот ва гирифтор ба ин буҳрон метавон хулоса кард, ки дар шароити имрӯз неруҳо ва гурӯҳҳо бо истифода аз абзорҳои нави фанова-

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар / 09.03.2024. URL: https://prezident.tj/event/speeches/37084
[2] Ҳамон ҷо

рӣ, фикрӣ ва равонӣ дар як набарди иттилоотии нобаробар кишварҳои осебпазирро ба осонӣ дучори мушкил мекунанд. Аз ин рӯ, таҳлилу осебшиносии фарогири заминаҳои нуфуз ва таъсиргузории ин падида лозиманд, то шиносоии жарф шакл гирад ва роҳкорҳои пешгирӣ барои дарозмуддат таҳия гарданд. Бо назардошти равандҳои имрӯзи ҷаҳонӣ рӯйи даст гирифтани тадбирҳои ҳисобии нарм ба тадриҷ таъсири ин падидаро ба афкори умум метавонад кам кунад. Дар асоси ҳамкории ҳаматарафаи ниҳодҳои давлатӣ бо андешакадаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ин рӯйкард қобили иҷро мебошад.

Тоҷикистон дар замони худсолорӣ (истиқлол) бо мушкилоти экстремизму терроризм ба таври таҷрибӣ рӯ ба рӯ шуд ва натиҷаи харобиовари онро ба таври зинда эҳсос кард. Таҷрибаи ватании пешгирию муқовимат ба экстремизм ба марҳалаҳо даврабандӣ мешавад. Падидоршавии экстремизм дар Тоҷикистон бо равандҳои Осиёи Марказӣ ва тамоюлҳои сиёсати ҷаҳонӣ пайвандӣ дошта, танҳо хоси кишвари мо набуд ва нест. Чун ин мушкилот барои Тоҷикистон дар пасманзари фаъолшавии гурӯҳҳои экстремистӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ҳассос шудааст.

Тоҷикистон аз нахустин кишвари Осиёи Марказӣ буд, ки Стратегияи миллиро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм таҳия ва қабул кард. Силсилаи чораҷӯиҳоро рӯйи даст гирифт ва ҳамоишҳои сатҳи баланди байналмилалиро баргузор кард, ки бо унвони “Раванди Душанбе” шинохта мешавад. Таҳлили таҷрибаи Тоҷикистон дар самти пешгирии экстремизм нишон медиҳад, ки он то ҳанӯз ба таври шоиста дар дохил ва хориҷи кишвар шиносоӣ нашудааст. Аз ин рӯ, муаллифон дар асоси арзёбии таҷрибаи кишвар дар самти пешгирии экстремизм ин китобро навиштанд. Дар пажӯҳиш як бахши таҷрибаи ватанӣ шиносоӣ мегардад ва даъвои фарогири тамоми паҳлуҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои пажуҳишӣ ва созмонҳои

ҷомеаи шаҳрвандиро надорад. Беҳтар мебуд агар ин китоб ҳамчун дидгоҳи ду пажуҳишгар қабул гардад.

Падидоршавии экстремизм ва терроризм дар шароити Тоҷикистон ва паҳнои Осиёи Марказӣ, шинохти вижагиҳо, тамоюл, чолиш, хатар ва таҳдидҳо, роҳу воситаҳо ва рӯйкардҳои пешгирию муқовимат ба он дар осори олимон ватанӣ ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Дар се даҳаи охир дар ин самт таълифоти илмӣ, таҳлилӣ ва оммавӣ дида мешавад. Дар ин давра китобҳо, маҷмуаҳо, рисолаҳо, мақолаҳои илмию таҳлилӣ ва дигар ёддошту нигоштаҳо дар интишороти соҳавӣ, расонаҳо, пойгоҳҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба нашр расиданд, ки паҳлӯҳои гуногуни масъаларо фаро гирифта, ҳар кадоме арзандаи таҳлилу баррасианд.

Дар осори Қурбоналӣ Муҳаббатов[1], Комёб Ҷалилов[2], Давлатхӯҷа Назиров[3], Абдураҳмон Муҳаммад[4], Абдунабӣ

---

[1] Мухаббатов К.М. Социально-политические факторы образования религиозно-политической организации «Хизб-ут-Тахрир» и её реакционная сущность (по материалам Таджикистана): дисс... канд. политических наук. -Душанбе, 2004. -174с.

[2] Джалилов К. Факторы роста экстремизма: региональный контекст // Религиозный экстремизм в Центральной Азии: проблемы и перспективы: материалы межд. конференции. -Душанбе, 2002. -С.151-165.; Кому выгодно превращать Таджикистан в «горячую точку»? //Таджикистан и современный мир. -2011. №1(26). -С.36-41.

[3] Назиров Д. Проблемы терроризма, религиозного экстремизма и пути их преодоления: дисс... докт. философских наук. - Душанбе, 2009. -347с.; Политический ислам и конфликт в Таджикистане. -Душанбе, 2015. -224 с.

[4] Муҳаммад А.Н., Раҷабов С.А., Сафарализода Х.Қ. Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба суботи ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон). -Душанбе: Дониш, 2019. -72с.; Мухаммад А.Н. Политический терроризм как результат религиозно-этнического экстремизма// //Евразийский юридический журнал. -2021. -№7(158). -С.444-447.; Мухаммад А.Н., Махмадов П.А. Проблемы экстремизма в виртуальном пространстве Центральной Азии //Евразийский юридический журнал. -2016. -№5(96). -С.78-81.; Муҳаммад А.Н., Раҳмон Ю.А. Муносибати методологӣ ба таҳқиқи зуҳуроти экстремизми динию сиёсӣ ва хусусиятҳои он // Ахбори АИҶТ. -2020. -№1(259). -С.30-33.

Сатторзода[1], Парвиз Муллоҷонов[2], Абдуллоҳи Раҳнамо[3], Файзулло Баротзода[4], Аҳмад Муминов[5], Нозим Муҳаммадизода[6], Хуҷамурод Сафарализода[7], Парвиз

[1] Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (многовекторность в действии). – Душанбе, 2014. -520с. Омилҳои дохилӣ ва хориҷии сулҳи тоҷикон // Назарияи ваҳдат. Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. -Т. 15. - Душанбе: Дониш, 2021. -С.254-261.

[2] The contribution of the youth of Tajikistan to effective peace-building and the prevention of violent extremism: successes, limitations and recommendations // YOUTHPOWER, USAID, Eurasia Foundation in Central Asia-Tajikistan: 2018. -81p.; Муллоджанов П. Постсоветская Средняя Азия и мусульманский мир: салафизация как инструмент геополитики /21.04.2017. URL: https://cabar.asia/ru/parviz-mullodzhanov-postsovetskaya-srednyaya-aziya-i-musulmanskij-mir-salafizatsiya-kak-instrument-geopolitiki-2

[3] Раҳнамо А. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. – Душанбе, 2008. -226с.; Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. -Душанбе: Ирфон, 2011. -298с.; Хатари гурӯҳҳои ифротгароии дини чист? – Душанбе: Ирфон, 2015. -С.128.

[4] Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ: маҷмуаи илмӣ / Ҳайати таҳририя: А. Раҳмонзода, Ф. Баротзода, Р. Азизӣ, М. Маҳрамбеков. Душанбе: Андалеб, 2015. -352с.;

[5] Муминов А.И. Религиозный экстремизм: сущность и явления, формы проявления и пути их решения в постоянно меняющейся современном обществе. -Душанбе, 2018. -243с.; Омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ /Терроризм ва ифротгарой – роҳҳои пешгирии он. -Душанбе: Маориф, 2015. -С.232-246.; Основные причины религиозного экстремизма //Ученые записки ХГУ им. академика Б. Гафурова. -2012. -№1(29). -С.202-214.

[6] Маҳмадизода Н. Д. Зоҳиршавии экстремизми динӣ – сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва воситаҳои пешгирии он (таҳлили иҷтимой-фалсафӣ). Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. Душанбе, 2020. -313с.; Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ – сиёсӣ дар Тоҷикистон. -Душанбе: ДМТ, 2019. -287с.; Социальные корны религиозного экстремизма в Таджикистане. -Душанбе: ТНУ, 2013. -161с.; Борьба с бедностью как фактор профилактики экстремизма и терроризма //Вестник ТНУ. -2019. -№1. -С.172-176.; Масъалаҳои мубрами пешгирии ҷавонон аз ҳамроҳшавӣ ба фаъолияти ифротию террористӣ// Ахбори АИ ҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. -2019. -№1(254). -С.68-74.

[7] Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. -Душанбе: ЭР-граф, 2023. -420с.; Хусусияти таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -2023. -№2(82). -С.35-

Муҳаммадзода[1], Маҳрамбек Маҳрамбеков[2], Фаррух Салимов[3], Хуршед Додихудоев[4], Фотима Ғайратова[5], Маҳмуд Ғиёсов[6] ва дигарон аз диди илмҳои ҷомеашиносӣ паҳлӯҳои гуногуни масъала таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

48.; Таҳдиду хатари радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ дар шароити муосир // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. -2023. -№2(6). -С.28-36

[1] Мухаммадзода П.А., Мухаммад С.А. Опыт Таджикистана по противодействию экстремизму и терроризму посредством диалога и сотрудничества // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2019. -№10-2. -С.304-309.; Мухаммадзода П.А., Додихудоев Х.А. Механизмы взаимодействия государства и институтов гражданского общества в контексте борьбы с экстремизмом и международным терроризмом // Государственное управление. -2022. –№2(56). -С.230-238.

[2] Маҳрамбеков М. Бунёдгароии исломӣ ҳамчун заминаи зуҳури ифротгароӣ дар ҷаҳони ислом // Терроризм ва ифротгароӣ роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф, 2015. -С.180-195. Бархӯрди идеяи хилофати исломӣ ва давлати дунявӣ // Ифротгароии динӣ ва роҳҳои амалии пешгирии он дар маҳалҳо: маҷмӯаи мақолаҳо. -Бохтар: 2018. -С.39-48.

[3] Салимов Ф.Н. Противодействие радикализации молодежи как инструмент обеспечения стабильности в обществе // Вестник ТНУ. -2019. -№2. -С.41-47.; Устувории иҷтимоӣ ҳамчун омили таҳкими стратегияи зиддиэкстремистӣ: таҷрибаи ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи маҳаллӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2025. -№8. -С.42-52.

[4] Додихудоев Х.А. Экстремизм как социально-политическое явление: политологический анализ // Таджикистан и современный мир. -2022. -№3(79). -С.57-67.; Роль традиционных и религиозных лидеров в противодействии экстремизму // Таджикистан и современный мир. -2022. -№4(80). -С.93-98.

[5] Гайратова Ф.А. Причины проявления и усиления религиозного экстремизма и терроризма в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2015. -№2/6 (175). -С.228-234.; Причины и факторы проявления радикализма молодежи в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2017. -№2/3. -С.309-313.

[6] Гиёсов М. Появление ИГИЛ в Афганистане и ее влияние на безопасность Центральной Азии // Стратегия: специальный выпуск. -Издание НИСИ при Правительстве КР. -2015. -С.90-96.; Афганистан под властью Талибан: вызовы и угрозы для Центральной Азии // Международные отношения и безопасность. -2022. -№3(3). -С.149-167.

Намунаи боло собит мекунанд, ки анҷоми пажуҳиш дар бораи экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон мавзуи муҳим аст ва вижагии он дар дарозмуддат ҳифз мешавад.

Китоб фарогири натиҷаҳои пажуҳишҳои академӣ ва фаъолияти чандинсолаи муаллифон дар самти шинохт ва муқовимат бо чолишҳои ифротгароӣ аст, ки бо мақсади таҳкими суботи ҷомеа анҷом шудаанд. Муаллифон замони фаъолият дар андешакадаҳои ватанӣ ва пас аз он таҷрибаи хурдеро дар ин самт ба даст оварданд, ки инҳоро дар бар мегирад: таҳияи ёддошту гузоришҳои таҳлилӣ барои тасмимгирӣ; таҳлилу арзёбии коршиносӣ барои таҳияи санадҳои сиёсию ҳуқуқӣ; баргузории пажуҳишҳои майдонӣ дар бештари шаҳру ноҳияҳои кишвар; иштирок ва суханронӣ дар ҳамоишҳои ватанӣ, минтақаӣ ва байналмилалӣ; баргузории семинару тренинг ва дигар омӯзишҳо барои мухотабони дохилию хориҷӣ; таҳияи дастурҳои таълимӣ барои омӯзиши қишрҳои гуногуни ҷомеа; нашри силсилаи мақолаҳои илмӣ, таҳлилӣ ва илмию оммавӣ дар маҷаллаҳои илмӣ, пойгоҳҳои таҳлилӣ ва расонаҳои дохилию берунӣ; мусоҳиба бо хабарнигорони ватанию хориҷӣ ва ғайра (интишороти муаллифон дар китобнома оварда шудааст).

Китоб пажуҳишҳо, арзёбиҳои таҳлилӣ, таҷриба ва бардоштҳои муаллифон дар ин мавзуъ дар солҳои 2010-2025-ро фаро мегирад. Шиносоӣ бо натиҷаҳои ковиши муаллифон барои такмили донишу иттилои масъулини пешгирию муқовимат бо ин падидаҳо, ба вижа дар сатҳи маҳал, ҳамчунин пажуҳишгарони соҳа аҳамият дорад.

Китоб бар пояи **панҷ равиш** навишта шудааст:

Якум, натиҷагирӣ аз пажуҳишҳои сифатӣ: арзёбии дафтарӣ, хулосаи суҳбату мусоҳибаҳо бо коршиносону пажуҳишгарон дар бораи пешгирии экстремизм дар дохил ва хориҷи кишвар;

Дуюм, арзёбии санадҳои меъёрию ҳуқуқии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти пешгирии экстремизм барои шиносоии гуфтумони мавҷуд дар паҳнои минтақа;

Сеюм, арзёбии гузоришҳои таҳлилии дастрас, китоб, маҷмӯаҳо, мақолаҳои илмию таҳлилӣ дар мавзуи пешгирии экстремизм дар кишвар;

Чорум, таҳлили матлабҳои расонаҳо ва муҳтавои шабакаҳои иҷтимоии Тоҷикистон барои шинохти воқеият ва масъалаҳои пешгирии экстремизм;

Панҷум, мушоҳидаи мавзуъ ва бардоштҳо аз арзёбию таҳлилии таҷрибии масъала барои шаклдиҳии дидгоҳи устувори зиддиифротгароӣ.

Муаллифон ба Шӯрои илмию методии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муқарризон ва хонаводаҳои худ барои мададу мусоидат дар нашри китоб сипосгузоранд.

Шаҳри Душанбе, 3-юми январи соли 2026

ФАСЛИ I. РӮЙКАРДҲОИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ

1.1. Таҷрибаи байналмилалии пешгирии экстремизм

Баррасии вазъ ва таҷрибаи кишварҳои осебпазир ба чолишҳои экстремизм ва терроризм маълум мекунад, ки онҳо аз ин падидаҳо дар ҳар шаклу навъ зарару хисороти моддию маънавӣ мебинанд. Пайдоиши ифротгароӣ дар кишварҳои ҷаҳон сарчашмаи гуногун ва бештар ба ҳам муқобилро дорад. Он чизе, ки бештар гуфта мешавад ва дар андешасозӣ истифода мегардад, то ҷойе ба вазъи воқеӣ мувофиқат намекунад. Масалан, солҳои охир дар бештари пажӯҳиш ва гузоришҳо пайваста ба ин нукта таъкид мешавад, гӯё: “экстремизм бештар дар муҳите пайдо ва паҳн мегардад, ки сатҳи баланди бекорӣ, камбуди таҳсилоти босифат ва худсозӣ барои ҷавонон ба назар расида, ин ҳолат эҳсоси ҳошияравии онҳоро такон медиҳад. Чунин ҷавонон зери таблиғот дар фазои иттилоотӣ қарор мегиранд ва ба осонӣ андешаҳои ифротиро қабул мекунанд”. Ин гуна умумигӯйӣ ва муносибати сатҳӣ на ҳамеша баёнгари вазъи воқеӣ буда, барои дарки амиқ ва пешгирии аз ин падидаи номатлуб наметавонад мадад расонад. Агар падидоршавии ифротгароӣ ва ҷалби зодагони кишварҳои гуногун ба сафи гурӯҳҳои ифротиро баррасӣ кунем, пас маълум мешавад, ки ин нукта фарогир нест. Дар мисоли пайваст-шавӣ ба сафи “Давлати исломӣ” (замони фаъолияти густардааш дар Ироқу Сурия) метавон гуфт, ки аз ҳама бештар ба сафи ин гурӯҳ шаҳрвандони Белҷик ва дигар кишварҳои аврупоӣ шомил шуданд. Сарфи назар аз кам будани шумораи зодагони Осиёи Марказӣ, дар ривоятсозию андешасозии расонаҳои ҷаҳонӣ ва андешакадаҳо бештар номи кишварҳои минтақа оварда мешавад.

Дар заминаи сабабҳо ва шароити пайдоиши падидаи ифротишавӣ бояд ба ин нукта аҳамият дод, ки он ба як сабаби хос вобаста набуда, заминаи маҷмӯӣ ва омилҳои

сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, маънавӣ, фикрӣ, динӣ, фардӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ ва коҳиш додани ин раванд баррасӣ ва осебшиносии ҳаматарафаи он ба мақсад мувофиқ аст. Чунки миёни сабабҳои пайдоиш ва рушди экстремизм ва терроризм пайванди мустақим дорад. Барои пешгирӣ ва коҳиши густариши экстремизм ва терроризм таҳияи роҳкорҳои гуногун лозиманд, ки бояд дорои хусусияти тадриҷӣ, силсилавӣ ва мунтазам бошанд. Ба ҳамин мазмун, дар барномаҳои байналмилалӣ ба мисли "Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ" ва "Нақшаи амал барои пешгирии экстремизми хушунатомез (2015)" тавсия мешавад, ки барномаҳои миллӣ (сиёсати давлатӣ) бояд бисёрсоҳавӣ бошанд ва ҳамзамон, маориф, ҷавонон, дин, занон ва ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гиранд[1].

Тоҷикистон аз ибтидои худсолорӣ (истиқлол) бо ин падида рӯ ба рӯ шуд ва зарару зиёни моддию маънавии он то ба имрӯз ба назар мерасад. Зодагони кишвар ба сафи гурӯҳҳои террористӣ пайваста, дар даргириҳои Сурия, Ироқ ва Афғонистон иштирок карданд. Таҳлилгарони Бонки Ҷаҳонӣ дар гузориши худ (2019) менависанд, ки дар Тоҷикистон ҷавонони муҳоҷир ва мардумони осебпазир бештар ба хавфи ифротишавӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва офиятбахшӣ дар пешгирии ин падида нақши муҳим доранд.

Яке аз масъалаҳои калидӣ муайянсозии рӯйкардҳои кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм аст, ки бештари онҳо баъди падидоршавию қудратгирии "Давлати исломӣ" дар Ховари Миёна рӯи кор омаданд. Дидгоҳи ягона дар бораи "пешгирии экстремизм ва терроризм чист ва чиро дар бар мегирад?" вуҷуд надорад. Кишварҳо чунин рӯйкардро аз таҷрибаи худ ва бо назардошти авлавияти таъмини суботу амният, ҷуғрофиё ва муҳити геополитикиашон маълум кардаанд.

[1] United Nations. (2016). Plan of Action to Prevent Violent Extremism. URL: https://www.un.org/counterterrorism/plan-of-action

Созмонҳои байналмилалӣ то ҷойе дар тафсири пешгирии экстремизм ва терроризм рӯйкарди кишвари “нахустин миёни ҳамтоён” (аз рӯйи ҳикмати Руми бостон “Primus inter pares”)-ро истифода мекунанд. Фаҳмиши кишварҳои таъсиргузор дар бораи “пешгирии экстремизм ва терроризм” дар шаклгирии сиёсати созмонҳои байналмилалӣ калидӣ аст, чун онҳо ҳарфи аввал мезанад ва фаҳмиши ғолиби онро ҷой медиҳанд. Ҳарчанд барномаи пешгирӣ дар худи ин кишварҳо натиҷаи назаррасе ба бор наовардааст, вале барои давлатҳои дигар ҳамчун “таҷрибаи муваффақ ва пешрафта” аз ҷониби баъзе созмонҳои байналмилалӣ таҳмил мешавад. Масалан, барномаи пешгирии ифротгароӣ дар Британиё ва офиятбахшӣ дар Фаронса самараи дилхоҳ надоданд ва баҳсҳоро ба вуҷуд оварданд.

Дар ин зерфасл барои шиносоии фаҳмиши пешгирии экстремизм ва терроризм: рӯйкардҳои маъмули байналмилалӣ, гуфтумони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва баҳси “экстремизм”-у “экстремизми хушунатомез”-ро баррасӣ мекунем:

Се рӯйкарди байналмилалии ифротишавӣ

Дар сатҳи ҷаҳонӣ моделҳои гуногуни назариявӣ ва роҳбурди амалии тафсиркунандаи ифротишавӣ, ҳамчунин, равишҳои муқовимат ба ин падида таҳия шудаанд. Ба номгӯйи маъмултарини онҳо модели “Нардбони Муқаддам”, барномаи британиёии “PREVENT” ва рӯйкарди “CVE (Countering Violent Extremism)” шомил мешаванд. Баҳси то куҷо мувофиқ будани истифодаи онҳо дар шароити Тоҷикистон мавзуи дигар аст ва арзёбии васеъро талаб дорад. Аз ин дидгоҳ, баъзе унсурҳои қобили истифода ва камбуди онҳоро зикр мекунем:

Модели “Нардбони Муқаддам”. Равоншинос Фатҳалӣ Муқаддам истиораи ифротишавиро дар шакли нардбон пешниҳод мекунад. Тибқи он ҳар қадаре зина боло равад, ба он гурӯҳи хурди одамон ворид мешаванд, вале то рафт ифротӣ мегарданд.

Дар зинаи аввал (заминӣ) шумори бештари норозиҳо қарор доранд. Дар ин сатҳ онҳо бо камбуди адолати иҷтимоӣ ва таҳқиру маҳрумият (масалан, камбизоатӣ, бекорӣ ва табъиз) рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ҳолат дар натиҷа ноумедии равониро ба вуҷуд меорад ва барои рафтан ба зинаи баъдӣ сабаб мешавад.

Дар зинаи дуюм чанде аз ин касон роҳҳои муборизаро бо беадолатиро мекобанд ва пархошгариро барои ҳимояи худ ё эҳёи адолат роҳи дуруст мешуморанд.

Дар зинаи сеюм "мушорикати ахлоқӣ" ба вуҷуд меояд: фард тамоми шикваҳои худро бо як идеология мепайвандад, ки хушунатро қобили қабул медонад (масалан, ифротгароии динӣ) ва ба амалҳои ифротии худ пояи ахлоқӣ медиҳад.

Дар зинаи чорум ҷаҳонбинии "мо муқобили онҳо (ё худиҳо муқобили бегонагон)" шакл мегирад. Дар натиҷа инсони ифротӣ ҷаҳонро ба муҳити душманона ва гурӯҳи "худӣ" тақсим мекунад ва паймонаш ба созмони экстремистӣ меафзояд.

Дар зинаи панҷум (болоӣ) садди ниҳоии равонӣ барои даст задан ба хушунат нест мешавад, инсонро дигар чизе бознамедорад ва даст задан ба куштор дигар "монеаи ахлоқӣ" нест. Дар чунин ҳолат фард омодаи анҷоми амали террористӣ мешавад. На ҳама ба ин сатҳ мерасанд ва тавре "нардбон" нишон медиҳад, танҳо як қисми ками ранҷидаҳо ва мазлумон тамоми пайраҳаро то терроризм тай мекунанд[1].

Бартарии модели Муқаддам дар фарогир будани тафсири равонӣ аст, ҳолатҳои гуногунро бозгӯйӣ мекунад ва нишон медиҳад, ки ангезаи калидӣ ин дарки беадолатӣ ва набудани фурсатҳои пешрафти иҷтимоӣ мебошад. Дар шароити Тоҷикистон тафсири зинаи аввал то ҷойе мувофиқ меояд, чун камбизоатӣ, бекорӣ, фасод ва ғайра метавонад сарчашмаи "эътироз" бошад. Ҳамзамон, модели Муқаддам роҳи равонии инфиродиро

[1] Moghaddam, F. M. (2005). The Staircase to Terrorism: A Psychological Exploration. American Psychologist, 60 (2), 161–169. https://doi.org/10.1037/0003-066X.60.2.161

тасвир намуда, омилҳои беруна (фаъолияти мубаллиғон, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра)-ро сарфи назар мекунад. Тавре пажуҳиш ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, дар шароити Тоҷикистон таъсири барҷастаро ба ифротишавӣ омили беруна (ҷалби муҳоҷирон дар хориҷи кишвар, таъсири таблиғоти хориҷӣ) дорад. Аз ин рӯ, падидоршавии танҳо “як зина” басанда набуда, таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ва зерсохти ифротиҳо зарур аст.

Барномаи PREVENT-и Британиёи Кабир. Роҳбурди Prevent – як бахши барномаи зиддитеррористии британиёии CONTEST буда, ҳадафаш пешгирии ифротишавӣ тавассути дахолати ҷомеа аст. “Дахолати бармаҳал” ба унвони асли калидии ин роҳбурд пазируфта шуда, аз рӯйи он касони дорои аломат ё тамоюли ифротгароиро маълум мекунанд, ба онҳо мадади таълимӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ мерасонанд, то аз роҳи хушунат дур шаванд. Масалан, дар доираи Prevent механизми Channel, яъне комиссияҳои бисёрсоҳавӣ бо фарогирии полис, омӯзгорон, кормандони иҷтимоӣ амал мекунад, ки иттилоъ дар бораи шахсони дорои рафтори ташвишовар дар якҷо ҷамъоварӣ мегардад. Бо чунин касон мураббиҳо, имомхатибон ва равоншиносон алоҳида кор карда, ба ислоҳи андеша мадад мерасонанд.

Барномаи Prevent фарогири ҳамкорӣ бо ҷомеаҳои мусулмонон, пуштибонии пешвоёни муътадили мазҳабӣ ва таблиғи “арзишҳои британиёӣ” (таҳаммулпазирӣ ва қонунмеҳварӣ) дар мактабҳо аст. Таҷрибаи Британиё дар асоси шарикӣ бо ҷомеа роҳандозӣ шуда, пешгирии ифротгароӣ на танҳо кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки вазифаи омӯзгорон, кормандони иҷтимоӣ ва оила дониста мешавад. Агар ин рӯйкард дар Тоҷикистон истифода гардад, пас ҷалби бештари сокинони маҳал, фаъолони ҷомеа ва рӯҳониёнро дар пешгирӣ дар марҳилаи аввал дар назар дорад. Агар механизми муосири ҷалби муҳити атроф эҷод гардад, ҳатман ба натиҷае хоҳад овард. Масалан, дар Ӯзбекистон ин таҷрибаи барномаро то ҷойе ба шароити кишвари худ мувофиқ ва роҳандозӣ кардаанд. Пас агар дар Тоҷикистон тасмими

сиёсӣ барои истифодаи ин таҷриба гирифта шавад, дар баробари омӯхтани таҷрибаи Британиё, ҳамчунин, арзёбии таҷрибаи Ӯзбекистон судманд аст.

Рӯйкарди CVE (муқовимат ба экстремизми хушунатомез). CVE вожаи васеъест, ки як қатор чорабиниҳои "нарм" алайҳи ифротгароиро дар бар мегирад ва то андозае ҷойгузин ба равишҳои зӯроварона аст. Барномаҳои CVE аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, кишварҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ амалӣ шуда, таҳсилоти ҷавонон, гуфтугӯйи динҳо, рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ (барои ҷилавгирӣ аз афтодани одамон ба таблиғоти ифротӣ), мубориза бо идеологияи ифротгароӣ дар интернет, шуғлу варзиш барои "гурӯҳҳои осебпазир", кор бо оилаҳо ва ҷангиёни бозгашта ва ғайра дар бар мегирад.

Дар консепсияи CVE таваҷҷуҳи асосӣ ба бартарафсозии омилҳои ифротишавӣ ва боло бурдани тавонмандиҳои ҷомеа дар баробари андешаҳои ифротгароӣ равона шудааст. Дар Тоҷикистон унсурҳои CVE дар стратегияи пешин (барои солҳои 2016-2020) ва "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" ба назар мерасад (дар поён шарҳи санадҳо оварда мешавад).

Дар бораи корбурди рӯйкардҳои байналмилалӣ дар барномаҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ пажуҳишгарони қазоқистонӣ бар он назаранд, ки бештар аз рӯйи моделҳои ғарбӣ (масалан, таҷрибаи Искандинав ва ИМА) бо мувофиқ кардан ба шароити худ таҳия шудаанд. Ба андешаи онҳо яке аз нуктаҳои заифии ин санадҳо набудани тафсири равшани мафҳуми "пешгирӣ" ва механизмҳои устувори арзёбӣ мебошад[1]. То куҷо дуруст будани андешаи ин пажуҳишгаронро дар таҳлили поён хоҳед дид.

[1] Reshetnyak, A., & Omelicheva, M. (2022). A Framework for Explaining National P/CVE Programs: A Case Study of Kazakhstan. Studies in Conflict & Terrorism, 48(2), 161–178. https://doi.org/10.1080/1057610X.2022.2090048

Гуфтумони пешгирии экстремизм дар Осиёи Марказӣ

Дар ягон кишвари ҷаҳон то ҳол таҷриба ва рӯйкарди комилан муваффақи пешгирии экстремизм ва терроризм рӯйи кор наомадааст. Маъмулу машҳур будани таҷрибаи баъзе кишварҳо ба шиносоии бештари онҳо вобаста буда, замонати муваффақ шуданаш дар давлатҳои дигари дунё (вобаста ба шароиту имкони онҳо, инчунин, вазъи падидойии экстремизм ва терроризм) вуҷуд доранд. Аз ин дидгоҳ, лозим донистем, баррасиро аз фаҳмиши "пешгирии экстремизм ва терроризм" дар кишварҳои Осиёи Марказӣ оғоз кунем, зеро шароити падидоршавии андешаҳои экстремистӣ дар паҳнои Осиёи Марказӣ то ҷойе ба ҳам монанданд. Кишварҳои минтақа таҷрибаи якдигарро меомӯзанд ва ҳоло ҳамкориҳои самаранокро ба роҳ мондаанд. Аз ин рӯ, арзёбии санадҳои барномавии Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон метавонад самарабахш бошад, чун ба хонандаи ватанӣ таҷрибаи минтақаро шиносоӣ мекунад.

Дар **Қазоқистон** "Барномаи давлатии муқовимат ба экстремизм ва терроризми динӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2018-2022" бо қарори Ҳукумати ин кишвар аз 15 марти соли 2018 қабул шудааст[1]. Муҳлати амали ин Барномаи давлатӣ соли 2022 ба итмом расид ва санади нави муқовимат ба экстремизм ва терроризм мақоми пӯшида дораду ба доираи васеъ дастрас нест. Маъмулан дар таҳияи санадҳои барномавӣ аз собиқаи пештара истифода ва таҷрибаву дастоварду чолишҳоро зикр мекунанд. Аз ин рӯ, метавон ҳадс зад, ки бахши умдаи дидгоҳҳои бунёдии Барномаи давлатии муқовимат ба экстремизми динӣ ва терроризм барои солҳои 2018-2022 мақоми худро ҳифз кардаанд (ба андешаи як

[1] Государственная программа по противодействию религиозному экстремизму и терроризму в Республике Казахстан на 2018 – 2022 годы / Утверждена постановлением Правительства Республики Казахстан от 15 марта 2018 года, №124. URL: https://primeminister.kz/assets/media/ p1800000124l5-03-2018rus.pdf

коршиноси ин кишвар унсури умумӣ дар санади нав ҳифз шудааст). Ҳамзамон, дидгоҳи фармонравоёну пажуҳишгарони Қазоқистон дар бораи пешгирии ифротгарой дар ҳамоишҳои минтақаӣ ҳеҷ тағйире накардааст. Аз ин рӯ, таҳлили барнома то ҷойе барои шиносоии дидгоҳи қазоқистонии пешгирии экстремизм ва терроризм барои хонандаи ватанӣ метавонад судовар бошад.

Таҳиякунандаи Барномаи давлатӣ Кумитаи амнияти миллии Қазоқистон буда, дар иҷрои он 18 вазорату идораи марказӣ, инчунин, мақомоти иҷроияи вилоятҳо ва шаҳрҳои дорои мақоми ҷумҳуриявӣ масъул гардидаанд.

Барномаи давлатӣ барои расидан ба 4 ҳадаф таҳия шуда, нахустинаш "Такмили тадбирҳои **пешгирии** экстремизм ва терроризми динӣ дар ҷомеа ба ташаккули масуният ба идеологияи радикалӣ ва таҳаммули сифр ба падидаҳои радикалӣ" мебошад.

Дар Барнома барои расидан ба мақсад се нишондиҳанда муқаррар кардаанд, ки якумаш чунин мазмун дорад: "Коҳиши шумораи одамоне, ки дорои ақидаҳои экстремистӣ ҳастанд ва фаъолияти онҳо ба барангехтани кинаю адовати динӣ нигаронида шудааст". Ин нукта то андозае барномаро ҳамчун ҳуҷҷати "пешгирикунанда" шиносоӣ мекунад.

Дар барнома зикр мешавад, ки зимни таҳияи он таҷрибаи мусбати Норвеж, Финланд, Конодо, ИМА, Аморати муттаҳидаи Араб омӯхта ва истифода шуд.

Мафҳуми "пешгирӣ" (вожаҳои "профилактика" ва "предотвращения") дар ҳуҷҷат 22 бор такрор мешавад, аммо чӣ гуна тафсир шудани он оварда нашудааст.

Дар фасли 5-и барнома "Самтҳои асосӣ, роҳҳои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда. Барномаҳо ва чораҳои марбута" роҳҳои расидан ба мақсад зикр мешавад. Ҳадафи аввал "Такмили тадбирҳои пешгирии экстремизм ва терроризми динӣ дар ҷомеа ба ташаккули масуният ба идеологияи радикалӣ..." мебошад. Тавассути чораҳои зерин роҳҳои пешгирии экстремизм ва терроризми динӣ бозтоб шудааст ва **дидгоҳи қазоқистонии пешгирии ин падидаҳои номатлубро** шиносоӣ мекунад:

1. Сифатан беҳтар кардани ҳамоишҳои иттилоотию маърифатӣ. Расидан ба ҳадаф тавассути амалисозии тадбирҳои зерин дар назар аст:

- воридсозии шаклу равиши муваффақ барои ташаккули ҷаҳонбинии зиддитеррористии шаҳрвандони Қазоқистон ва масуният дар баробари идеологияи радикалӣ ба фаъолияти субъектони машғул бо кори маърифатӣ;

- такмили салоҳияти касбии масъулини машғул бо кори маърифатӣ дар самти фановариҳои иттилоотӣ;

- бо мутахассисони илоҳиётшинос таъмин кардани субъектони масъули кори маърифатӣ;

- ташаккули базаи ягонаи маводи зиддитаблиғотӣ ва методӣ, ки дар кори маърифатӣ истифода мешаванд;

- баҳогузории фаъолияти пешгирикунӣ бо дастовардҳои воқеӣ барои беҳтарсозии муҳити динӣ.

2. Баргузории корҳои маърифатӣ бо қалби созмонҳои динӣ бо гурӯҳҳо ва ҷомеаҳои динии номнавис нашуда.

3. Роҳандозии фармоиши иҷтимоии давлатии муқовимат ба терроризм ва экстремизми динӣ барои баргузории ҳамоишҳои оммавӣ (мизҳои гирд, семинарҳо), пажуҳишҳои илмию бунёдӣ, таҳлилӣ, сотсиологӣ, пажуҳиши коршиносии матлабҳои ВАО, инчунин, барои таҳияи маводи иттилоотӣ (топикҳо, буклетҳо, роликҳо).

4. Гузаронидани ҳамоишҳо барои тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёни тамоми зинаи таҳсилот, аз мактаб то омӯзишгоҳу донишгоҳҳо, бо қалби созмонҳои ҷамъиятӣ.

5. Роҳандозии фаъолияти маърифатӣ тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Расидан ба ҳадаф тавассути амалисозии чораҳои зерин дар назар аст:

- фаҳмонидани хатари терроризм ва ғояҳои экстремистӣ;

- қалби созмонҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои динӣ тариқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ;

- паҳни маводи огоҳибахшӣ ва зиддитаблиғотӣ дар пойгоҳҳои хабарӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, тариқи блогерҳои маъруф ва шахсиятҳои андешасоз;

- истифодаи усули таҷассумсозӣ (визуализатсия)-и маводи иттилоотию огоҳибахшӣ ва зиддитаблиғотӣ барои ҷавонон;

- ташкили саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҷойгиркунии суханрониҳои намояндагони мақомоти давлатӣ, ҷомеаи илмию коршиносӣ ва созмонҳои динӣ дар мавзуъҳои зиддиэкстремистӣ дар видеохостингҳо.

6. Ташаккули малакаи гузаронидани корҳои маърифатӣ ва зиддитаблиғотӣ миёни онҳое, ки бо ихтисосҳои "Журналистика", "Таърих", "Сиёсатшиносӣ" ва "Сотсиология" донишгоҳро хатм кардаанд;

7. Дар асоси натиҷаи пажуҳишҳои сотсиологӣ таҳияи тавсияҳо барои беҳтаркунии пешгирии экстремизм ва терроризми динӣ;

8. Таъмини фаъолияти "Хатвори боварии – 114" барои расонидани ёрии машваратӣ ба дар мавзуъҳои динӣ, маркази офиятбахшии иҷтимоӣ ва мутобиқшавии қурбониҳои андешаҳои ифротӣ, инчунин, таъсиси намояндагии он дар минтақаҳо барои кор бо маҳкумшудагон ва наздикони онҳо.

9. Такмили фаъолияти воҳидҳои ташкили корҳои офиятбахшии илоҳиётшиносӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ, ки бо маҳбусон дар муассисаҳои ислоҳӣ кор мекунанд.

10. Пешгирии воридшавии идеологияи экстремистӣ ва террористӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсуси давлатӣ миёни афсарону сарбозон, ки дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ ва воҳидҳои ҳарбӣ адои хидмат мекунанд.

Барои шиносоии таҷрибаи **Қирғизистон** лозим ба назар мерасад, ки арзёбии "Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2017-2022" (бо қарори Ҳукумати ин кишвар аз 21 июни соли 2017 қабул шудааст)[1] ва "Барномаи Девони Вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон оид

[1] Программа Правительства Кыргызской Республики по противодействию экстремизму и терроризму на 2017-2022 годы /Утверждена постановлением Правительства Кыргызской Республики от 21 июня 2017 года № 394. URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/100104

ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2017-2022" (бо қарори Девони Вазирони ин кишвар аз 15 марти соли 2023 қабул шудааст)[1] анҷом диҳем. Аз муҳтавои ин ду барнома бармеояд, ки санади дуюм идомаи мантиқии санади аввал аст.

Дар Барнома барои солҳои 2017-2022 мафҳуми "пешгирӣ" (вожаҳои "профилактика" ва "предотвращения") 32 маротиба такрор мешавад, вале тафсираш оварда нашудааст. Дар Барнома барои солҳои 2023-2027 бошад, мафҳуми "пешгирӣ" (вожаҳои "профилактика", "предотвращения" ва "предупреждения") 10 бор такрор мешавад ва чунин тафсир мешавад: "пешгирии фаъолияти экстремистию террористӣ - маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ ва дигар чораҳоест, ки мақомоти давлатӣ ва мақомоти худиоракунии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ошкор, омӯхтан, пешгирӣ ва рафъи сабабу шароитҳое, ки ба пайдоиш ва паҳншавии ифротгароӣ ва терроризм мусоидат мекунанд"

Ҳадафи Барномаи барои солҳои 2017-2022 "таъмини волоияти қонун, амнияти инсон/шахс, ҷомеа ва давлат тавассути такмили низоми самараноки пешгирӣ ва рафъи экстремизм ва пешгирии таҳдидҳои терроризм дар Ҷумҳурии Қирғизистон" номбар шуда буд. Ҳадафи Барнома барои солҳои 2023-2027 "ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохти конститутсионӣ аз таҳдидҳои экстремистию террористӣ ва таъмини амнияти миллӣ" мебошад. Тавре ба мушоҳида мерасад, дар ҳадаф вожаи "пешгирӣ" истифода намегардад.

Барои расидан ба мақсад дар Барномаи барои солҳои 2017-2022 се самти афзалиятнок муайян шуда буд, ки якум "такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар соҳаи пешгирии экстремизм ва тер-

[1] Программа Кабинета Министров Кыргызской Республики по противодействию экстремизму и терроризму на 2023-2027 годы /Утверждена постановлением Кабинета Министров Кыргызской Республики от 15 марта 2023 года №141. URL: https://cbd.minjust.gov.kg/160032/edition/1241419/ru

роризм” ва дуюмаш “такмили таҷрибаи фаъолияти мақомоти махсуси давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирӣ ва рафъи падидаҳои экстремизм ва терроризм” хусусияти пешгирикунанда доштанд.

Дар доираи самти якуми афзалиятнок барои пешгирии экстремизм ва терроризм чунин вазифаҳои аввалиндараҷа оварда шуда буданд:

- пуштибонии фаъолияти илмию пажуҳишӣ, ки ба дарки мушкилоти экстремизм ва терроризм ва барои таҳияи чораҳои муассири муқовимат мусоидат мекунанд;

- такмили фаъолияти иттилоотию маърифатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

- коҳиши хатари радикализатсия дар соҳаи маорифи динӣ ва фаъолияти миссионерӣ;

- таҳкими иқтидори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар мубориза бар зидди падидаҳои экстремизм ва терроризм;

- такмил додани кори пешгирикунанда бо гурӯҳҳои мақсаднок.

Дар доираи самти дуюми афзалиятнок барои пешгирии экстремизм ва терроризм чунин вазифаҳои аввалиндараҷа оварда шуда буданд:

- тавсеаи фаъолияти фаврию таҳлилӣ, ки ба ошкор ва пешгирии экстремизм ва терроризм нигаронида шудаанд.

- ташкили ҳамоишҳои амалии зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористӣ.

Дар Барнома барои солҳои 2023-2027 шаш самти афзалиятнок муайян шудаанд, ки 4-тои онҳо амалисозии чораҳо дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм меравад:

Самти 1. Пешгирӣ ва огоҳсозӣ аз паҳншавии фаъолияти экстремистию террористӣ;

Самти 3. Таъсис ва рушди заминаи илмию пажуҳишӣ, таълимию методӣ ва иттилоотии муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

Самти 4. Сиёсати иттилоотӣ ва ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои расонаӣ;

Самти 5. Таҳия ва роҳандозии механизмҳо ва рӯйкардҳои муосир барои ҷомеапазирии дубораи шахсони зери таъсири идеологияҳои экстремистӣ ва террористӣ қарордошта.

Ҳар яки аз ин самтҳо силсилаи чораҳоро дар назар дорад ва ин арзёбӣ дидгоҳи расмии Қирғизистон дар бораи пешгирии экстремизм ва терроризмро шиносоӣ мекунад.

Дар **Ӯзбекистон** "Стратегияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2027" бо фармони Президенти ин кишвар аз 1 июли соли 2021 қабул шудааст[1]. Ин Стратегия комилан ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм ихтисос ёфта, мафҳуми "пешгирӣ" (вожаҳои "профилактика" ва "предотвращения") 14 маротиба дар шаклҳои гуногун такрор мегардад, вале тафсири он оварда нашудааст. Аз рӯйи истифодаи вожаи "пешгирӣ" мекӯшем, дидгоҳи кишвари Ӯзбекистонро дар самт бозгӯйӣ кунем.

Дар зербоби 1. "Тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, арзишҳои анъанавӣ ва таҳаммулпазирӣ дар муқовимат ба паҳншавии идеологияи экстремизм ва терроризм" бо назардошти муҳим будани болобарии фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифатнокии аҳолӣ дар зербахши "б" чунин оварда шудааст: "рушди низоми огоҳӣ, пешгирии барвақтӣ ва муқовимат ба паҳншавии идеологияи экстремизм ва терроризм дар шабакаи ҷаҳонии иттилоотии Интернет..."

Дар зербоби 2. "Ҷилавгирӣ аз паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон" барои пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ дар байни ҷавонон, аз ҷумла ноболиғон дар соҳаи маориф ва сиёсати ҷавонон амалисозии тадбирҳои зерин зарур дониста шудааст:

[1] Национальная стратегия Республики Узбекистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2021 - 2026 годы / Утверждена указом Президента Республики Узбекистан от 1 июля 2021 года, № УП-6255. URL: https://lex.uz/ru/docs/5491628

а) дар байни насли наврас ташаккул додани муносибати боэҳтиромона нисбат ба қонун, саводи ҳуқуқӣ, таҳаммулпазирӣ байни мазҳабҳо ва миллатҳо, таваҷҷуҳ ба таърих, фарҳанг, мероси маънавӣ ва урфу одатҳои мардуми кишвар;

б) фароҳам овардани тафреҳи ҷавонон...;

в) таъмини пуштибонии доимии давлат ба низоми тарбияи ҷавонон...;

г) гузаронидани дарсҳо дар муассисаҳои таълимӣ дар бораи тарбияи ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, пешгирии шомилшавӣ ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ;

д) баланд бардоштани савияи касбии ҳайати омӯзгорон, таҳия ва татбиқи стандартҳои нави таълим, инчунин, равишҳои педагогӣ, ки ба муқовимат ба ғояҳои экстремистӣ ва терроризм нигаронида шудаанд;

е) гузаронидани пажуҳишҳои сотсиологӣ дар байни ҷавонон...;

ж) тақвияти ҷойгоҳи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ташаккули худшиносӣ ва мавқеи устувори шаҳрвандӣ;

з) ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятии ҷавонон бо мақсади пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремизм ва терроризм;

и) ташкили анҷуманҳо ва вохӯриҳои вижа, ки ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ва саводи ҳуқуқии ҷавонон мусоидат мекунанд;

к) фаъол гардонидани фаъолияти Агентии кор бо ҷавонон, Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон, марказҳои “Маънавият ва маърифат”.

Дар зербоби 3. “Ҳимояи ҳуқуқи занон ва тақвияти мақоми онҳо дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм” нақши махсуси онҳо бо истифода аз оила дар пешгирии гароиши ҷавонон ба ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ зикр мешавад.

Дар зербоби 4. “Ҳифзи шаҳрвандоне, ки дар хориҷа муддати тӯлонӣ қарор доранд, аз таъсири ғояҳои

экстремизм ва терроризм” **се нукта** дар бораи пешгирӣ аз ин падидаҳои номатлуб баён меёбад:

1) самаранокии пасти чораҳои пешгирикунанда дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар кишварҳои алоҳида, ки шаҳрвандони Ӯзбекистон истиқомат доранд;

2) роҳандозии корҳои маърифатӣ барои пешгирии идеологияи экстремизм ва терроризм, инчунин, таҳдидҳои он бо шаҳрвандоне, ки ба хориҷи кишвар сафар мекунанд;

3) роҳандозии фаъолияти филтиркунию пешгирикунӣ бо шаҳрвандоне, ки аз хориҷи кишвар баргаштаанд.

Дар зербоби 7. “Такмили чораҳои таъқиби қонунӣ ва кашидан ба ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ, инчунин, маблағгузории онҳо” **се нукта** дар бораи пешгирӣ аз ин падидаҳои номатлуб баён меёбад:

1) баланд бардоштани самаранокии корҳои пешгирикунӣ ва иҷтимоию офиятбахшии шахсоне, ки зери таъсири идеологияи экстремизм ва терроризм қарор доранд;

2) пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремизм ва терроризм дар байни маҳбусон бо истифода аз имконоти пешгирикунандаи муассисаҳои ислоҳӣ;

3) андешидани чораҳои дахлдор барои фароҳамории шароите, ки боиси пешгирии рӯҳияи радикалӣ дар байни кормандони давлатӣ мегардад, гузаронидани корҳои пешгирикунии инфиродӣ бо кормандоне, ки хавфи баланди зери таъсири созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ афтоданро доранд.

Дар умум, чораҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм умумият доранд. Барои арзёбии васеи масъала бояд воқеияти падидор шудани экстремизм ва терроризм дар ин кишварҳо ва чораҳо барои пешгирии ин падидаҳои номатлуб арзёбӣ шаванд. Ин амал ҳаҷми калони кор ва анҷоми пажуҳиши майдониро талаб мекунад. Бинобар ин, дар бахши зерини китоб танҳо дидгоҳи кишварии Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистонро аз рӯйи ҳуҷҷатҳои барномавӣ дар самти

пешгирии экстремизм ва терроризм шиносой кардем ва умедворем барои хонандаи ватанӣ муфид хоҳад буд.

Дар бораи таҷрибаи Туркманистон бояд гуфт кард, ки аз рӯйи иттилои сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии ин кишвар "Стратегияи миллии Туркманистон оид ба огоҳонии экстремизми зӯровар ва муқовимат ба терроризм барои солҳои 2020-2024"[1] бо қарори раисҷумҳур, аз 6-уми декабри соли 2019 қабул шуда буд. Иттилоъ дар бораи қабули стратегия дар таҳрири нав дар фазои расонаӣ дида намешавад. Азбаски матни комили Стратегияи миллии Туркманистон дастрас набуд, таҳлили дидгоҳи ин кишвар дар бораи пешгирии экстремизм ва терроризмро анҷом надодем.

Шинохти вижагиҳои гуфтумони "экстремизм" ва "экстремизми хушунатомез"

Дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалии Тоҷикистон экстремизмро ба "бехушунат" ва "хушунатомез" ҷудо намекунанд. Чунки агар экстремизм (дар андеша, гуфтор ва рафтор) падидор гардад, ҳатман ба нафрат асос ёфта, ба хушунат оварда мерасонад. Масалан, барои таъмини ваҳдати миллӣ ва субот дар Тоҷикистон сарфи назар кардани даъватҳо ва гуфтугузори дорои забони нафрат ба пайравони мазҳабҳои гуногуни дини ислом ҳамчун падидаи экстремистии бидуни хушунат ғайриқобили қабул аст. Чун чолишу таҳдиди воқеиро ба ояндаи босуботи кишвар месозад ва гузаштаи талхи ҷанги шаҳрвандӣ низ инро собит мекунад.

Ҳамин рӯйкардро пажӯҳишгарони қазоқистонӣ ҷонибдорӣ мекунанд ва таъкид бар он доранд, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ рад кардани тафовути "бе хушунат" ва "хушунатомез" бештар ба таҷрибаи таъри-

[1] Состоялась встреча, посвященная национальной стратегии Туркменистана по предупреждению насильственного экстремизма и противодействию терроризму/ 10.12.2019. URL: https://www.mfa.gov.tm/ru/news/1786

хӣ ва зарурати ҳифзи суботи миллӣ марбут аст[1]. Чунки ҷудо кардани ин вожаҳо метавонад ба гурӯҳҳои радикалӣ имкони “қонунӣ кардан”-и ғояҳои хатарнокро диҳад.

Дар бораи истифодаи вожаи “экстремизми хушунатомез” дар “Роҳнамо дар бораи пешгирӣ аз экстремизм, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони бозгашта аз минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон”[2], ки аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ ва миллӣ таҳия гардидааст, чунин зикр мешавад: “дар бисёр давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ мафҳуми ҳанӯз эътирофи умум пайдонакардаи “экстремизми хушунатомез” мавқеи устувор касб намудааст”[3].

Дар ин дастур мазмунан баён мешавад, ки фаҳмиши ватании экстремизм аз “экстремизми хушунатомез” васеъ мебошад. Ин нукта дар асоси моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” перомуни тафсири “фаъолияти экстремистӣ” асоснок карда мешавад: “фаъолияти экстремистӣ - фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд”[4].

---

[1] Seitakhmetova, N., Aliyarov, E., Zhandossova, S., Tolen, Z. & Nurov, M. (2024). Counteracting Religious Extremism in Youth Environments: World Experience and Kazakhstan. Journal of Social Studies Education Research, 15(3), 257-288.

[2] Роҳнамо дар бораи пешгирӣ аз экстремизм, офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони бозгашта аз минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: 2023. -140с.

[3] Ҳамон ҷо. -С.12.

[4] Роҳнамо дар бораи пешгирӣ аз экстремизм. Ҳамон ҷо.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ вожаи “экстремизми хушунатомез” корбурди васеъ дорад ва дар бештари санадҳо вомехӯрад. Масалан, дар Нақшаи амал барои пешгирии экстремизми хушунатомези СММ (2016) бо равшанӣ таъкид мешавад, ки “экстремизми хушунатомез” як марҳилаи хатарноки афзоиши ифротишавӣ буда, дар он шахс ё гурӯҳ ба истифодаи амалии зӯроварӣ барои ҳадафҳои сиёсӣ ё идеологӣ рӯй меорад. Баръакс, экстремизми “бехушунат” метавонад дар шакли сухан, таблиғот ё идеология зуҳур кунад, аммо ҳатман ба амалҳои хушунатомез намерасонад[1].

Баррасии “экстремизм” ва “экстремизми хушунатомез” дар таҷрибаи баъзе кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар он аст, ки фарқ миёни экстремизм ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ва экстремизми хушунатомез гузошта мешавад. Чун дар шакли аввал дар андеша падидор гардида, дар навъи дуюм ба амали зӯроварона дар асоси идеологияи экстремистӣ оварда мерасонад. Дар тафсири онҳо “экстремизми хушунатомез” марбут ба ҳамаи шахсону гурӯҳҳое аст, ки аз меъёрҳои мавҷуд берун мебароянд ва аз зӯроварӣ истифода мекунанд. Ҳамчун натиҷа, аз меъёри мавҷуди ҷомеа берун рафтанро (то ба хушунатомез оварда нарасонад) ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ арзёбӣ намекунанд.

Заминаи истифодаи чунин мафҳум аз хамирмояи давлатдории ин кишварҳо бархеста, пешинаи таърихии ҷомеа, равандҳои сиёсию фикрӣ ва таҷрибаи таҳаммулнопазирию табъиз дар шакли гуногунро инъикос мекунад. Аз ин ҷост, ки дафтарҳои созмонҳои гуногуни байнидавлатию ғайриҳукуматӣ ва оҷонсиҳои байналмилалии давлатҳои алоҳида, ки дар Осиёи Марказӣ фаъолият доранд, вожаи “экстремизми хушунатомез”-ро дар роҳандозии чораҳои худ истифода мекунанд. Рӯйкарди онҳо перомуни пешгирии “экстремизми хушунат-

[1] United Nations. (2016). Plan of Action to Prevent Violent Extremism. https://www.un.org/counterterrorism/plan-of-action

омез” унсури умумӣ дорад ва бархеста аз гуфтумони маъмули ҷаҳонӣ мебошад.

Дар шароити Тоҷикистон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ фарқ гузоштан миёни “экстремизм” ва “экстремизми хушунатомез” то андозае нигоҳи геополитикӣ ё амалгароёна ба мавзуро дорад. Барои собитсозии ин андеша аз ҳамоише дар Душанбе дар соли 2016 ёдовар мешавем, ки барои дарки дидгоҳи геополитикӣ ё амалгароёна будани он муҳим аст. Сухан дар бораи истифода шудани вожаи “ҳокимият” (power) ва “ҳокимияти шаклгиранда” (formating power) меравад. Яке аз масъулини созмонҳои байналмилалӣ дар кишвар зимни суханронии аш перомуни баррасии масъалаи экстремизм ва экстремизми хушунатомез аз вожаи “ҳокимият” ва “ҳокимияти шаклгиранда” истифода кард. Моҳияти суханронии ӯ дар он буд, ки ҳокимияти қонунии барҳол “ҳокимият” мебошаду экстремистҳое, ки бар муқобили ин ҳукумат (барои ба даст овардани қудрат) мубориза мебаранд, “ҳокимияти шаклгиранда” ҳастанд. Чунин тафсир мутобиқ ба рӯйкард дар рӯҳияи Realpolitik аст ва комилан мухолифи манфиатҳои ҳаётан муҳими Тоҷикистон мебошад.

Чунин тафсиркунии гурӯҳҳои экстремистию террористиро дар бозгашти дубораи Толибон ба қудрат дар Афғонистон (2021) ва вожгунсозии Башор Асад (2024) ва фармонравоии гурӯҳи Ҳайят Таҳрир аш-Шом дар Сурия шоҳид шудем.

Дар арафаи берунравии неруҳои байналмилалӣ аз Афғонистон (тобистони соли 2011 эълом шуд), ки соли 2014 бояд ба вуқуъ мепайваст, дар гуфтумони давлатмардону коршиносони қудратҳои таъсиргузор вожаи “Толибони муътадил” пайдо шуд. Яъне Толибонро ба муътадил ва ғайримуътадил ҷудо мекарданд ва чунин фазосозӣ дар расонаҳо ва ҳамоишҳои байналмилалии сатҳи баланд ва коршиносӣ дида мешуд. Натиҷа ин шуд, ки Толибон пас аз 20 сол пас дубора ба қудрат дар Кобул баргаштанд. Афғонистон давоми 4 соли охир дар ҳолати номуайян қарор дорад ва сарчашмаи хатарзо барои кишварҳои ҳаммарзи худ боқӣ мемонад.

Қудратҳои бузург ва минтақаие, ки бо Толибон ва ҲТШ меҷангиданд, бо онҳо кишварҳои дигарро тарс медоданд, имрӯз муносибатҳои танготанг доранд ва дар сатҳи баланд роҳбарони онҳоро пазироӣ мекунанд.

Барои кишвардорӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ сарчашмаи таҳдидзое дар пайванд бо вазъи Афғонистон ва Сурия барои дарозмуддат ба вуҷуд омаданд. Чун таҷрибаи қудратгирии Толибон дар Афғонистон ва Ҳайят Таҳрир аш-Шом дар Сурия нишон медиҳад, ки шикасти нигоҳи усулӣ ва муносибати хос ба созмонҳои террористӣ дар дурнамо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ чолишсоз аст. Масалан, агар шохаи Хуросони “Давлати исломӣ” ҷуғрофиёеро зери контрол гирад, ба эҳтимоли қавӣ муносибати қудратҳои бузург ва минтақаӣ ҳамон тавре мешавад, ки ба Толибон ва ҲТШ буд. Аз ин дидгоҳ, рӯйкарди Тоҷикистон барои ҷудо накардани экстремизм ба “бе хушунат” ва “бо хушунат” мантиқӣ ва мутобиқ ба ҳадафи таҳкими суботу амният дар кишвар мебошад.

1.2. Гуфтумони пешгирии экстремизм дар стратегияҳои Тоҷикистон

Дар Тоҷикистон бори нахуст “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020” (минбаъд, Стратегияи якум) ва нақшаи амали он 12-уми ноябри соли 2016, зери №776 бо фармони раисҷумҳур қабул шуд. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд, Стратегияи дуюм) ва нақшаи амали он бо фармони раисҷумҳур зери №187 аз 1 июни соли 2021 қабул гардидааст. Тавре аз номи санадҳо бармеояд, ҳуҷҷати якум “стратегияи миллӣ” ном дошт ва дар дигараш вожаи “миллӣ” бардошта шуд.

Тавре дар бахши “Муқаррароти умумӣ”-и Стратегияи барои солҳои 2021-2025 оварда шудааст, ин ҳуҷҷат: мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян мекунад (i) ва тадбирҳои мақомоти давлатӣ (ҳамаи шохаҳо ва зинаҳои он), ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалиро дар ин самт муттаҳид месозад. Ба ибораи дигар, тамоми тадбирҳои дар Тоҷикистон амалишавандаро дар ин соҳа барои солҳои 2021-2025 мушаххас мекунад.

Таҳлили муҳтавоӣ (content analysis) нишон медиҳад, ки дар стратегияи якум (бо ҷамъи нақшаи амали он) вожаи “пешгирӣ” 75 маротиба (як бор ҳамчун “профилактика”) истифода шудааст.

Дар стратегияи дуюм (бо ҷамъи нақшаи амали он) маҷмуан 104 маротиба (дар 20 ҷой вожаи “профилактика”) номбар шудааст. Дар ҳарду стратегия ба таври умумӣ ин вожа 95% бо мазмуни “пешгирӣ” аз экстремизм ва терроризм корбурд гардида, дар ҷойҳои дигар мазмуни пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, шиканҷа, фасодкорӣ, санҷишҳои беасоси фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ, афзоиши шиддати иҷтимоӣ ва зӯровариро ифода мекунад. Ба таври умумӣ, пешгирии амалҳои дар

боло номбаршуда низ барои коҳиши ҷалби мардум ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ метавонад сабаб шавад. Чунин фаҳмиш дар муҳтавои ҷумлаҳои овардашудаи матни Стратегия эҳсос мегардад.

Муҳтавои пешгирӣ дар Стартегияи солҳои 2016-2020

Тавре дар боло ишора шуд, дар матни стратегияи якум (бо ҷамъи нақшаи амали он) вожаи "пешгирӣ" 75 маротиба такрор мешавад. Аз ҷумла дар:

Дар бахши "Мақсадҳои Стратегия":

- "муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ доир ба пешгирӣ намудани паҳншавии ғояҳо ва фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ";

- "баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои мақомоти ваколатдор оид ба пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм, терроризм, нашъаҷаллобӣ, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардa, ки барои маблағгузории экстремизм ва терроризм хидмат мекунанд";

- "такмил додани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақай дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм".

Дар банди " §1. Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс":

- "Шарти муҳими таъмини суботу ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, рафтори қонунии шаҳрвандон ва ба ин восита пешгирӣ намудани рӯҳияи тундгароӣ, ташаккул додани фарҳанги волои сиёсии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс маҳсуб меёбад";

- "Вобаста ба ин, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс бояд ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати пешгирӣ ва мубориза бар зидди экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда арзёбӣ гарданд";

- “Бояд ҳамзамон дар назар дошт, ки Шӯрои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид дар қатъномаи худ “Ҳуқуқи инсон ва пешгирию мубориза бо экстремизми зӯроварона” аз 2 октябри соли 2015, №30/15 ба давлат-ҳо таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои мубориза бо терроризмро дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуқуқи башардӯстӣ, қонунҳо дар бораи гурезагон ва ҳуқуқи инсон тавсия дода, ҷиҳати иҷрои онҳо андешидани тадбирҳоро тақозо мекунад”.

Дар банди “§3. Ташаккули андешаи миллӣ ва пурзӯр намудани корҳои мафкуравӣ”:

- “фаъолияти ҳамоҳангшуда ва мақсаднок доир ба пешгирии маҷмӯии тундгароӣ ва экстремизм ҳанӯз ба таври дахлдор ташаккул наёфтааст”;

- “нақши воситаҳои ахбори омма дар пешгирию огоҳонии экстремизм, инчунин, инъикоси фаъолияти зиддиэкстремистию зиддитеррористии мақомоти давлатӣ кофӣ нест”;

- “... зарур аст, ки ҷиҳати ташаккули корпуси нерумандии мафкуравӣ, таҳкимбахшии иқтидори он дар пешгирии тундгароӣ ва экстремизм, омода намудани мутахассисон дар соҳаи муқовимати иттилоотӣ бо экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани нақши пешгирикунандаи воситаҳои ахбори омма ва таъмини ниҳодии пешбурди корҳои таҳлилӣ, иттилоотӣ ва ташвиқотӣ дар ин самт чораҳои муассир андешида шаванд”;

Дар матни стратегия чанд банд дар номи худ вожаи “пешгирӣ”-ро доштанд. Масалан “§4. Пешгирии экстремизм ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ”, ки дар он он чунин тафсир мешавад:

- “Шарти муҳими пешгирии тундгароӣ дар муҳити динӣ бартараф намудани низоъҳо ва таъмини ҳамдигарфаҳмӣ дар он мебошад”;

- “Дар робита ба ин зарур аст, ки ба сифати самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар муҳити динӣ инҳо муайян карда шаванд: - таҳияи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин; - таъмини ҳамдигарфаҳмӣ

ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ; - пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар заминаи мухолифатҳои байнимазҳабӣ; - пуштибонии рӯҳониёни муътадил дар муборизаи онҳо бо равияҳои тундгаро; - ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон, роҳ надодани монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии созмонҳои динӣ ё анҷоми маросимҳои динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон накунанд ва ба ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз накунанд";

- "Дар ин ҷода ҷалб намудани рӯҳониён ба пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар байни дигар табақаҳои аҳолӣ низ муҳим мебошад".

Дар банди "§5. Огоҳонӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон":

- "Дар баробари ин, чораҳои андешидашуда айни ҳол дар пешгирии тундгароии ҷавонон самараи дилхоҳ надодаанд";

- "Шарти муҳими пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар байни ҷавонон сафарбаркунии худи онҳо ба корҳои огоҳонӣ бо ҳамсолони худ мебошад";

Дар банди "§6.Ҷанбаҳои гендерӣ":

- "Дар пешгирии тундгароӣ ва экстремизм ба инобат гирифтани нақши гендер, яъне интизориҳои иҷтимоӣ нисбати рафторе, ки барои мард ва зан муносиб дониста мешавад, аҳамият дорад";

- "Зарур аст, ки ба баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ, аз байн бурдани омилҳои вобастагии равонии занон, ҷазбкунии онҳо аз ҷониби хешовандони наздик ва унсурҳои ифротгаро, пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар муҳити занон диққати махсус дода шавад";

Дар банди "§8. Кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ":

- "бо мақсади бартараф намудани шароитҳое, ки ба тундгароии муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалбкунии онҳо ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ мусоидат менамоянд, зарур аст, ки ҷиҳати бастани созишномаҳо бо давлатҳои будубоши муҳоҷирон оид ба беҳтар намудани шароитҳои будубоши онҳо, тақвият

бахшидани зарфиятҳои ташкилӣ ва кадрии муассисаҳои консулӣ ва хадамоти муҳоҷират дар хориҷа, беҳтар намудани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мудофеи ҳуқуқ, ҷамъиятҳои тоҷикон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти муҳоҷирати кишварҳои будубош оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва пешгирии ҷазбкунии онҳо аз ҷониби созмонҳои экстремистӣ, инчунин, хубтар намудани сифати омодагии томуҳоҷиратии шаҳрвандон тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд".

Дар банди "§9. Пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва тундгароӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ":

- "Пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ ҳамзамон тақвият додани имкониятҳои пешгирикунандаи мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла зиёд намудани воҳидҳои кории сохторҳои тарбиявӣ ва равоншиносон, такмили усули пенитенсиарии пешгирӣ, баланд бардоштани тахассуси касбии кормандон оид ба масъалаҳои пешгирии экстремизм, аз ҷумла омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳоро дар самти кор бо ифротгароён дар маҳбасҳо тақозо менамояд".

Дар банди "§10. Пешгирӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ":

"зарур аст, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои ба пайдоиши рӯҳияи тундгароӣ дар байни ҳайати шахсӣ мамониаткунанда, гузаронидани ҳамоишҳои фардии огоҳонӣ бо кормандони зери хавфи бештари сироятёбӣ қарордошта, роҳ надодан ба таъсиррасонии гурӯҳҳои тундгаро ба кормандон ва хизматчиёни ҳарбӣ чораҳои дахлдор андешида шаванд".

Дар банди "§11. Такмили чораҳои таъқиб ва ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ":

- "баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиҳати муайян намудани манбаъҳои маҳаллии ташвиқи экстремизм ва терроризм, гурӯҳҳои тундрав, ҷалбкунандагони ҷавонон ба сафҳои ташкилотҳои экстремистию террористӣ, пешгирӣ ва рафъ намудани амалҳои террористӣ;

Дар банди “§12. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм”:

- “Шарти муҳими ба даст овардани муваффақият дар пешгирии экстремизм ва терроризм дар ин раванд иштирок намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҳар як узви ҷомеа маҳсуб меёбад”;

- “Дар пешгирии экстремизм ва тундгароӣ дар ҷомеа инчунин, воситаҳои ахбори омма иштироки бевосита доранд”;

- “Дар баробари ин, фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар пешгирии экстремизм ва терроризм ҳанӯз ҳам кофӣ ба назар намерасад”;

- “Тақвияти минбаъдаи ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар пешгирии экстремизм ва тундгароӣ инҳоро тақозо менамояд: - ҷалб намудани ниҳодҳои шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба таҳия, қабул ва амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва ҳамоишҳои пешгирии экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда; - мусоидат ба таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятие, ки фаъолияташон махсус ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва тундгароӣ равона мегардад; - осон намудани дастрасӣ ба иттилоот, аз ҷумла тавассути таҷдиди назар намудани номгӯи иттилооте, ки ба мафҳуми иттилооти маҳрамона дохил мешаванд; - баргузор намудани нишастҳои матбуотии даврӣ барои воситаҳои ахбори омма вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм; - мусоидат ба истифодаи зарфиятҳои ҷамоаҳои маҳаллӣ дар пешгирии барвақтии экстремизм ва тундгароӣ”.

Мутобиқ ба муҳтавои боло, вожаи “пешгирӣ” дар нақшаи амали ҳамин стратегия оварда шудааст, ки зикри такрории онро зарур намедонем. Тафсири такрори вожаи “пешгирӣ” дар матни Стратегия нишон медиҳад, ки он тақрибан дар ҳамаи бандҳои санад зикр ёфта, фаҳмиши кишвариро дар солҳои 2016-2020 ба намоиш мегузорад.

Муҳтавои пешгирӣ дар Стартегияи солҳои 2021-2025

Вижагии матни Стратегияи дуюм аз Стратегияи якум дар он зоҳир мешавад, ки баъзе хулоса ва мулоҳизаҳо аз таҷрибаи солҳои 2016-2020 оварда шудаанд (мушаххас дар бахши поён таҳлил мешавад). Тавре дар боло ишора кардем, дар матни Стратегияи 2021-2025 (бо ҷамъи нақшаи амали он) вожаи "пешгирӣ" 104 маротиба такрор мешавад. Аз ҷумла дар:

Дар бахши "2. Таҳлили вазъ, омилҳо ва манбаъҳои таҳдиди экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон":

- "... Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ниҳодӣ, фарогир ва маҷмӯии пешгирӣ, ошкор, рафъ ва қатъ намудани зуҳуроти экстремизм ва терроризмро қабул ва амалӣ менамояд;

- "ҳамкорӣ байни ҳама шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, иштироки фаъоли мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот дар пешгирии экстремизм ва терроризм таъмин карда шуд";

- "таъминоти иттилоотии фаъолият доир ба пешгирии экстремизм беҳтар карда шуда, дар байни аҳолӣ ҳамоишҳои густурдаи фаҳмондадиҳӣ роҳандозӣ ва як силсила маводи иттилоотию роҳнамоикунанда дар ин соҳа ба табъ расонида шуд";

- "нақши соҳаи маориф дар пешгирии тундгароӣ баланд бардошта шуда, ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ фанҳои ба омӯзиши таърихи дин, омилҳо ва механизмҳои ба миён омадани низоҳои мазҳабӣ ва сиёсӣ равонашуда, инчунин, курсҳои махсус оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм ворид карда шуданд";

- "баҳри пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ иқтидори воҳидҳои тарбиявӣ ва методӣ-пешгирикунандаи ин муассисаҳо пурзӯр ва баланд карда шуд;";

- "2 январи соли 2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" қабул карда шуд, ки он ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ дар ин

самт, шаклу намудҳои ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ, инчунин, чораҳои пешгирии фаъолияти экстремистиро муайян менамояд”

- “ҷиҳати пешгирӣ намудани амалҳои террористии омодашудаистода, муайян намудани шахсони дар ҳудуди Тоҷикистон ба фаъолияти экстремистию террористӣ машғулбуда чораҳои доимии фаврӣ андешида мешаванд”;

Дар шумори омилҳое, ки ба паҳншавии экстремизм ва ҷалби шаҳрвандон ба чунин гурӯҳҳо, инчунин, оқибатҳои шомилшавӣ ҳоло ва дар оянда мусоидат мекунад, чунин нуктаҳо дар стратегияи дуюм номбар шудаанд:

- “сатҳи ҳанӯз ҳам нокифояи самаранокии ҳамоишҳои пешгирию маърифатӣ, таъминоти илмӣ-методӣ, тайёри- и касбии кормандони соҳаи мазкур ва ҷалби воситаҳои ахбори омма дар пешгирии экстремизм ва терроризм”;

- “пурра истифода нагардидани зарфиятҳои низоми маориф ва сохторҳои давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон вобаста ба тарбияи сиёсӣ, маънавию ахлоқӣ ва ватандӯстӣ, пешгирии тундгароӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон”;

- “номукаммалии механизмҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мавҷудияти ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва бюрократизм аз ҷониби баъзе хизматчиёни давлатӣ, ки метавонанд ба татбиқи кафолатҳои риояи ҳуқуқҳои шахсият ҳамчун шарти таъмини рафтори қонунӣ ва пешгирии тундгароӣ дар ҷомеа мамониат намоянд”;

- “пурра ҳал нагардидани масъалаҳои таъминоти ташкилию техникии пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва амали хушунатомези хусусияти террористидошта дар муассисаҳои ислоҳӣ, таъсирнокии нокифояи пешгирии дохилимаҳбасии экстремизм”;

- “сатҳи нокифояи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани ташкилотҳои ғайридавлатии махсусгардонидашуда доир ба пешгирии экстремизм, камогоҳии ҷамоатҳои маҳаллӣ аз усули пешгирии барвақтии ин зуҳурот”;

Дар бахши “3. Мақсад, вазифа ва самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм” зикри ин чорахо ҳамчун самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм оварда шудаанд:

- “дар самти баланд бардоштани самаранокии чорахои пешгирии экстремизм ва терроризм: васеъ кардани доманаи фаъолияти профилактикӣ, такмили чорахои пешгирӣ дар асоси таҳлили самаранокии онҳо; ошкор ва бартарафкунии сабабҳои асосӣ ва омилҳои ҳаракатдиҳандаи экстремизм ва терроризм; ҷалби фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон ба фаъолияти марбут ба пешгирии экстремизм; ташкил ва васеъ кардани пажуҳиши илмию таҳлилӣ ва сотсиологӣ вобаста ба сабабу шароитҳои экстремизм ва терроризм дар ин раванд ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии арзёбии арзиши онҳо ҳисобидани имконпазирии татбиқи воқеии онҳо (хулосаву таклифҳо) дар амалия; фаъолтар кардани ҳамоишҳои фарҳангию равшаннамоӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори оммаи электронию чопӣ, мусоидат ба ВАО дар ташаккули ҷаҳонбинии муосир, баланд бардоштани фарҳанги сиёсии ҷомеа ва пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ; такмили механизмҳои ниҳодии пешгирии экстремизм ва терроризм, ҷалби доираи боз ҳам васеътари мақомоти давлатӣ, дақиқ ва мушаххас кардани вазифаҳо, инчунин, беҳтаркунии ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот доир ба пешгирии экстремизм ва терроризм; баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, ҳайати омӯзгории бо ҷавонон коркунанда, ки муқовимат ба экстремизм ва терроризмро ба амал мебароранд; истифодаи таҷрибаи шаҳрвандони қаблан ба ташкилотҳои террористӣ ҳамроҳшуда ҷиҳати пешбурди аксуламали тарғиботӣ бар зидди экстремизм ва терроризм”;

- “дар самти баланд бардоштани нақши дин ва ташкилотҳои динӣ дар фаъолияти профилактикӣ: таъмини

иштироки фаъоли рӯҳониён дар пешгирии экстремизм ва муқовимат ба раванди тундгарой дар муҳити динӣ, роҳандозӣ намудани усули интерактивии пешбурди мубоҳиса ва машваратҳо байни рӯҳониён ва аҳолӣ";

- "дар самти баланд бардоштани нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм: андешидани чораҳо ҷиҳати роҳ надодан ба таълимоти ғайриқонунии динии кӯдакон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонуни онҳо, пешгирии беназоратӣ, бепарастории ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон";

- "дар самти таъсиррасонӣ ба омилҳои ба экстремизм мусоидаткунанда вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ: пешгирии ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар кишварҳое, ки ба онҳо шуғл пешниҳод намудааст; бартараф намудани омилҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар заминаи бозгашти муҳоҷирати меҳнатӣ";

- "дар самти амиқгардонӣ ва васеъ намудани чораҳои пешгирии экстремизм дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: таъминоти қонунию ҳуқуқӣ ва техникии пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва таъсири ташкилотҳои экстремистию террористӣ ба маҳкумшудагон дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; беҳтарсозии усул ва васеъкунии заминаҳои ниҳодии пешгирии дохилимаҳбасии экстремизм ва терроризм";

- "дар самти такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ: такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм".

Дар бахши "4. Нишондиҳандаҳо, интизориҳо, марҳилаҳои иҷро, таъминоти молиявӣ ва ҳамоҳангсозии амалишавии Стратегияи мазкур" ба ҳисоби нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) иҷрои Стратегия номбар шудаанд:

- "миқдори семинар-тренингҳо ва вебинарҳо бо ҷалби коршиносон ва кормандони амалие, ки дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм фаъолият менамоянд, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, воситa-

ҳои ахбори омма, намояндагони ҷамоаҳои ма-ҳаллӣ, созмонҳои ҷавонон, занон ва ташкилотҳои динӣ";

- "вусъати фаъолияти профилактикӣ доир ба пешгирии беназоратӣ ва бепарастории кӯдакон, тағйирёбии вазъи содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон (бо солҳо)";

- "миқдори ҳамоишҳои профилактикӣ ва амалиёти махсус доир ба пешгирӣ, ошкор ва қатъ кардани фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ ва шабакаҳои маблағгузории терроризм, ки якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар гузаронида шудаанд";

- "миқдори ҳолатҳои сафари шаҳрвандон ба минтақаҳои амалиёти ҷангӣ ва ҷойивазкунии террористон, ки ба шарофати таҳкими зарфиятҳо ва заминаҳои ҳуқуқию ташкилӣ барои "ошкор ва дахолат" пешгирӣ карда шудаанд";

Дар ҳисоби интизориҳо аз натиҷаҳои амалисозии Стратегияи мазкур номбар шудаанд:

- "таҷдид ва такмили тарзу усули муқовимат ба экстремизм ва терроризм бо дар назар доштани стандартҳо ва методҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти профилактикӣ, таъмини болоравии сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури шаҳрвандон, пешгирии афзоиши тундгароӣ ва экстремизм дар ҷомеа";

- "таҳким бахшидан ба нақши низоми маориф, ташкилотҳои динӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии экстремизм ва терроризм";

- "баланд бардоштани масъулият, беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони муқовимат ба экстремизм ва терроризм, тақвияти зарфият ва самаранокии фаъолияти онҳо дар пешгирӣ, ошкор, қатъ намудан ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошт";

Мутобиқ ба нишондоди бахши консептуалии Стратегия вожаи "пешгирӣ" ва "профилактика" дар нақшаи амал низ оварда шудааст, ки зикри такрории онро зарур намедонем.

1.3. Шарҳи муқоисавии тадбирҳои пешгирикунӣ дар Стратегияҳои Тоҷикистон

Дар Стратегия барои солҳои 2016-2020 мафҳуми "пешгирӣ" шарҳ дода нашудааст ва бештар сифату таъиноти вожа барои кам кардани таъсири андешаҳои экстремистию террористӣ зикр мегардад. Дар Стратегияи 2021-2025 низ шарҳи вожаи "пешгирӣ" ба назар намерасад, вале дар он ҷамъе аз омилҳое номбар шудаанд, ки ба паҳншавии экстремизм (i) ҷалби шаҳрвандон ба чунин гурӯҳҳо (ii), оқибатҳои шомилшавӣ (iii) ҳоло ва ё дар оянда сабаб мегарданд. Таҳияи барномаҳои амалӣ дар ин самт барои пешгирӣ метавонад хидмат кунад.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки мафҳумҳои "пешгирии экстремизм" ва "пешгирии терроризм" дар қонунҳои барҳоли соҳавӣ: дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" (№1655, аз 02.01.2020) ва "Дар бораи муқовимат ба терроризм" (№1808, аз 23.12.2021) тафсир нашудаанд. Дар ин қонунҳо, дар моддаи 1, ки шарҳи мафҳумҳои асосӣ оварда мешавад, вожаи "муқовимат ба экстремизм" ва "муқовимат ба терроризм" оварда шудаанд. Аз ин рӯ, барои муайянсозии чораҳои пешгирикунанда дар Стратегияҳо барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 ба матни худи ҳуҷҷатҳо муроҷиат мекунем (Тафсири вожаи "пешгирӣ"-и экстремизм ва терроризмро дар матни Стратегия барои солҳои 2016-2020 дар зерфасли боло овардаем, ки дар кадом сифату таинот дар сиёсати давлатӣ истифода гардиданашро бозкушой мекунад).

Дар асоси таҳлили матни Стратегия барои солҳои 2016-2020 ин вожаро метавон чунин тафсир кард: **"Пешгирии экстремизм пеш аз ҳама роҳандозии чораҳои муассир барои монеа эҷод кардан ба паҳншавии ғояҳо, руҳияҳо ва фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ мебошад"**.

Ба унвони **рӯйкарди пешгирии экстремизм** дар Стратегия барои солҳои 2016-2020 чунин тадбирҳо номбар шудаанд:

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ;
- фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа;
- таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ;
- ба инобат гирифтани нақши гендер;
- корҳои маърифатӣ миёни муҳоҷирони корӣ ва монеъ шудан ба ҷалби онҳо ба сафи созмонҳои экстремистӣ;
- пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ: баланд бардоштани тахассуси касбии кормандон дар муассисаҳои ислоҳӣ ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти кор бо маҳбусон;
- боло бурдани масунияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ;
- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ;
- тақвияти ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ.

Ба унвони **механизми пешгирии экстремизм** дар Стратегия барои солҳои 2016-2020 ин чораҳо муайян шудаанд:

- такмили ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақаӣ;
- ҷалби рӯҳониён ба корҳои маърифатӣ миёни аҳолӣ;
- истифодаи равиши “ҳамсол ба ҳамсол” ба корҳои маърифатӣ дар байни ҷавонон;
- зиёд кардани воҳидҳои кории сохторҳои тарбиявӣ ва равоншиносон дар мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- ҷалби созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҳар як узви ҷомеа.

Ҳамзамон, дар Стратегия барои солҳои 2016-2020 силсилаи мушкилот зикр шудаанд, ки зарурати эъломи рӯйкард ва механизмҳои дар боло овардашударо асоснок мекунанд:

- фаъолияти ҳамоҳангшуда ва мақсаднок барои пешгирии маҷмӯии тундгароӣ ва экстремизм ҳанӯз ба таври дахлдор ташаккул наёфтааст;

- нақши ВАО дар пешгирию огоҳонии экстремизм, инчунин, инъикоси фаъолияти зиддиэкстремистию зиддитеррористии мақомоти давлатӣ кофӣ нест;
- бояд корпуси нерумандии мафкуравӣ барои пешгирии тундгарой ва экстремизм ташаккул ёбад;
- нақши пешгирикунандаи ВАО баланд бардошта шавад;
- дар пешгирии тундгароии ҷавонон чораҳои андешидашуда самараи дилхоҳ надодаанд;
- дар пешгирии экстремизм ва терроризм иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ҳанӯз ҳам кофӣ нест;

Таҳлили матни Стратегия барои солҳои 2021-2025 нишон медиҳад, ки баъзе мушаххасоте дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм оварда шудаанд. Ин нуктаҳо бахусус дар “Бахши 2. Таҳлили вазъ, омилҳо ва манбаъҳои таҳдиди экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон” зикр ёфта, таҳлили мухатасари иҷрои Стратегия барои солҳои 2016-2020 низ мебошад.

Ҳамчун натиҷа чунин нуктаҳо оварда шуданд:

- ҳамкорӣ байни ҳама шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, иштироки фаъоли мақомоти маҳаллӣ дар пешгирӣ таъмин шуд;
- иттилоотонии фаъолият доир ба пешгирӣ ва дар байни аҳолӣ ҳамоишҳои густардаи маърифатӣ гузаронида шуданд;
- ҷойгоҳи маориф дар пешгирӣ баланд бардошта шуд;
- дар муассисаҳои ислоҳӣ барои пешгирӣ корҳои зиёд сурат гирифтанд;
- такмили қонунгузории соҳавӣ сурат гирифт, Қонун “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” қабул ва лоиҳаи қонун “Дар бораи муқовимат ба терроризм” таҳия гардид;
- мониторинги масъала барои пешгирӣ ҷоннок шуд;
- роҳандозии чораҳои ниҳодӣ, фарогир ва маҷмӯии пешгирӣ, ошкор, рафъ ва қатъи ин падидаҳо қабул ва амалӣ шуданд.

Бояд зикр намуд, ки натиҷаҳои пажуҳиши татбиқи Стратегия барои солҳои 2016-2020, ки муаллифон анҷом доданд, нуктаҳои болоро тасдиқ мекунанд.

Дар Стратегия дуюм, силсилаи мушкилот ва масъалаҳое номбар шудаанд, ки ба паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ сабаб мешаванд (ин нуктаҳоро дар зерфасли боло мухтасар овардем). Аз ин рӯ, ба назар гирифтани онҳо барои таҳияи чораҳои пешгирикунанда аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бисёр муҳим шуморида мешавад.

Дар Стратегияи дуюм назар ба Стратегия барои солҳои 2016-2020 - рӯйкард ва механизмҳо нисбатан мушаххас дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм, аз ҷумла пешгирӣ оварда шудаанд.

Вижагии дигари Стратегияи дуюм аз Стратегияи якум дар он аст, ки аз рӯйи сохтор ва бозкушоии мушкилоти экстремизм ва терроризм дар кишвар фарқ мекунад. Ҳамчунин, нишондиҳандаҳо, интизориҳо, марҳилаҳои иҷро, таъминоти молиявӣ ва ҳамоҳангсозии амалишавии он ба таври мушаххас оварда шудаанд. Дар ин бахш дар баробари вожаи “муқовимат” инчунин, мафҳуми “пешгирӣ” ба таври васеъ истифода шудааст; индикаторҳои миқдорӣ ва сифатӣ номбар гардидаанд, ки арзёбии миёндаврӣ ва ниҳоии Стратегияро барои пажуҳишгарон осон мекунад.

Чанд вижагӣ ва унсурҳои фарқкунандаи пешгирии экстремизм дар матнҳои Стратегияҳо:

1. Замони қабули Стратегия барои солҳои 2016-2020 дар шароити мураккаб, яъне дар давраи фаъол будани тарғибгарони ҳаракатҳои экстремистӣ, ба вижа “Давлати исломӣ” ва ҷой доштани гароиши мардум ба сафи онҳо қабул шуда буд. Стратегия барои солҳои 2021-2025 дар асоси таҷрибаи ба даст омада таҳия мегардад, он замон таблиғоти андешаҳои ифротӣ ва гаравидани мардум ба сафи чунин гурӯҳҳо нисбатан кам ба назар мерасид. Яъне аз рӯйи замону шароити таҳия ва қабул ин ду ҳуҷҷат аз ҳам фарқ доранд.

2. Дар матн ва нақшаи амалҳои Стратегия барои солҳои 2016-2020 нуктаҳо лозим барои пешгирии экстремизм дида мешуд. Аз нигоҳи муҳтаво масъала-ҳои гуногунро дар бар мегирифт ва дар шароити Тоҷикистон бинобар омилҳои кадрию молиявӣ имкони пурраи татбиқи онҳо вуҷуд надошт. Натиҷаи баҳогузорӣ нишон медиҳад, ки як қатор муқаррароти нақшаи амал-ҳо иҷро нашудаанд ва он пеш аз ҳама, ба маблағгузо-рии тадбирҳо ва ҳамоишҳои алоҳида рабт дошт. Дар Стратегия барои солҳои 2021-2025 ин ҳолат то ҷойе ислоҳ гардида, вазифаҳои қобили иҷро вобаста ба шароиту имконоти будаи Тоҷикистон оварда мешаванд.

3. Дар нақшаи амалҳои Стратегия барои солҳои 2016-2020 як қисме аз барнома ва ҳамоишҳои пешгирикунанда мазмуни умумӣ доштанд ва муайян кардани он ки то кӯҷо имкони татбиқаш мавҷуд аст, мушкил буд. Дар Стратегияи дуюм барои пешгирӣ чораҳои нисбатан амалӣ оварда шудаанд, ки арзёбии натиҷаҳои он осонтар аст.

4. Таҷрибаи миллии Тоҷикистон перомуни муқовимат ба эстремизм ва терроризм дар давраи иҷрои Стратегия барои солҳои 2016-2020 ба таври шоиста дар дохил ва хориҷи кишвар шиносоӣ нагардидаанд. Ҳатто коршиносони ин масъала низ аз қарору тасмимҳои созандаи роҳбарияти кишвар, фаъолиятҳои қобили омӯзандаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ огаҳӣ надоштанд. Агар дар ин самт то ҷойе беэътиноии олимону пажуҳишгарон барои баррасӣ ва бозтоби масъала ба назар расад, унсури дигар ин дар маҳдуд будани дастрасӣ ба иттилои воқеӣ дар бораи вазъи эстремизм ва терроризм дар кишвар буд. Ҳар қадаре, ки таҷрибаи мусбати кишвар дар дохил ва хориҷ ба таври шиоста шиносоӣ шавад, ҳамин қадар омилҳои муосидаткунанда барои боло бурдани имиҷи мусбати Тоҷикистон ба вуҷуд оварда мешавад. Дар давраи татбиқи Стратегия барои солҳои 2021-2025 барои шиносоии таҷрибаи миллӣ ду иқдоми амалӣ рӯйи даст гирифта шуд: **якум**, созмон додани Котиботи иҷрои Стратегия; ва **дуюм**, роҳандозии сомонаи махсус дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм. Ҳардуи

ин чора дар Мулоқоти ҳаштуми ҳамоҳангсозии иҷрои Стратегия дар таърихи 12 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе шиносоӣ гардид.

5. Дар матн ва нақшаи амалҳои ҳарду Стратегия барои пешгирии экстремизм мақоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зикр шудааст. Тибқи матни Стратегияи дуюм ниҳодҳои давлатӣ барои таъсиси чунин созмонҳо бояд мусоидат кунанд. Арзёбии муҳити ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии ватанӣ нишон медиҳад, ки шумораи чунин созмонҳо, ки дорои тавонмандиҳои кадрӣ ҳастанд ва дар сатҳи зарурӣ барои пешгирӣ аз экстремизм фаъолият кунанд, то ҳол кам аст. Дар давраи татбиқи Стратегия барои солҳои 2021-2025 фаргаште дар ин самт ба назар мерасад. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври доимӣ дар Мулоқоти ҳамоҳангсозии иҷрои Стратегия ширкат мекунанд. Ин ҳамоишҳо бо ибтикори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари барномаҳои САҲА баргузор мешавад.

6. Норасоии дигаре, ки дар давраи татбиқи Стратегия барои солҳои 2016-2020 ба мушоҳида мерасид, ин кам будани интишороти касбии зиддиэкстремистӣ буд. Чунки унсури муҳими пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм таҳияи муҳтавои зидди он мебошад. Арзёбии расонаҳо дар солҳои 2018-2020 нишон медиҳанд, ки дар нашрияҳои марказиву маҳаллӣ мақолаҳои гуногун дар ин бора ба нашр расида бошанд ҳам, аз нигоҳи муҳтаво бештари матлабҳо арзиши баланд надоштанд. Дар матлабҳо як ё ду андеша такрор ба такрор зикр мегардид, ки боиси дар фазо паҳн кардани “матнҳои камсифат” шуданд. Дар матн ва нақшаи иҷрои Стратегияи дуюм мақоми ВАО дар пешгирии экстремизм ба таври амалӣ оварда шудааст.

7. Дар фарқ аз Стратегияи якум дар нақшаи амалҳои Стратегияи дуюм сифатан беҳтар кардани чорабиниҳои маърифатӣ барои пешгирии экстремизм дар сатҳи маҳалҳо зикр шудааст. Дар нақшаи амалҳо омадааст, ки созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои боло бурдани тавонмандиҳои кормандони масъули маҳаллӣ ҳамоишу омӯзишҳоро баргузор мекунанд.

Ин нукта дар Стратегия барои солҳои 2016-2020 равшан баён нашуда буд. Бинобар ин, фурсати муносиб барои таҳияи чораҳои вижаи пешгирикунии экстремизм ва терроризм дар шароити маҳалҳо эҳсос мешавад. Дар ин самт, тақвият бахшидани омилҳои боздорандаи ифротишавӣ ба манфиат аст.

8. Дар нақшаи амалҳои Стратегия барои солҳои 2021-2025 ҳамчунин масъалаи барқарорсозӣ ва интегратсияи шахсони гузаштаи экстремистӣ ё террористидошта низ зикр шудааст. Ин нукта бисёр муҳим буда, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳо барои барқарорсозӣ, ифротишавии дуюмбораро пешгирӣ мекунад.

Дар Тоҷикистон мафҳумҳои “муқовимат” ва “пешгирӣ” ба таври гуногун фаҳмида мешаванд. Таҷрибаи пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки вақте сухан дар бораи “муқовимат” меравад, он мазмуни фарогир дошта, ҳамзамон “пешгирӣ”-ро низ дар бар мегирад.

Аз рӯйи номгузории Стратегияи соҳавӣ – муқовимат бештар вазифаи мақомоти давлатӣ аст ва истифодаи қонунии зуриро низ ифода мекунад. Пешгирӣ бошад, то ҷое вазифаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад, чун онҳо агар ба мушкилоти мавҷуди экстремизм бетараф набошанд, дар марҳилаи аввал онро пешгирӣ кардан мумкин аст.

ФАСЛИ II. ТАҶРИБАИ ШИНОХТ ВА ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН

Масъалаҳои пешгирии экстремизм дар Тоҷикистон паҳлӯҳои гуногун дошта, солҳои охир таваҷҷуҳи олимону таҳлилгаронро ба худ ҷалб кардааст. Гарчанде шумори муайяни рисолаҳои илмӣ, китобҳо ва мақолаҳои илмию оммавӣ дар ин самт омода ва нашр шуданд, чӣ будани пешгирии экстремизм дар шароити Тоҷикистон ҳанӯз ҳам то ҷойе равшан нест. Истифодаи бештари таълифоти илмӣ дар кори амалӣ имконнопазир аст, зеро онҳо асосан мазмуни назариявӣ дошта, механизмҳои амалии пешгирии экстремизм дар шароити кишвар камтар нишон дода шудаанд.

Нуктаи дигар дар он аст, ки бо гузашти вақт, вобаста ба тағйир ёфтани муҳтавои хафву таҳдидҳои экстремизм ва терроризм таълифоти илмию академикӣ ба такмил ниёз пайдо мекунанд. Муассир кардани чораҳои пешгирикунӣ, тағйирёбии ривояти масъала ва пайдошавии силсилаи омилу мушкилоти нав мониторинги пайвастаи мавзуъ ва пажуҳиши амалиро дар маҳалҳо талаб мекунад. Аз ин дидгоҳ, китоб таҷрибаи кишварро аз соли 2010 то соли 2025 ба андозае шиносоӣ мекунад ва барои пажуҳишҳои оянда метавонад истифода шавад.

Таҷрибаи Тоҷикистон дар самти пешгирии экстремизм аз соли 2014 вижагии худро соҳиб гашт, вале то ин дам як пажуҳиши хоси масъала ва барои тамоми ҷонибҳои манфиатдор дастрас анҷом дода нашудааст. Бештари корҳои пажуҳишӣ мақоми пӯшида ва корӣ доранд ё барои собитсозии пешфарзе анҷом ёфтаанд ва ба доираи маҳдуди коршиносон дастрасанд. Барои дақиқ кардани унсурҳои пешгирикунанда ва баҳогузории мунсифонаи онҳо – бояд ба баррасии васеи ҷомеа бароварда шаванд. Чун ин иқдом барои ташаккули арзёбии зеҳнии пешгирии экстремизм шароит фароҳам оварда, фарҳанги баррасии ин мушкилиро ба вуҷуд меорад. Чунин таҷриба барои шинохти тавонмандиҳои мавҷуд ва чолишу таҳдидҳои муосир имкони фарохеро ба миён меорад.

Дар ин росто, таҳия ва амалсозии барномаҳо ва роҳкорҳои сифатан нав барои пешгирии экстремизм дар Тоҷикистон муҳим мебошад. Зеро дар “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” зарурати рӯйи даст гирифтани тарҳҳои нави пешгирӣ ба таври васеъ зикр шудааст. Ниҳодҳои илмию таҳлилӣ, муассисаҳои соҳаи маориф ва фарҳанг, инчунин, созмонҳои ҷамъиятӣ масъул мебошанд, ки барои пешгирии ин падидаи номатлуб ҳамкории васеъро ба роҳ монанд.

2.1. Таърихи афзоиши андешаҳои экстремистӣ дар Тоҷикистон

Барои шиносоии таҷрибаи ватании пешгирии экстремизм мурруре ба таърихи мавзуъ ва зикри омилҳои калидӣ муҳим аст. Тавре дар боло ишора шуд, Тоҷикистон пас аз касби худсолорӣ бо густариши андешаҳои экстремистӣ рӯ ба рӯ шуд. Перомуни пайдоиши ҷараёнҳои нави мазҳабӣ, масалан “Ҳизб-ут-таҳрир” дар Иттиҳоди Шӯравӣ пажуҳишҳои муайяне дар Тоҷикистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳо анҷом шудаанд, ки баррасии онҳо берун аз мавзуи меҳварии ин китоб мебошад ва дар шакли алоҳида бояд арзёбӣ гардад.

Силсилаи пажуҳишҳо ва омӯзиши мавзуъ маълум мекунад, ки буҳрони ҳувиятӣ яке аз сабаби асосии рӯй овардани мардум ба андешаҳои ифротӣ аст. Яъне, ҳанӯз дар оғози солҳои 90-уми асри XX раванди бозбинии арзишҳои дунявӣ ба назар расид, ки пеш аз ҳама ба “ҷустори ҳувият” дар миёни ҷавонон пайванд дорад. Ривояти матраҳ ин аст, ки бинобар вижагиҳои ҷомеаи Тоҷикистони шӯравӣ, ин амал то андозае ҳамчун бозгашт ба асли худ шиносоӣ мешуд. Авҷи буҳрони ҳувиятӣ ба аввали солҳои 2000 рост меояд ва гурӯҳе аз мардум ба он дучор гардиданд. Ин раванд дар солҳои минбаъда низ густариш ёфт. Агар аз диди таҷрибаи солҳои 2014-2017 нигоҳ кунем, тазоди аҷибе мушоҳида мешавад. Ҷуғрофиёи рӯй овардан ба андешаҳои экстремистӣ дар

Тоҷикистон дидгоҳу пешфарзи то ҷойе “устувор”-ро шикаст ва дар маҳалҳое падидор шуд, ки пештар чунин “мушкилӣ” дида намешуд. Дар солҳои 2014-2017 рӯй овардан ба созмонҳои экстремистӣ дар он шаҳру ноҳияҳое сурат гирифт, ки бештари бошандагонаш пештар ҷонибдори ҷомеаи дунявӣ буданд.

Омили дигар ба корношоямӣ ё рақобатнопазирии воситаҳои андешасозӣ пайваст аст. Ин абзорҳо мероси замони Шӯравӣ буданд ва дар шароити назорати сахти муҳити расонаию фикрӣ натиҷа ба бор меовардand. Гуногун шудани сарчашмаҳои андешасоз, ба вижа пайдоиши расонаҳои мустақил дар солҳои 90-ум, сомонаҳои интернетӣ дар солҳои 2000-ум ва маъмул гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ аз солҳои 2010-ум ба ин тараф, воситаҳои андешасози анъанавӣ на танҳо тавонмандиҳои пештараи худро аз даст доданд, балки дар шароити нав ба омили боздорандаи мудирияти фазои расонаӣ табдил ёфтанд. Имрӯз бо истифодаи густардаи ҳуши маснуӣ ин мавзуъ боз тобиши дигар гирифтааст.

Натиҷа ин шуд, ки абзорҳои пештараи андешасоз ба шаклгирии ҷаҳонбинии ҷавонон дар замони худсолорӣ чандон таъсири ҷиддӣ надоштанд. Ҳамчунин, анъана ё русуме, ки дар давраи Шӯравӣ сохтусоз шуда буданд, ба шаклгирии ҷаҳонбинӣ ва авлавияти ҷавонон таъсири кам мерасониданд. Ба ин раванд боз шудани ҷаҳон барои Тоҷикистон ва Тоҷикистон барои ҷаҳон низ таъсир дошт. Инчунин, селаи идеология ва унсурҳои фарҳанги берунӣ ба муҳити фикрию маънавии кишвар ворид гардид, ки то андозае раванди буҳрони ҳувиятиро тезонд.

Ҷавононе, ки дар хориҷи кишвар таълимоти динӣ гирифтанд, ба тарғиби исломи “дуруст”-ро оғоз карданд. Азбаски арзишҳои мавҷуд ба таври назаррас эътибори худро аз даст доданду арзишҳои нав ҳанӯз пурра шакл нагирифта буданд, халои идеологӣ ба миён омад. Дар натиҷа ҷонибдорони созмонҳои экстремистӣ, ки ҷавононро ба сафи худ мехонданд, онро пур карданд. Ба ибораи дигар абзорҳои анъанасозӣ (Constructing Tradition)-и

давраи Шӯравӣ дар мудирияти афкори умум камтаъсир шуданд ва ба ҷойи онҳо чораҳои ҷиддӣ дар ин самт сурат нагирифт.

Раванди боло рафтани таъсири ҷаҳонбинии экстремистӣ дар давраи солҳои 2000-ум дар шаҳрҳои калони кишвар оғоз шуд. Агар аз фаъолияту таблиғоти ҳаракати "Ҳизб-ут-таҳрир" ёдовар шавем, пас маълум мегардад, ки дар он солҳо пеш аз ҳама ба сафи худ ҷавонони таҳсилдида аз хонаводаҳои сарватмандро ҷалб мекард. Пас аз солҳои 2005 ҳаракати "Салафия" миёни ҷавонон маъруф шуд. Таҳлили матолиби расонаҳо ва натиҷаи пажуҳишҳо нишон медиҳад, ки он солҳо дар шаҳрҳо гурӯҳҳои фаъоли ҷонибдорони ақидаи "Салафия" вуҷуд доштанд. Ҳамзамон солҳои 2000-ум дар минтақаи деҳот, пеш аз ҳама аввал дар шимол ва баъдан дар ҷанубу ғарби Тоҷикистон созмонҳои мамнуи "Ҳаракати исломии Ӯзбекистон" ва "Ҳизб-ут-таҳрир" фаъол гаштанд. Аллакай пас аз солҳои 2010 ҳам дар деҳот ва ҳам дар шаҳрҳо ҷалби мардум ба сафи гурӯҳҳои мамнуи "Ансоруллоҳ", "Ҷундуллоҳ" ва ғайра ба мушоҳида расид.

Ҳамин тавр, афзоиши омӯза ва андешаҳои экстремистӣ дар Тоҷикистон паҳлуҳои вижаи худро дорад. Барои дарки бештари он ба нуктаҳои зерин бояд таваҷҷуҳ кард:

Омили ҷойгиршавӣ. Фаъолияти нахустин ҳалқаҳои гурӯҳҳои экстремистӣ аввали солҳои 2000-ум дар минтақаҳои марзӣ, пеш аз ҳама дар шимоли Тоҷикистон (дар водии Фарғона) ошкор гардиданд, ки таърихан бештар ҷомеаи суннатӣ дошт ва дорад. Дар қаламрави водии Фарғона се кишвар: Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷойгиранд. Бинобар ин, тамоюле, ки дар водии Фарғона мушоҳида мешуд, ба таври назаррас ба доираҳои динии ҳамаи кишварҳо таъсири худро гузошт.

Омили ҳувияти динӣ. Пас аз солҳои 2000-ум дар кишвар раванди тағйири ҳувияти динии мардум дида шуд. Ба вижа, он дар миёни сокинони шаҳрҳо ва муҳоҷирони корӣ бештар ба назар мерасид. Солҳои 2000-ум (пас аз соли 2007) раванди густариши ҳувияти динӣ дар миёни муҳоҷирони корие оғоз шуд, ки бештар

Исломи “ғайрианъанавӣ” барои Осиёи Марказиро тақриба мекарданд. Ҳамчунин, дар ин давра раванди рӯй гардонидан аз анъанаву суннатҳои миллӣ ва Шӯравии пешин ҷараён дошт. Баҳсҳое дар бораи то куҷо дуруст будани тақлили Иди Наврӯз, Соли нав ва ҷашнҳои дигар барои мусулмонон матраҳ мешуд.

Ҳоло бо ҳалномаҳои Суди Олии кишвар[1] 29 адад ҳизбҳо, гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, равияҳо ва иттиҳодияҳо дар Тоҷикистон ҳамчун созмонҳои террористию экстремистӣ эътироф гардида, фаъолияташон дар қаламрави кишвар ва воридкунии адабиёти онҳо манъ аст. Ҳамчунин, сомонаҳои ин созмонҳо низ баста шуданд (номгӯйи пурра дар бахши замима оварда мешавад).

Даврабандии муқовимат бо экстремизм дар Тоҷикистон

Дар бораи тақрибаи пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм дар Тоҷикистон пажуҳишҳои академикӣ ва амалӣ анҷом шудаанд. Мо тақрибаи муқовимати кишвар ба экстремизму терроризмро ба **ҳафт давра** ҷудо кардем, ки бозгӯйкунандаи равандҳои дохилӣ ва чолишу таҳдидҳои тағйирёбандаи хориҷӣ мебошанд. Ин даврaҳо марҳилаҳои ташаккули сиёсати давлатӣ ва инъитофпазирии баланди онро дар ростои тағйири тамоюлҳои ифротгароӣ дар минтақа ва ҷаҳон ифода мекунанд:

Давраи якум солҳои 1991-1997. Кишвар бо мушкилоти экстремизм ва терроризм рӯ ба рӯ буд. Сар задани низои дохилӣ боиси фаъолшавии гурӯҳҳои террористӣ гашт. Инҷо ду мисолро меорем: якум, генерал Саиданвар Камолов, раиси вақти КДАМ-и кишвар дар мусоҳиба бо хабарнигори BBC гуфта буданд, ки: “...дар солҳои 1995, 1996, 1997 иттилоъот ва таҳлилҳои мо дар Кумитаи амният нишон медод, ки дар дохили кишвари мо зиёда аз 38 хадамоти (сервиси) махсуси хориҷӣ барои шӯронидани мар-

[1] Ахбороти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои террористӣ- экстремистие, ки фаъолияташон дар кишвар манъ карда шудаст / 27.05.2024. URL: https://sud.tj/markazi-matbuot/khabarho/1738/

дум кор мебурданд. Яъне дарвоқеъ агар бигӯем, мо бо 38 кишвари дунё ҷанг мекардем...”[1]. Дуюм, дар расонаҳои Русия дар бораи ширкати Хаттоб[2] (ҳамчун террористи машҳури хориҷӣ дар Ченинистон шиносой мешуд) дар ҷанги дохилии кишвар гуфта мешавад ва зимни амалиёт дар марзи Тоҷикистон аз дасти росташ маҳрум мегардад.

Ҳамин тавр, вижагии ин давра дар он аст, ки қонунгузории миллӣ дар самти мубориза бо экстремизм ва терроризм ҳанӯз шакл нагирифта буд. Экстремизму терроризм чун мушкили амниятӣ дар ҷараёни ҷанг дида мешуд. Ҳузури ҷангиёни хориҷӣ дар кишвар эҳтиёҷи таъҷилӣ ба шаклдиҳии заминаҳои ҳуқуқӣ ва зерсохтиро барои мубориза бо ин падида ҳатмӣ кард.

Давраи дуюм солҳои 1998-2000, пеш аз ҳама давраи сулҳсозии баъдиҷангӣ буда, дар ин марҳила шаклгирии қонунгузории миллӣ барои муқовимату мубориза бо терроризм оғоз мегардад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” (аз 16-уми ноябри соли 1999) қабул мешавад, ки заминаи ҳуқуқиро барои муқовимат бо ин падида ба вуҷуд овард. Дар ин давра дар кишвар фаъол шудани таблиғгарону аъзои гурӯҳҳои хориҷии экстремистӣ низ ба назар мерасид, ки онро мо дар мисоли таблиғоти “Ҳизб-ут-таҳрир” дар аввали солҳои 2000-ум метавонем зикр кунем.

Давраи сеюм солҳои 2001-2007, замони табдили экстремизм ва терроризм ба падидаи ҷиноии байналмилалӣ мебошад. Пас аз ҳамлаи 11-уми сентябри соли 2001 кишварҳои ҷаҳон дар Афғонистон бо ин падидаи номатлуб муқовиматро оғоз карданд. Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бинобар омили ҳаммарзӣ бо Афғонистон дар хати аввали мубориза қарор гирифт. Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии

---

[1] Раиси собиқи КГБ-и Тоҷикистон: “Мо бо 38 кишвари ҷаҳон меҷангидем” /20.06.2012. URL: https://www.bbc.com/tajik/institutional/2012/06/120620_sq_ civilwar_kamolov_interview

[2] Как 20 лет назад спецслужбы ликвидировали самого опасного террориста России / 20.03.2021. URL: https://lenta.ru/articles/2020/10/11/hattab/

Тоҷикистон “Дар бораи муборизa бар зидди экстремизм” (аз 8-уми декабри соли 2003) қабул гардид ва шаклгирии номгӯйи созмонҳои мамнуъ оғоз шуд. Бори нахуст фаъолияти созмонҳои экстремистию террористӣ дар қаламрави Тоҷикистон дар ҳамин марҳила бо ҳалномаи Суди олӣ манъ гардид: “Ҳизб-ут-Таҳрир” (2001), “Ал-Қоида”, “Ҳара-кати Исломии Туркистони шарқӣ”, “Ҳизби Исломии Туркистон” (“Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон”-и пешин), “Ҳаракати Толибон”, “Бародарони Мусул-монон” (“Ихвону-л-муслимин”), “Лашкар-е-Тайба”, “Гурӯҳи Исломӣ” (Ҷамъияти Исломии Покистон), “Ҷамъияти Таблиғ”, “Созмони таблиғот” (Даъват ба Ислом), “Тоҷикистони озод” ва “Ҳизби Таҳрир” (ҳама соли 2006) дар қаламрави кишвар манъ гардид.

Давраи чорум солҳои 2008-2012. Дар ин марҳила фаъол гардидани ҳаракати “Салафия”, “Ансоруллоҳ” ва дигар гурӯҳҳои экстремистӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон (ҳодисаҳои солҳои 2010-2011 дар водии Рашт) низ ба назар расид. Ба вижа, саркардаҳои ҳаракати “Салафия” таблиғот густурдаро миёни ҷавонон мебурданд ва экстремизм падидаи “шаҳрӣ”-ро шуданро ба худ касб кард. Перомуни таъсири ҳаракати “Салафия” ба ифротишавии зодагони кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дидор бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар моҳи марти соли 2024 чунин зикр карданд: “...аксари шахсони ба “Давлати исломӣ” ва дигар ташкилотҳои экстремистиву террористӣ шомилшуда пайравони таълимоти “Салафия” мебошанд. Аз ин лиҳоз, бо қарори Суди Олии Тоҷикистон ин равия экстремистиву террористӣ эълон шуда, фаъолияти он дар ҳудуди мамлакат манъ гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар давраи аз соли 2015 инҷониб беш аз 2300 нафар шаҳрвандони кишвар ба равияи мазкур шомил гардида, оид ба ин ҳолатҳо 1945 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст”[1].

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар / 09.03.2024. URL: https://prezident.tj/event/speeches/37084

Дар ин давра, таҳдидҳои террористӣ барои кишвар аз эҳтимолӣ ба воқеӣ табдили ҳол карданд ва моҳи сентбяри соли 2010 нахустин ҳамлаи маргталабона аз ҷониби узви “Ансоруллоҳ” дар Хуҷанд сурат гирифт. Вижагиҳои ин давра дар он аст, ки бо Ҳалномаҳои Суди олӣ фаъолияти ҳаракати “Салафия” (манъи фаъолият аз январи 2009 ва иттиҳоди экстремистӣ эътироф шудан аз декабри соли 2014) ва “Ҷамоати Ансоруллоҳ” (аз майи соли 2012) мамнуъ эълон шуданд; ҳамкориҳои минтақаӣ ва байналмилалии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм тақвият ёфтанд; ва иштироки зодагони кишвар дар ҷангҳои кишварҳои Ховари Миёна ба мушоҳида расид. Дар умум, ин даврараро шартан марҳилаи “то доишӣ” номбар кардан мумкин аст, чун падидоршавии ин хатарноктарин созмони террористӣ сиёсати давлатиро дар муқовимат ба экстремизму терроризм сифатан дигар кард.

Давраи панҷум, солҳои 2013-2017, пайдоиш ва густариши таъсири “Давлати исломӣ” ба андешаи мардуми кишварҳои мусалмоннишин, аз он ҷумла Тоҷикистон ба таври барҷаста ба мушоҳида расид. Ин падида низоми муқовимату пешгирии экстремизм ва терроризмро комилан дигар кард. Дар ин марҳила, шумори бисёри мардуми кишварҳои мусалмоннишин ва ҳам ғарбӣ ба сафи ин ҳаракати террористӣ шомил шуданд; муҳтаво ва тартиби ҷалбу даъвати пайравон низ такмил ёфт; истифодаи васеъ воситаҳои иртиботии муосир ба назар расид. Бархе аз зодагони кишвар дар муҳорибаҳои ҷангӣ дар Сурия, Ироқ ва Афғонистон дар сафи “Давлати исломӣ” ва гурӯҳҳои ҳамомананди онҳо иштирок карданд, ки таҳдиди воқеиро ба суботи амнияти миллӣ эҷод кард.

Сиёсати имрӯзи Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизму терроризм маҳз дар ҳамин давра пурра шакл гирифт. Арзёбиҳо нишон медиҳанд, ки дар муқоиса бо таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя пешрафтаю инъитоф-пазир ва посухгӯ ба фаргашти воқеии ин падидаҳо мебошад. Чанд вижагии онро дар зер меорем:

Якум, такмили қонунгузорӣ ва таини ҷазо барои ширкат дар ҷангҳои кишварҳои сеюм. 26-уми июли соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (№1088) қабул гардид ва ба Кодекси ҷиноятии кишвар моддаи нави 401[1] илова мешавад. Ин моддаи ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони кишвар ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар дигар давлатҳо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то бист солро муқаррар мекунад[1]. Яъне пас аз як моҳи таъсиси “Давлати исломӣ” (29 июни соли 2014 “хилофат”-и худро дар Ироқ эълон кард, вале бо ҳамин ном 9 апрели соли 2013 пайдо шуда буд) дар Ироқу Сурия қонунгузории миллӣ такмил меёбад.

Дуюм, такмили қонунгузорӣ ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани ихтиёран баргаштаҳо. Бо назардошти мавҷуд будани ихтиёран баргаштаҳо, офаридани шароит барои даст кашидани шаҳрвандон аз иштирок дар ҷангҳои давлатҳои хориҷӣ ва боздоштани раванди ҷалб ба сафи созмонҳои экстремистию террористӣ 18-уми марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (№1176) ба имзо мерасад, ки мувофиқи он ба моддаи 401[1] Кодекси ҷиноятии кишвар “эзоҳ” илова мегардад. Дар “эзоҳ” омада аст, ки “шахсе, ки ихтиёрӣ аз иштироки ғайриқонунӣ дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо то қатъ гардидани фаъолияти воҳиди мусаллаҳ, анҷом ёфтани задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ даст мекашад, агар дар кирдори ӯ аломатҳои таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад”[2].

---

[1] Ниг.: Холов Ф. Қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки гумроҳшудагон ислоҳ шаванд / 05.01.2017. URL: https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/onunguzor-imkon-medi-ad-ki-gumro-shudagon-islo-shavand/

[2] Ниг.: Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mmk.tj/system/files/Legislation/574_tj_0.pdf

Аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани ихтиёран баргаштаҳо аз замони роҳандозӣ то ба имрӯз як чораи камсобиқа дар сатҳи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Чун арзёбии таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки бештари онҳо омода набуданд шаҳрвандони худро бипазиранд ва сиёсати маҳрум кардан аз шаҳрвандӣ ё равишҳои дигарро истифода карданд. Бинобар ин, мавзуи зерин, яъне таҷрибаи Тоҷикистон арзандаи пажуҳиши алоҳида мебошад, чун хеле паҳлуҳо ва рӯйкардҳои ифротикуниро дар мисолҳои зинда ба намоиш мегузорад.

Сеюм, такмили феҳрасти миллии созмонҳои мамнуъ. Дар марҳилаи авҷи фаъолияти таблиғотии созмонҳои террористӣ дар Ховари Миёна ва ҷалби шаҳрвадон ба сафи ин гурӯҳҳо Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаҳои алоҳидаро қабул кард, ки тибқи онҳо “Гурӯҳи 24” (октябри соли 2014) “Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ-ДОИШ)”, “Ҷабҳати-н-Нусра” ва “Ҷанги муқаддас” (Ал-Ҷиҳод, Иттиҳодияи Исломии Мисрӣ) ҳама апрели соли 2015 ва “Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон” (сентябри соли 2015) ҳамчун ташкилоти террористию экстремистӣ (иттиҳоди экстремистӣ) эътироф шуда, фаъолияти онҳо дар қаламрави Тоҷикистон мамнуъ гардид.

Чорум, роҳандозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва истифодаи тавонмандиҳои созмонҳои ҷаҳонӣ. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои дар пайгарди байналмилалӣ қарор додани зодагони кишвар, ки ба “зархаридӣ ва терроризм” гунаҳкор мешуданд, муроҷиат ба “Интерпол”-ро аз моҳи ноябри соли 2015 оғоз карданд. Ҳадафи ин иқдом истифодаи тавонмандиҳои Интерпол барои боздошт ва истирдоди доишиҳо буд. Ҳамзамон, Бонки миллии Тоҷикистон рӯйхати касони зери пайгардро бори нахуст моҳи марти соли 2017 нашр кард. Дар натиҷа, муқовимат ба ифротгарой фаротар рафт ва мавзуи додугирифти пулиро бо шахсони зери пайгардро фаро мегирфт.

Панҷум, қабули нахустин стратегияи миллии муқовимат ба экстремизму терроризм. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, зери №776 “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020" ва нақшаи амали он қабул мегардад. Ин санад нахустин стратегияи вижа дар паҳнои Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт ва сиёсати давлатии муқовимат ба экстремизмро маҷмуӣ, инътифпазир ва ниҳодина кард.

Давраи шашум аз соли 2018 то августи соли 2021. Баъди анҷоми корҳои маърифатӣ, мағлуб гардидани "Давлати исломӣ" дар Сурия ва Ироқ, инчунин, дарки таҳдиди воқеии экстремизм ва терроризм ба рушди солими инсон дар Тоҷикистон марҳилаи коҳиши шомилшавии мардум (дар муқоиса бо давраи панҷум) ба гурӯҳҳои экстремистии ҷангӣ ба назар мерасид. Мушкилоти асосии ин даврараро ҳамчун замони пасоифротишавии дуюм ном бурдан мумкин аст. Чунки масъалаҳое пайдо шуданд, ки дар натиҷаи ифротишавӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба вижа, бозгардонидан ва бозгаштани шаҳрвандон (аз он ҷумла кӯдакон) аз минтақаҳое, ки онҷо террористҳо фаъол ҳастанд, зарурати таҳия ва амалисозии барномаҳои ислоҳу реинтегратсияи ифротиҳои пешин ва кӯдакони онҳоро ба вуҷуд овард ва имрӯз дар давраи фаъоли татбиқи худ қарор дорад.

Дар ин давра "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" ва нақшаи амали он бо фармони раисҷумҳур зери №187 аз 1 июни соли 2021 қабул гардид. Ҳамчунин, номгӯйи миллии созмонҳои мамнуъ низ такмил ёфт ва бо Ҳалномаҳои Суди Олии кишвар фаъолияти "Паймони миллии Тоҷикистон" (августи соли 2019), "Ҷамъияти ислоҳии иҷтимоӣ" (Ҷамъият-ал-Ислоҳ, ал-Иҷтимоӣ), "Ҷамъияти эҳёи мероси исломӣ" (Ҷамъият Иҳё ат-Тураз ал-Исломӣ), "Хонаи ду зиёратгоҳ" (Ал-Ҳарамайн), "Ҷунуд-аш-Шом" (Артиши Шоми Бузург), "Ҷиҳоди Исломӣ – Ҷамоати муҷоҳиддин" (ҳама моҳи майи соли 2020) ва "Шоҳидони Яҳво" (марти 2021) дар қаламрави кишвар манъ гардид.

Вижагии дигари ин давра ин оғози "Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм" мебошад ва моҳи майи соли 2018 нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони "Муқовимат бо терроризм ва

ифротгароии хушунатомез” (Душанбе, 3-4 майи соли 2018) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои СММ, САҲА ва Иттиҳоди Аврупо баргузор шуд. Рӯзҳои 16-17-уми майи соли 2019 дар шаҳри Душанбе Конфронси дуюми сатҳи баланд бо номи “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақаӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил” дар ҳамкорӣ бо Дафтари зиддитеррористии СММ (UNOCT) доир шуд. Дар интиҳои ин ҳамоишҳои сатҳи баланд “Эъломияҳои Душанбе” қабул гардиданд, ки дар самти муқовимат бо экстремизм ва терроризм аҳамияти баланди байналмилалӣ доранд.

Давраи ҳафтум, аз 15 августи 2021 то ҳол. Фурӯпошии низоми “ҷумҳурӣ” дар Кобул ва зери назорати Толибон гузаштани Афғонистон моҳияти назариявӣ ва амалии таҳдидҳои мустақим, ғайримустақим ва тасодуфии экстремизмро барои Тоҷикистон (ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ) ба таври барҷаста дигар кард. Дар бораи хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеии гурӯҳҳои террористӣ ва ҷангҷӯёни осиёимарказиасл дар Афғонистон ба кишварҳои минтақа, давлатмардон ва коршиносони Тоҷикистон аз солҳои пеш ҳушдор медоданд. Баррасии паёмҳо, суханроniҳо дар ҳамоишҳои байналмилалӣ ва иттилоъ аз мулоқот бо сарони кишварҳои дигар, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои охир баён шудаанд, собит мекунанд, ки сарвари кишвар ҳамеша аз густариши таҳдидҳои амниятӣ аз Афғонистон барои давлатҳои минтақа таъкид мекунанд. Ташаббуси Тоҷикистон дар бораи ташаккули “камарбанди амниятӣ” дар атрофи Афғонистон аҳамияти амалии худро равшан нишон медиҳад. Ин иқдом аз ҷониби бозингарони минтақаӣ ва ҷаҳонии ворид ба раванди Афғонистон ҷонибдорӣ гардида, ба суди худи ин кишвар, ҳамсояҳо ва дигар кишварҳои ҷаҳон аст.

Кишварҳои ҳаммарзи Афғонистон дар Осиёи Марказӣ дар равобити худ бо Толибон аз ду зовия нигоҳ мекунанд: густариши равобити иқтисодию тиҷоратӣ ва таъ-

мини амният. Туркманистон ва Ӯзбекистон барои расидан ба манфиатҳои иқтисодию тиҷоратӣ, инчунин, истифодаи қаламрави Афғонистон барои вуҷуд овардани долонҳои транзитӣ - бунёди зерсохти иртиботӣ ба самти Покистон ва Эрон равобитро бо Толибон ба роҳ монданд. Яъне, дар рӯйкарди Ишқобод ва Тошканд аввал тиҷорат ва пас аз он амният меистад. Рӯйкарди Тоҷикистон дар соли аввали қудратгирии Толибон бештар амниятмеҳвар буд ва ҳоло мутавозун шуда, тиҷорату амниятро баробар дар бар мегирад.

Чунки пас аз бозгашти Толибон, шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" ва ҳаракати Ал-Қоида дар Афғонистон фаъол гардиданд. Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон амалҳои террористиро тарҳрезӣ ва иҷро кард. Мутаассифона, бархе аз иҷрогарон зодагони Тоҷикистон буданд. Тавре Пешвои миллат дар дидор бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин моҳи марти соли 2024 гуфтанд, ки "дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон таркондани худ даст задаанд"[1]. Ҳоло таҳдиди асосии ин созмон дар фазои расонаӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасид, чун барои андешасозӣ ва ҷалби шаҳрвандони кишварҳо ба сафи худ – фаъолиятро ҷоннок кардааст.

Дар ин давра бо Ҳалномаи Суди Олӣ фаъолияти "Памир дейли нюс" (Pamir Daily News) ё "Памир нюс" (Pamir News), "Новый Таджикистан 2" (ҳарду июни соли 2023) ва "Давлати исломии вилояти Хуросон" (декабри соли 2024) дар қаламрави кишвар мамнуъ эълон шуданд.

Дар умум, шинохти таҷрибаи миллии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм дар кишвар ва шиносоии он дар хориҷ аз муҳим аст. Таҷрибаи Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои Осиёи Марказӣ нуктаҳои чашмрасро дорад ва барои такмили чораҳои пешгирикунанда метавонад мусоидат кунад.

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар / 09.03.2024. URL: https://prezident.tj/event/speeches/37084

2.2. Гуфтумони пешгирии экстремизм дар фазои расонаию илмии Тоҷикистон

Дар 15 соли охир перомуни пешгирии экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон дар муҳити расонаӣ, илмӣ ва коршиносӣ баҳсу баррасиҳо ба назар мерасанд. Дар ин бахши китоб гуфтумонҳои маъмулро шиносоӣ мекунем. Пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки бештари дидгоҳу назарҳо чунин вижагӣ доранд:

Якум, як ривоят аз мақолаи илмӣ, оммавӣ ё гузориши таҳлилӣ бидуни арзёбии мувофиқати он ба воқеияти кишвар ба матлаби дигар "мекӯчад". Дар натиҷаи такрори огоҳонаю ноогоҳона ба "дидгоҳи матраҳ" табдил ёфта, нақдаш ҳам мушкил мегардад;

Дуюм, рӯйкард ва моделҳои пешгирии экстремизм ва терроризм аз таҷрибаи кишвари дигар, бе мувофиқати он ба шароити Тоҷикистон "таҳмил" мешавад;

Сеюм, муаллифони гузоришҳои таҳлилӣ аз рӯйи меъёри ҷомеаҳои дигар (ба вижа ғарбӣ ё африқоӣ) моҳияти падидор шудани экстремизмро дар шароити Тоҷикистон "дидан" мехоҳанд ё тарҳрезӣ мекунанд (иттилоро дар "қолаб"-и мавҷуд мерезанд ё нияти собиткунии пешфарзи худро доранд);

Чорум, рӯйкардҳои идеологии гузашта, ки дигар дар шароити ҷомеаи Тоҷикистон (бо дарназардошти гуногун шудани сарчашмаҳои ташаккули афкори умум ва воқеияти нав) чандон самара намедиҳанд, корбурд мешаванд ва таблиғ мегарданд;

Панҷум, гуфтумоне, ки моҳиятан фарогир нест, ҳамчун омили меҳварии пешгирии экстремизм ва терроризм бозтоб мешаванд ва ғайра.

Бинобар ин, дар баррасии гуфтумони мавҷуд дар бораи пешгирии экстремизм ва терроризм пажуҳишгар "маҷбур" мешавад, он нуктаҳоеро арзёбӣ кунад, ки амалан дар шароити кишвар ба таври васеъ ба назар намерасанд. Посухгӯ набудани "ривоятҳои матраҳ" ба равандҳои зиндаи кишвар ҳолати мувозиро ба вуҷуд меорад: яъне миёни вазъи мавҷуд ва гуфтумони шинохт фарқе

дида мешаванд. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, танҳо он гуфтумонеро арзёбӣ кунем, ки дар пешгирии ин падидаи номатлуб дар Тоҷикистон метавонад хидмат кунад.

Дар фасли якум мо давраи арзёбии гуфтумони пешгирии экстремизм ва терроризмро аз соли 2016 (қабул гардидани Стратегияи якум) муайян кардем. Матлабҳои илмӣ, таҳлилӣ ва оммавӣ, ки дар расонаҳо, маҷаллаҳои илмӣ, пойгоҳҳои коршиносӣ нашр ва гузоришҳои таҳлилӣ инъикос шудаанд, бештар ба вазъи то моҳи августи соли 2021 бозтоб медиҳанд. Чунки пас аз 15 августи соли 2021 моҳияти хавфу таҳдидҳои экстремизм ва терроризм барои Тоҷикистон дигар шуда, инъикоси онҳо дар муҳити расонаӣ ва илмию коршиносӣ манфиат дорад.

Аз ин рӯ, номувофиқат миёни матлабҳои расонаҳову мақолаҳои илмӣ ва тағйири вазъ пас аз моҳи августи соли 2021 ба мушоҳида мерасад. Ба ибораи дигар, гуфтумонҳо ё парадигмаҳои пешгирии экстремизм ва терроризм ба шароити ҳозира то ҷойе мувофиқат намекунанд. Масалан, роҳбарияти олии кишвар пайваста дар вохӯрӣ бо ҳамтоёни худ ва суханрониҳо дар саммитҳои сарони кишварҳо аз осебпазир шудани вазъ ва афзоиши хавфу таҳдидҳои гурӯҳҳои экстремистию террористӣ таъкид мекунанд. Вале дар расонаҳо ва матлабҳои илмию коршиносӣ ба таври шоиста тағйир ёфтани вазъ, дигар шудани таҳдидҳо, таъсири эҳтимолию воқеии экстремизм ва терроризм ба ҷомеаи Тоҷикистон бо истифода аз гуфтумонҳои пешин бозтоб мешаванд. Бинобар ин, лозим ба назар мерасад, нақде ба гуфтумон ва ривоятҳои маъмул дар шароити имрӯз сурат гирад.

Гуфтумони пешгирии экстремизм ва терроризм дар фазои расонаӣ

Дар муҳити расонаҳои Тоҷикистон ба масъалаи экстремизм ва терроризм, таваҷҷуҳи вижа доранд. Таҳлили муҳтавоӣ (content analysis) нишон медиҳад, ки бештари матлабҳо барои иттилооърасонӣ ва огоҳибахшӣ таҳия шуда, ба ин масъала, яъне ба роҳҳои пешгирии экстремизм кам таваҷҷуҳ шудааст. Таҳлили муҳтавои матлаб-

ҳои расонаҳои тоҷикӣ дар солҳои 2018-2020 нишон медиҳад, ки бештари навиштаҳоро дар ин бора шахсони камошно менависанд ва он ҳам бештар аз вокуниш иборат буд. Ин ҳолат дарки гуфтумони пешгириро бисёр мураккаб мекунад, чун аз як тараф матлабҳои фаровон мавҷуданд, вале сифати онҳо ба дард намехӯрад.

Дар натиҷаи таҳлили муҳтавои матлабҳои "Ҷумҳурият", "Asia-Plus", "Озодӣ" ва "Фараж" кӯшидем, баъзе аз паҳлуҳои баҳси пешгирии экстремизмро дар муҳити расонаҳо бозкушой кунем. Дар ин давра (аз соли 2016 то ҳол) расонаҳои ватанӣ ба паҳлуҳои гуногуни пешгирии экстремизм таваҷҷуҳ намудаанд. Ба назар бояд гирифт, ки барои инъикоси воқеии вижагиҳои муҳтавои расонаҳои Тоҷикистон дар самти пешгирии экстремизм истифодаи барномаҳои вижа лозим аст, то таҳлил комилу фарогир бошад. Аз ин рӯ, бо истифода аз равиши дастӣ (manual method) 10 **намунаро** интихоб кардем. Ин равиш то андозае барои таҳлили гуфтумони матраҳи мавзуъ мусоидат мекунад ва ҳар кадоми онро дар шакли алоҳида нақду баррасӣ менамоем:

1. Экстремизм дар муҳити муҳоҷирони корӣ. Гумони ғолиб дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ин аст, ки пеш аз ҳама муҳоҷирони корӣ дар шароити будубош дар кишвари иқомат ба доми гурӯҳҳои экстремистӣ меафтанд. Кейсҳое, ки дар расонаҳои кишвар шиносой шуданд, ки ин дидгоҳро собит мекунанд. Барои шаклгирии ин назар омилҳои зерин таъсир расонидаанд:

- андешаҳои масъули давлатӣ;
- ривоятҳои матлаби расонаҳо;
- ривоятҳои лоиҳаҳои мавриди амали созмонҳои байналмилалию ҷамъиятӣ;
- матлабҳои таҳлилию коршиносӣ;
- андешаи худи муҳоҷирони корӣ дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ.

Дар солҳои 2015-2017 ин дидгоҳ (яъне, пешгирии экстремизм дар муҳити муҳоҷирони корӣ) дар навиштаву шарҳҳои масъулини мақомоти давлатӣ ва коршиносон ба назар мерасид. Бо дарназардошти

мавҷуд будани далелҳои собит нақди ин гуфтумон муҳим аст, зеро “муҳим”-созии омили “муҳоҷирати корӣ” дар ифротишавӣ чанд саволро ба вуҷуд меорад:

Якум, агар ифротишавӣ дар шароити муҳоҷирати корӣ сурат гирифта бошад, магар дар зодгоҳи онҳо чунин мушкил ба назар намерасад? Пайдо кардани посух ба ин суол мушкил аст, чун то ҷойе пайванд миёни ифротишавии муҳоҷирон ва макони иқомати онҳо мавҷуд мебошад. Боз ҳам намунаҳое ҳастанд, ки ифротишавӣ бидуни ба муҳоҷирати корӣ рафтан сурат гирифтааст.

Дуюм, барои чӣ ифротишавӣ дар шаҳрҳои Тоҷикистон назар ба деҳот баландтар аст? Агар ин ҷо таносуби табиӣ ва шумораи бошандагон миёни шаҳру деҳотро ба инобар гирем ҳам, посухи мантиқӣ ба даст намеояд. Чунки мувофиқи натиҷаҳои пешакии мардумшуморӣ ва фонди манзил дар кишвар, ки соли 2020 аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, беш аз 2 млн 528 ҳазор ё **26,2%** шаҳрнишин ва 7 млн 133 ҳазор ё **73,8%** деҳнишин мебошанд[1]. Гузашта аз ин, бошандагони деҳот бештар ба муҳоҷирати корӣ мераванд.

Сеюм, магар барҷастасозии омили “муҳоҷирати корӣ” як навъе масъулиятро аз гардани худ соқит кардани масъулини маҳал нест? Чун дар рафти пажуҳишҳо масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва намояндаҳои созмонҳои ҷамъиятӣ зикр мекарданд, ки бошандагони онҳо бештар дар шароити муҳоҷирати корӣ ифротӣ шуданд. Ин шароит масъулияти онҳоро кам намекунад, чун будани масъала пайдокунии роҳҳалҳоро талаб дорад.

Паҳну пахши васеи гуфтумони “дар муҳоҷират экстремист шудани мардум” ва дар симои муҳоҷирони корӣ дидани “ифротиёни эҳтимолӣ” хавфҳои муайян дорад. Пеш аз ҳама он ба эътимоди муҳоҷирони корӣ ба ниҳодҳои давлатӣ метавонад таъсир расонад. Бинобар ин, бояд ба назар гирифт, ки гурӯҳи муайяни осебнопазир ба таблиғоти экстремистӣ мавҷуд нест ва ягон категория ё гурӯҳи иҷтимоӣ низ аз ин хавфҳо дар

[1] Дар 10 сол шумораи аҳолии Тоҷикистон беш аз 2 млн зиёд шудааст / 12.10.2021. URL: https://asiaplustj.info/en/node/303780

амон буда наметавонанд (дар ин бора дар поён сухан меравад). Аз ин рӯ, чораҳои пешгирикунӣ ба тамоми қишрҳои ҷомеа бояд нигаронида шаванд.

2. Роҳандозии чораҳои маърифатӣ (дар шаклу намудҳои гуногун). Дар бештари маводи расонаҳо ба анҷоми корҳои маърифатӣ дар миёни мардуми кишвар таваҷҷуҳ мегардад. Дар бораи ин мавзуъ дидгоҳи масъулини мақомоти давлатӣ, коршиносон, рӯҳониён, намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва худи хабарнигорон дида мешаванд. Вале мушаххас нест, ки чорабиниҳои маърифатӣ (ба вожаи маъмул: "кори идеологӣ") чӣ ҳастанд?

Аҳамияти кори маърифатӣ дар миёни мардум ба таҷрибаи пешин, ба вижа замони Шӯравӣ пайванд дорад. Чунки кишвари Шӯравӣ дар ин самт масъули ҳизбию давлатӣ (котиби идеологӣ) ва дастгоҳи пуриқтидорӣ идеологӣ, аз қабили созмонҳои вижаи ҷамъиятӣ (ба монанди Иттифоқи нависандагон, ҷамъияти "Дониш" ва ғайра)-ро дошт. То куҷо назаррас будани корҳои онвақтаи идеологӣ баҳси алоҳида аст, чун қишри фаъоли мардуми Шӯравӣ аз солҳои 60-уми асри XX то ҷойе "ғарбзада" шуда буданд, расонаҳои мамнуъро гӯш мекарданд, китобҳои мамнуъро мехонданд (омили "Самиздат", ки ба он гурӯҳи нашрияҳои берун ё хилофи сонсур ворид мешавад). Омили муҳимтарини нишонрас будани кори идеологӣ дар давраи Шӯравӣ комилан зери назорати давлат будани расонаҳо ва нашриёт буд. Сарчашмаи ягонаву мутамаркази ташаккули афкори умум ба назар мерасид.

Дар шароити имрӯз чунин имкон вуҷуд надорад, чун: Конститутсияи Тоҷикистон гуногунфикриро кафолат медиҳад (i); ҷомеаи иттилоотӣ фарогир шудааст ва ҳоло ҳуши маснуӣ муҳтаво месозад (ii); шабакаҳои иҷтимоӣ ҷузъи муҳими зиндагии ҳар шаҳрванд гаштаанд (iii); дастрасӣ ба иттилои гуногун хеле осон мебошад (iv); ҳар шаҳрванд мустақилона сарчашмаи иттилоъро интихоб мекунад (v) ва ғайра.

Аз ин рӯ, номувофиқатие миёни барҷастасозии кори маърифатӣ ва вижагиҳои шароити имрӯз дида меша-вад. Яъне рӯйкард ва модели кори маърифатии солҳои 60-ум,

70-ум, 80-ум ва то ҷойе 90-умро мо мехоҳем дар шароити имрӯз истифода кунем. Ба ибораи дигар, ба як инсон – соҳиби яке аз моделҳои охирони телефони мобилии iPhone 17 (силсилаи iPhone 17 Pro, iPhone 17 Pro Max ва iPhone Air 9-уми сентябри соли 2025 ба фурӯш гузошта шуд) дар бораи беҳтару хубтар будани истифодаи Nokia 3310 (истеҳсоли сентябри соли 2000) ҳарф занем. Ё мардумро бовар кунонем, ки худрави Москвич-412 (солҳои бароришҳ 1967-1976) аз худрави насли панҷуми Mercedes-Benz (W213 - аз соли 2016 то ин дам истеҳсол мешавад) беҳтар аст.

Бо зикри ин нукта ҳаргиз ҳадафи камаҳамият ё нолозим гуфтани кори маърифатиро надорем. Баръакс даъват ба он аст, ки рӯйкард, модел, абзорҳо ва тарзи роҳандозии кори маърифатӣ ба шароити имрӯз ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ мувофиқ карда шаванд. Ҳадафу дастовардҳои замони худсолории Тоҷикистонро ба таври шоиста шиносоӣ кунанд ва рақобатпазир бошанд.

Арзиши кори маърифатӣ дар он аст, ки ба ҳайси нишондиҳандаи миқдорӣ хидмат мекунад. Яъне, миқдор ва доираи ин мухотабонро муайян кардан осон аст: ҳамоиши маърифатӣ фалон қадар мардумро фаро гирифт; мақола ё хабарро фалон миқдор корбарон хонданд ва ғайра. Лекин арзёбии натиҷаҳои воқеӣ мушкил аст, чун самараи кори маърифатии соли 2020-2021-ро имрӯз мебинем. Ҳамчунин, натиҷаҳои кори маърифатии имрӯз дар солҳои 2030-2031 падидор мешавад.

Як мисол: ҳамкасбонамон дар соли 2012 зимни пажуҳиш дар яке аз ноҳияҳои кишвар шоҳиди чунин арзёбӣ шуданд. Масъули мақомоти маҳаллӣ нақл мекунад, ки “мо бо мардум 9 моҳ кори маърифатӣ мебарем, вале вақте дар фасли зимистон муҳоҷирони корӣ ба зодгоҳ бармегарданд, дидгоҳи сокинон дигар мешавад. Яъне дар пайи таъсири муҳоҷирони корӣ андешаи мардум тағйир меёбад. Аз ин рӯ, маҷбур мешавем, бо рафтани онҳо боз аз сари нав корро ба роҳ монем”. Аз рӯйи ҳикматҳои ниёгон ин ҳолат монанди “бо ғалбер об овардан” ё “об дар ҳован кӯбидан” аст. Бинобар

ин, мушаххас ва рақобатпазир кардани корҳои маърифатӣ дар шароити маҳал, бо дарназардошти вижагиҳои замони муосир ба мақсад мувофиқ аст.

Сеюм, **риояи адолати иҷтимоӣ ҳамчун василаи муҳимтарини пешгирии экстремизм**. Ин нукта бештар дар ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ ва дар мусоҳибаи коршиносони алоҳида садо додааст. Муҳтавои масъала аз он иборат аст, ки мубаллиғони гурӯҳҳои экстремистӣ осебпазир ва нобаробари вазъи иҷтимоии шахсони алоҳидаро моҳирона ба суди худ истифода мекунанд. Аз ин рӯ, пешниҳодҳо перомуни фароҳам овардани ҷойи кории муносиб, имкони таъмини зиндагии шоиста ва фаъолияти дурусти болобар (лифт)-ҳои иҷтимоӣ ҳамчун механизми пешгирии ифротишавӣ садо медиҳанд. Дар зимн бояд зикр кард, ки барои нишонрас гардидани чораҳои пешгирӣ аз экстремизм ва терроризм тафсири оммафаҳми мафҳуми “адолати иҷтимоӣ” дар шароити Тоҷикистон хеле муҳим аст. Чунки “камошно” будани ин мафҳум барои доираи васеи мардум, даричаро барои сӯистифода шуданаш ба вуҷуд меорад.

Чорум, **фарқгузорӣ миёни “экстремистҳои воқеӣ” аз “гумроҳшудагон” ва раво надидани ҷазои сахт ба онҳо**. Ин дидгоҳ аз ҷониби коршиносон ва фаъолони созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ садо дода, эҳтимол бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва мушоҳидаҳои онҳо шакл гирифтааст. Бояд гуфт, ки яке аз андешаҳои ҷолиб ҳам мебошад, чун муносибати вижаю мақсаднок ба ифротиҳо имкони ислоҳи онҳоро бештар мекунад. Ин нукта ба худи пешгирии экстремизм камтар рабт дорад. Агар тамоми паҳлуҳои ин масъала омӯхта шавад, имкони дар оянда коҳишу пешгирии ин падидаи номатлубро бештар мекунад ва чораҳои маърифатӣ миёни мардум нишонрас мешаванд.

Панҷум, **коҳиши истифодаи забони нафрат ҳамчун василаи пешгирии экстремизм**. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки “душмантарошӣ” ва “қаҳрамонсозӣ”-и экстремистҳо хатарбор мебошад. Чун агар “душмантарошӣ”-и сурат гирад, барои гурӯҳе онҳо “ҷабрдида” ва ё

“мазлум” шиносоӣ мешаванд. Агар “қаҳрамонсозӣ” сурат гирад, пас доираи муайяни мардум барои татбиқи хостаҳои худ ба ин роҳ шояд раванд. Ҳамзамон, таҳлили муҳтавои матлабҳои расонаҳои тоҷикӣ маълум мекунад, ки забони нафрат дар навиштаҳои зиддиэкстремистӣ ба назар мерасанд.

Шашум, **густариши арзишҳои таҳаммулгароӣ ва гуногунандешӣ ҳамчун василаи пешгирии экстремизм**. Ин нукта низ бештар дар муҳити нишастҳои таҳлилӣ аз ҷониби кормандони соҳаи илму таълим садо дода, агар аз диди консептуалӣ дуруст таҳия шавад, чораҳои пешгирикунандаро хеле қавӣ мекунад.

Ҳафтум, **гузаронидани корҳои маърифатӣ миёни ҷавонон**. Таҳлили муҳтавои расонаҳо нишон медиҳад, ки даъват барои анҷоми корҳои маърифатӣ миёни ҷавонон бештар садо додааст. Вале механизми равшани чӣ гуна анҷом додани онро мушоҳида накардем. Дар бораи роҳандозии чораҳои маърифатӣ дар боло муфассал навиштем. Нозукии рӯйи даст гирифтани чунин чора дар муҳити ҷавонон дар он аст, ки онҳо зуд ба майлонҳои нав унс мегиранд. Аз ин ҷо, рӯйкарду абзори кори маърифатӣ бо онҳо ҳамеша ба такмил ниёз дорад.

Ҳаштум, **шинохти решаҳо ва омилҳои пайдоиши экстремизм ва андешидани тадбирҳои бартарафсозӣ**. Ин нукта низ дар ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ ва дар мусоҳибаи алоҳидаи коршиносон садо додааст. Расидан ба ин ҳадаф мушкил мебошад, чун роҳандозии пажуҳиши чандсатҳаро талаб мекунад. Агар амалӣ шавад, ба пешгирии экстремизм метавонад таъсири мусбат расонад.

Нуҳум, **ҷалби ҷавонон ба китобхонӣ ҳамчун василаи пешгирии экстремизм**. Аз беҳтарин андешаҳое ҳаст, ки дар муҳити расонаҳо садо додааст. Чун он механизми амалии пешгирии экстремизм низ мебошад. Гумони ғолиб дар муҳити иттилооти Тоҷикистон ин аст, ки агар инсон таҳсилдида бошад, имкони ҷалб шуданаш ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ кам мешавад. Барои муассир шудани иқдоми “китобхонӣ ҳамчун василаи пешгирии экстремизм” бояд механизми амалии он мутобиқ ба

шароити Тоҷикистон таҳия шаванд. Роҳандозии озмунҳои ҷумҳуриявӣ зери унвони “Фуруғи субҳи доной китоб аст”, “Илм – фуруғи маърифат”, “Тоҷикон” – оинаи таърихи миллат” ва ғайра заминаи қавиро дар эҳёи фарҳанги китобхонӣ дар кишвар ба вуҷуд оварданд.

Даҳум, **густариши ақлгарой ҳамчун василаи пешгирии экстремизм**. Аз андешаҳои ҷолиб аст, чун мушоҳида нишон медиҳад, ки бештари мардуми кишвар аз набудани амалкарди мувофиқ ба ақлгарой зарар дидаанд. Як василаи ҷалб шудан ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ ин сатҳи пасти андешаи интиқодӣ мебошад. Аз ин рӯ, агар дар самти амалисозии ин андеша – чораҳои мутобиқ ба шароити Тоҷикистон таҳия гарданд, бешубҳа ба пешгирии экстремизм метавонад сабаб шавад.

Гуфтумони пешгирии экстремизм ва терроризм дар муҳити илмӣ

Тавре дар боло ишора шуд, дар муҳити илмию пажуҳишии Тоҷикистон ба масъалаи пешгирии экстремизм таваҷҷуҳи бисёр мешавад. Дар бештари матлабҳои илмӣ даъват барои дарёфти роҳу равиши пешгирии экстремизм, ба вижа пешгирии мағзшӯйӣ, ҷалбшавӣ ва ғайра таъкид мешавад, вале дар бештари маталбҳо чӣ будани мафҳуми “пешгирии экстремизм” оварда нашудаанд.

Муаллифон бештар дар бораи роҳу васила ва рӯйкарди пешгирӣ ибрози назар кардаанд. Ё “пешгирии экстремизм ва терроризм” бидуни моҳияти дохилӣ, ҳамчун ибора оварда шуда, ҳамчун яке аз ҳадафҳои тафсир шудани вазъ ё мушкил қаламдод мешавад. Новобаста аз ин, дар бештари матлабҳои илмӣ ин унсур ба назар мерасонад.

Таҳлили гуфтумони “пешгирии экстремизм”-ро дар шакли нуктаҳои алоҳида дар зер меорем:

1. Муҳим будани нақши маориф дар пешгирии экстремизм дар муҳити наврасон ва ҷавонон. Дар мақолаҳои илмӣ возеҳ баён шудааст, ки яке аз роҳҳои бартараф кардани ин мушкилот дар рушди соҳаи маориф аст.

Чун ҷаҳонбиниро аз овони наврасӣ дар руҳияи инсондустӣ ва таҳаммулпазирӣ метавонад шакл диҳад;

2. Таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба тарбияи ҷавонон дар муҳити хонавода. Чун агар дар оила дуруст тарбия ёбанд, ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ шомил намешаванд ва то ҷойе рӯйкарди “пешгирӣ”-кунанда ҳам аст. Аммо вожаи тарбияи “дуруст” норавшан аст, чун маълум нест, ки зери он чиро дар назар доранд.

3. Барои пешгирии экстремизм роҳандозӣ кардани иқдомҳои муассири иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, то талабу эҳтиёҷи мавҷуди мардумро қонеъ созад. Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум низ муҳим шуморида шудааст.

4. Анҷоми пажуҳишҳои касбӣ дар самти маълум кардани чора, васила ва рӯйкардҳои пешгирикунандаи мутобиқ ба шароити Тоҷикистон;

5. Барои пешгирии экстремизм лозим ба назар мерасад, ки решаҳои идеологии ба вуҷуд омадани он дақиқ пажуҳиш шавад;

6. Ҳамчун василаи пешгирии экстремизм шакл додани андешаи зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористӣ миёни мардум;

7. Яке аз сабабҳои рӯ овардани мардум ба ақидаҳои экстремистӣ – ҳошиявӣ (marginalism) ва ё надоштани имкон барои татбиқи тавонмандиҳои худ аст. Аз ин рӯ, пажуҳиш ва баррасии чунин падидаҳо ва пешниҳоди роҳандозии дурусти фаъолияти болобарҳои иҷтимоӣ бисёр муҳим арзёбӣ шудаанд.

8. Омӯзондани ҷавонон ба илму фановариҳои муосир ва малакаҳои зарурии ҳаётӣ, ки василаи пешгирии шомилшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ мебошад.

9. Роҳандозии пажуҳишҳои бисёрсоҳавӣ ва байнисоҳавӣ дар самти таҳияи барномаҳои амалӣ барои пешгирии экстремизм дар шароити Тоҷикистон;

10. Роҳандозии барномаҳо бо хонаводаи ифротиҳо ва худи ифротиҳои пешин барои пешгирии экстремизм дар муҳити онҳо;

11. Роҳандозии ҳамкории амиқ бо руҳониён барои пешгирии ақидаҳои экстремистӣ дар миёни мардум, ҷалби онҳо ба корҳои маърифатӣ ва ғайра.

12. Роҳандозии барномаҳо барои пешгирии андешаҳои экстремистӣ дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ – беҳтарсозии фарҳанги истифодаи фановариҳои иттилоотию иртиботии муосир.

Бинобар калонҳаҷм ва фарогир будани осори илмӣ, мо бо зикри ривояту гуфтумони асосӣ кифоят кардем. Арзёбии васеи масъала пажуҳиши вижаро талаб мекунад ва дар оянда анҷом хоҳем дод.

Арзёбии пешгирии экстремизм ва терроризм пас аз қудратгирии Толибон

Бозгашти дубораи Толибон моҳияти хавфу таҳдидҳо барои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказиро дигар кард. Нуктаи зарифи Пешвои миллат дар бораи дарки рӯйдодҳои муосири дунё ва зиракии сиёсӣ (фориғбол набудан)-и шаҳрвандон имрӯз аҳамияти дучанд дорад. Пас аз 4 соли қудратгирии Толибон ба эътидол омадани вазъ дар Афғонистон эҳтимоли кам дорад. Ба гумони ғолиб шароит дар ин кишвар аз буда боз бадтар шуда, хавфи фарогир гардидани “**бесуботии пойдор**” (дар муқобили гуфтумони маъмурияти Ғанӣ, ки дар дидору ҳамоишҳо перомуни оғози гуфтушуниди байниафғонӣ онро “**сулҳи боиззат ва пойдор**” ном мебурданд) бештар гардидааст. Фаргашти вазъ дар Афғонистон нишон медиҳад, ки кишварҳои ҳамсоя, минтақа ва дунё дар арафаи садама ва буҳрони шадиди инсонӣ дар ин кишвар истодаанд. Пешбинии таъсири вазъи Афғонистон ба кишварҳои ҳаммарз номаълум аст. Имрӯз дар қаламрави Афғонистон 22 созмону гурӯҳи террористӣ фаъолият доранд ва ҳифзи суботу амният аз масъалаҳои калидӣ барои Тоҷикистон гардидааст.

Гузашта аз ин, сиёсати ҷаҳонӣ ва низоми равобити байналмилил дар ҳоли буҳрони амиқ қарор дорад ва эҳтимол сохтори худро дигар кунад ё такмил диҳад. Дар ҳарду ҳолат силсилаи хавфу таҳдидҳо офарида меша-

ванд. Мураккаб ва боз ҳам буҳронӣ шудани муносибати байниҳамдигари қудратҳои ҷаҳонӣ ва оғоз гардидани бозии нави геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ барои кишварҳои минтақа паёмадҳои мусбат надорад. Аз ин рӯ, ба чанд нукта ишора мекунем, ки барои пешгирии экстремизм аҳамият доранд:

Якум, **омили Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ"**. Падидаи "Давлати исломӣ" нишон дод, ки як созмони экстремистию террористӣ дар фурсати кутоҳ метавонад ба унсури қавии геополитикӣ табдил ёбад, аз давлатҳои пешрафта ва рӯ ба рушд шумори чашмраси мардуми ҳошияравро ба худ ҷазб созад. Пешбинӣ кардан мумкин аст, ки сиёсатсозони қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақаӣ дар оянда низ аз созмонҳои террористӣ ҳамчун абзори корозмудаи таъсиррасонӣ истифода мекунанд. Тавре файласуфи машҳур Арасту гуфта буд: "табиат халоро намепазирад", яъне ҳар чизе нобуд шуд, ҳатман ҷойгузини он пайдо мешавад. Аз ин рӯ, ба ҷойи холишудаи чунин созмонҳои "вазифаи худро иҷро карда" ва "паршуда"-и созмонҳои дигари экстремистию террористӣ боз ба вуҷуд оварда мешаванд. Пас аз қудратгирии Толибон дар Афғонистон франшизаи "Давлати исломӣ" дар шаклии Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" тобиши нав гирифт.

Моҳи апрели соли 2022 андешакадаи амрикоӣ Center for Preventive Action гузориши таҳлилиро зери унвони "Countering a Resurgent Terrorist Threat in Afghanistan"[1] (Муқовимат ба таҳдиди эҳёшавандаи террористӣ дар Афғонистон) нашр кард. Хулосаи таҳлилгарони амрикоӣ ин буд, ки Толибон имкони муқовимат бо гурӯҳҳои террористиро надоранд ва дар давраи қудратгирии онҳо ҷойгоҳу тавонмандиҳои Ал-Қоида, Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" ва ғайра боз ҳам қавӣ шудааст... Ҳамзамон, дар санадҳои СММ оид ба афзоиши таҳдидҳои террористӣ аз Афғонистон сухан мерафт[2].

[1] Countering a Resurgent Terrorist Threat in Afghanistan /14.04.2022. URL: https://www.cfr.org/report/countering-resurgent-terrorist-threat-afghanistan

[2]Ниг.: Четырнадцатый доклад Генерального секретаря об угрозе, которую ИГИЛ создает для международного мира и

Пас аз нашри гузориши андешакадаи амрикой “Давлати исломӣ” дар Афғонистон фаъол гардид ва расонаҳои худро сохт. Мутаассифона, дар ҳамлаҳои террористии Шохаи Хуросони “Давлати исломӣ” аз шаҳрвандони Тоҷикистон истифодаи абзорӣ шуд. Дар расонаҳо ду ҳамлаи террористӣ ба ибодатгоҳи Шоҳчарофи шаҳри Шерози Эрон (26 октябри соли 2022 ва 13 августи соли 2023), инфиҷори маргталабона дар маросими ёдбуди фармондеҳ Қосим Сулаймонӣ дар шаҳри Кирмони Эрон (3 январи соли 2024); ҳамла ба калисои католикии Марияи Муқаддас дар шаҳри Истамбули Туркия (28 январи 2024) ва ҳамлаи террористӣ ба толори маҷмааи Крокус Сити Ҳол дар шаҳри Маскави Русия (22 марти соли 2024) кори дасти зодагони кишвар эълон шуд.

Дар пасманзари таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии гурӯҳҳои террористӣ аз Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ лозим аст, ки иқдомҳои муштараки кишварҳо дар самти таъмини суботу амният роҳандозӣ шавад. Чун ба ҷузъ худи кишварҳои Осиёи Марказӣ касе манфиатдори амнияти пойдори онҳо нест ва ҳамаи қудратҳои беруна аз пайи манфиатҳои худ ҳастанд. Бинобар ин, ба таври ҷиддӣ пурзур кардани корҳои маърифатии рӯй ба зеҳнҳо, аҳамияти роҳбурдии худро дар дарозмуддат ҳифз мекунад. Барои ҳифзи суботу амнияти Тоҷикистон лозим аст, то чунин ҷараёни рушди эҳтимолии вазъи ҷаҳону минтақа ҳамеша мавриди назар қарор гирад, то соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар зарар набинанд.

Дуюм, тағйири таҳдидҳои экстремизми динӣ ба сиёсию динӣ. Падидаи экстремизм ва тундгарой дар ҳоли фаргашт қарор дорад ва қудратгирии Толибон ба он такони ҷиддӣ бахшид. Аз ин рӯ, эҳтимол унсури дини и он поён равад ва ҷояшро экстремизми сиёсӣ мегирад. Дар сурати рушди эҳтимолии экстремизми сиёсӣ иқдом-

безопасности.../28.01.2022. URL: https://goo.su/jgZxR; Письмо Председателя Комитета Совета Безопасности по «ИГИЛ», «Аль-Каиде» и связанным с ними лицам, группам, предприятиям и организациям /03.02.2022. URL: https://goo.su/11gzFdP

ҳои имрӯзӣ ба такмил ниёз пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, барои пешгирии он таҳияи созаҳои (constructs) зеҳнӣ ба роҳ монда шаванд, то дар дарозмуддат заминаи густариши ин падидаи номатлубро коҳиш диҳад.

Сеюм, бесилоҳсозии экстремистҳо аз унсури муҳими пешгирӣ ва муқовимат ба шумор меравад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои экстремистӣ барои ҷалби мардум аз “адолати иҷтимоӣ” сӯистифода мекунанд ва осебпазир будани онро ҳамчун далели қавии ҷалбсозии шаҳрвадон ба кор мегиранд...

Чорум, густариши андешаи кишвардорӣ. Таваҷҷуҳ ба ташаккул ва тақвияти андешаи кишвардорӣ миёни мардум бисёр муҳим аст. Чукни ба эҳсоси кишвармеҳварии шаҳвардон таъсири амиқ мерасонад ва ба таҳкими суботу амният дар ҷомеа ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон таъсири мустақим дорад.

Панҷум, омили фановариҳои муосири иттилоотӣ. Дар ояндаи наздик рушди густурдаи фановариҳои иттилоотӣ ва ҳуши маснуъ васеъ ба назар хоҳад расид. Ҳамзамон, ҷавон шудани корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ низ пешбинӣ мешавад. Дар ин ҳолат шакл додани афкори умум бо абзорҳои суннатӣ мушкил шуда, зарурати ба вуҷуд овардани пойгоҳҳои қавӣ ва рақобатпазири таҳлилию иттилоотиро ҳатмӣ мегардонад.

Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба рушди солими фазои расонаӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нуктаи меҳварӣ аст, то тавонмандиҳои ҷамъиятӣ ва миллӣ имкони рушдро дошта бошад ва худи онҳо тавонанд дар рақобату муқовимат пояҳои андешаҳои экстремистиро дар ҷомеа решакан ё ҳаддалимкон сатҳи онро паст кунанд.

2.3. Вижагиҳои падидоршавӣ ва шинохти экстремизм дар Тоҷикистон

Баррасии пайдоиш ва рушди андешаҳои тундгарой ва экстремистӣ дар кишвар маълум мекунад, ки он ба силсилаи омилҳои дохилию хориҷӣ вобаста мебошад. Ҳар як аз омили дохилӣ ва хориҷӣ дар тӯли солҳо падидор гашта, барои шиносой ва пешгирии он фурсати лозима дар даст нест, чун ҳаллу фасли фавриро талаб мекунад. Ҳамчунин, тавонмандиҳои аз буда бештари зеҳнию молиявӣ талаб мешавад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем барои бозкушоии васеъи мавзуъ **се самти масъала** перомуни шинохти вижагиҳои экстремизм дар кишварро баррасӣ кунем:

Самти 1. Осебпазирии ҷавонон аз экстремизм

Вақте дар бораи мушкилоти экстремизм сухан меравад, пеш аз ҳама симои ҷавонон дар назар пайдо мешавад. Ин шароит табиӣ аст, чун ҷавонон бинобар ба омили синну солӣ ва доштани энерҷии фаровонро дар роҳе бояд сарф кунанд. Ҳамчунин, бинобар сабаби пурра шакл нагирифтани афзалияти ҳаётӣ, арзишҳои устувор ва ба ҷавонон нигаронида шудани таблиғоти экстремистӣ – то ҷойе онҳоро қурбонии гурӯҳҳои экстремистӣ мекунад. Бинобар ин, омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба андешаи ҷавонон ва ангезаофар – барои коҳиши таъсири таблиғоти экстремистӣ метавонад хидмат кунад.

Тавре маълум аст, сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷавонон аз афзалиятҳои роҳбурдии кишвар ба шумор меравад ва дар самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи чорабиниҳоро амалӣ кардааст. Таҷрибаи кишвар ва дигар давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои экстремистӣ бештар ҷавононро ба сафи худ ҷалб мекунанд. Табиати ҷавонон чунин аст, ки онҳо бо як неру ва энерҷии хос, хоҳони ба намоиш гузоштани он ва шиносоии худ дар ҷомеаро доранд. Дар тамоми давлатҳо, ба вижа дар кишварҳои рӯ ба рушд як гурӯҳ аз ҷавонон бинобар сабабҳои гуногуни фикрию равонӣ, иқтисодию

иҷтимоӣ ва ғайра имкони пайдо кардани худсозиро дар ҷомеаро наёфта, осебпазирӣ аз таблиғоти гурӯҳҳои экстремистӣ доранд.

Сиёсатофарони гурӯҳҳои экстремистӣ аз ин фурсат ва фазои холӣ ба таври васеъ истифода карда, заминаҳои ҷазби ҷавонон ва додани имкони шиносоиро дар дигар шаклу намуд ва он тавре ки худ мехоҳанд, муҳайё мекунанд. Аз ин рӯ, баррасии **панҷ тафсири** чӣ гуна арзёбӣ шудани экстремизм дар шароити Тоҷикистонро меорем. Ҳар кадоме аз инҳо ба андешаи ҷавонон таъсир мерасонад ва ангезаи рӯй овардан ба ҳаракати экстремистиро ба вуҷуд меорад:

1.Экстремизм ҳамчун падидаи мазҳабӣ. Пажуҳиши мавзуъ дар минтақаҳои Тоҷикистон ва арзёбии муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ маълум мекунад, ки бештари ривоятҳои эҷодшавандаи экстремистӣ муҳтавои мазҳабӣ доранд. Экстремизми мазҳабӣ дар шароити Тоҷикистон се вижагиро касб намудааст: **якум**, бештар ҷавонони шаҳрнишин ба он рӯй оварданд; **дуюм**, қишри фаъоли ҷавононро ҷалб сохтааст, ки аз рӯйи сабабу омилҳои дар расонаҳо матраҳшаванда, аслан аломати ифротишавиро надоштанд/надоранд; **сеюм**, то ҷойе аломати хурдафарҳанг (субфарҳанг)-и ҷавонон дорад (ин бояд ҷудо арзёбӣ шавад).

Баррасии мавзуъ нишон медиҳад, ки дар солҳои 2012-2014 таблиғи экстремизми мазҳабӣ ошкоро анҷом мешуд, баъдан то ҷойе пӯшида гардид ва ҳоло дар фазои Instagram, TikTok ва Одноклассники бештар ба назар мерасад. Имрӯзҳо равиш, абзор ва муҳтавои худро тағйир додааст, яъне бештар ривоятҳое эҷод мешаванд, ки дар миёнамуҳлат ба андешаи ҷавонон таъсир расонида, ҷаҳонбинии онҳоро заҳролуд мекунанд.

Вазъи имрӯз нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои садгузоранда ба густариши экстремизми мазҳабӣ дар Тоҷикистон ин иқдоми роҳбарияти сиёсии кишвар барои бозгардонидани ҷавонон аз кишварҳои мусалмоннишин мебошад, ки онҷо дар муассисаҳои таълимӣ таҳсили ғайриқонунӣ доштанд. Маъракаи баргардонидани

толибилмони мадрасаҳои ғайрирасмӣ бори нахуст дар суханронии Пешвои миллат назди фаъолони шаҳри Кӯлоб 26 августи соли 2010 расонаӣ шуд. Сарвари кишвар аз ҳузури ғайрирасмии донишомӯзони ватанӣ дар муассисаҳои таълими динии кишварҳои хориҷӣ нигаронӣ карда, аз волидайн даъват ба амал оварданд, ки фарзандони худро баргардонанд. Чун ҷаҳонбинии онҳо дар натиҷаи таълимгирӣ дар ин муассисаҳо тағйир ёфта, ба сафи гурӯҳҳои ифротӣ мепайванданд ва ё баъди бозгашт ба ватан ҷойгоҳи худро намеёбанд[1].

Дар натиҷа, то охири соли 2010 беш аз 1500 толибилмони ватанӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ дар Миср, Эрон, Арабистони Саудӣ, Покистон, Туркия ва Судон[2] бероҳати мақомоти давлатӣ таълимоти динӣ мегирифтанд, ба кишвар аз ҳисоби давлат оварда шуданд. Аз рӯйи маълумоти охирон, аз соли 2010 то марти соли 2024 ҳудуди 4000 нафар шаҳрвандон, ки дар хориҷ таълимоти ғайрирасмии динӣ мегирифтанд, ба Тоҷикистон баргардонида шуда, 205 нафари онҳо дар он кишварҳо боқӣ мондаанд[3].

Ин рӯйкард мазмуни роҳбурдӣ, дурбинона ва пешгирикунанда дошт ва чанд моҳ пеш аз сарзадани ҳодисаҳои “Баҳори Араб” ва қариб 4 сол пеш аз қудратгирии “Давлати исломӣ” роҳандозӣ шуд. Агар саривақт рӯйи даст гирифта намешуд, шумори зодагони кишвар, ки дар ҷангҳои Сурия ва Ироқ ширкат мекарданд ва ба сафи “Давлати исломӣ” мепайвастанд - ба маротиб бештар мебуд.

Аз ҳамин дидгоҳ, баргардонидани кӯдакону занон аз кишварҳои гирифтори буҳрон амалӣ шуд. Мақомоти кишвар моҳи апрели соли 2019 аз Ироқ – 84 кӯдаки аз 1,5

---

[1] Президент Таджикистана против религиозного обучения молодых таджикистанцев за рубежом / 26.08.2010. URL: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/20100826/prezident-tadzhikistana-protiv-religioznogo-obucheniya-molodykh-tadzhikistantsev-za-rubezhom

[2] Чаро толибилмонро бозпас оварданд? /06.01.2011. URL: https://www.ozodi.org/a/2267923.html

[3] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар / 09.03.2024. URL: https://prezident.tj/event/speeches/37084

сола то 15 сола ва аз Сурия дар се бор, нахуст моҳи июли соли 2022 – 42 зан ва 104 кӯдаки аз 2 то 18 сола, бори дуюм моҳи майи соли 2023 – 104 зану кӯдак (29 оила) ва баъдан, апрели соли 2024 – 47 шаҳрванд ба Тоҷикистон баргардониданд. Дар умум, аз соли 2019 то имрӯз дар чор марҳила 381 шаҳрвандон ва фарзандони онҳо аз Ироқу Сурия ба Ватан баргардонида шуданд. Ин чора намунаи олии инсондӯстӣ ба шумор меравад ва дар дарозмуддат таҳдиду чолишҳои эҳтимолӣ, истифодаи абзории зодагони кишвар аз ҷониби гурӯҳҳои террористиро коҳиш медиҳад. Ҳамаи ин кӯдакон агар дар муҳити буҳронӣ ва аз диди андеша носолим ба воя мерасиданд, таҳдиди асосиро ба ватани худ эҷод мекарданд.

2.Экстремизм ҳамчун падидаи “дунявӣ”. Пажуҳиши соли 2012 маълум карда буд, ки як идда аз фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ ба эҳсоси динии мардум, ба вижа ҷавонон нохун мезаданд ва баҳсҳои то ҷойе “шадид”-ро ба вуҷуд меоварданд. Ин тамоюл дар солҳои минбаъда низ ба мушоҳида мерасид, вале ангезаи барои чӣ роҳандозӣ шуданаш норавшан боқӣ мемонд. Гурӯҳҳои экстремистии мазҳабӣ дар ривоятсозии худ (барои сохтани ривоятҳои муқобил) аз ин намунаҳо фаровон корбурд мекарданд ё чунин вонамуд мегардид, ки баёни андешаи илмӣ – муқобили онҳост. Чанд ҳолати ҳуҷуми дастаҷамъӣ ба шахсони ҷаҳонбинии илмидошта роҳандозӣ шуд. Моҳияти масъала дар он буд, ки касони баёнкунандаи андешаи илмиро ба динситезӣ гунаҳкор карда, талаб доштанд, ки расман аз мардум узр пурсанд. Чунин баҳсҳо то ҷойе барои ташхиси набзи ҷомеа мусоидат карда, гурӯҳу доираҳои нотаҳаммулпазирро маълум менамуд. Ду кейсе, ки дар фазои шабакаҳои иҷтимоии Тоҷикистон ба назар расиданд, то андозае осебпазирии таҳаммулпазириро дар ҷомеаи Тоҷикистон ба намоиш гузоштанд. Инҷо аз ду кейси дигар ёдоварӣ мекунем:

Якум, қудратгирии Толибон дар Афғонистон дар моҳи августи соли 2021 маълум сохт, ки як бахши ками мардуми Тоҷикистон аз амалкарди онҳо дар фазои маҷозӣ ҷонибдорӣ карданд. Ин як бонги хатаре барои

мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буд. Чун касе интизор надошт (рӯҳияи корбарони шабакаҳои иҷтимоии кишвар бо назардошти вазъ дар Панҷшер бисёр ҳассос ба назар мерасид), ки Толибон аз ҳисоби зодагони Тоҷикистон дар дохилу хориҷ (ба вижа онҳое, ки дар давлатҳои ғарбӣ иқомат мекунанд)-и кишвар ҳаводорону ҷонибдорон доранд.

Дуюм, моҳи сентябри соли 2022 дар Ҳирот рӯҳонӣ ва воиз Муҷибураҳмони Ансорӣ кушта шуд. Ҳамон замон дар гурӯҳи фейсбукии "Ахбор барои афкор" перомуни марги ӯ, ки бо таблиғи Толибон машғул буд, баҳси ҷолибе сурат гирифт. Чанде аз корбарони алоҳида аз ӯ қаҳрамонсозӣ карданд. Албатта ҳар кас барои баёни андеша ҳақ дорад, вале симосозии мусбат аз Ансорӣ, ки ба ҳайси абзори таблиғи андешаи толибонӣ истифода мешуд, ба мо хатарҳои воқеӣ дорад. Таҷрибаи толибонӣ ба кишвари мо (ва ба ҳар кишвари муосир) мувофиқ нест, чун ҷомеаро бадбахт мекунад ва амнияту суботро халалдор месозад. Ба ибораи Ҳегел инсоният аз таърихи гузашта чизеро намеомӯзад. Ин нукта барои мо муҳим аст, чун дар асри XX ду ҷанги шаҳрвандиро паси сар ва оқибати онро то имрӯз эҳсос мекунем.

Экстремизми дунявӣ дар Тоҷикистон ба таври кушод ба мушоҳида намерасад ва муқобилонаш бо чунин унвон онҳоеро "гунаҳкор" мекунанд, ки андешаашон фарқ мекунад. Аз ин дидгоҳ, муҳим аст, ки суботу оромии ақидатӣ дар Тоҷикистон ҳифз ва ин раванд бояд аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ танзим шавад.

3. **Экстремизм ҳамчун натиҷаи осебпазирии адолати иҷтимоӣ.** Масъалаи "адолати иҷтимоӣ" дар ривоятсозии гурӯҳҳои экстремистӣ ва ҷалби пайравон ба сафи худ ба таври васеъ истифода мешавад. Ин омил яке аз ривоятҳои паҳнгашта дар роҳбурди таблиғотии гурӯҳҳои экстремистӣ буда, дар саросари ҷаҳон, вобаста ба чорчӯбаи ҷомеаҳо корбурд дорад. Гурӯҳҳои экстремистӣ адолати иҷтимоиро бештар ба ду унсури зерин пайваст мекунанд:

- зери фишору табъиз қарор доштани мусалмонон дар кишварҳои мусалмоннишин ва дар давлатҳое, ки ақалияти мазҳабиро ташкил медиҳанд;

- вазъи ваҳим ё осебпазири иқтисодиву иҷтимоӣ мусалмонон дар кишварҳои мусалмоннишин ва дар давлатҳое, ки ақалияти мазҳабиро ташкил медиҳанд.

Ҳамчун роҳи наҷот онҳо шомилгардидан ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ ва зистан дар "ҷомеаи ормонӣ"-ро пешкаш мекунанд. Азбаски бештари мардуми Тоҷикистон мусалмон ҳастанд, дар ривоятсозии гурӯҳҳои экстремистӣ ҳарду модел истифода мешуд.

Омили кишварҳое, ки дар онҳо мусалмонон ақалияти мазҳабиро ташкил медиҳанд, бештар бар муқобили Русия ва Чин корбурд мешавад. Дар ин самт саволе ба вуҷуд меояд, ки барои чӣ таблиғоти экстремистӣ ҳамчун абзори мубориза ва рақобатҳои геополитикӣ истифода мешавад?

Маъмултарин ривоятҳое, ки гурӯҳҳои экстремистӣ дар шароити Тоҷикистон истифода мекарданд, ин аз боло рафтани нархи орду сабзию пиёз, то пардохти маблағи шартнома дар донишгоҳҳо буд. Яъне, моҳиятан масъалае, ки ба адолати иҷтимоӣ рабт надошт, барои самтдиҳии неруи эътирозӣ дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мешуд. Аз ин рӯ, як самти муҳими пешгирии экстремизм ин бесилоҳсозии гурӯҳҳои ғайриқонунӣ дар тафсири адолати иҷтимоӣ ва осебпазир будани он аст. Боз ҳам ҷоннок кардани муқовимат бо фасод ва фасодкорӣ ба судовар мебошад.

Тавре маълум аст, солҳои охир дар кишвар шароити фаровон барои ҷавонон офарида шудааст, ки шиносоии шоистаи онҳо зарур мебошад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" имконоти фаровони иҷтимоиву иқтисодӣ барои ҷавонон пешбинӣ шудааст, ки онҳо бояд ба таври оммафаҳм ба ҷавонон расонида шаванд. Ин қонун пуштибонии иҷтимоиву иқтисодии ҷавононро дар сатҳи баланд шиносоӣ кардааст, вале бештари ҷавонон огоҳ нестанд; рушди соҳибкории ҷавонон: чандин барнома аз

ҷониби мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилаливу ҷамъиятӣ дар ҳоли татбиқ қарор доранд; барномаҳо ва бурсияҳо барои таҳсил дар хориҷи кишвар; ва ғайраро метавон зикр кард.

4. Экстремизм ҳамчун натиҷаи осебпазирии фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки шаҳрвандон, ба вижа ҷавонон барои боло бурдани донишҳои сиёсию ҳуқуқӣ эҳтиёҷи амиқ доранд. Ин иқдом бояд бо механизмҳои муосир ба таври муназзам роҳандозӣ шавад. Рӯй овардан ба экстремизмро ҳамчун натиҷаи надонистани ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандӣ тафсир кардан мумкин аст. Чун мафкураи экстремистӣ инкори қонун ва асосҳои рушди қонунмеҳварии ҷомеа буда, ҷавононро аз гардиши васеи ҷомеа берун месозад.

Гурӯҳҳои экстремистӣ аз осебпазирии сатҳи фарҳанги сиёсию ҳуқуқӣ ва озодихоҳии авомонаи мардум васеъ истифода карда, ба тарафи худ ҷалб месозанд. Аз ин рӯ, корбурди тавонмандиҳои мардум, ба вижа ҷавонон тариқи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим мебошад. Дар ин росто, густариши сармояи дунявӣ муҳим аст, чун як рукни он таҳаммули андеша ба шумор меравад. Азбаски мафкураи экстремистӣ ҳамчун “маҳсули зеҳнӣ” падидор мешавад, шаклдиҳии масунияти табиӣ, тариқи густариши андешаи интиқодӣ ва саводи расонаӣ судовар аст.

5. **Экстремизм ҳамчун абзори қудратҳои манфиатдор.** Таҷрибаи кишварҳои буҳронӣ нишон медиҳад, ки руҳияи тундгарой ва экстремизм ба унвони абзори кишварҳои манфиатдор истифода мешавад. Чунин қудратҳо хостори онанд, ки бо густариши ҷаҳонбинии экстремистӣ ҳадафҳои сиёсӣ, идеологӣ ва тамаддунии худро пиёда созанд. Бештари гурӯҳҳои экстремистию террористӣ бо ширкати фаъоли сиёсатофарони кишварҳои абарқудрату минтақай ва бо маблағгузории онҳо пайдо шудаанд. Ин ҷо пайдоиш ва густариши созмону ҳаракатҳои экстремистию террористӣ дар Афғонистон, Ироқу Сурия намунаи равшани нуктаи боло аст. Аз ин дидгоҳ, як рукни муҳими пешги-

рии руҳияи тундгароӣ ва экстремизм дар кишвар – густариши андешаи кишвардорӣ ба шумор меравад. То шаҳрвандон имрӯз ва ояндаи худро, новобаста аз ҷойи зист бо тақдири Тоҷикистон ҳамсон донанд. Истиқлол, соҳибихтиёрӣ, якпорчагӣ ва давлатдории миллӣ арзиши зиндаи шаҳрвандӣ бошад, хамирмояи ғояи миллиро ташкил диҳад.

Панҷ тафсири боло як дидгоҳи мухтасар ба нуктаҳои зикршуда буда, баррасии бештарро талаб мекунад. Чунки барои шинохти экстремизм дар кишвар нақш дошта, ба таъмини суботу амният таъсири мустақим мерасонад.

Самти 2. Гуфтумонҳо перомуни омилҳои асосии рӯй овардан ба экстремизм

Мушкилоти экстремизм мисли падидаҳои дигар бинобар матраҳгардии бештар вижагии “асотирӣ”-ю “воқеӣ”-ро касб кардааст. Аз ин рӯ, ҷудо кардани “мӯй аз хамир” кори мушкил гардида, шинохт ва кори маърифатиро то ҷойе ба бунбаст дучор месозад. Перомуни экстремизм ва терроризм, ба вижа унсурҳои такондиҳанда ва мусоидаткунандаи он, сабабу омилҳои рӯй овардани мардум ба ин падидаҳо - дар фазои иттилоотӣ гуфтумонҳои муайяне офарида шудаанд.

Муаллифони матлабҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то унсури умумии рӯй овардани мардум ба созмонҳои экстремистиро муайян кунанд. Таҷрибаи пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки ҳар ҳолати рафтан ба сафи гурӯҳҳои ифротӣ унсурҳои хос дошта, омилҳои дар фазои расонаӣ матраҳ дар баъзе намунаҳо ба назар намерасанд. Барои ҳамин, баррасии алоҳидаи ҳар як омили матраҳ барои шинохти бештару беҳтари масъала метавонад мусоидат мекунад.

Якум, **омили ҷойи кор ва сатҳи пасти зиндагӣ – ё омили иқтисодию иҷтимоӣ.** Бештари пажуҳишгарон ба ин нукта розӣ ҳастанд, ки падидоргардии экстремизм вижагии ҷаҳонӣ дошта, дар кишварҳои рушдашон гуногун дида мешавад. Агар мисол ва шароити Осиёи

Марказиро баррасӣ кунем, пас маълум мешавад, ки сатҳи рушди иқтисодии онҳо гуногун аст ва ҳамчунин, имконоти ҳукуматҳо барои офаридани шароити мувофиқи иҷтисодию иҷтимоӣ ва расонадинаи ёрӣ ба мардум аз ҳам фарқ мекунанд. Дар бештари гузоришҳои таҳлилии дастраси созмонҳои байналмилалӣ ва дигар гурӯҳҳои пажуҳишӣ, ки ба масъалаи тундравӣ дар Тоҷикистон ихтисос ёфтаанд, омили иқтисодию иҷтимоӣ барҷаста карда шудаанд. Аз ин мантиқ саволе ба миён меояд, ки оё баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ - нӯшдору (panacea) ё позаҳр аз ифротишавӣ аст? Албатта не, чунки рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба силсилаи омилҳои дигар вобаста мебошад. Аз ин рӯ, бо масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ як намудани рӯй овардан ба экстремизм то ҷойе “нотавонӣ”-ро шакл медиҳад, ки гӯё ҳамаи чораҳои дигар бинобар осебпазирии вазъи зиндагӣ камтаъсир ҳастанд. Ин ҳолат дар пешгирии экстремизм афсурдагиро дар сатҳи андеша шакл медиҳад, мисли бунбаст менамояд ва ҳамаи чораҳои дигарро камранг мекунад.

Ҳадаф аз ин тафсир на сарфи назар кардани омили иқтисодию иҷтимоӣ балки нақди ҳамин гуфтумон аст. Чун то кадом андоза мо вақте онро корбурд дорем, пешомаду паёмадашро равшан тасаввур мекунем. Ин нукта аз он сабаб зикр шуд, ки тибқи пажуҳишҳо дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон касоне ба гурӯҳҳои экстремистӣ шомил шуданд, ки ҳам ҷойи кор ва ҳам зиндагии осудаву шоиста доштанд. Ин намуна дар бештари шаҳру ноҳияҳо ба назар расида, сарфи назар кардани онҳо низ ба мақсад мувофиқ нест. Бинобар ин, омили иқтисодию иҷтимоӣ: ҷойи кор надоштан ва сатҳи пасти зиндагӣ шояд дар мисолҳои алоҳида ба назар расад, вале ҳаргиз унсури фарогир набуду нест.

Дуюм, омили маърифатӣ динӣ (паст будани саводи динӣ). Ба унвони нӯшдору аз андешаҳои экстремистӣ омили маърифати динӣ ва зарурати боло бурдани он зикр мешавад. Ин гуфтумон аз матраҳтарин нуктаҳо дар фазои расонай, ҷаласаҳои маърифатӣ ва суҳбатҳои

ихтисосии коршиносону рӯҳониён мебошад. Ҳамеша таъкид бар он мегардад, ки агар таълимоти дурусти динӣ (вожаи “таълимоти дурусти динӣ” низ равшан нест, ки зери он чӣ дар назар аст) ба мардум пешкаш шавад, пас гаравиш ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ коҳиш меёбад. Ё камбуди саводи динӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии ифротишавӣ матраҳ мешавад.

Дар ин самт низ, пажуҳишҳо дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки касони дорои саводи кофии динӣ ё аз хонаводаи рӯҳониён ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ шомил шуданд. Ин мисолҳо таноқузеро миёни воқеият ва гуфтумони таъсири омили саводи динӣ ба вуҷуд меорад. Аз натиҷаи пажуҳишҳо маълум мешавад, ки касоне ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ пайвастшуда бо ва бе саводи динӣ буданд. Пас саволи бепосух ин аст, ки оё боло бурдани саводи динӣ - нӯшдору аз андешаҳои ифротӣ ҳаст?

Дар мисоли Тоҷикистон мо намунаҳои гуногуни ифротишавиро дар пайванд бо саводи динӣ дорем: 1) касони дар хонаводаҳои рӯҳониён ба камол расида ва аз хурдӣ саводи диниро фаро гирифта; 2) касони таҷрибаи донишомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии диниро дошта ва дорои саводи касбии динӣ буда; 3) касони дар муҳити дигари фарҳангию арзишӣ ба воя расида ё шакл гирифта (дар хориҷи кишвар); 4) касони аслан таваҷҷуҳе ба дин ва амалияи он надошта; 5) касони баробар ба падидаи “неофит”ҳо; ва ғайра.

Тавре дар боло ишора шуд, ҳадаф аз ин тафсир камранг ё барҷаста кардани омили маърифати динӣ дар рӯй овардан ё пешгирии экстремизм нест, балки нақди вазъ аст, то паҳлуҳои гуногуни масъала шинохта шавад. Азбаски дар Тоҷикистон экстремизм бештар вижагии мазҳабӣ дорад ё бо омезиши унсурҳои сиёсӣ ба мушоҳида мерасад, барои даркаш низ номуайяниҳо дида мешаванд. Аслан омили маърифати диниро ҳамчун роҳҳали асосӣ матраҳ кардан ба мақсад мувофиқ нест, чун мисолҳои боло собит месозанд, ки масъала аз будааш мураккабу гуногунпаҳлӯ мебошад. Чунки дар намунаҳои

алоҳидаи ифротишавӣ ҳам будан ва набудани маърифати динӣ дида мешавад. Нуктаи дигар: агар омили таблиғоти динию мазҳабиро дар пасманзари амалкарди қудратҳои ҷаҳонию минтақаӣ баррасӣ кунем, даричаи дигар пайдо мешавад. Чунки қудратҳои гуногун (кишварҳои мусалмоннишин ва ғайри он) омили динию мазҳабиро барои расидан ба ҳадафҳои геостратегии худ истифода ва роҳандозӣ мекунанд. Дар ин гуна тафсир хавфу таҳдидҳои калон барои суботу амният ва ояндаи давлатдорӣ пайдо мешавад. Арзёбии ҳамаи паҳлуҳои масъала шояд барои дарки васеи он мусоидат кунад.

Сеюм, омили маҳдуд будани ҷаҳонбинӣ ё сатҳи пасти маърифат: саводу дониш. Гуфтумони матраҳи дигар ин ба сатҳи саводу дониш рабт додани ифротишавӣ аст. Бештари касонеро, ки ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ пайвастанд, дар матлабҳои расонаҳо ва ҳамоишҳои маърифатӣ ҳамчун инсонҳои ҷаҳонбинии ашон маҳдуд ва камсавод ҷилва медиҳанд. Барои дурустии ин нукта далелҳои бисёр овардан мумкин аст. Чун касоне, ки дар даврои аввали падидоршавии “Давлати исломӣ” ба сафаш пайвастанд, саводу ҷаҳонбинии васеъ надошанд.

Ҳамчунин, касоне низ ҳастанд, ки саводи муосир ва ҷаҳонбинии васеъ доштанд. Ин таноқуз бо гуфтумони матраҳ – шинохти вазъро мушкил мекунад. Чунки агар як кас бо ҷаҳонбинии васеъ ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ шомил гардад, тарҳсозии симои умумии чунин шахсонро мушкил мегардонад. Ҳамчунин, шеваи фаъолияти таблиғотӣ, муҳтавои матлабҳои матнӣ, савтӣ ва видеоӣ, равишҳои равоншиносии ҷалбкунӣ ва ғайра собит мекунанд, ки амалкардҳо дар сатҳи лозима роҳандозӣ мешаванд. Аз ин дидгоҳ, шояд фарқеро миёни таблиғгар ва каси ҳадафи таблиғ қароргиранда бояд гузошт, ки баҳси дигарро ба вуҷуд меорад. Сарфи назар аз ин нуктаназарҳои илмию таҳлилӣ, пажуҳишҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар нишон медиҳанд, ки касони дорои ҷаҳонбинӣ ва саводу донишҳои муосир низ ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ пайвастанд. Омӯзиши

ангезаи ба чунин кор даст задани ин шахсон бисёр муҳим аст, чун онҳо тавонмандиҳои фикрию физикии худро на ба суди пешрафти Ватан, балки барои ба вуҷуд овардани хавфу таҳдидҳои нав сарф мекунанд. Дар натиҷа, ақлҳои миллӣ барабас нобуд гардида, ба абзори гурӯҳҳои экстремистӣ (бозиҳои геополитикӣ) табдил меёбанд.

Чорум, омили ҷомеапазирӣ барои ҷавонон. Гуфтумони дигар камбуд ё осебпазирии ҷомеапазирӣ (socialization)-и ҷавонон мебошад. Ин мушкилот дар воқеъ ҷой дорад, чун бархе аз ҷавонон бинобар сабабу омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ имкони пурра амалӣ сохтани тавонмандиҳои худро надоранд. Тавре аз мантиқи навиштаи боло бармеояд, касони муайяни дорои имконот ва шароити мусоид барои худсозӣ (Self-realization) дошта, ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ пайвастанд. Ин омили ба омили сеюм пайванди мустақим дорад ва саволҳоро ба вуҷуд меорад. Чунки дар марҳилаи пайвастан ба сафи созмонҳои экстремистӣ – дар зиндагӣ дастоварде доштанд (дорои “боигарӣ ё ҷойгоҳ”-е буданд) ва рафтан ба сафи созмони мамнуъ ба ҳамаи он хати бутлон кашид. Омӯзиши ангезаи шомилшавии чунинҳо мавзуи муҳим аст, зеро асоси он барои ҳифзи “муҳаррикҳои пешравӣ” (Development Drivers)-и ҷомеа чораҳои амалиро таҳия ва рӯйи даст гирифтан мумкин аст.

Панҷум, омили муҳити атроф ва зиндагӣ дар шароити “сангин”. Гуфтумони дигари матраҳ ин ифротишавии касоне, ки муҳити атрофи носолим ва шароити “сангин” доштанд. Ин бо омили якум (иқтисодию иҷтимоӣ) умумият дорад, вале боз ҳам пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки касони муайяни дорои зиндагии осуда, бороҳат, муҳити атрофи солим ва аз қишри синфи миёна ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ шомил шуданд. Ё ба ибораи дигар, дар зиндагӣ эҳтиёҷи иқтисодию иҷтимоӣ надоштанд, чун бештари неъматҳои дунё барояшон дастрас буд ва дар муҳити солиму осоишта ба воя расида, ҷойи кор низ доштанд. Ин масъала вазифаҳоро дар назди пажуҳгарон мегузорад, ки барои чӣ чунин мешавад ва чӣ

бояд кард. Дарёфти посух ба ин савол барои рушди солими ҷомеа муҳим аст.

Шашум, омили оилаҳои носолим ва осебпазир. Вожаи маъмул, ки дар баробари ифротишавӣ истифода мешавад, "осебпазирӣ" аст. Бештар вақт осебпазириро ба онҳое истифода мекунанд, ки хонаводаи носолим доранд ва ё бо буҳрони оилавӣ рӯ ба рӯанд. Ё касеро осебпазир қаламдод мекунанд, ки яке аз наздиконаш ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ пайваста аст ё ба ҷинояти дигаре даст даст зада аст. Пажуҳишҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар нишон медиҳанд, ки аз хонаводаҳои зиёиёни илмию техникӣ, эҷодкорон, омӯзгорон, пизишкҳо, соҳибкорон, ходимони давлатӣ ва ғайра ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ шомил шуданд. Ин хонаводаҳо ҳаргиз осебпазир ва носолим пазируфта намешаванд, чун гули сари сабади ҷомеа ҳастанд.

Аз ин дидгоҳ, овардани тафсири вожаи "осебпазир" ба таблиғоти экстремистӣ ва пайвастан ба сафи чунин созмонҳо мувофиқи мақсад аст. Инҷо дар мавзуи "осебпазирӣ" – баррасии омилҳои сохтории рӯй овардан ба экстремизм дар шароити ҷалбсозӣ муҳим мебошад. Ҷалбсозӣ ба сафи созмонҳои экстремистӣ бо се равиш сурат мегирад:

Якум, "ҷалбсозӣ бидуни ба назар гирифтани гурӯҳи мақсаднок: аз рӯйи модели "тӯри моҳидорӣ". Касони дорои таҷрибаи моҳидорӣ бо тӯр медонанд, ки дар дохили он моҳии аз "чашми тӯр" бузургтар боқӣ мемонад. Яъне, чунин намуди таблиғоти экстремистӣ ба доираи васеи мардум нигаронида шуда, гурӯҳи мақсаднок надорад. Ҳамон кас(он)-е, ки ба ривоятҳои ҷалбсозӣ аксуламал нишон медиҳанд, коркарду мағзшӯйӣ мешаванд.

Дуюм, "ҷалбсозӣ бо ба назар гирифтани гурӯҳи мақсаднок: аз рӯйи модели "шасти моҳидорӣ". Моҳидорӣ бо шаст вижагиҳо дорад. Масалан, барои доштани лаққамоҳӣ (сом) – моҳичаҳо ё ҷонварҳои дигар; зағорамоҳӣ (сазан) – донаи ҷуворимакка ё нонреза; мормоҳӣ – моҳичаҳо ё қурбоқа истифода мешавад. Яъне, барои ҳар моҳӣ дар чангак ғизои хос гузошта мешавад. Ҳамин тартиб,

дар таблиғоти экстремистӣ барои ҷалбсозии гурӯҳҳои мушаххас ривоятҳои хос офарида мешавад. Чунин ҷалбсозӣ барои ба дом афтондани мардуми касбу кор ё синну солашон мушаххас, яъне пизишкон, рӯҳониён, муҳоҷирон, барномасозон, ходимони давлатӣ (қудратӣ ва шаҳрвандӣ) ва ғайра роҳандозӣ мешавад.

Сеюм, "ҷалбсозии ҳадафмандона: аз рӯйи модели "туфанги нишонзанӣ (снайперӣ)". Вижагии мерган дар он аст, ки вай як "қурбонӣ"-ро ба нишон мегирад ва ӯро шикор мекунад. Ҳамин тартиб, ҳадафи ҷалбсозон як кас аст, ки ҷазби ӯ баҳраи бештар дорад. Таблиғгару ҷалбкунанда тамоми корро ба он равона мекунанд, ки ӯро ба доми худ афтонанд.

Аз баррасии се равиши ҷалбсозӣ маълум мешавад, ки ягон қишр дар ҷомеа ба таври комил масуният ба таблиғоти экстремистӣ надоранд ва ҳама осебпазиранд. Бинобар ин, ба тамоми гурӯҳу сатҳи ҷомеа нигаронидани чораҳои пешгирикунанда ба манфиат ҷавобгӯ аст.

Ҳафтум, омили инсонҳои ноком. Гуфтумони матраҳи дигар ин ҷилва додани касони ба сафи созмонҳои экстремистӣ пайваста – ҳамчун инсонҳои ноком (канорарав) мебошад. Боз ҳам, пажуҳишҳо дар қаламрави кишвар нишон медиҳанд, ки касони муайяни то андозае муваффақ ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ шомил шуданд. Онҳо дар зиндагӣ муваффақ буданд, дар донишгоҳ таҳсил кардаанд, обрӯю эътибор доштанд, падари хонадон ва фарзандонро тарбия мекарданд, кору тиҷорати худро доштанд, хидматгузори падару модар ва фарзанди баруманди онҳо буданд ва ғайра. Ноком ном бурдани онҳо аз рӯйи параметрҳои гуногун мувофиқат намекунад. Ба эҳтимоли қавӣ омили ҳафтум ба бештари гуфтумонҳои матраҳи боло пайванд дорад.

Перомуни омилҳои асосӣ боз силсилаи мисолҳои дигарро овардан мумкин аст, ки баррасиро ба дарозо мекашад. Аз рӯйи натиҷаи пажуҳишҳо ва арзёбии муҳтавои расонаӣ чунин омилҳоро метавон зикр кард: рӯй овардан ба экстремизм: падидаи эътирози ошкоро (i) ва пӯшида (ii); зуд сарватманд шудан (iii); барои ҷанговар

шудан ва эҳсоси “қаҳрамонӣ” (iv); дар пайи зудбоварӣ, содалавҳӣ, ҳавасҳои ҷавонӣ (v) ва ғайра.

Баъди хондани матн дар бораи ҳафт омил ва гуфтумони матраҳ дар андешаи хонандаи гиромӣ шояд саволе пайдо шавад, ки пас омили умумӣ кадом аст? То ҷойе як омили кулл ва фарогире вуҷуд надорад.

Агар қобили қабул бошад, пас танҳо **буҳрони ҳувият**ро ҳамчун унсури умумӣ пазируфтан мумкин аст. Зеро: 1) ҳар як кейс (намунаи рӯ ба идеологияи экстремистӣ овардан) вижагии худро дорад ва унсури муҳимтаринаш мағзшӯй шудан аст; 2) омил ва гуфтумонҳои матраҳи дар боло зикршуда дар мисолҳои алоҳида ҳамчун сабабу омили асосӣ ба назар мерасанд; 3) мағзшӯй дар шароити хос ба амал меояд ва бештари инсонҳо новобаста аз сатҳи саводу маърифат, имконоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҷойгоҳ дар ҷомеа ва хостгоҳи иҷтимоӣ ба экстремист шудан осебпазир ҳастанд.

Пас, хулоса метавон кард, ки рӯй овардан ба экстремизм дар шароити буҳрони ҳувиятӣ ба амал омада, пеш аз ҳама ҷаҳонбинӣ, низоми арзишҳо ва рафторро тағйир медиҳад. Дар натиҷа инсон маҷмуӣ арзиш, бовар, суннатҳои аввалия ва нишондоди қудсии худро инкор карда, ба “ҳувияти нав”-аш садоқати хешро нишон додан мехоҳад. Дар ин роҳ омода аст ба ҳар амал даст занад ва ҳама дастоварди пешини худро қурбон кунад.

Ин матн вуруде ба арзёбии омилҳо ва гуфтумони матраҳ мебошад ва фарогири тамоми паҳлуҳои он нест. Баррасӣ нишон медиҳад, ки экстремизм мушкилоти маҷмӯй буда, рӯйи даст гирифтани силсилаи чораҳои ҳамчунинро талаб мекунад. Бо назардошти ин вижагии бояд аз дидгоҳҳои гуногун арзёбӣ ва баҳсу баррасӣ шавад. Ин мавзуъ арзандаи пажуҳиши фарогир аст, чун барои шинохти вижагиҳои экстремизм дар шароити Тоҷикистон ва пешгирии он мусоидат мекунад.

Самти 3. Арзёбии омилҳои ованда ба экстремизм

Пажуҳишгарони соҳа омилҳои ованда ба экстремизмро дар шаклу сатҳҳои гуногун баррасӣ

мекунанд. Масалан, олимон Ҷеймс Халил (James Khalil) ва Мартин Сойтен (Martine Zeuthen) дар асоси омӯзиши мисолҳо аз Африқо, Осиё ва Ховари Миёна, ба вижа дар натиҷаи арзёбии таҷрибаи созмони "Аш-Шабоб" назарияи худро перомуни "ҷалбкунӣ-берункунӣ" таҳия карданд. Ҷеймс Халил ва Мартин Сойтен сабабҳои экстремизмро ба се гурӯҳ: сохторҳои ангезаофар, сабабҳои инфиродӣ ва омилҳои мусоидаткунанда ҷудо карданд[1]. Аз рӯйи таърифи онҳо вожаҳои калидии ованда ба экстремизм чунин таъриф мешаванд:

Сохторҳои ангезаофар. Ҷеймс Халил ва Мартин Сойтен мушкилоти сохторӣ ва омилҳои ангезаофарро алоҳида баррасӣ мекунанд. Масалан, имконоти маҳдуди иқтисодӣ, низоҳои ҷорӣ ё таърихӣ миёни гурӯҳҳои гуногун ё табъиз ба андешаи онҳо заминаи қавиро барои падидор шудани дидгоҳи экстремизми хушунатомезро ба вуҷуд меоранд. Ҳамчун натиҷа хушунат воситаи ҳалли **мушкилоти сохторӣ** мегардад. Ба номгӯйи унсурҳои **ангезаофар** – фасод, бекорӣ, нобаробарӣ, табъиз, набудани дастрасӣ ба маориф, таърихи муносибати бохусумат миёни баъзе қишрҳои муайяни мардум ва дахолати кишварҳои беруна ба корҳои дохилии кишварҳо пазируфта мешаванд[2].

Сабабҳои инфиродӣ. Ба андешаи Ҷеймс Халил ва Мартин Сойтен сабабҳои инфиродӣ бинобар ин шароит падидор мешаванд: эҳсоси мансубият ба гурӯҳ; эътироф гардидан; мақоми худро пайдо кардан; расидан ба ҳадаф (аз рӯйи идеологияи дурӯғин ташаккул меёбанд); таваҷҷуҳ ба саргузашти ҷолиб; ба даст овардани фоидаи молиявӣ; тарс аз таъқиби созмонҳои экстремистии хушунатомез; ба даст овардани мукофоти ваъдашуда дар он дунё (дар охират)[3].

[1] Муфассал ниг.: Учебная программа для молодежных лидеров «Лидеры против нетерпимости и насильственного экстремизма». - Вена: ОБСЕ, 2020. -С.120-121.

[2] Ниг.: Ҳамон асар. -С.120.

[3] Ниг.: Учебная программа для молодежных лидеров. -С.170-171.

Омилҳои мусоидаткунанда. Ба андешаи Ҷеймс Халил ва Мартин Сойтен ин омилҳо ба падидор шудани экстремизми хушунатомез мусоидат мекунанд, вале амалишавии онро ангеза намедиҳанд. Ба ҳайси омилҳои мусоидаткунанда ҳузури мураббиёни тундгаро (аз ҷумлаи пешсафони динӣ ва дигарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ); дастрасӣ ба ҷомеаҳои онлайни тундгароӣ; шабакаҳои иҷтимоии марбут ба гурӯҳҳои экстремизми хушунатомез; дастрасӣ ба аслиҳа ё дигар чизҳои дахлдорро номбар мекунанд[1].

Муаллифи "Муқовимат бо ифротгароии хушунатомез: Роҳнамои муқаддамотӣ барои консепсияҳо, таҳияи барномаҳо ва таҷрибаҳои беҳтарин" Даллин Ван Лёвен, ки дастури худро мутобиқ ба шароити Осиёи Марказӣ таҳия кардааст, омилҳои ба экстремизм оварандаро бо назардошти чор паҳлӯ: омилҳои такондиҳанда (i), пӯёӣ (динамика)-и гурӯҳӣ ва равобити байниҳамдигарӣ (ii), омилҳои ҷалбкунанда (iii) ва сарчашмаҳои устуворӣ (iv) баррасӣ мекунад[2]. Дар зер тафсири мухтасари ҳар яки онро меорем.

Омилҳои такондиҳанда (Push Factors). Ба андешаи Даллин Ван Лёвен ин омил чунин тасниф дорад: ҳама гуна фурсат, ки боиси пайдошавии нобоварӣ мешавад; ҳар ҳолате, ки ба канорарав (ҳошиявӣ) шудан сабаб мегардад ё боиси пайдоиши эҳсоси ноумедӣ ва набудани имконот мегардад. Дар натиҷа инсонҳоро водор месозад, то роҳҳои ислоҳи вазъро ҷустуҷӯ кунанд. Яке аз роҳҳалҳоро дар пайвастан ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ мебинанд. Даллин Ван Лёвен зикр мекунад, ки бештар "омилҳои такондиҳанда"-ро ҳамчун омили "калидӣ" ё "сохторӣ"-и экстремизми хушунатомез тасниф мекунанд, вале дарки онҳо ба ҳайси ба вуҷуд овардардаи бениёзӣ аз эҳтиёҷот беҳтар аст.

---

[1] Ниг.: Учебная программа для молодежных лидеров. -С.121.

[2] Муфассал ниг.: Противодействие насильственному экстремизму: Вводное руководство по концепциям, разработке программ и передовой практике (Текст подготовил: Даллин Ван Лёвен). – SFCG, 2019. -С.35.

Пӯёии гурӯҳӣ ва равобити байниҳамдигарӣ. Аз дидгоҳи Даллин Ван Лёвен силсилаи ин омилҳо ба мушкилоти мавҷуд, ба муҳит ва ба ҷомеа тавре таъсир мерасонанд, ки шахсони алоҳида ё тамоми ҷомеа ба ғояҳои экстремизми хушунатомез осебпазирии бештар пайдо мекунанд. Ин унсурҳоро ҳамчунин "омилҳои ангезаофар" ном мебаранд ва се паҳлӯ дорад:

1) чӣ гуна масъалаҳои муҳим (аз ҷумла омилҳои такондиҳандаи муайяншуда) ҳаллу фасл мешаванд?
2) гурӯҳҳо худашон ва дигар гурӯҳҳои фарқкунандаро чӣ гуна тасвир мекунанд?
3) оё миёни гурӯҳҳои қавмӣ ё ҳукумат ва шаҳрвандон ихтилоф ва нобоварӣ ҳаст?

Ҳамчунин, ин омилҳо низоми дидгоҳҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва диниро дар бар мегиранд, ки ба дарки маҳаллии саволҳои боло метавонад таъсир расонад, ба пуштибонии экстремизми хушунатомез дар ҷомеа мусоидат кунад ё муҳити созгорро барои роҳандозӣ шудани чунин амалҳо эҷод кунанд.

Омилҳои ҷалбкунанда (Pull Factors). Ба андешаи Даллин Ван Лёвен ин омилҳо барои даъватшавандагони эҳтимолӣ ҷолибанд ё онҳоро барои шомилшавӣ ба созмонҳои тундгаро бар асоси эҳсоси хешутаборӣ, қаҳрамонӣ, саргузаштҷӯйӣ, ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ё худсозӣ водор месозанд (номи дигараш "омилҳои инфиродӣ" аст). Дар шароити изҳор шудани ҳалли мушкилоти мавҷуд (дар боло ҳамчун омилҳои такондиҳанда тасниф шуд) ин омилҳо ҳамчун ҳадафи гурӯҳҳои экстремистӣ самаранокии бештар пайдо мекунанд. Яъне ба ҷалби мардум ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ боис мегарданд.

Сарчашмаҳои устуворӣ. Аз дидгоҳи Даллин Ван Лёвен омилҳое низ мавҷуданд, ки ба гурӯҳҳои экстремистӣ имкони ҷалби доираи васеи мардумро ба сафи худ намедиҳанд ва онҳоро ба ҳайси "омилҳои муҳофизатӣ" тавсиф мекунад. Инҳо намунаҳои равобити солиманд, ки устувориро ба ақидаҳои экстремистӣ тақвият медиҳад: равоби-

ти мустақим миёни ҳукумат ва шаҳрвандон; меъёрҳои фарҳангии тарғибкунандаи ҳамзистии сулҳомез ва роҳандозии муколама; воситаҳои сулҳомези баррасии шикоятҳо ё қонесозии ниёзҳо, ки эҳсоси хешовандӣ, падидоршавии қаҳрамонӣ, таъмини тафреҳ, ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ё худсозиро ба вуҷуд меоранд.

Мавзуи то куҷо ба шароити Тоҷикистон мувофиқ будани дидгоҳҳои Ҷеймс Халил, Мартин Сойтен ва Даллин Ван Лёвен дар бораи омилҳои ба экстремизм оваранда баҳси алоҳида мебошад. Чунки аз рӯйи ду рӯйкард метавон баҳогузорӣ кард: якум, тамоми кейсҳои ватаниро аз ҷаҳорчӯбаи модели онҳо баррасӣ ва воқеиятро ба назария мувофиқ сохтан; ё дуюм, воқеиятро ҳамчун унсури асл қарор додану ба нақди амалӣ гузаштан. Ба андешаи мо, намунаи дуюм беҳтар аст, чун вижагиҳои шинохти экстремизм дар Тоҷикистонро беҳтар ва хубтар тафсир мекунад. Барои чунин таҳлил иттилои аввалия дар бораи ҳолнома ва пайраҳаи касони ба созмонҳои мамнуъ рӯй оварда лозиманд.

Сарфи назар аз ин, кӯшиш мекунем, тафсири худро дар бораи омилҳои оваранда ба экстремизм дар шароити Тоҷикистон биёрем. Баррасии чунин намуди омилҳо: ҷалбкунанда (i), такондиҳанда (ii), инфиродӣ (iii) ва боздоранда (iv) дар шароити Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мебошад. Таҷрибаи пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки аз миёни ҳамаи чор омил мақоми вижаро бештар омили инфиродӣ дорад, зеро ҳам калиди ифротишавӣ ва ҳам ба вуҷуд оварандаи масуният ба ғояҳои экстремистӣ аст. Инак, омилҳои оваранда ба экстремизмро чунин тафсир мекунем. Даъвои фарогир буданро надорад ва ҳамчун андешаи пажуҳишгарони ватанӣ бояд пазируфта шавад:

Омили ҷалбкунанда. Маҷмуи шароит ё ҳолатҳое аст, ки унсури кулл мебошад ва дар шароити фаъол будани таблиғоти экстремистӣ падидор мешавад. Бо истифода аз ин омил ҷалбкунандагони созмонҳои экстремистӣ ва мураббиёни ғояҳои тундгарой ин касонро ба сафи созмони экстремистӣ ҷазб месозанд. Дар ҳолати

роҳандозии таблиғоти зиддиэкстремистӣ бояд ба назар гирифт, ки имкони бештари ҷалбкунӣ ба роҳи солимро дошта бошад. Таваҷҷуҳ ба ин паҳлӯ дар фаъолияти амалӣ зарур аст.

Омили тақондиҳанда. Бештар ба ҳайси ангезаи шахсӣ ё пайдо кардани майл ба сӯйи таблиғоти экстремистӣ баррасӣ гардида, инсонро барои ба ин роҳ рафтан тақон медиҳад. Дар бораи роҳандозии таблиғоти зиддиэкстремистӣ бошад, ин омилҳо (ҳамон шароит ё сабабе, ки ба ислоҳ шудан тақон медиҳанд) барои тағйир додани ҷаҳонбинӣ сабаб мешавад. Аз ин рӯ, пайдо кардани омилҳои тақондиҳанда барои ислоҳи ҷаҳонбинии тундрав ё имкон додан барои берун шудан аз чунин ҳолат ба мақсад мувофиқ мебошад.

Омили инфиродӣ. Таҷрибаи пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки ин омил ҳам дар ифротишавӣ ё ҳам соҳиб шудан ба масуният – нақши ҳалкунанда дорад. Яъне, ҳар инсоне, ки экстремист шуд, пеш аз ҳама худаш инро хост. Агар майли рафтан ба ин роҳро надошта бошад, пас омилу шароити гуногун наметавонанд таъсир расонанд. Дар ислоҳ ва ба ҳаёти осоишта баргаштани ифротиҳои пешин омили инфиродӣ нақши бузург дорад, чун агар хоҳиши воқеӣ пайдо шуд ё чунин хоҳиш ба вуҷуд оварда шуд, ҳатман ислоҳшавӣ сурат мегирад.

Тафсири омили боздоранда аз ифротишавӣ дар Тоҷикистон

Бахши зерин аз муҳимтарин паёмҳои китоб ба шумор меравад, чунки дар шароити Тоҷикистон муайян кардани омилҳои боздоранда барои пешгирии экстремизм метавонад хидмат кунад ва таҷрибаи ватании муқовимат бо ин падидаи номатлубро тақвият медиҳад. Ба андешаи мо, **омили боздоранда -** силсилаи шароиту ҳолате мебошад, ки ҳамчун “девори оҳанин” дар баробари ифротишавӣ хидмат мекунад. Яъне номгӯйи вобастагиҳо ё арзишҳое мебошанд, ки инсонро намегузорад рӯй ба андешаи экстремистӣ оварад.

Перомуни дарки ватании омили боздоранда ҳаминро зикр мекунем, ки моҳҳои июн-августи соли 2022 силсилаи омӯзишҳо бо сокинони вилоятҳои Хатлон ва Суғд дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ дар мавзуи “Пешсафон зиддӣ таҳаммулнопазирӣ ва экстремизми хушунатомез” аз сӯйи Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе баргузор гардид. Муаллифони китоб ба унвони устод ба ин ҳамоиш даъват шуда, силсилаи корҳои гурӯҳиро аз рӯйи равиши “андешаборон” (Brainstorming) бо иштирокдорони омӯзиш баргузор кардем. Синну сол, ҷинс, таҷриба, ҷаҳонбинӣ, хостгоҳи иҷтимоӣ ва ғайраи иштирокдорон гуногун буд. Онҳо дидгоҳҳои худро дар натиҷаи андешаборон таҳия ва шиносоӣ карданд.

Бо дарназардошти таҷрибаи пажуҳиши масъала ва бо истифода аз шиносоиҳои иштирокдорони омӯзишҳо чӣ гуна дарк шудани омили боздоранда аз ифротишавӣ дар Тоҷикистонро ба таваҷҷуҳи Шумо пешкаш мекунем (нуктаҳо бидуни авлавиятгузорӣ оварда шудаанд):

- дӯст доштани Ватан ва табиати он. Ватандӯстӣ эҳсоси бузурге аст, ки ҳар инсон новобаста аз таҷриба ва сатҳи савод онро дорад, чун аз овони хурдӣ шакл гирифта, ҷузъи муҳими ҷаҳонбинии ӯ мебошад. Аз ин дидгоҳ, таблиғ ва густариши касбии эҳсоси ватандӯстӣ миёни мардум муҳим мебошад.

- дӯст доштани волидайн ва зану фарзанди худ. Инсон дорои андешаи алтруистӣ аст ва ин пеш аз ҳама дар муҳаббати волидайн ба фарзанд ва фарзанд ба падару модар ва хоҳару бародар эҳсос мешавад. Аз ин дидгоҳ, бештари мардуми Тоҷикистон медонанд, ки падару модар, зану фарзанд ва хоҳару бародарони касони пайваста ба сафи созмонҳои экстремистӣ ба чӣ аҳвол гирифтор шуданд. Ҳолати равонии бештари онҳо вазнин буд ва ба дастагули бемориҳо дучор гардида, баъзеҳо дар пайи ин вафот ҳам карданд. Ҳамаи ин ҳолату таҷриба инсони боҳушу бедорро намегузорад ба сафи созмонҳои экстремистӣ шомил шавад ва наздиконашро бадбахт намояд.

- дӯст доштани худ ва риск накардан бо ҳаёти худ. Яке аз ғаризаҳои инсонӣ муҳаббат ба ҳаёт ва худхоҳӣ (бе тафсири мусбату манфӣ) мебошад. Бидуни баҳс ҳар як инсон пеш аз ҳама худашро дӯст медорад ва ҳаёташро дар хатар намегузорад. Бинобар ин, таблиғи дӯстдоштани ҳаёт, расидан ба комёбӣ ва ғайра бо роҳу воситаҳои гуногун аҳамияти вижа дорад.

- сатҳу дараҷаи лозимаи андешаи интиқодӣ. Ин нукта муҳим аст, чун дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври ошкор таблиғоти экстремистӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, агар инсон дорои андешаи интиқодӣ бошад, пас сӯистифода кардану гӯл заданаш аз ҷониби созмонҳои экстремистӣ то ҷойе ғайриимкон мешавад. Чунки инсон дорои ақл ва ирода мебошад. Агар дар инсон андешаи интиқодӣ аз диди донишҳои дунявию динӣ қавӣ бошад, барои ӯ масунияти табииро дар баробари ғояҳои тундгароӣ ба вуҷуд меорад.

- тарс қонун аз ҷазои мақомоти давлатӣ. Солҳои охир бархе аз сокинони кишвар аз шаҳру ноҳияҳои гуногун барои узвият дар сафи созмонҳои экстремистӣ ё ширкат дар муҳорибаҳои ҷангии кишварҳои дигар аз озодӣ маҳрум карда шуданд. Ин шароит боис гардид, ки тарс аз қонун дар шакли донистани ҳадду сатҳи амалу кирдори худ дар ҷомеа пайдо шавад. Тарс муҳимтарин омили боақл будани инсон аст ва намегузорад, ки дастзанӣ ба кирдори ношоиста ва ғайриқонунӣ сурат гирад. Аз ин рӯ, боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, ба вижа ҷавонон аз муҳим аст. Чун онҳо дарк кунанд, ки кадом оқибатҳоро қонунвайронкунӣ дар пай дорад. Дар ин самт, таъмини риояи ягонаи қонунҳо низ муҳим мебошад, чун ҷомеаро қонунмеҳвар мегардонад.

- доштани ҳадаф дар зиндагӣ. Пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки равшан донистани мақсади худ дар зиндагӣ инсонро ба пешрафт кардан такон медиҳад ва намегузорад ба омилҳои номатлуб даст занад. Аз ин рӯ, омӯзондани ҷавонон ба орзу кардан ва доштани ҳадаф дар зиндагӣ хеле муҳим аст. Чун онҳо ангезаи ҷиддии устувор будан ба ҳама гуна мушкилот ва роҳҳои паси

саркуниро дар худ шакл медиҳанд. Агар ба таври ниҳодина аз мактабҳо оғоз гардад, ба натиҷаҳои назаррас оварда расониданаш мумкин аст.

- кӯшиш барои расидан ба зиндагии шоиста. Зиндагии борифоҳ барои инсон паҳлуҳои моддию маънавӣ дорад. Аз ин рӯ, офаридани шароит барои хушбахт гардидани инсон бисёр муҳим аст. Инро метавон бо ду роҳ пиёда кард:

Якум, бо равиши рӯҳияи рӯй ба пешрафт овардан ва расидан ба зиндагии шоиста бо мисолу намунаҳои зинда дар ҷомеа. Дар ин самт, нависанда ва педогоги машҳури Шӯравӣ Антон Макаренко гуфта буд: “ба инсон хушбахт буданро омӯзонда намешавад, вале ӯро чунон метавон тарбия кард, ки хушбахт гардад”. Барои расонидани инсон ба зиндагии шоиста истифода аз андешаи файласуфи чиноӣ Конфутси низ муҳим мебошад: “агар ба инсон як бор ғизо додан хоҳед, ба ӯ моҳӣ диҳед, агар хоҳед, ки тамоми умр ғизо дошта бошад, пас моҳидориро омӯзонед”.

Дуюм, аз таҷрибаи гузашта, аз хатоҳои дигарон кор гирифтан ва қадр кардани он. Ҳанӯз устод Рӯдакӣ фармуда буданд:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,

Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Шайх Саъдӣ низ чунин ҳикоя меоранд: “Луқмони Ҳакимро гуфтаанд: -Адаб аз кӣ омухтӣ? Гуфт: -Аз беадабон, ҳар чӣ аз онҳо дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам”.

Имрӯз пандҳои бузургони худро бо механизмҳои зиндаю воқеӣ ва мувофиқ ба шароити кунунӣ бояд дарку корбурд кунем. Аз дидгоҳи антропологияи сиёсӣ маълум аст, ки фармудаҳои бузургони мо аз нигоҳи ҳикмат, равшанбаёнӣ ва жарфнои мазмунӣ аз стратегеммаҳои чиноӣ камӣ надоранд, вале мушкил ин аст, ки мо дар зиндагии воқеии худ аз онҳо истифода намекунем.

Ангезаи тафсири роҳи дуюм дар он буд, ки як кас аз иштирокдори омӯзиш, ки собиқаи муҳоҷирати корӣ доштааст, пешниҳод кард, то ба мардум паҳлуҳои манфӣ

ва иштибоҳу нокомиҳои ҳамватанонро бидуни табъиз шиносоӣ кунем, то аз он сабақ ва таҷриба гиранд. Ин нукта нав нест, вале истифодааш ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар умум, муҳимтарин омили таъсиргузор ба хушбахтию бадбахтии инсон худаш аст ва ҳаминро талқин кардан муҳим, ки “беҳунар ҳамеша баҳона меёбад”. Дарки ин нукта калиди муваффақӣ дар пешгирии ин падидаҳои номатлуб мебошад.

Бо вуҷуди фарогирии таблиғоти экстремистӣ – он ба доираи васеи мардум таъсир намерасонад ва онҳоро ифротӣ намекунад. Чун омилҳои бездоранда дар шаклу навъи гуногун даст ба коранд. Ҳамеша дар назар доштани ин нукта судовар мебошад.

Барои касони баргашта аз Сурияву Ироқ ва ифротиҳои пешин номгӯйи дигари омилҳои бездоранда дида мешаванд ва монеа ба ислоҳшавӣ мебошанд. Аз ин рӯ, пайдо кардани роҳ барои шикасти ин садд дар кори ислоҳсозӣ, офиятбахшӣ ва барқарорсозии баргаштаҳо низ хеле муҳим мебошад.

ФАСЛИ III. ЭКСТРЕМИЗМИ ОНЛАЙН ДАР ТОҶИКИСТОН

3.1. Гуфтумон ва равишшиносии шинохти экстремизми онлайн

Солҳои охир гурӯҳҳои ифротӣ ҳарчӣ бештар Интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун абзори асосии таблиғоти худ корбурд доранд. Ин раванд дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, бо вуҷуди баъзе вижагиҳои маҳаллӣ, тамоюли умумӣ пайдо кардааст: муроҷиат ба ҳувияти динӣ, истифода аз захмҳои иҷтимоӣ, таҳаммулнопазирӣ ва даъват ба хушунат аз унсурҳои асосии тарғиботи ифротгароён мебошанд.

Барои арзёбии васеи мавзуъ лозим ба назар мерасад, ки иттилои оморӣ перомуни корбарони интернет, аз он ҷумла шабакаҳои иҷтимоиро нахуст баррасӣ кунем. Моҳи апрели соли 2023 дар сомонаи "Азия-плюс" мақолаи "Тайи 5 соли охир дар Тоҷикистон сифати интернет чӣ гуна тағйир ёфт?"[1] нашр гардид:

Сол	Корбарони интернет (млн)	Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ (млн)	Корбарони Facebook (ҳаз.)	Корбарони Instagram (ҳаз.)	Корбарони Twitter (ҳаз.)
2019	3,01	440 ҳаз.	210	360	6,8
2020	2,42	660 ҳаз.	240	490	11,6
2021	3,36	1	400	820	11,2
2022	3,95	1,43	443,4	1040	17,4
2023	4,10	1,10	434,8	802,8	22,8

Моҳи июли соли 2022 Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон дошт, ки бошандагони кишвар ба 10 миллион расид. Ба гузориши ин ниҳод моҳи августи соли 2025 шумори мардум ба 10 миллиону 603,8

[1] Тайи 5 соли охир дар Тоҷикистон сифати интернет чӣ гуна тағйир ёфт?/ 04.04.2023. URL: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/20230404/taii-5-soli-ohir-dar-toikiston-sifati-internet-ch-guna-taiir-yoft

ҳазор расид[1] ва 5 миллион кас корбари интернет мебошанд. Аз ин бармеояд, ки қариб 50% мардуми Тоҷикистон аз интернет истифода мекунанд. Агар мувофиқи оморҳои Тоҷикистон 70% мардумро касони то 30 сола ташкил диҳанд, пас бештари наврасон, ҷавонон, миёнсолон ва калонсолон корбари интернет ҳастанд.

Соли 2022 корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ 1 миллиону 430 ҳазор буданд ва ин нишондод дар оғози соли 2023 ба 1 миллиону 100 ҳазор баробар будааст (дар навтарин матолиби нашршуда, шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар кишвар шумораи 1,1 миллион кас номбар мешавад). Маъмултарин шабакаи иҷтимоӣ миёни сокинони Тоҷикистон Instagram буда, дар соли 2022 корбараш 1 миллиону 40 ҳазор ва дар аввали соли 2023 аз он 802,8 ҳазор истифода мекунанд. Facebook аз Instagram беш аз як маротиба кам корбар доштааст: соли 2022 аз он 443,4 ҳазор истифода карда, дар оғози соли 2023 корбаронаш ба 434,8 ҳазор баробар шудааст. Корбарони Twitter ба таври қобили мулоҳиза аз Instagram ва Facebook кам мебошанд. Мутаассифона, чанде аз корбарони шабакаи иҷтимоии Одноклассники, видеохостинги YouTube ва паёмрасонҳои WhatsApp ва Telegram дар матлаби "Азия-плюс" оварда нашудаанд.

* * *

Гуфтумон (discourse)-и ифротгароёна дар фазои маҷозӣ маҷмӯи паёмҳои идеологӣ аст, ки тавассути ривоятҳои вижа тарғиб мешаванд. Ин ривоятҳо воқеиятро барои хонанда ё шунаванда фаҳмонда, ӯро ба хулоса ва амалҳои муайян раҳнамоӣ мекунанд. Дар гуфтугӯи илмӣ **шинохти экстремизми онлайн** ба маънои муайян кардани ҳамин гуна ривоятҳо ва паёму мазмунҳои хатарнок дар фазои иттилоотӣ буда, ба равишҳои таҳлилӣ ва методҳои вижаи шинохт ва таҳлил такя мекунад.

[1] Афзоиши шумораи аҳолӣ дар Тоҷикистон /21.08.2025. URL: https://www.stat.tj/afzoishi-shumorai-ahole-dar-tojikiston-2/

Таҳлили фазои иттилоотии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки замони оғози оммавии шабакаҳои иҷтимоӣ ба солҳои 2007-2008 рост меояд. Корбарони ватанӣ аз тариқи шабакаи иҷтимоии Одноклассники ба ин муҳит ворид шуданд. Он замон Одноклассники хеле маъруф буд ва як сабаби истифодаи васеи интернет дар Тоҷикистон маҳз истифода аз ин шабакаи иҷтимоӣ аст.

Бо таъсири ҳодисаҳои моҳҳои апрел ва июни соли 2010 дар Қирғизистон, инчунин, буҳрон дар кишварҳои Ховари Миёна ва Мағриби Арабӣ дар поёни соли 2010 ва аввалҳои соли 2011 – раванди сиёсӣ шудани бахши тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ оғоз гардид. Азбаски дар таҳаввулоти кишварҳои арабӣ шабакаҳои иҷтимоӣ нақши муассир доштанд ва расонаҳо дар ин бора бисёр менавиштанд, дар натиҷа Facebook барои корбарони тоҷикистонӣ муаррифӣ гардид. Вижагии ин падида дар он буд, ки дар муҳити Facebook миёни қишри таҳсилдидаи кишвар (новобаста аз макони зист) баҳсу баррасиҳои гарм ҷараён дошт.

Маъруфияти умумро Facebook дар Тоҷикистон дар солҳои 2010–2011 касб кард. Ин падида замоне ба вуқуъ пайваст, ки бисёре аз корбарони Одноклассники саҳифаҳои худро дар Facebook кушоданд ва бо гузашти андак вақт пурра ба ин шабакаи иҷтимоӣ гузаштанд. Аз ҳамон замон сар карда, шаклгирии фарқи ҷиддӣ миёни корбарони Facebook ва Одноклассники оғоз ёфт ва то имрӯз ба назар мерасад.

Фаъолияти тарғиботии аъзо ва ҷонибдорони гурӯҳҳои экстремистии мамнуъ дар муҳити Facebook-и тоҷикӣ дар соли 2011 ба назар расид. Дар солҳои 2011–2012 пайравони “Ҳизб-ут-таҳрир”, “Ансоруллоҳ” ва “Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон” фаъолияти бештарро дар шабакаҳои иҷтимоӣ доштанд ва дар баробари дигар забонҳо, матлабҳои худро ба забони тоҷикӣ низ нашр мекарданд. Аз оғоз вижагии паҳнкунандагони ғояҳои экстремистӣ дар он буд, ки онҳо бо номҳои қалбакӣ (фейкӣ) ба шабакаҳои иҷтимоӣ ворид шуданд.

Таҳлили муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ дар соли 2012[1] имкон медиҳад, ки истифодаи онро аз замони маъмул шудан, ҳамчун абзори таблиғи идеологияи экстремистӣ баррасӣ кунем. Он замон мубаллиғони ақидаҳои экстремистӣ дар муҳити Facebook-и тоҷикӣ чунин гурӯҳбандӣ доштанд:

Гурӯҳи аввал: касони дар хориҷи кишвар таҳсили динӣ гирифта. Масъалаҳои эътиқодӣ ва амалияи динӣ бештар мавзуи таваҷҷуҳ буд. Аз ҷониби намояндагони мавҷи нави ба истилоҳ "рӯҳониён" қоидаҳо, тартиб ва анъанаҳои устувори муҳити динии Тоҷикистон интиқод мешуд. Бештар таъкид бар он доштанд, ки амалияи динӣ дар кишвар нокомил ва дур аз фаҳмиши "дуруст"-и ислом аст. Ин гурӯҳ **се вижаги**ро доштанд:

Якум, бештар ба чеҳраҳои суннатии динии Тоҷикистон ҳуҷум мекарданд ва ба онҳо беэҳтиромӣ менамуданд. Чун бар он бовар буданд, ки уламои суннатӣ аз воқеияти ислом дур шуда, амалкарди онҳо ба моҳияти дин мувофиқат намекард;

Дуюм, ба мавзуъҳои сиёсӣ дахолат надоштанд ва бештар ба дарку иҷрои "дуруст"-и расму оинҳои динӣ таваҷҷуҳ мекарданд;

*Сеюм***,** бештари онҳо аз номи худ ҳарф мезаданд ва корбарони воқеӣ буданд.

Гурӯҳи дуюм: тарафдорони равияҳо ва ҳаракатҳои ғайриқонунии динӣ. Ин тоифа идеология, қудрат ва нуфузи исломро барои ба даст овардани манфиатҳои сиёсию иқтисодӣ истифода мекарданд. Он вақт низ, мисли имрӯз созмонҳои гуногун аз номи ислом ҳарф мезаданд. Дар асл нақши абзори тарҳҳои геополитикии нерӯҳои муайянро доштанд, ки фаъолияташон ба ноором кардани минтақа ва расидан ба манфиатҳои мушаххаси геостратегӣ нигаронида шуда буд. Дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ, ба вижа дар Facebook намояндагони ҷараёнҳои динии ғайриқонунӣ ошкоро

[1] Снижение уровня радикализма среди молодежи Таджикистана: исследовательский доклад (авторы: Ризоев Ш. и др.). -Душанбе: ФЕЦА-Таджикистан, 2012. -14с.

андешаҳои худро баёну таблиғ карда, аз ин пойгоҳ ҳамчун минбар барои паҳнсозии ақидаҳо ва маълумот дар бораи фаъолияти худ истифода мебурданд.

Роҳандозии фаъолияти таблиғотии онҳо ба нуктаҳои зерин рабт дошт: якум, шабакаҳои иҷтимоӣ нав мӯд шуда буданд ва мардум огоҳии комил аз вижагиҳои он надоштанд; дуюм, дар ҷомеаи Тоҷикистон ба мавзуъҳои динӣ таваҷҷуҳ мешуд, вале ба мисли имрӯз аз таҳдидҳои таблиғоти равияҳои ғайриқонунӣ шиносоӣ надоштанд; сеюм, маорифи динӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ беназорат буд ва мисли имрӯз диншиносон, уламо ва коршиносон дар ин муҳит фаъол набуданд.

Дар натиҷа як тазоди аҷибе ба назар мерасид: корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ба мавзуъҳои динӣ таваҷҷуҳ мекарданд, вале дурусту нодурустии нигоштаҳоро ташхис карда наметавонистанд. Аз бесоҳибии мавзуъҳои динӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мубаллиғони созмонҳои экстремистӣ васеъ истифода карда, дар бораи андеша ва фаъолияти худ иттилоъ паҳн месохтанд.

Ин гурӯҳ се вижагӣ доштанд: якум, исломи анъанавӣ ва уламои суннатии кишваро эътироф намекарданд; дуюм, ба барномаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати кишвар назари манфӣ доштанд; сеюм, нишону рамзҳои давлатӣ, якпорчагӣ ва табиати сиёсии давлатдорӣ баройшон арзиш надошт. Масалан, намояндагони “Ҳизбут-Таҳрир” бештар андешаи созмон додани хилофатро таблиғ мекарданд.

Пажуҳиши соли 2012 маълум кард, ки арзёбии фазои маҷозӣ кори сангин буда, дар равандҳои зинда ёфтани ривоятҳои матраҳ мушкил мебошад. Ҳанӯз он замон, бисёре аз мубаллиғони созмонҳои мамнуъ дар хориҷи кишвар қарор доштанд ва ҳангоми паҳни маълумот дар бораи фаъолияти худ аз лақаб (ба фаҳмиши имрӯзӣ: аз саҳифаҳои фейкӣ) истифода мекарданд.

Гурӯҳи сеюм: радикалҳои дунявӣ. Паҳнкунандагони ин андеша комилан муқобили тасаллути дин дар ҳаёти шахс ва дар масъалаҳои давлатдорӣ буданд. Ба назари намояндагони ин гурӯҳ “касе ҳақ надорад

эътиқоди динии худро ба шахси дигар таҳмил кунад”. Сабаби рукуди ҷомеаро дар ҷаҳонбинии динӣ дида, навсозии дин ва мутобиқсозии он ба шароити даврро ҷонибдорӣ мекарданд. Дар рафти пажуҳиш коршиносон гуфта буданд, ки дар муҳити Facebook-и тоҷикӣ ихтилофи шадид миёни ҷонибдорони ақидаҳои дунявӣ ва мазҳабӣ ба назар мерасад. Бештари ҷонибдорони ин гурӯҳро шахсони таҳсилдида ва дорои дониши васеъ ташкил медоданд. Ба мусиқӣ, шеър, меъморӣ ва ба илмҳои гуманитарию табиатшиносӣ эҳтиром қоил буданд.

Гурӯҳи чорум: **шахсони алоҳида, ки ба созмоне ё гурӯҳе мансуб набуданд**. Инҳо корбарони фаъоли шабакаи иҷтимоӣ шинохта мешуданд ва шахсияти худро матраҳ карда, ба гурӯҳе мансуб набудани худро намоиш медоданд. Шуғли асосии онҳо иғвоангезӣ дар масоили динӣ ва дунявӣ буд. Пажуҳиши муҳтавои нигошта ва шарҳҳои онҳо ҳусни таваҷҷуҳашонро ба яке аз се гурӯҳи боло нишон медод. Ин гурӯҳ се вижагӣ доштанд: якум, дидгоҳу андешаашон гуногун ва муқобили ҳамдигар қарор дошт; дуюм, ба як мавзуи муайян рӯйкардҳои гуногун доштанд; сеюм, ҳадафи фаъолияташон исбот ё инкори мавзуъ набуд, бештар ҳаводиҳии баҳсҳоро мемонд ва низою ихтилофро дар шабакаҳои иҷтимоӣ афзоиш медод. Дидгоҳи хосро перомуни вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва сиёсии ҷомеа надоштанд. Асосан бо **“партоб”**-и иттилоъ дар шабакаҳои иҷтимоӣ машғул буда, баҳсу баррасиҳои атрофи онро пайгирӣ мекарданд.

Фазои шабакаҳои иҷтимоиро падидаи “Давлати исломӣ” ва фаъолияти густардаи он дар солҳои 2013-2014 – ба таври назаррас тағйир дод. Мубаллиғони “Давлати исломӣ” дар солҳои 2014-2015 иттилои худро бо назардошти тамоюлҳои зиндаи ҷомеаи Тоҷикистон паҳн мекарданд. Ин унсур имрӯз низ дида шуда, аз ҷониби созмонҳои дигари экстремистӣ корбурд дорад. Дар соли 2015 зиддияти шадиди ҷонибдорони Салафия (дидгоҳи такфирӣ) бо шиаҳо (ҷаҳонбинии ҷангҷӯёна дошта) дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида расид ва дар пажуҳишҳои баъдӣ низ ҳамчун як мавзуи ривоятсозиҳо

дида мешуд (сари ҳар фурсат ин мавзуъ дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ доғ мешавад, ки то ҷойе назарсанҷии ҷомеаи кишвар монанд аст).

Пажуҳиши муҳтавои шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар соли 2020 нишон дод, ки муҳтавои баланди экстремистӣ дар Одноклассники ва Facebook эҷод мешаванд ва инчунин, чунин муҳтаво дар видеохостинги YouTube низ ба мушоҳида мерасанд[1].

Нуктаи муҳим дар он аст, ки соли 2020 дар Instagram муҳтавои экстремистӣ кам назар мерасид. Пажуҳиши моҳи марти соли 2021 нишон дод, ки вазъ комилан тағйир ёфта, таблиғоту муҳтавои экстремистӣ ба таври барҷаста дида мешавад (дар поён ба таври васеъ зикр мекунем). Ин шароит бо назардошти наврасу ҷавон будани бештари корбарони Instagram таҳдидҳои ҷиддиеро ба амнияти кишвар ба вуҷуд овардааст.

Алҳол дар фазои бахши тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ матолибу нигоштаҳои дорои муҳтавои экстремизми динӣ ва сиёсӣ дар TikTok, Одноклассники, Facebook, Instagram ва YouTube ба назар мерасад.

Арзёбии муҳтавои мессенҷерҳо, аз қабили WhatsApp ва Telegram душвор аст, зеро нахуст, бояд гурӯҳи мувофиқеро донист, ки дар онҳо идеологияи экстремистӣ паҳн мешавад; дуюм, ба чунин гурӯҳҳо бо даъвати бевоситаи соҳиб ва ё маъмури он ворид шудан мумкин аст. Ин мессенҷерҳо бо мухотабони мушаххас кор мекунанд ва дар муқоиса бо Одноклассники ва Facebook мухотабони маҳдуд, вале мақсаднок доранд.

Дар шароити пандемияи COVID-19 дар соли 2020, мувофиқи мушоҳидаҳо ва арзёбии худи Telegram маъруфиятро дар Осиёи Марказӣ ва дар саросари ҷаҳон касб кард ва имрӯз беш аз 1 миллиард корбарро муттаҳид кардааст. Аз сиёсати Telegram дар бахши ҳифзи маълумоти хусусии корбарон ва муҳтаво, ҳадс метавон зад, ки мубаллиғони идеологияи экстремистӣ аз ин

[1] Радикализм онлайн: анализ смыслов, идей и ценностей насильственного экстремизма в Центральной Азии. - Бишкек: 2021. -144с.

мессенҷер дар фаъолияти худ истифода мебаранд ва дар оянда истифода хоҳанд кард.

Муҳтавои видеохостинги YouTube арзандаи он аст, ки ба таври алоҳида баррасӣ шавад. Чунки тайи солҳои охир дар сегменти тоҷикии YouTube як зумра блогерҳо пайдо шуданд ва бо истифода аз забони нафрат бештар ба густариши экстремизми сиёсӣ ва то андозае радикализми динӣ машғуланд. Ҳамаи ин блогерҳо берун аз кишвар зиндагӣ мекунанд. Чунин баҳогузорӣ ба фаъолияти блогерон бо мақсади пешгирии сиёсати "стандартҳои дугона" сурат гирифта, мо аз қонунгузории барҳоли Тоҷикистон дар сӯйи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, аз ҷумла падидор гардидани он дар фазои иттилоотӣ бармеоем. Ҳамин тариқ, бо боварии комил метавон гуфт, ки муҳтавои аз ҷониби экстремист-ҳо эҷодшудаи дорои забони нафрат, ба ҷаҳонбинии корбарон, аз ҷумла ба ҷавонон таъсир мерасонад.

Асосҳои равишшиносии экстремизми онлайн

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таблиғоти ифротӣ дар Интернет метавонад ҳазорон касро ҳатто берун аз минтақаҳои низоъ ба хушунат сафарбар кунад. Масалан, зери таъсири ривоятҳои интернетии "Давлати исломӣ" як ҳалқаи ҷонибдорони ин гурӯҳ дар Тоҷикистон ба ҳамлаи террористӣ алайҳи сайёҳони хориҷӣ дар моҳи июли соли 2018 даст зад. Ин аввалин амали террористӣ дар қаламравӣ Тоҷикистон буд, ки "Давлати исломӣ" расман масъулияташро бар дӯш гирифт.

Чунин таҳдидҳо зарурати омӯзиши ҷиддии гуфтумонҳои ифротиро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама бояд мафҳумҳои калидӣ чун "ривояти ифротӣ" ва "таблиғоти ифротгароёна" дақиқ таъриф шуда, равишҳои пажуҳиш муайян гарданд. Мақсад аз **равишшиносии шинохти экстремизми онлайн** таҳияи методҳое мебошад, ки имкони ошкорсозӣ ва таҳлили мазмуну муҳтавои ифротиро дар фазои маҷозӣ осон кунад. Дар ин замина, равиши пажуҳиши мо равиши **таҳлили интиқодии дискурс** (critical discourse analysis) ва **таҳлили**

шабакавӣ (network analysis)-ро фаро мегирад. Асоси эмпирикии таҳқиқотро пажӯҳишҳои муаллифон дар солҳои охир ташкил медиҳанд, ки ҳам **мушоҳидаи мустақим** (direct observation) дар гурӯҳҳои онлайнӣ ва ҳам **таҳлили муҳтаво** (content analysis)-и маводи Интернетро дар бар мегиранд. Ин имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бар пояи заминаҳои назариявӣ ва таҷрибаи воқеӣ кашф гарданд.

Мафҳуми "ривояти ифротӣ" ва вижагиҳои он: Дар заминаи таблиғоти ифротгароёна, **ривоят** (narrative) як достони томи пурэҳсос ва рамзист, ки тавассути он гурӯҳҳои ифротӣ ба шунаванда тафсири хоси рӯйдодҳо ва эътиқодҳоро мерасонанд. Тибқи таърифи Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), ривоятҳои экстремистии хушунатомез ин ҳикояҳо ва назарияҳои гурӯҳҳои террористиянд, ки барои ҷалби ҷонибдорон истифода мешаванд[1]. Ин гуна ривоятҳо ба ҳувият, арзишҳо ва эҳсосоти мардум таъсир расонида, дар онҳо ҳисси узвият ба "як муборизаи ҷаҳонӣ" ё "ҷиҳоди фарогир"-ро бедор мекунанд. Олам дар чунин гуфтор ба ду қисм, яъне "худӣ" ва "бегона" тақсим шуда, эҳсоси қурбонӣ (мазлумият) дар пайравон тақвият меёбад ва ҳар фард худро "муҳофизи имон ва уммат" эҳсос мекунад. Ба ибораи дигар, ифротгароён ҷаҳонбинии якҷонибаеро пешниҳод мекунанд, ки дар он душман муайян ва ягона роҳи "дуруст" – пайравӣ аз андеша ва равишашон мебошад. Ривоятҳои онҳо одатан бо ҳиссиёти баланд, шиорҳои содаю хотирмон ва тасвирҳои таъсиргузор пур мешаванд, то ба зеҳни мухотаб таъсири амиқ гузоранд.

Барои шинохти чунин мазмунҳо, пажуҳишгарону коршиносон аз равишҳои байнисоҳавӣ истифода мебаранд. Масалан, таҳлили интиқодии дискурс бо унсурҳои равишшиносӣ, семиотика (илми маонӣ), равоншиносӣ ва назарияи иртиботот муттаҳид карда мешавад. Яке аз меъёрҳои муҳими методологӣ фарқгузорӣ миёни **мета(фаро)-ривоятҳо** ва **ривоятҳои**

[1] Organization for Security and Co-operation in Europe. Preventing terrorism and counseling: A community-policing approach. – Vienna: OSCE, 2014. https://www.osce.org/secretariat/111438

маҳаллӣ мебошад. Ривоятҳои сатҳи баланд (мета) устураҳои идеологии умумӣ чун ғояи ҷанги ҷаҳонии Ислом алайҳи “салибиён” ва барқарории “хилофати одил” мебошанд, ки гурӯҳҳои тундрав онҳоро тарғиб мекунанд. Вале ин ғояҳои куллӣ дар ҳар маҳал бо сюжету тафсилоти хос мутобиқ мегарданд, то ба таҷриба ва дарки шунавандаи маҳаллӣ наздик шаванд. Масалан, ҷиҳодиҳо мета-ривояти “ҷанги умумиҷаҳонии ислом”-ро гирифта, ба воқеияти минтақа мутобиқ месозанд: ба он масъалаҳои сиёсӣ, таърихӣ ё қавмии хосси маҳалро ҳамроҳ мекунанд.

Дар фазои иттилоотии Тоҷикистону Осиёи Марказӣ низ гурӯҳҳои ифротӣ ҳамин тарз амал мекунанд – онҳо шиорҳои ҷаҳониро (мисли “тавтеаи ҷаҳонӣ бар зидди Ислом”, “мубориза бо тоғут (ҳокими золим)” ва ғайра) вом гирифта, бо мушкилоти мавҷуди ҷомеаи маҳаллӣ омезиш медиҳанд. Аз ин рӯ, барои шинохти дуруст гуфтумони ифротӣ бояд ҳам заминаи идеологии фарогир ва ҳам вижагии маҳаллиро ба назар гирифт.

Равишҳои таҳлил ва мушоҳида: Равиш ва рӯйкарди пажӯҳиши фазои онлайн вижагиҳои худро дорад. Масалан, таҳлили муҳтавои расонаҳои чопӣ ё суханрониҳои оммавӣ осонтар аст. Барои арзёбии фазои онлайн, бо назардошти ҳаҷми бузурги маълумот ва суръати тези паҳншавии он таҳлилгар маҷбур аст аз равиши нав истифода кунад. Аз ин рӯ, **таҳлили муҳтаво** (content analysis) ва **коркарди додаҳои бузург** (Big Data) аҳамияти вижа доранд. Бо ин равиш метавон ҳазорҳо паём, шарҳ ва нигоштаҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда, мавзуъҳои калидӣ, оҳанги мусбату манфӣ ва тамоюлҳои паёмҳоро муайян сохт.

Аз рӯйи таҷрибаи иштирок дар пажуҳиши минтақаии Internews дар солҳои 2020–2021 барои таҳлили саҳифаҳои ифротгароёнаи шабакаҳои иҷтимоӣ метавонем мисол орем. Нахуст, таҳлили автоматии муҳтаво истифода гардид (ҷустуҷӯйи муҳтавои лозима аз рӯйи калидвожаҳо) ва сипас ривоятҳои ҳассоси тундрав барои баррасии минбаъда интихоб шуданд. Ин таҷриба нишон

дод, ки омезиши таҳлили автоматӣ бо арзёбии дастии коршиносон имкон медиҳад паҳлӯҳои пинҳонии гуфтумони ифротӣ беҳтар ошкор шаванд.

Истифодаи пайвастаи **мушоҳидаи мустақим** дар гурӯҳҳои пӯшидаи интернетӣ (масалан, гурӯҳҳои вижа дар мессенҷерҳо ё шабакаҳои иҷтимоии бастаи тундравон), ҳамчунин баргузории **мусоҳибаҳои коршиносӣ** ва **пурсишҳои амиқ** миёни гурӯҳҳои ҳадаф (ҷавонон, муҳоҷирон ва ғайра) хеле муҳим аст. Ин равиш барои муайянсозии арзишҳо ва ангезаҳои касони зери таъсири таблиғоти ифротӣ қарордошта мадад мекунад. Зеро мазмуни тарғиботи ифротӣ вобаста ба тағйири воқеият зуд иваз мегардад, дар ҳоле ки эҷоди ҷавобҳои расмӣ ва ривоятҳои муқобил вақти бештарро талаб доранд. Аз ин рӯ, пажӯҳишгар ва коршиноси экстремизми онлайн бояд пайваста фазои маҷозиро зери назар дошта, тағйироти гуфтору мазмунҳоро дар вақташ сабт ва таҳлил намояд[1].

Равиши мукаммали пешниҳодшуда (яъне якҷоя кардани таҳлили дискурс, муҳтавои рақамӣ ва мушоҳидаву мусоҳиба) имкон медиҳад, ки **пайванд миёни паёмҳои идеологӣ ва вокуниши мухотабон** ошкор гардад. Масалан, бо чунин равиш метавон фаҳмид, ки кадом навъи паёмҳо дар кадом гурӯҳи мардум бештар таъсир мерасонанд ва чӣ гуна шунавандагони ҳадаф ба ин паёмҳо аксуламал доранд. Ҳамчунин, ҳангоми таҳлил бояд **муҳити расонай** низ ба назар гирифта шавад – яъне васоити иртиботие, ки тавассути онҳо ин паёмҳо пахш мегарданд (шабакаи иҷтимоӣ, канали Telegram, вебсомона ва ғайра). Зеро хосияти пойгоҳ (кушода ё пӯшида будан, дараҷаи дастрасӣ, имкони шарҳнависӣ ва ғайра) низ ба шаклгирии гуфтумон таъсир мерасонад.

Табиатан, тарғиботи ифротии онлайн ҷараёни тасодуфӣ нест, балки маъракаи тарҳрезишудаву

[1] Азизӣ Р. А. Пешгирии таблиғи ифротгарой ва тундагрой байни ҷавонон дар фазои иттилоотӣ. // Маҷмӯаи мақолаҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳуввияти миллӣ” (ш. Душанбе, 27 маи 2015 г.). – Душанбе: Дониш, 2015. -С. 23-29.

мақсаднок аст. Гурӯҳҳои ифротӣ мухотабони худро қисмат мекунанд ва барои ҳар зергурӯҳ мазмуни мувофиқро таҳия месозанд. Масалан, барои ҷавонон як навъ паёми вижа (таъкид ба адолати иҷтимоӣ ё ҳувияти исломӣ), барои занон – навъи дигар (таъкид ба вазифаи модарӣ дар "ҷиҳоди хонаводагӣ" ё нақши зан дар ҷомеаи исломӣ), барои муҳоҷирон – паёмҳои ҷудогона (таъкид ба таҳқиру бекасӣ дар хориҷ ва зарурати пайвастан ба "бародарон") ва ҳоказо.

Барои ҳар гурӯҳи мақсаднок **ривояти вижа** шакл дода мешавад, ки дар он арзишҳо ва нуқтаҳои дардноки ҳамон мухотабон (ҳисси ноадолати иҷтимоӣ, ҷустуҷӯи маънову ҳувият, эҳсоси мазҳабиву эътирозӣ ва ғайра) ба инобат гирифта шудаанд. Таблиғгарон ҳамзамон равиши пешрафтаи иртиботӣ ва ҳадафгирии рафториро аз худ кардаанд. Онҳо дар пойгоҳҳои гуногун ҳузур доранд ва мунтазам муҳтавои наверо эҷод ва паҳн мекунанд, то доираи бештаре аз мардумро фаро гиранд. Муошират бо мухотабон низ интерактивӣ буда, дар шарҳҳо ва суҳбатҳои зинда баҳсҳои идеологӣ мешаванд, модераторҳои гурӯҳҳои ифротӣ мухолифонро зуд берун карда, фаъолонро ташвиқ мекунанд, то фазои якдилонаи пуштибонӣ эҷод гардад. Бо ин роҳ, дар атрофи гурӯҳ фазои бастае ташкил мешавад, ки дар он танҳо овози ифротгароён танинандоз аст ва ҳарфи мухолифон пахш намешавад.

Дар маҷмӯъ, дар гуфтумони таҳлилии муосир экстремизми онлайн ҳамчун як ҷузъи экосистемаи васеи расонаӣ дида мешавад. Яъне, ифротгароён танҳо дар гӯшаи ҷудогонаи Интернет фаъол набуда, бо расонаи расмӣ, блогҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо ҳамзамон кор мебаранд. Ривоятҳои ифротӣ озодона миёни каналҳои боз (масалан, YouTube ё Facebook TikTok ва ғ.) ва гурӯҳҳои пӯшида (масалан, гурӯҳҳои махфии WhatsApp/Telegram ва ғайра) паҳн мешаванд. Ин гардиши озодона таъсири онҳоро афзун мекунад, зеро паём метавонад аз як пойгоҳ ба пойгоҳи дигар нақл шуда, ҳар бор мухотабони навро фаро гирад. Аз ин рӯ, шинохт ва таҳлили экстремизми онлайн бояд ҳаммазмуни худи

паёмҳо ва ҳам роҳҳои паҳншавии онҳоро дар бар гирад. Танҳо бо дарназардошти ҳар ду ҷониб – **мазмун (гуфтумон)** ва **канал (пойгоҳ)** – метавон тасвири пурраи тарғиботи онлайнро дарк кард ва роҳи муқобилашро тарҳрезӣ намуд.

3.2. Тарғиботи экстремистӣ дар муҳити шабакаҳои иҷтимоии Тоҷикистон

Вазъи умумии фазои маҷозӣ (online): Таҳлили фазои расонаӣ нишон медиҳад, ки ифротгароён аз оғози пайдоиши майдонҳои бузурги маҷозӣ дар Тоҷикистон барои паҳн кардани андеша ва таълимоти худ талош мекарданд. Дар зер мавзуро бо овардани мисолҳо аз шабакаҳои иҷтимоӣ баррасӣ мекунем

Пешоҳанги паҳни муҳтавои ифротӣ ва дорои оҳанги такфирӣ Одноклассники буд ва то ҳол чунин вижагиро дорад. Масалан, навори “Дизлайк ба видеоҳои исломӣ?!” аз 26 октябри 2019 корбаронеро, ки зери муҳтавои мазҳабӣ дизлайк мегузоштанд, “кофир” мехонд ва ҳамзамон ба лайкгузорӣ, шарҳнависӣ ва бознашр ташвиқ мекард, ки ба афзоиши дидпазирӣ ва таъсиргузории чунин муҳтаво мусоидат менамуд[1].

Ин кейс се моҳият дорад: якум, намоиш додани паёмҳои аслии экстремистҳо, ки ҳамчун абзори ҷанги иттилоотӣ бар зидди рақибони худ (онҳоро “кофир” мехонанд”) корбарӣ мекунанд; дуюм, бар муқобили он корбароне нигаронида шудааст, ки зери маводи дорои мазмуни “мазҳабӣ” тугмаи “дислайк” (нописанд)-ро пахш мекунанд; ва сеюм, даъвати экстремистҳо барои истифода ва паҳни иттилои аз рӯйи ҷаҳонбинии онҳо дуруст (ба истилоҳ “ҳалол”) ва гунаҳкоркунии рақибон ба сохтакорию дастсозии иттилои бардурӯғ (фейкнюс).

Нигошта бо номи “Дизлайк ба видеоҳои исломӣ?! Касе, ки дизлайк мемонад КОФИР аст?! Барои чӣ ДИЗЛАЙК мемонанд?”. Санаи нашр: соати 08:40-и 26.10.2019. Муаллифи нигошта касе мебошад, ки маводи дорои мазмуни мазҳабиро бо забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ нашр мекард. Паёми нигошта ду ҳадаф дорад: **якум**, сарзаниши корбароне аст, ки зери матлабҳои видеоии дорои мазмуни мазҳабӣ тугмаи дизлайкро пахш

[1] Дар таҳлили кейсҳо аз фазои маҷозӣ сабк ва имлои аслии матлабҳо бетағйир оварда мешавад – Муаллифон.

мекунанд; **дуюм**, даъвати ҳамаи корбарон барои пахши тугмаи лайк, шарҳнависӣ ва пуштибонию бознашри матлабҳои дорои мазмуни мазҳабӣ – ба ибораи мардумӣ **– лайкгадой** мебошад.

Ин кейс аз видеонавори давомнокиаш 13:50 дақиқа бо шеър иборат буда, ба баррасии се масъала бахшида мешавад: 1) барои чӣ баъзеҳо ба наворҳои "исмолӣ" ва "қуръонӣ" дизлайк мегузоранд? 2) Оё онҳое, ки дизлайк мегузоранд – "кофир" ҳастанд? Ситамгар ё кофиранд? 3) Ба онҳое, ки ба видеонаворҳои исломӣ дизлайк мегузоранд, чӣ гуна бояд муносибат кард? (муаллифи матлаб даъват ба амал меорад, ки корбарон наворро то охир тамошо кунанд, шарҳ нависанд ё тугмаи лайку дизлайкро пахш кунанд).

Нуктаи ҷолиб дар он аст, ки муаллифи навор омори пахши тугмаи дизлайкро дар зери наворҳои мазҳабӣ дар YouTube мисол меорад ва зикр мекунанд, ки он хело баланд (бисёр) аст. Дар оғоз чунин вонамуд мешавад, ки ӯ масъаларо то ҷое оқилона баррасӣ дорад. Дар интиҳо он касонеро, ки дар наворҳои дорои мазмуни мазҳабӣ дислайк мегузоранд, маҳкум мекунад. Дар поёни видеои худ ӯ байти зеринро овардааст: "Касоне, ки нодон аст, бимонад дизлайк. Дониста бош холики дунё зур аст Дини Ислом ба лайки ту интизор нест. Охират дорем, боз кун чашми ту кур аст (равиши аслии нигориш маҳфуз аст).

Таҳлили кейси мазкур нишон медиҳад, ки мубаллиғони ақидаҳои экстремистӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои дуруст намоиш додани мавқеи худ аз тафсирҳои гуногун истифода мекунанд. Ин ҷо сухан дар бораи дизлайкҳо меравад. Ин рӯйкард (ё ба ин монанд) корбарони "эътиқодманд" ва "ҳассос"-и шабакаҳои иҷтимоиро ба он водар намуда метавонад, ки ба "видеоҳои исломӣ" лайк монанд ва новобаста аз мазмун ба чунин наворҳо дизлайк нагузоранд. Оммавигардии чунин муносибат ба "видеоҳои исломӣ", заминаро барои пуртаъсир шудани чунин наворҳо ба вуҷуд меоварад.

Омори умумӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар кишвар солҳои охир бисёр

шудааст. Масалан, соли 2022 шумораи корбарони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ба 1,43 миллион расида буд, ки ба 14% мардуми кишвар баробар аст. Гарчанде ин рақам дар аввали соли 2023 то ~1,1 миллион коҳиш ёфт, вале шумори назарраси корбарон дар шабакаҳо ҳузур доштанд. Маъруфияти пойгоҳҳо тағйирпазир аст: дар соли 2022 маъмултарин шабакаи иҷтимоӣ Instagram буд (1,04 млн корбар), дар ҷойи дуюм Facebook (~443 ҳазор корбар) ва сипас Одноклассники, YouTube ва паёмрасонҳои дигар ҷойгиранд. Аз рӯйи ин дода метавон хулоса кард, ки ҳарчанд Facebook ва Одноклассники дар муқоиса ба солҳои пешин камтар истифода мешаванд, вале то ҳол садҳо ҳазор мардуми кишвар дар онҳо фаъоланд. Аз тарафи дигар, паёмрасонҳо чун Telegram, WhatsApp ва IMO низ василаи асосии иртиботи онлайнӣ барои тоҷикон гаштаанд, ҳарчанд омори дақиқи корбарони онҳо камтар дастрас аст.

Каналҳо ва абзорҳои тарғибот: Дар паҳн кардани мазмунҳо ва муҳтавои экстремистӣ чанд қабати фазои рақамӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим доранд:

Шабакаҳои иҷтимоии оммавӣ

То соли 2012 майдонҳои асосии муошарати онлайн “Одноклассники” ва “ВКонтакте” буданд, баъдан ҷойгоҳи пешсафиро Facebook гирифт. Одноклассники аввалин шабакае шуд, ки шумори чашмраси ҷавонони тоҷикро гирди ҳам оварда ва баъдан бисёре аз онҳо ба Facebook рӯ оварданд. Гурӯҳҳои ифротӣ низ зуд ин майдонҳоро кашф карда, дар онҳо саҳифаҳо ва гурӯҳҳои таблиғотии худро боз намуданд. Масалан, тибқи мушоҳидаҳо, аллакай дар соли 2010 дар Facebook саҳифаҳои алоқаманд ба ҷараёнҳои тундрав пайдо шуданд, ки аз номи “дини ислом” тавассути танқидҳои тунди ҳукумат ва ҷомеа назарҳо паҳн мекарданд. Facebook ва то ҳадде VKontakte ба минбаре табдил ёфтанд, ки дар он на танҳо фаъолони шаҳрвандӣ, балки тарғибгарони пинҳонии ифротӣ низ фаъол шуданд.

Дар Facebook гурӯҳи бузурги мазҳабӣ (бо даҳҳо ҳазор аъзо) аз соли 2013 фаъол буда, дар рӯзҳои ид ва мавсими Наврӯз силсилапостҳои радикалӣ пахш мекард. Яке аз маъмурони гурӯҳ баҳсҳои пуршиддатро тавсеа дода, бо иқтибоси мавъизаҳои воизони маъруф далелҳои такфирӣ алайҳи Наврӯз нашр менамуд.

Ин гурӯҳ 30 декабри соли 2013 аз ҷониби мухолифини мазҳабии ғайрисистемавии кишвар таъсис ёфтааст ва ба ҳолати 15 апрели соли 2023 ҳудуди 78978 аъзо дошт. Ҳадаф аз таъсиси гурӯҳ: "нашри маводи марбут ба Қуръон ва хидмат дар азхудкунии китоби муқаддас" номбар шудааст. Баҳсҳо дар ин гурӯҳ намунаи равшани он аст, ки корбарони радикал ба "тафсири нодуруст"-и меъёрҳои исломӣ аз назари онҳо чӣ гуна вокуниш нишон медиҳанд. Зимнан, ин гурӯҳ яке аз бузургтарин ҷамъиятҳои мазҳабӣ дар бахши тоҷикии Facebook ба ҳисоб меравад.

Таҳлили фаъолияти интишории маъмурону корбарон, инчунин, мундариҷаи ин гурӯҳ нишон медиҳад, ки он бо баъзе унсурҳо аз кейси Instagram (дар поён баррасӣ шудааст) фарқ дорад. Пеш аз ҳама, нигоштаҳои гурӯҳ ба тамоми қишрҳои ҷомеаи тоҷик, аз ҷумла, ба ҷавонон нигаронида шудаанд. Дар гурӯҳ бештар нигоштаҳои сиёсӣ дар бораи дин, амалияи динӣ ва рамзҳои динӣ нашр мешаванд. Ин гурӯҳ ба дарки динии ҳам доираи васеи қишрҳои ҷомеаи тоҷик ва ҳам ҷавонон, ба вижа онҳое, ки дар хориҷа ҳастанд, таъсир мерасонад. Бештари паёмҳои дорои мазмуни экстремистӣ аз ҷониби корбароне нашр мешаванд, ки аз саҳифаҳои қалбакӣ истифода мебаранд. Дар намунаи ин гурӯҳ мо метавонем бори дигар паёмҳои дорои мазмуни экстремистӣ доштаро дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ мушоҳида намоем (сабки аслии нигориш маҳфуз аст):

1. "Чавонони Точик дар Флешмоби (навруз иди мо Мусалмонхо нест)". Санаи нашр: соати 20:45-и 20.03.2021. Дар ин мавзуъ дар гурӯҳ нигоштаҳо аз шабакаи иҷтимоии Instagram бознашр мегардиданд, ки бо истифода аз забони нафрат ва бо паёми асосии

“мусалмони диндор наметавонад Наврӯзро таҷлил кунад”. Ба фарқ аз саҳифаи арзёбишаванда дар Instagram бисёре аз корбарони гурӯҳ даъвати муаллифи ин нигоштаро ҷонибдорӣ накарда, ба моҳияти ошкори экстремистии он ишора намудаанд.

Яке аз маъмури вақти гурӯҳ, ки шартан “каси А” ном мебарем, бар зидди таҷлили Наврӯз чандин матолиби дорои мазмуни такфирию салафиро нашр кардааст. Муаллифи матлаб далелҳоро дар бораи ҳаром будани Наврӯз ва ё иди мушрикон будани он, назар дар бораи Наврӯз аз ҷониби намояндагони чаҳор мазҳаби аҳли суннатро бо иқтибосҳои тӯлонӣ ба забони арабӣ овардааст. Дар шарҳҳо ба ин матлаб, ҳамчунин, баҳси салафиҳо бо рақибонашон бо истифода аз забони нафрат, инчунин, бознашри мавъизаи воизони салафӣ низ ба назар мерасад. Дар маҷмуъ, маъмури гурӯҳ дар арафаи рӯзҳои ид ва баъди он силсилаи нигоштаҳоро алайҳи Наврӯз мунташир кардааст.

Аз ҷумла ӯ навори воизи маъруф Хоҷӣ Мирзоро (санаи нашр: соати 09:18-и 16.03.2021) нашр кардааст. Дар навор сухан дар бораи ҳаром будани Наврӯз ва барои мусалмон даҳшатноктар аз таҷлили ҷашни Соли нави милодӣ буданаш меравад. Маълум нест, ки Хоҷӣ Мирзо кай ин суханонро гуфтааст, аммо истифода аз мавъизаи ӯ барои таҳкими далели худи “каси А” оварда шудааст. Зеро Хоҷӣ Мирзо дар доираҳои муайяни ҷавонони диндор маъруфият дорад. Дар ин навор Хоҷӣ Мирзо мегӯяд, ҳар касе, ки Соли навро ҷашн мегирад, масеҳӣ мешавад.

Гурӯҳҳои пӯшида ва мессенҷерҳо

Аз миёнаи солҳои 2010-ум ифротгароён ба сабаби фишор ва назорати бештар дар фазои кушода, тадриҷан ба каналҳои пӯшида кӯчиданд. Мессенҷери Telegram бо сатҳи нисбатан болои махфияти худ ба яке аз василаҳои асосии таблиғот ва ҳатто омӯзиши ғайрирасмии ифротгароён табдил ёфт. Дар Тоҷикистон низ аз охири солҳои 2010-ум гурӯҳҳои тундрав дар Telegram фаъол шуданд; бархе аз онҳо ҳамчун “каналҳои хабарӣ” ё

“гурӯҳҳои динӣ” худро муаррифӣ намуда, дар асл ақидаҳои ифротиро таблиғ мекарданд. Илова бар ин, миёни муҳоҷирони кории тоҷик паёмрасони ИМО бисёр маъмул буд ва гурӯҳҳои ифротӣ аз ин канал низ баҳра мебурданд. Масалан, маълум аст, ки бархе таблиғгарони ақидаҳои салафӣ гурӯҳҳои пӯшидаи ИМО доштанд, ки асосан барои муҳоҷирон муҳтавои тундрав интишор мекарданд (мисли тафсири ифротии ҳодисаҳои Русия ё Сурия). Азбаски дастрасии мақомот ба чунин гурӯҳҳои пӯшида маҳдудтар аст, ин фазо барои ифротгароён нисбатан “амн” шуморида мешуд.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, дар марҳилаи аввал чунин наворҳо метавонанд мазмуни нейтрал дошта бошанд, вале баъдан бо афзоиши корбарону мухлисон ба як пойгоҳи “ҷангҷӯёна”-ву сахтгиронаи паҳн кардани маълумоти динӣ, аз ҷумла матлабҳои такфирӣ табдил ёбанд. Чунин “таҷриба” дар солҳои 2015-2016 дар паблик-чатҳои Viber ба мушоҳида мерасид. Дар паблик-чатҳои ба истилоҳ маърифатӣ шеър, панду андарзҳо корида мешуд ва дар сари фурсат дар фосилаи 20-25 матлаби солим як нигоштаи бадбинона ба пайравони равияи шиа нашр мешуд. Дар ИМО/Telegram низ гурӯҳҳои бастаи ҳадафманд барои муҳоҷирон муҳтавои радикалиро мунтазам мегузоштанд.

Видеоплатформаҳо

Видеохостингҳо чун YouTube, Vimeo ва монанди инҳо ба ифротгароён имкон медиҳанд, ки маводи худро ба таври васеъ паҳн кунанд. Аз солҳои 2014–2015, вақте авҷи ҷалби ҷавонони тоҷик ба ҷангҳои Ховари Миёна мушоҳида шуд, даҳҳо видеоҳои таблиғотии дорои субтитр ё тарҷумаи тоҷикӣ дар интернет чарх мезаданд. Яке аз машҳуртарин мисолҳо видеои фармондеҳи пешини нерӯҳои вижаи ВКД Тоҷикистон Гулмурод Ҳалимов мебошад, ки соли 2015 баъди пайвастан ба “Давлати исломӣ” аз тариқи навори видеоӣ ба забони тоҷикӣ мардумро ба “ҷиҳод” даъват кард. Ин видео дар YouTube ва дигар сайтҳо ҳазорон бор дида шуда, ба ақидаи

коршиносон, барои бархе касон ангезаи қавӣ дод, ки ба сафҳои “Давлати исломӣ” бипайванданд. Ҳамин тавр, YouTube ҳамчун манбаи паҳнсозии видеои идеологӣ истифода мешуд. Гарчанд баъдан хидматрасонҳо ин видеоҳоро ҳазф карданд, нусхаҳои он тавассути Telegram ва дигар шабакаҳо паҳн мешуданд.

Форумҳо ва сомонаҳои динӣ

Пеш аз паҳншавии васеи шабакаҳои иҷтимоӣ, баҳсҳои динӣ бештар дар форумҳои интернетӣ сурат мегирифт. Дар солҳои 2000-ум сомонаҳо ва форумҳои вижаи исломӣ вуҷуд доштанд, ки баъзан ақидаҳои тундрав низ дар онҳо ифода меёфт. Масалан, форуми “Somon” ё баъзе блогҳои динӣ шарҳу баҳсҳои тезутунд доштанд. Ҳоло бо омадани шабакаҳои иҷтимоӣ нақши форумҳо камранг шуд, аммо гурӯҳҳои ифротӣ ҳанӯз ҳам баъзан сайтҳои ҷудогона ё “оина”-сомонаҳо (mirror sites) ташкил мекунанд, то маводи худро нашр кунанд. Ин сайтҳо одатан дар доменҳои хориҷӣ ҷой дода мешаванд ва пайваста басташаву иваз мешаванд, то аз пайгирии мақомот канора кунанд.

Омезиши фаромиллӣ ва забонҳо

Интернет марз надорад ва таблиғоти ифротӣ низ фаромиллӣ паҳн мешавад. Яке аз вижагиҳои муҳити тоҷикӣ ин омезиши фазои русизабон ва форсизабон аст. Забони русӣ дар фазои маҷозии Осиёи Марказӣ нақши “лингва франка”-ро дорад, яъне бисёриҳо аз он барои дастрасӣ ба мазмунҳо истифода мебаранд. Дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ (форсӣ) забони бештари мардум аст. Бинобар ин **ифротгароён барои таъсири бештар муҳтавои худро ба забони тоҷикӣ таҳия мекунанд**. Ҳанӯз соли 2010 дар Facebook бештари маводи тарғиботии тундрав ба забони тоҷикӣ нашр мешуд ва дар Одноклассники ба забони русӣ паҳн мегардид. Солҳои баъдӣ бо бештар гардидани истифодаи Instagram, маводи ифротӣ ба забони тоҷикӣ ба ин шабака ҳам роҳ ёфт.

Як вижагии дигар – пайванди наздик бо фазои иттилоотии Афғонистон ва Эрон аст. Маводи таблиғотии фаровон ба форсии дарӣ (мубаллиғони афғонистонӣ) ё форсии меъёр (мубаллиғони эронӣ) низ дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии марбут ба Тоҷикистон пайдо мешаванд, зеро тоҷикон дар фаҳмиши ин мавод мушкиле надоранд. Ҳамин тавр, таблиғоти ифротӣ дар Тоҷикистон ҳам аз фазои русизабон (шиорҳо ва мазмуни гурӯҳҳои байналмилалии ҷиҳодӣ ба русӣ) ва ҳам форсизабон ғизо мегирад ва ин боиси гуногунрангии вижаи он дар шабакаҳои иҷтимоӣ гардидааст.

Бо дарназардошти ин шабакаи васеи паҳнсозӣ, муҳтавои таблиғоти экстремистӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба кадом ривоятҳо такя кардани онҳоро[1] баррасӣ мекунем:

Ривоятҳо ва муҳтавои идеологии тарғиботи ифротӣ

Таҳлили маводи гурӯҳҳои ифротӣ дар фазои онлайнии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки паёмҳои онҳо чанд мавзуи асосии идеологиро пайгирона тақвият медиҳанд. Бештари ин муҳтаво зоҳиран бо шиорҳои исломӣ оро ёфта, аммо дар асл тафсири ифротии дин ва ҷомеаро пеш мебарад. Аз муҳимтарин ривоятҳои маъмул метавон инҳоро ном бурд:

1.“Поксозӣ” ва бозгашт ба “Исломи ноб”: Даъвои ин ривоят он аст, ки гӯё дини Ислом аз ҷониби уламои анъанавӣ ва ҷомеаи мусалмонӣ бо ақидаҳои “ғайриманқул” олуда гаштааст ва бояд ба асли софаш баргардад. Ифротгароён ҳар гуна ислоҳот, навоварӣ ё суннатҳои маҳаллиро рад мекунанд ва мардумро ба риояи догмаҳои “софу пок” даъват менамоянд. Масалан, дар фазои маҷозии тоҷикӣ дида мешуд, ки таблиғгарони салафӣ бештар уламои расмии маҳаллиро ба “инҳироф” (яъне гумроҳӣ ва дурӣ аз дини ҳақиқӣ) муттаҳам мекунанд. Онҳо иҷрои

[1] Ин баррасӣ дар пажӯҳиши зерин, ки бо мушоракати бевоситаи муаллифон сурат гирифт, ба таври густарда баён шудааст: Радикализм онлайн: анализ смыслов, идей и ценностей насильственного экстремизма в Центральной Азии – Бишкек: 2021. -144с.

анъанаҳои мардумӣ (монанди ҷашни Наврӯз, маросими сол барои фавтидагон ва ғайра) ва баъзе расму ойинҳои маҳаллиро бидъату ҳаром хонда, ба “поксозии дин аз хурофот” даъват мекарданд. Ин гуна паёмҳо асосан дар гурӯҳҳои Фейсбук ва баъзе каналҳои Телеграм дида мешуд, то ҷавонон аз уламои анъанавӣ дур шаванд ва ба сӯи тафсири сахтгиронаи дин ҷалб гарданд:

– Флешмоб алайҳи Наврӯз, ки 21 марти соли 2021 бо аксҳо ва бо навиштаҷоти зерин нашр шудааст: “Ман мусалмонам наврӯзро кайд хинтунам # сидите дома (дар хона шинед)”, “#вместесила #мусульмане #наврузнедлянас (якҷо қувва ҳастем, мусалмонон Наврӯз барои мо нест”, “Ман мусалмонам Алхамдуллилах ин чашни мачусора на худам мегирам на хонаводама мемонам гиранд. барои ин дуне намехохам аз дидори холикм ва расулш махрум шам...” ва ғайра. Ин нигошта 2820 лайк гирифта, корбарон дар зераш 282 шарҳро навиштанд (то 23 марти соли 2021).

Зери шарҳҳо корбарон ба се гурӯҳ ҷудо шуданд: бархе корбарон флешмобро пуштибонӣ ва расми навиштаҳои зидди Наврӯзро равон карданд; дигарон бар он назар буданд, ки ҳар шахс ҳаққи таҷлил кардан ё накардани идро дорад; сеюмиҳо, ба ҳимояи таҷлили Наврӯз бархостанд. Аз ҳамин сабаб, миёни корбарон дар шарҳҳо баҳси сахте мушоҳида гардид.

– Нигоштаи саҳифаи “hodisa.tv2” алайҳи Наврӯз, ки 20 марти соли 2021 нашр шудааст: “НАВРӮЗ ИДИ МАҶУСИЁН АСТ. РАСУЛАЛЛОҲ ФАРМУДАНД: ҲАР КАСЕ ХУДРО БА ҚАВМЕ МОНАНД КАРД, Ӯ АЗ ҲАМОН ҚАВМ АСТ”. Ин нигошта 2098 лайк гирифта, корбарон 279 шарҳро дар зераш навиштанд (то 23 марти соли 2021).

Барои асоснок кардан – матни пур аз таҳвин ба Наврӯз ва “нораво” будани таҷлилаш барои мусалмонон навишта шудааст, ки оварданашро инҷо нозарур мешуморем.

Дар мубоҳисаи зери нигошта корбарон шарҳҳои ба ҳам зид навиштаанд. Дар нигошта забони нафрат аз ҳарду ҷониб васеъ корбурд мешавад ва вожаҳое ба монанди: “мушрик”, “маҷус”, “зардуштӣ”, “хориҷ”,

“харом”, “куфр”, “фарҳангфурӯш” ва ғайра ба назар мерасанд. Намунаҳои овардашуда истифодаи лаҳни такфириҳо ва салафию ваҳҳобиҳоро собит мекунад. Чунин тоифа ба ҷузъ идҳои исломӣ дигар ҷашнҳои мардуми ғайриарабро эътироф намекунанд.

2.Ёрӣ ва ҳамбастагӣ дар “уммат”: Ифротгароён худро ҳомии тамоми “уммати исломӣ” (ҷомеаи ҷаҳонии мусалмонон) нишон медиҳанд. Як ривояти асосӣ ташвиқи эҳсоси ҷамоатчигии воҳид ва вазифаи ҳар фарди мусалмон дар пуштибонии бародарони ҳамдин аст. Масалан, дар муҳтавои онҳо муроҷиат ба муҳоҷирони тоҷик дар хориҷ бисёр дида мешавад. Таблиғгарон бо эҳсоси ғазаб менавиштанд, ки гӯё “кофирон” дар Русия муҳоҷирони мусалмонро таҳқир мекунанд ва онҳоро ҳамчун шаҳрвандони дараҷаи дуввум муносибат менамоянд. Дар пайи ин, онҳо аз мусалмонон даъват мекарданд, ки “бародарони муҳоҷири худ”-ро ҳимоя кунанд. Ин ҳимоя албатта на бо роҳи қонунӣ, балки бо “ғайрати динӣ” ва ҳатто хушунат тасаввур мешуд. Бо чунин роҳ, ривояти ҳамбастагии уммат ҳисси масъулияти мазҳабии ҷавононро таҳрик медиҳад ва онҳоеро, ки дур аз ватану оилаанд (мисли муҳоҷирон), бештар зери таъсир мегирад.

3.Мубориза бо “кофирон” ва “муртадон”: Таъкиди доимӣ ба душмансозии “дигарон” аз вижагиҳои таблиғоти ифротист. Дар гуфтумони онҳо “кофир” на танҳо ғайримусалмон, балки ҳар касест, ки ба тафсири онҳо мувофиқ наояд. Ҳамчунин “муртад” (берун шуда аз дин) унвони ҳар фарде мегардад, ки ба қавли онҳо “Исломро нодуруст пайравӣ мекунад”. Дар **паёмҳои онлайнӣ куштору хушунат алайҳи кофирону муртадон ошкоро ташвиқ мешавад**. Ҳадафҳои “душман” ба таври гуногун муаррифӣ мешаванд: аз мақомоти давлатҳои дунявии мусулмонӣ то пайравони динҳои дигар (насронӣ, яҳудӣ, зардуштӣ) ва ҳатто мусалмонони равияҳои дигар – масалан, шиъаҳо ё сӯфиҳо. Як шиори такроршаванда дар фазои тоҷикӣ, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ дида шуд: “**бенамоз кофир аст**” – касе ки намоз

намехонад, кофир мебошад Дар фазои баъзе гурӯҳҳо ин ақида то ҳадди ифротӣ бурда шуд: дар шарҳе яке аз аъзоён навишта буд: “Инхел тоҷикӣ кофира якум бор мебинум. Ба Аллоҳ қасам, инхел одама куштан ҷиҳод аст!” Ин иқтибос аз гурӯҳи ифротиест, ки тоҷико-ни динбезор (атеист ё дунявӣ) муртад гуфта, ҳатто қатли онҳоро ҷоиз мешуморад[1]. Чунин даъватҳои хатарнок нишонаҳои равшани муҳтавои экстремистианд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин маводро пайгирӣ мекунанд.

4.Напазируфтан ва муқовимат бо ҳукумат ва давлатдории дунявӣ: Қариб ҳамаи гурӯҳҳои исломии ифротӣ ҳукумати дунявиро напазируфта, қонунҳои давлатиро ғайришаръӣ мешуморанд. Дар тарғиботи онҳо итоат ба ҳокими ғайримусалмон ё низоми ғайришаръӣ гуноҳи бузург дониста мешавад. Масалан, дар шабакаҳои иҷтимоии Тоҷикистон ва Қирғизистон ифротгароён пайваста интихоботи парлумонӣ ё президентиро ҳамчун “амри кофирон” рад мекарданд. Ҳамчунин, аз мардум даъват ба амал меоварданд, ки дар интихобот иштирок накунанд, дар кишварҳои худ “ҳукуматҳои исломӣ” барпо созанд.

Ин гуна радди ҳокимияти расмӣ дар маводи “Ҳизб-ут-Таҳрир” низ хеле равшан дида мешуд: солҳои пеш ин гурӯҳ тариқи варақаҳо ва баъдан саҳифаҳои интернетӣ дар Тоҷикистон таблиғ мекард, ки Конститутсия ва қонунҳои инсонӣ ғайриқонунианд ва танҳо қонуни шаръӣ бояд ҳоким шавад. Ҳарчанд фаъолияти чунин гурӯҳҳо манъ гаштааст, ақидаҳои онҳо дар бархе шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври пинҳон зуҳур мекарданд.

***5*.Идеяи Хилофат:** Орзуи барқарор кардани “Хилофат”-и ягонаи исломӣ яке аз шиорҳои меҳварии бештари ҷараёнҳои ифротист. Онҳо даврони аввали Исломро ҳамчун “асри тиллоӣ” тасвир ва таблиғ мекунанд, ки бояд тамоми марзҳо бардошта, мусалмонон муттаҳид шаванд ва як давлати ягонаи исломӣ бунёд гардад. Дар фазои

[1]Ниг.: Радикализм онлайн: анализ смыслов, идей и ценностей насильственного экстремизма в Центральной Азии. –Бишкек: 2021. – С. 35.

Тоҷикистон паҳншавии ин ғояро нахуст гурӯҳҳои сиёсие чун “Ҳизб-ут-Таҳрир” таблиғ мекарданд (солҳои 2000-2010). Солҳои баъд (2014–2018) ин ривоятро гурӯҳи террористии “Давлати исломӣ” (داعش) ба таври хунинтар ба миён гузошт: матну навар дар расонаҳои “Давлати исломӣ” (аз ҷумла ба забони русӣ ва тоҷикӣ) бар замми даъват ба ҷиҳод, ормони Хилофатро таблиғ мекарданд. Дар натиҷа, шумори чашмраси мардум мафтуни идея шуда, ба сафи ин гурӯҳ пайвастанд. Ин арқом нишон медиҳанд, ки ҷозибаи ривояти “Хилофат” барои бархе ҷавонон воқеан қавӣ буда, онҳоро водор ба тарки хона ва пайвастан ба ҷангҳои хориҷӣ кардааст.

6.**Ғарбситезӣ ва назарияҳои тавтеа:** Қисми ҷудонашавандаи тарғиботи ифротӣ паёмҳои зидди Ғарб ва зидди арзишҳои дунявиянд. Дар фазои тоҷикӣ низ ин мазмунҳо ба чашм мерасанд: кишварҳо мухолифи Ислом нишон дода мешаванд, демократияву либерализм “идеологияи кофирон” хонда мешавад. Бештар чунин ғараз бо назарияҳои тавтиа (conspiracy theory) ҳамроҳӣ мекунад. Масалан, паҳн кардани андешаҳо перомуни “ваксинасозӣ – тавтеаи Билл Гейтс”[1] ё “сионистҳо ҷаҳони Исломро вайрон мекунанд”[2] ва ғайра. Ҳадаф аз ин ривоятҳо низ бедор кардани беэътимодӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷалб ба сафи “муътақидони ҳақиқат” мебошад. Ифротиҳо дар таблиғоти худ мухотабони худро бар он бовар кунондан мехостанд, ки гӯё тамоми расонаҳои байналмилалӣ дурӯғ паҳн мекунанд ва ҳақиқат танҳо исломию “мушорикаткунанда дар муборизаи ҷаҳонӣ” аст. Ин равиши маъмулест, ки ифротгароён ба кор мебаранд. Дар саҳифаҳои интернетии баррасишуда лаҳни “расонаҳои мустақил дурӯғ мегӯянд”, “ҳукумат душман аст” ҳамроҳ бо муҳтавои такфирӣ меомад; корбарони норозӣ “душмани мусалмонон” эълон мешуданд ва баҳс ба мубодилаи айбномаҳо мерафт.

[1] Ниг. Радикализм онлайн: анализ смыслов, идей и ценностей насильственного экстремизма в Центральной Азии. –С.30.

[2] Ниг. Ҳамон манбаъ. -С.137.

7.Фарогирӣ бо муҳтавои маҳаллӣ. Мундариҷаи умумӣ дар ҳар кишвари минтақа бо муҳтавои маҳаллӣ пур карда мешавад. Ҳарчанд шаш ривояти боло дар тамоми гуфтори ифротӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мешаванд, вале дар ҳар ҷумҳурӣ вобаста ба шароиту мушкилот бандубаст мегарданд. Дар **Тоҷикистон** ривоятҳо бештар бо мавзуи муҳоҷирон ва фишори динӣ пайванд мехӯранд: манъи рафтани ноболиғон ба масҷидҳо ё маъракаҳои даъват ба либоси миллӣ дар кишварро ифротгароён дар таблиғоти худ истифода карда, ин гуна паёмҳои месохтанд: “ҳукумати зидди Ислом”, “зарурати ҳиҷрати ҷавонон ба ҷои дигар” ва ғайра.

Дар **Қазоқистон**, баръакс, бештар ба танишҳои байниқавмӣ ва масъалаҳои миллӣ такя мекунанд (чунончи, баҳсҳои забони русӣ ва ҳаққи ақаллиятҳо). Дар **Ӯзбекистон** бошад, бархе ривоятҳои тундрав бештар суннатҳои маҳаллиро ҳадаф мегиранд – масалан, танқиди тӯйҳои пурҳашамат, пахш кардани либосҳои миллӣ (чатри либоси миллӣ)-ро “ҷоҳилӣ” мегӯянд ва ҷавононро ба “ҳиҷрат” (кӯч бастан ба ҷойи гӯё поктар, мисли Хилофат). Ҳамин тавр, ифротгароён ҳар ҷо захмҳои иҷтимоии хосро пайдо ва истифода мекунанд, то аҳдофи худро пеш баранд.

Таблиғоти ифротӣ дар муҳити расонаии Тоҷикистон

Тарғиботи ифротӣ дар интернет ба шабакаҳои иртиботӣ вобаста буда, дар шароити Тоҷикистон низ ин роҳҳо батадриҷ тағйир ёфтанд. Мақомоти кишвар барои маҳдуд кардани дастрасӣ ба муҳтавои хатарнок тадбирҳои гуногун андешидаанд, вале ин чораҳо худ боз муҳити нав ба вуҷуд оварданд. Аз ҷумла, соли 2015 ҲНИ мамнуъ ва экстремистӣ эълон шуд. Ин қарор қисми бузурги мухолифини исломгароро водор кард, ки ё пинҳон шаванд, ё хориҷ аз кишвар фаъолияташонро идома диҳанд. Ба дунболи он, ҳам гурӯҳҳои воқеан ҷиҳодии байналмилалӣ, ҳам бахше аз мухолифини сиёсиву динии тоҷик, ки ба таври ошкор ҷангталаб набуданд, дар фазои онлайнӣ бештар фаъол шуданд.

Баъзан фарқ миёни ин ду гурӯҳ норӯшан аст. Барои мисол, баъзе саҳифаҳои Facebook-ии марбут ба “созмонҳои мухолифи исломӣ” зоҳиран танҳо ҳукумати Тоҷикистонро интиқод намуда, ба гурӯҳу таълимоти ифротӣ даъват намекарданд. Аз ҷониби онҳо паҳнсозии ривоятҳои шабеҳи ифротгароён дида мешавад (чун “режими Тоҷикистон ғайриисломист”, “мусулмонон зери фишор қарор доранд” ғайра). Ин дар охир ба баҳраи нерӯҳои воқеан тундрав анҷом меёфт, зеро андешаеро густариш медод, ки мардумро ба ҳаракатҳои ифротӣ наздик мекунад.

Барои дарку фаҳми беҳтари фазои таблиғоти ифротӣ дар шабакаҳои иҷтимоии Тоҷикистон чанд омилро баррасӣ мекунем:

1.Омили таърихӣ ва сиёсӣ: Таърихи ин омил марбут ба зуҳури ташкилотҳои динӣ ва баъдан манъи онҳо мебошад. Дар давраи пас аз ҷанги шаҳрвандӣ (соли 1997) ҲНИ ҳамчун ҳизби қонунии сиёсӣ фаъолият дошт ва ҷонибдорони муайян пайдо карда буд. То замони мамнуъ шуданаш (2015) ин ҳизб идеяҳои исломиро дар доираи қонун тарғиб мекард. Пас аз баста шудан ҷонибдорони он ба хориҷа рафтанд ё ба шаклҳои пинҳонии мубориза рӯ оварданд. Дар натиҷа, пас аз 2015 ду манбаъи аслии таблиғоти ифротӣ дар Интернет ба вуҷуд омад: созмон ва гурӯҳҳои ифротии байналмилалӣ мисли “Давлати исломӣ”, “Ансоруллоҳ” ва ғайра ва дуюм мухолифини сиёсие, ки худро исломгаро меҳисобанд ё вонамуд мекунанд (гурӯҳҳои муҳоҷир дар Аврупо, Туркия, Русия). Муҳтаво ва шеваи гуфтумони онҳо дар баъзе масоил бо гуфтори ифротиён ҳамсон аст. Ин ҳолат таҳлили муҳтавои онлайнро душвортар месозад, зеро ҷудо кардани паёмҳои ифротиён ва ба ном “мухолифони исломгаро” осон нест.

2.Диаспора ва муҳоҷирати корӣ: Шумори чашмраси шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷ кору иқомат доранд. Ин қабати бузурги ҷомеа аз оилаву муҳити худ дур буда, бо мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дучор мегарданд. Муҳоҷирон дар Русия бештар вақт бо табъиз,

бегонашавӣ ва фишори равонӣ рӯбарӯ мешаванд, ки онҳоро барои ҷустуҷӯи ҳимоят ва ҳувияти ҷадид такон медиҳад. Таҳлил ва гузоришҳои расмӣ баёнгари он мебошанд, ки аз соли 2013 то 2015 бештари тоҷикон ба сафҳои “Давлати исломӣ” дар муҳити муҳоҷирон ҷалб шуданд. Яъне, дар ин солҳо дар шаҳрҳои Русия (Маскав, Санкт-Петербург, Екатеринбург ва ғ.) миёни муҳоҷирон тарғиботи пинҳонии ифротӣ фаъолона пеш рафтааст. Интернет дар ин раванд ду вазифаи калидӣ бозид: якум, ҳамчун василаи пайванд миёни ҷаллобон ва ҷалбшавандагон – масалан, иртибот тавассути гурӯҳҳои вижа дар Одноклассники ё саҳифаҳои Facebook бо ҷавонони муҳоҷир сурат мегирифт; ва дуюм, ҳамчун воситаи таълим ва таблиғи идеологӣ – наворҳои видеоӣ ва мавъизаҳои онлайнро мефиристоданд, то онҳоро тадриҷан мағзшӯӣ кунанд.

Мисолҳои воқеӣ собит мекунанд, ки бархе аз ҷавонони тоҷик маҳз дар Русия зери таъсири чунин ташвиқот қарор гирифта, сипас ба Сурияву Ироқ рафтаанд. Ҳоло ҳам вижагии “диаспорай” ҳифз шудааст, бисёре аз модераторони гурӯҳҳои ифротӣ дар хориҷа (Аврупо, Туркия ё худ Русия) қарор доранд ва аз он ҷо озодона ба фазои интернетии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Ин маънои онро дорад, ки кишвар новобаста аз маҳдудиятҳои дохилӣ, бо як ҷараёни доимии экстремистӣ аз хориҷ рӯбарӯ аст.

3.Омилҳои забонӣ ва фарҳангӣ: Забони тоҷикӣ забони модарии бештари сокинони кишвар аст ва дар муқоиса бо Қазоқистону Қирғизистон донистани русӣ дар Тоҷикистон камтар роиҷ аст. Бинобар ин, барои таблиғоти самаранок ифротгароён талош мекунанд мазмуни худро ба забони тоҷикӣ интишор кунанд. Дар даврони аввали фаъолияташон, гурӯҳҳои тундрав маводи худро асосан ба русӣ нашр мекарданд (то кулли минтақаро фаро гиранд). Вале тадриҷан дарёфтанд, ки паҳну пахши муҳтаво бо забони модарӣ таъсиргузортар мебошад (бо ҳамин мазмун шаҳрвандони ӯзбекзабони

кишвар бештар зери таъсири мубаллиғони ӯзбекистонию қирғизистонӣ қарор мегирифтанд).

Ҳоло бештари муроҷиатномаҳо, наворҳо ва матнҳои таблиғотии ба тоҷикон нигаронидашуда ба хатти сирилик ва забони тоҷикӣ таҳия мешаванд. Масалан, нашрияҳои онлайнии "Давлати исломӣ" дар гурӯҳҳои маҳфии Telegram пайдо мешуданд. Ё саҳифаҳои Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" дар шабакаҳои иҷтимоӣ таъсис ёфтанд, ки асосан ба сокинони форсизабони Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон нигаронида шудаанд. Илова бар ин, наздикии забонӣ боис шудааст, ки мазмуну муҳтавои паёмҳои тундрав дар сатҳи ҳавзаи форсизабонҳо то андозаи яксон ва умумӣ шаванд. Чун намуна, баъзе маводи гурӯҳҳои шиаи тундрав (марбут ба ҷараёнҳои тундгарои мазҳабӣ дар Эрон) ё таблиғоти гурӯҳҳои тундрави афғонистонӣ дар интернет таваҷҷуҳи хонанда ва пайраву ҳаводорони тоҷикистониро низ ҷалб мекунад. Ин омил фазои интернетии Тоҷикистонро муташанниҷ сохта, баҳсҳову зиддиятеро дар мавзуи "мазҳаб vs давлат" ва "мазҳаб vs мазҳаби дигар" падид меорад.

Пажӯҳишу баррасиҳо баёнгари онанд, ки дар фазои тоҷикӣ на фақат низои дунявию динӣ вуҷуд дорад, балки муноқишаи дохилиддинӣ низ дида мешавад. Масалан, дар фазои рақамӣ маводи фаровоне матраҳ аст, ки бо шиддат ба шиъаҳо ҳамлаи лафзӣ мекунанд ва ё баръакс. Гардонандагон ва масъулони таблиғоти ифротӣ аз ин ихтилофҳо барои пиёдасозии барнома ва расидан ба ҳадафҳои худ ба таври васеъ баҳра мебарад.

4.Сиёсати давлатӣ ва амнияти рақамӣ: Давоми даҳсолаи охир ҳукумати Тоҷикистон барои муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ як силсила чораҳои қонунӣ ва фанниро роҳандозӣ кардааст. Қонунҳо дар хусуси масъулияти ҷиноятӣ барои иштирок дар ҷангҳои кишварҳои хориҷӣ, паҳн кардани маводи экстремистӣ ва ғ. сахттар карда шуданд. Мақомот ҳамчунин талош карданд, ки назорати фаннии Интернетро пурзӯр созанд. Масалан, соли 2015 қонун ба мақомоти амниятӣ ҳуқуқ дод, ки барои таъмини амният интернет ва алоқаи

мобилиро дар ҳолати зарурӣ масдуд кунанд. Ҳамон сол, бо қарори Ҳукумати кишвар тамоми корбарони телефонҳои мобилӣ ҳангоми гирифтани SIM-карта бояд изи ангушт (дактилоскопия)-ро пешниҳод кунанд. Ин тадбир истифодаи беноми SIM-кортҳо аз ҷониби ҷиноятқоронро маҳдуд месозад. Ин қарорҳо дар посух ба таҳдиди афзоиши "Давлати исломӣ" гирифта шуданд. Илова бар ин, садҳо сомона ва саҳифаҳои интернетӣ дар Тоҷикистон баста шуданд; аз ҷумла, солҳои 2015–2018 давра ба давра шабакаҳои Facebook, YouTube Одноклассники муддате масдуд гардиданд. Ин равиш барои бастани "роҳҳои вуруди идеологияи бегона" роҳандозӣ гардид. Аз як ҷиҳат, ин чораҳо то андозае муваффақ буданд ва дастрасии озоди мардум ба маводи ошкорои "Давлати исломӣ" ва ҳизбу гурӯҳҳои ифротӣ маҳдуд гашт. Аз ҷониби дигар ин равиш натиҷаҳои дугуна ба бор овард. Нахуст, эътимоди мардум ба иттилооти расмиро коҳиш дод, чун бисёриҳо гумон карданд, ки кишвар ҳар гуна иттилооти барои худ номақбулро мебандад. Ҳавасмандони муҳтавои ифротӣ бо истифода аз VPN ва дигар барномаҳои зиддифилтр ба сомона ё саҳифаҳо дастрасиро барқарор карданд. Ҳатто дида шуд, ки баъзе гурӯҳҳои тундгаро аз тариқи шабакаи TOR ва дигар равиши анонимӣ ба паҳнсозии маводи худ идома медиҳанд. Қисме аз чунин пойгоҳҳо, ба вижа саҳифаҳои пурпайрав дар Instagram аз хориҷ идора мешуданд ва корбарон аз дохил ба маъмурон навор мефиристоданд. Мухотабон асосан ҷавонон буда, дар шарҳҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешуд: пуштибон, мухолиф ва бетараф — ки баҳсро пуршиддат мекард.

Паҳлӯи дигар – истифодаи васеи истилоҳоти "ифротгарой" дар дохили кишвар буд. Мақомот гоҳо ҳатто барои шунидани мавъизаҳои ғайрирасмӣ ё нигоҳ доштани китобҳои муайян мардумро ба "гароишҳои ифротӣ" муттаҳам мекарданд. Ин боис гашт, ки бархе ҷавонони диндор аз баҳсҳои ошкор дар фазои кушода ба гурӯҳҳои махфии шабакаҳо рӯ оранд. Чунин рӯйкард метавонад ҷавононро боз ҳам осебпазиртар созад, зеро

вақте андешаву саволҳояшонро дар фазои озод иброз карда натавонанд, ба осонӣ зери таъсири гурӯҳҳои пӯшида қарор мегиранд.

Яке аз иқдомҳои намоён барномаи афв барои хонаводаҳои ҷангиёни бозгашта аз Сурия ва Ироқ буд, ки соли 2015 қабул шуд. Тибқи ин қарор, шаҳрвандоне, ки бо хоҳиши худ аз минтақаҳои ҷангӣ бармегарданд ва изҳори пушаймонӣ мекунанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мегарданд. Ин иқдом як ривояти муҳими "Давлати исломӣ" – "баргаштагонро давлат мекушад"-ро инкор кард ва нишон дод, ки ҳукумат омодаи бозгардонидани гумроҳон ба ҳаёти осоишта аст.

Бо мадади созмонҳои байналмилалӣ (Иттиҳоди Аврупо, СММ ва ғ.) як қатор барномаҳои огоҳкунӣ ва боло бурдани тавонмандиҳои ҷомеа дар баробари хатарҳои ифротгарой ва офиятбахшии баргаштагон: аз ҷумла, тарҳҳои боло бурдани саводи расонай миёни ҷавонон, омӯзиши устуворӣ бар зидди иттилооти хатарнок, ҷалби онлайн бо таҳияву интишори ривоят ва паёмҳои мусбат барои муқовимат бо андешаҳои ифротӣ дар ҷомеа ва фазои иттилоотӣ роҳандозӣ шуданд. Масалан, бо пуштибонии САҲА ва Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистони солҳои охир чанд даври омӯзишӣ барои блогерҳо ва фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ баргузор гардид, то онҳо битавонанд бо фактчекинг (санҷиши фактҳо) ва густариши арзишҳои таҳаммулгарой ба зидди андешаи ифротӣ муқовимат кунанд. Ҳоло як қишри фаъол дар Facebook ва Instagram ба вуҷуд омадааст, ки дар муқобили таблиғоти хурофотию ифротӣ далелҳои илмӣ ва арзишҳои инсониро тарғиб мекунанд.

***5*.Омили иҷтимой ва идеологӣ:** Ҷавонони тоҷик имрӯз бо мушкилоти бекорӣ, камбуди дастрасӣ ба соҳаи маориф ва имконияти худсозӣ рӯ ба рӯянд. Ин норасоии имконияти иҷтимоӣ боиси пайдоиши як навъ "холигии идеологӣ" дар зеҳни онҳо шудааст. Андешасозии расмӣ (шартан метавон онро идеология номид) бештар мазмуни дунявию миллӣ дорад, ки барои қисме аз ҷавонон (ба вижа, барои онҳое, ки берун аз Ватан дар

муҳити бегона қарор доранд) ҷолиб ва илҳомбахш нест. Агар ҷавони муҳоҷир ё донишҷӯи дохилӣ эҳсос кунад, ки ҷомеа ба ӯ руҳан ғизо намедиҳад – дар ҷустуҷӯи маънӣ ва ҳадаф ба сарчашмаҳои дигар менигарад.

Дар чунин шароит созмонҳои ифротӣ ин “холигиро пур мекунанд”. Онҳо ҷавобҳои сода, вале ҷаззоб пешниҳод мекунанд: душманро нишон медиҳанд, айби ҳама мушкилотро ба душман бор мекунанд ва роҳи наҷотро “ҷиҳод ба зидди золимон” ё “барпо кардани давлати исломӣ” меҳисобанд. Барои ҷавоне, ки аз беадолатӣ ё беҳадафии зиндагӣ ранҷ мебарад, ин гуна паёмҳо метавонад хеле рӯҳбаландкунанда (“илҳомбахш”) бошад. Эҳсоси иштирок дар “кори бузург”, яъне “ҷиҳод” ё “муҳофизати мазлумон” ба ҳаёти ӯ маъно ва арзишҳои навро ворид месозад. Аз ин лиҳоз, роҳбурди муваффақи муқовимат бо экстремизм ҳам бартарафсозии падидаҳои беруна (масалан, бастани сайтҳои ифротӣ ё боздошти тарғибгарон) ва ҳам хушкондани решаҳои иҷтимоии рӯй овардан ба ифротгароиро дар бар мегирад.

Дар маҷмӯъ, таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки омилҳои дохилӣ бо равандҳои глобалии экстремизми онлайн омехта мешаванд. Аз ин ҷост, ки омилҳои хоси миллӣ – мисли диаспораи бузурги муҳоҷир, вижагиҳои забонӣ, сиёсати давлатӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ – муҳтавои тарғибот ва шеваҳои паҳншавии онро шакл медиҳанд. Ҳамчунин, равандҳои минтақаӣ ва ҷаҳонӣ – мисли ривоятҳои ҷиҳодии ҷаҳонӣ, шиорҳои “Давлати исломӣ”, тавтеаҳои зидди Ғарб – ба фазои Тоҷикистон озодона ворид мешаванд ва таъсир мерасонанд. Интернет марзро намепазирад ва таблиғгарони тоҷик ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ фаъоланд. Таблиғгарони хориҷӣ низ ба корбарони дохилӣ таъсири равшан доранд. Ин воқеият муборизаро бо экстремизми онлайн мураккаб месозад, зеро ҳам бояд ҷараёнҳои дохилиро идора кард, ҳам ба паёмҳои аз хориҷ овардашуда посух гуфт.

Таблиғоти онлайн як ҷузъи ҷудонашавандаи таҳдиди ифротгароӣ барои Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ аст. Ривоятҳои ифротӣ чун даъват ба “Исломи пок” ва

назарияҳои зиддидавлатӣ ва тавтеа ҳама ба заминаҳои маҳаллӣ мутобиқ шуда, аз осебпазирии иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаҳо истифода мекунанд. Пажуҳиши анҷомшуда дар Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки омилҳое чун муҳоҷират, муҳити забонӣ ва заминаи сиёсиву идорӣ дар густариши экстремизми онлайн нақши калидӣ доранд. Ҳамзамон, бо татбиқи чораҳои давлатӣ (қонунӣ ва амниятӣ), таҷрибаҳои нарми пешгирӣ, аз қабили афви баргаштагон, пешгирӣ дар мактабҳо ва ҷамоатҳо, баланд бардоштани саводи расонаии ҷавонон, ҷалби уламои мӯътадил ба тарғиби арзишҳои мусбат низ муассир буда метавонанд. Ин тадбирҳои мусбат собит кард, ки бо ифротгароӣ танҳо бо зӯрӣ имконнопазир аст. Моро зарур аст, ки ривояти муқобил ва ҷойгузин барои ҷавонон пешниҳод намоем, то онҳо ба ҷои идеологияи хушунат идеологияи сулҳро ихтиёр намоянд. Фазои рақамӣ ва маҷозӣ ҳамчунон майдони асосии ин муборизаи идеологӣ боқӣ хоҳад монд ва ояндаи суботи ҷомеа аз натиҷаи мудирияти он вобаста мебошад.

3.3. Дурнамои муқовимат бо экстремизми онлайн дар Тоҷикистон

Арзёбии падидоршавӣ ва густариши экстремизми онлайн маълум мекунад, ки гурӯҳҳои ифротӣ пайваста фаъолнокии худро дар фазои маҷозӣ афзоиш медиҳанд. Онҳо барои таъсир ба андеша ва ҷалби ҷавонон аз абзорҳои навтарину таъсиргузор истифода мекунанд. Таблиғоти ифротгароёна дар интернет ба амният ва суботи Тоҷикистон таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод менамояд, зеро бахши асосии мардум, ба вижа насли ҷавон, вақти бисёри худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои дигари онлайн мегузаронанд. Аз ин рӯ, муборизаи бо чунин таҳдидҳо набояд танҳо бо воситаҳои маъмуриву ҳуқуқӣ маҳдуд шавад, балки барои муқовимати муассир зарур аст, ки тамоми ҷомеа сафарбар гардида, як равиши ҳамагонӣ ва фарогир амалӣ карда шавад.

Тоҷикистон дар солҳои ахир як қатор тадбирҳои муҳимро барои пешгирӣ ва коҳиши экстремизм рӯи даст гирифтааст. Аз қабули Стратегияи миллии муқовимат ба терроризм ва экстремизм (барномаи солҳои 2016–2020 ва идомаи он барои солҳои 2021–2025) то такмили қонунҳо, кишвар талош дорад заминаи ҳуқуқӣ ва механизмҳои амалиётиро мустаҳкам намояд. Назорати техникӣ бар фазои интернет низ қавитар шуда, садҳо сомонаву саҳифаҳои хавфнок ва машкук баста шуданд ё дастрасӣ ба онҳо маҳдуд шуд. Ҳамзамон, барномаҳои иттилоотию таълимӣ барои баланд бардоштани огоҳии ҷомеа низ татбиқ шуданд. Бо вуҷуди ин ҳама, таҷриба нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои ифротӣ пайваста равишҳои худро дигар мекунанд ва ба шароити нави иттилоотӣ мутобиқ мегарданд. Бинобар ин, Тоҷикистонро зарур аст, ки дар оянда низ роҳу равиши муқовимати худро такмил диҳад. Дар поён чанд самти асосии чунин муқовимати дар фазои рақамиву маҷозӣ ва дурнамои эҳтимолии он оварда мешавад:

1.Тақвияти сиёсати давлатӣ ва заминаи қонунгузорӣ. Ниҳоду мақомоти марбутаи кишвар бо

эҳтимоли қавӣ сиёсати муқовимат ба экстремизмро пайгирона идома дода, талош мекунанд, ки онро бо эҳтиёҷоти замони рақамӣ мутобиқ созанд. Татбиқи бандҳои вижаи Нақшаи амали Стратегияи муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021–2025 яке аз афзалиятҳои муҳим дар ин самт буда, ин равиш дар чаҳорчӯбаи Стратегияи нав барои солҳои 2026-2041 идома хоҳад ёфт. Ҳамчунин, такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти ҷиноятҳои марбут ба тарғиботи ифротӣ дар интернет ва муқаррар кардани ҷазоҳои муносиб зарур аст. Барои вокуниши зуд ва саривақтӣ ба таҳдидҳои онлайн, ҳамоҳангсозии кори сохторҳои давлатӣ (ниҳодҳои қудратӣ, мақомоти амнияти иттилоотӣ ва ғайра) бояд беҳбуд ёбад. Илова бар ин, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди татбиқи ин сиёсат муҳим мебошад, зеро мубориза бо экстремизм танҳо дар сурати иштироки фаъолонаи тамоми ҷомеа натиҷа медиҳад.

2.Таҳкими назорат ва мониторинги рақамӣ. Бо афзоиши ҳаҷми иттилоот дар фазои интернет, истифодаи фановариҳои нав барои назорат ва муайянсозии мазмуни хатарнок ногузир аст. Дар оянда бояд зарфияти техникиву кадрии ниҳодҳои масъул (масалан, воҳидҳои мубориза бо киберҷиноятҳо) бештар гардад. Ҷорӣ кардани системаҳои автоматии мониторинг ва таҳлили миқдори бузурги додаҳо имкон медиҳад, ки паёмҳои дорои мазмуни ифротӣ ё калимаҳои калидии хатарнок зуд ошкор шаванд. Ҳамзамон, мутахассисони варзидаи соҳаҳои забоншиносӣ ва равоншиносӣ низ бояд ҷалб гарданд, то паёмҳои ниҳону рамзии ифротгароёнаро низ дар шабакаҳо шиносоӣ ва таҳлилу баррасӣ кунанд. Чунин назорати рақамӣ имкон медиҳад, ки ҳатто маводи пинҳонкорона ва зоҳиран “безарар”-и таблиғоти ифротӣ фавран муайян ва камтаъсир гардонда шавад.

3.Ҳамкорӣ бо пойгоҳҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Чун бештари шабакаҳои иҷтимоӣ ва пойгоҳҳои машҳур берун аз салоҳияти қонунгузории миллианд, Тоҷикистон барои маҳдуд кардани таблиғоти

ифротӣ ба ҳамкории зич бо ширкатҳои технологӣ ниёз дорад. Дар оянда бояд механизми муошират мустақим бо маъмурияти чунин шабакаҳо роҳандозӣ шавад, то дар сурати пайдо шудани мундариҷаи ифротӣ ба забони тоҷикӣ, он бетаъхир ошкор ва ҳазф гардад. Инчунин, ҳамоҳангии талошҳои кишварҳои ҳамсоя дар чорчӯбаи мубориза бо экстремизми рақамӣ муҳим аст. Бо иқдоми дастҷамъона кишварҳои минтақа метавонанд ба ширкатҳои байналмилалии шабакаҳои иҷтимоӣ таъсир расонанд, то қоидаҳои истифодаи онҳо сахттар шуда, аккаунтҳо ва саҳифаҳои хатарнок фавран баста шаванд.

4.Баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва масунияти иттилоотӣ. Яке аз шартҳои асосии муқовимати устувор бо экстремизми онлайн баланд бардоштани саводи расонаии мардум мебошад. Дар барномаҳои таълимии мактабҳо ва донишгоҳҳо ҷорӣ кардани дарсҳои вижа перомуни тарзи шинохти хабарҳои фейкӣ ва тарғиби ифротгароёна зарур аст (ҳамзамон, масуният ба қаллобон, ки ба фиребу дуздии пули мардум машғуланд). Чунин тавонмандиҳо ба мардум имкон медиҳад, ки ба ҳар иттилои дидашуда дар интернет бо таҳлили интиқодӣ баҳо диҳанд ва фирефтаи ҳар даъвати ҷаззоб нашаванд. Инчунин, тавассути расонаҳо метавон маъракаҳои огоҳибахшии оммавиро баргузор кард, то ки хатари пайвастан ба гурӯҳҳои ифротӣ ба таври равшан нишон дода шавад. Вақте ҳар як корбар малакаи шинохти таблиғоти ифротиро пайдо мекунад, майдони амал барои мубаллиғони андешаҳои тундрав дар фазои маҷозӣ танг мешавад.

***5.*Тарҳрезии ривоятҳои ҷойгузин ва паёмҳои мусбат.** Барои тоза нигоҳ доштани фазои иттилоотӣ аз паёмҳои ифротӣ пешниҳод ва паҳни мазмуни алтернативии ҷолиб зарур аст. Дар оянда бояд тарҳрезии лоиҳаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои эҷоди муҳтавои мусбат, ватандӯстона ва таҳаммулпарварона афзоиш ёбад. Эҷоди роликҳои кӯтоҳ, мақолаҳо ва дигар маводи таъсирбахши маърифатӣ, ки арзишҳои милливу динӣ ва ҳамзистии осоиштаро тарғиб мекунанд, бештар

бояд бошанд. Ҷалби чеҳраҳои маъруфи фарҳангию варзишӣ ва блогерони машҳур барои эҷод ва густариши чунин паёмҳо таъсири ин гуна иқдомҳоро ба маротиб бештар хоҳад, зеро паёми нек аз забони шахси мавриди эътимоди мардум зудтар пазируфта мешавад. Имрӯзҳо гурӯҳе аз блогерону рӯзноманигорони фаъол дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавҷуданд, ки бар зидди хурофоту тундгароӣ бо далелҳои илмӣ ва арзишҳои инсондӯстона мубориза мебаранд. Пуштибонӣ ва ташвиқи фаъолияти онҳо метавонад ҷавоби муассири идеологӣ ба таблиғоти ифротӣ гардад.

6.Тақвияти нақши уламои муътадил ва ниҳодҳои динӣ. Уламои динӣ ва муассисаҳои исломии кишвар метавонанд дар хунсо кардани андешаи тундгароёна нақши калидӣ дошта бошанд. Дар оянда зарур аст, ки ҳамкории миёни мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои динӣ ҷиҳати пешгирии экстремизм зичтар шавад. Дар ин самт се корро анҷом додан мумкин аст: якум, омодасозии воизон бо ташкили курсҳои вижа бо фарогирии мавзуъҳои динӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, равоншиносӣ, ҳамчунин омӯзондани ҳунари суханварӣ; дуюм, пуштибонии фаннии ҳузури имомхатибон ва воизони маҳбуб дар шабакаҳои иҷтимоӣ, то тавонанд бо далелҳои илмии динӣ хатарҳои ақидаҳои ифротиро шарҳ диҳанд; сеюм, роҳандозии муҳтавосозии пайваста бо забони содда, ҳамчунин саволу ҷавоб дар мавзуъҳои динӣ, то тавонанд андешаҳои возеҳу асосноку солимро ба тариқи видеоӣ ё матнӣ миёни корбарон паҳн кунанд.

Вақте рӯҳониёни мӯътабар дар фазои маҷозӣ фаъол мешаванд, корбарон эҳтимол дорад ба ҷои пазируфтани андешаҳои ифротӣ, ба маърифати дурусти исломӣ рӯ оваранд. Ин тадбир дар дарозмуддат барои таъмини суботу амнияти миллӣ таъсир мерасонад.

7.Сафарбар кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷавонон. Ҷалби фаъолонаи созмонҳои ғайридавлатӣ, ҳаракатҳои ҷавонон ва ҷомеаҳои маҳаллӣ ба муборизаи пешгирикунанда бо экстремизми онлайн аҳамияти хоса дорад. Лоиҳаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд бо

баланд бардоштани огоҳии мардум ва омӯзиши малакаҳои муқовимат ба таблиғоти ифротӣ саҳми арзанда гузоранд. Аз ин рӯ, дар дурнамо пуштибонии молиявӣ ва методии чунин ташаббусҳо афзоиш хоҳад ёфт. Масалан, ташкили озмунҳои эҷодӣ миёни ҷавонон дар мавзуи муқовимат ба ифротгароӣ ё гурӯҳҳои ихтиёрии "назарбонони интернет" (таҷрибаи Урдун) метавонад худи ҷавононро фаъолона дар ҳифзи фазои иттилоотӣ шарик созад. Чунки вақте худи мардум – ба вижа насли ҷавон – дар сафи пеши ҷабҳаи муқовимат қарор мегиранд, таблиғгарони ифротӣ фазои камтар барои таъсиргузорӣ пайдо хоҳанд кард.

8.Тавсеаи ҳамкории минтақаӣ ва байналмилалӣ. Барои муқовимати муассир ва самаранок бо таҳдиду хатарҳо ва чолишҳо аз экстремизми онлайни фаромиллӣ Тоҷикистон ҳамкории минтақаӣ ва байналмилалии худро тақвият медиҳад. Кишвар ба таври фаъол дар доираи созмонҳои ҷамъиятии амниятӣ (монанди СААД, ИДМ ва СҲШ) дар мубодилаи маълумот дар бораи гурӯҳҳо ва шабакаҳои ифротӣ иштирок мекунад. Инчунин, ҳамкорӣ бо кишварҳое, ки шумори чашмраси муҳоҷирони тоҷик дар онҷо зиндагӣ мекунанд, амиқтар мешавад, то ҷараёни ҷалбсозӣ ба гурӯҳҳои тундгаро дар хориҷ сари вақт пешгирӣ гардад. Ҷалби мададу таҷрибаи шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, САҲА ва шарикони рушд барои боло бурдани тахассуси мутахассисон ва таъмини захираҳои иловагӣ идома хоҳад ёфт. Чунин равобити густурдаи хориҷӣ имкон медиҳад, ки фазои маҷозии кишвар ва минтақа ҳамчун як ҷабҳаи ягонаи муқовимат бо экстремизм ҳифз гардад.

9.Бартарафкунии заминаҳои иҷтимоиву идеологии ифротишавӣ. Муҳимтарин омили дароз-муддати муқовимат ба экстремизм бартарафсозии заминаҳои иҷтимоӣ ва идеологии он мебошад. Бекорӣ, камбизоатӣ ва бемавқеии ҷавонон аз ҷумлаи омилҳои асосиянд, ки зери таъсири онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб мегарданд. Аз ин рӯ, кишвар бояд бо эҷоди ҷойҳои нави корӣ, беҳтар кардани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва

фароҳам овардани шароити рушди шахсӣ, таъсири таблиғоти тундгароёнаро коҳиш диҳад. Ҳамзамон, тарбияи рӯҳияи ватандӯстӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии солим миёни насли наврас бояд тақвият ёбад, то онҳо ба арзишҳои мусбат устувор монда, фирефтаи идеологияҳои тунд нагарданд. Идомаи чораҳои офиятбахшӣ барои касони аз ҷангҳо бозгашта ва аз гурӯҳҳои ифротӣ берун гардида муҳим аст, то онҳо ба ҳаёти осоишта ҷалб шуда, ба дигарон низ намунаи тавба ва ислоҳро нишон диҳанд.

10.**Омодагӣ ба таҳдидҳои нав дар фазои онлайн.** Дар солҳои оянда гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд бо истифода аз фановариҳои нав ва василаҳои ғайриодӣ паёмҳои худро паҳн намоянд. Масалан, эҳтимол аст, ки онҳо ба шабакаҳои навтар рӯ биёранд ё аз воситаҳои сунъии зеҳнӣ барои сохтакории иттилоот (мисли видеоҳои ҷаълӣ) истифода кунанд. Барои муқовимат бо чунин таҳдидҳо Тоҷикистон бояд мутахассисони худро дар соҳаи амнияти сайберӣ ва фановариҳои иттилоотӣ омода созад. Истифодаи дастовардҳои пешрафтаи илмию техникӣ дар низоми назорат ва тарғиботи зиддиэкстремистӣ яке аз шартҳои асосии муваффақ гардидан дар самт хоҳад буд.

Мубориза бо экстремизми онлайн аз талаботи доимии даврони муосир аст ва танҳо дар ҳолате натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки ҳамаи самтҳои зикршуда бо иштироки фаъоли давлат ва ҷомеа татбиқ гарданд. Гарчанде ин раванд тӯлонӣ ва пурчолиш аст, бо анҷоми пайгиронаи чораҳои маҷмуӣ, аз такмили қонунгузорӣ то боло бурдани маърифати мардум, метавон фазои иттилоотии солиму озод аз ифротгароӣ ва дорои фарҳанги баланди таҳаммулпазириро ташаккул дод. Дар натиҷа ҷаззобияти идеологияҳои тундгароёна дар миёни ҷавонон тадриҷан коҳиш ёфта, ояндаи амну суботи кишвар беш аз пеш таъмин хоҳад гашт.

ФАСЛИ IV. ДУРНАМОИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН

4.1. Арзёбии самаранокии чораҳои пешгирикунӣ дар Тоҷикистон

Бо қабули “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020” дар Тоҷикистон иқдомҳои бисёре дар самти пешгирии экстремизм роҳандозӣ шуданд. Фаъолиятҳо дар пешгирии ин падидаи номатлуб барномрезӣ ва танзим гардиданд ва имкони бештари барои ҳамкорӣ миёни мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо шуд. Арзёбии масъала нишон дод, ки дар самти амалисозии иқдомҳо, мутобиқ ба нишондоди матни Стратегия барои солҳои 2016-2020 норасоӣ ва камбудиҳои муайян ба назар мерасид, яъне имконоти мавҷуд ба пуррагӣ истифода нашуданд. Барои бартараф кардани ин ҳолат дар давраи татбиқи Стратегия барои солҳои 2021-2025 нақди тақриба бисёр муҳим мебошад. Пажуҳиш ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҳолат чанд сабаб дошт:

Якум, пажуҳиш дар охири соли 2020 маълум кард, ки бештари масъулини сатҳи маҳал ҳам дар мақомоти давлатӣ ва ҳам дар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо нишондодҳои Стратегия ба таври зарурӣ ошно набуданд.

Дуюм, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар бештар нақши иҷрокунандаро мебозиданд ва аз тарафи худи онҳо ташаббусҳои ҷиддие пешкаш ва амалӣ нашуданд. Яъне, то ҷойе фаъолият кардан танҳо барои ба даст овардани грант ба мушоҳида мерасид. Ин вазъ то ҷойе пеши роҳи ҷалби васеи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро гирифт. Мушкили асосӣ дар сатҳи зарурӣ набудани тавонмандиҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар аст. Аз ин рӯ, густариши ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ бо онҳо имкон медиҳад, ки зарфияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баланд гардад ва нақши муассире дар пешгирии эстремизм дошта бошанд.

Сеюм, омили девонсолорӣ (bureaucracy) дар сатҳи марказӣ ва маҳалҳо то ҷойе ҳамчун унсури бозторанда нақш дорад. Чун барои иҷрои нишондоди нақшаи амали Стратегия – боз мувофиқаи иқдом бо идораҳои болоӣ зарур аст, ки вақти бисёрро талаб мекунад. Бинобар ин, лозим ба назар мерасад, ки механизми ҳамкориҳо барои иҷрои нишондоди Стратегия аз тарафи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷонибҳои манфиатдор мушаххас шаванд.

Ба баррасии самаранокии иқдомҳои пешгирӣ аз экстремизм дар кишвар шуруъ мекунем. Ин матн бо истифода аз равиши пажуҳиши дафтарӣ ва таҳлили муҳтаво навишта шуда, дар рафти он гузоришҳо ва матлабҳои дастрас арзёбӣ шудаанд. Дар матн нақди иқдомҳои амалишуда дар пешгирии экстремизм дар самти ҷавонон, занон, маориф, расонаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, муҳити динӣ, ислоҳи экстремистҳоро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шарикони рушд ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз соли 2016 то ин дам то ҷойе бозкушой мешавад. Аз сабаби сурат нагарифтан ё дар манбаҳои боз маҷуд набудани натиҷаҳои пажуҳишҳои майдонӣ дар шаҳру ноҳияҳо давои фарогир буданро надорад ва танҳо баъзе аз паҳлӯҳои воқеияти мавҷудро инъикос мекунад:

Иқдомҳо дар самти ҷавонон

Арзёбии таҷрибаи татбиқи иқдомҳо дар самти ҷавонони кишвар нишон медиҳад, ки он аз ҷониби мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ шуданд. Ба таври мухтасар ҳар кадоми онро тафсир мекунем:

Иқдомҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ. Дар доираи татбиқи “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” ва “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” иқдомҳои

пешгирикунии рӯ овардани ҷавонон ба сафи гурӯҳу созмонҳои экстремистӣ роҳандозӣ шудааст. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои маҳалии он ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон силсилаи иқдомҳоро дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карданд. Аз ҷумла, ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ, семинар ва тренингҳо, вохӯриҳои маърифатӣ (таблиғоти зиддиэкстремистӣ), чорабиниҳои варзишӣ ва тафреҳӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар баргузор шуданд.

Дар сомонаи расмии имрӯзӣ (https://egov.tj/site/javonon-tj?lang=tg) ва пештара (http://javononvavarzish.tj/), ҳамчунин дар саҳифаи фейсбукӣ (https://www.facebook.com/kumitaijavononvarzish)-и Кумитаи кор бо ҷавонон мақолаҳои бисёре аз ҷониби худи ҷавонон дар бораи хавфи андешаи экстремистӣ ва оқибатҳои шомилшавии ҷавонон ба чунин гурӯҳҳо дида мешаванд. Дар нашрияи расмии Кумита “Ҷавononи Тоҷикистон” низ хабар, мақола ва гузоришҳо бо чунин мазмун нашр гардидаанд. Ҳамзамон, Кумита ва сохторҳои маҳаллии он масъули татбиқи бандҳои дахлдори стратегияҳо мебошанд.

Дар сатҳи маҳал татбиқи “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавononи Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” ва “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” роҳандозӣ шудааст.

Ниҳодҳои дигари марказӣ ва маҳаллии давлатӣ низ тадбирҳои гуногунро, аз қабили ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ, омӯзишҳо, вохӯриҳои маърифатӣ (таблиғоти зиддиэкстремистӣ), барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, чорабиниҳои варзишӣ ва тафреҳӣ дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон баргузор мекунанд. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ чунин иқдомҳо амалӣ шудаанд:

- силсилаи семинар ва тренингҳо, лексияву вохӯриҳо бо иштироки ҷавонон (аз ҷумла барои бошандагони минтақаҳои деҳот);

- нашри мақолаҳо ва сабти барномаҳо дар расонаҳо бораи пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон;
- ҳамкорӣ бо уламои динӣ дар пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон;
- ислоҳ ва ба ҳаёти осоишта баргардонидани наврасон ва ҷавононе, ки аз минтақаҳои ҷангзада ба кишвар оварда шуданд;
- аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, мактабҳои олӣ барнома ва модулҳои таълимӣ барои пешгирии экстремизм ва боло бурдани тавонмандӣ ба таблиғоти экстремистӣ таҳия шуданд;
- аз ҷониби ниҳодҳои илмию таҳлилӣ силсилаи пажуҳишҳо дар ин самт баргузор шуданд;
- аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш буклетҳои таблиғотӣ бар муқобили ғояҳои экстремистӣ нашр ва дар миёни мардум паҳн карда шудааст;
- аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар қаламрави Русия чорабиниҳои пешгирикунии падидаҳои номатлуб, аз ҷумла экстремизм баргузор шуданд;
- барои ҷавонон дар қаламрави кишвар зерсохти варзишӣ ва тафреҳӣ бунёд шуданд ва ғайра.

Мушоҳида ва таҷрибаи пайгирии иқдомҳои мақомоти давлатӣ нишон медиҳад, ки назар ба солҳои пеш, бо сабаби қабул гардидани Стратегияҳо ва нақшаи амали онҳо барои ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бештар моил шуданд. Дар давраи амалигардии Стратегияҳо мақомоти давлатӣ дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон дорои таҷрибаи хубе шуданд ва силсилаи иқдом ва ҳамоишҳоро рӯйи даст гирифтанд. Дар умум, қабули Стратегияҳо барои пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон таъсири мусбат расонид.

Иқдомҳои шарикони рушд. Созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо дар Тоҷикистон корҳои чашмрасро дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон анҷом доданд. Беш аз ҳама Дафтари САҲА дар Тоҷикистон, оҷонсиҳои СММ дар Тоҷикистон, намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Сафорати ИМА дар

Тоҷикистон ва ғайра кори бисёреро анҷом доданд. Зикри барнома ва фаъолияти Дафтари САҲА дар Тоҷикистон муҳим аст, ки дар таҳияи матни ҳарду Стратегия (баҳогузории самарабахшии стратегияи якум) ёрии молиявӣ ва фаннӣ расониданд. Созмонҳои байналмилалӣ бо иштироки ҷавонон баргузории омӯзишҳо дар мавзуи экстремизм дар муҳити онҳо ва дигар ҳамоишҳоро маблағгузорӣ карданд. Инчунин, силсилаи пажуҳишҳо (аз ҷумла бо фарогирии мавзуи ҷавонон) маблағгузорӣ гардид.

Бахши умдаи фаъолияти онҳо якҷо бо мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ шуданд (мухтасар дар зерфаслҳои поён оварда мешавад).

Иқдомҳои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо қабули стратегияҳо дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон фаъол шуданд. Чун дар барномаи роҳбурдии давлатӣ ширкати густардаи онҳо зикр шуда, пешниҳоди грантҳо аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ барои маблағгузории ташаббусҳо сурат гирифт. Фаъолияти асосии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз баргузор кардани ҳамоишҳои гуногун, аз қабили мизҳои гирд, семинарҳо, курсҳо, вохӯриҳои ғайрирасмӣ бо ҷавонон, роҳандозии корҳои маърифатӣ ва иттилоотонӣ, омӯзондани ҷавонон ба касбу малакаҳои ҳаётӣ ва ғайра иборат буд. Инчунин, корҳои муайян барои ислоҳ ва ба ҳаёти осоишта баргардонидани ифротиҳои пешин сурат гирифт. Дар умум, қабули Стратегия имкон дод, ки созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон бештар фаъол шаванд ва то қабули ин санад чунин имконро камтар доштанд.

Иқдомҳо дар самти занон

Арзёбии таҷрибаи татбиқи иқдомҳо дар самти занон дар кишвар нишон медиҳад, ки он аз ҷониби мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мешаванд. Ба таври мухтасар ҳар кадоме аз онҳоро тафсир мекунем:

Иқдомҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳодҳои маҳаллии он дар доираи татбиқи барномаҳои соҳавӣ ва стратегияи якуму дуюм корҳои муайянро дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити занон роҳандозӣ карданд. Кумитаи кор бо занон силсилаи тадбирҳоро дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ месозад. Аз ҷумла, баргузор кардани ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ, семинар ва тренингҳо, вохӯриҳои маърифатӣ (таблиғоти зиддиэкстремистӣ) ва ғайра.

Дар сомонаи расмии Кумитаи кор бо занон (https://comwom.tj/) матлабҳои муаяне дар бораи пешгирии экстремизм дар муҳити занон нашр шудааст. Кумитаи кор бо занон ва сохторҳои маҳаллии он масъули иҷрои бандҳои дахлдори стратегияҳо мебошанд.

Дар Стратегияи дуюм паҳлӯҳои гендерӣ дар муқовимат ва пешгирии экстремизм оварда шудааст, ки мутобиқи он ҳамкориҳои Кумита бо сохторҳои дигари давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мешавад.

Мақомоти давлатӣ ин тадбирҳоро дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити занон рӯйи даст гирифтаанд:

- силсилаи семинар ва тренингҳо, лексияву вохӯриҳо бо иштироки занон;
- нашри мақолаҳо ва сабти барномаҳо дар бораи нақши занон ва оила дар пешгирии экстремизм;
- ҳамкорӣ бо уламои динӣ дар пешгирии экстремизм ва зӯроварӣ дар оила;
- ислоҳ ва ба ҳаёти осоишта баргардонидани занон ва духтароне, ки аз минтақаҳои ҷангзада ба кишвар оварда шуданд ва ғайра.

Арзёбии самаранокии иқдомҳои мақомоти давлатӣ бидуни пажуҳиши васеи касбӣ мушкил аст. Мушоҳида ва таҷрибаи пайгирии тадбирҳои мақомоти давлатӣ нишон медиҳад, ки онҳо низ бо сабаби қабули Стратегия

бештар барои ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ моил шуданд.

Иқдомҳои шарикони берунаи рушд. Созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо дар Тоҷикистон дар самти занон ва пешгирии экстремизм дар муҳити онҳо корҳои муайянро иҷро карданд. Пешсафони самт СММ-Занҳо ва Дафтари САҲА дар Тоҷикистон, Сафорати ИМА дар Тоҷикистон ва ғайра мебошанд. Дар ин самт зикри барнома ва фаъолияти СММ-Занҳо муҳим аст, ки дар самти пешгирии зӯроварӣ ва сулҳсозӣ тадбирҳоро бо ҷалби мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мекунанд. СММ-Занҳо барои татбиқи барномаҳои давлатии Кумитаи кор бо занон мадади техникӣ мерасонанд.

Созмонҳои байналмилалӣ бо иштироки занон ва духтарони пешсаф семинару тренингҳо дар мавзуи пешгирии экстремизм дар муҳити занонро баргузор ё маблағгузорӣ мекунанд.

Иқдомҳои институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Шумораи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон, ки дар самти мушкилоти занон ва духтарон фаъолият мекунанд, хеле бисёр аст. Чун ин мавзуъ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор меравад ва аз нигоҳи сиёсию амниятӣ ҳассосияти кам дорад. Бештари тадбири созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби Дафтари СММ-Занҳо дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад. Созмонҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити занон ҳамоишҳои гуногун, аз қабили мизҳои гирд, семинару тренингҳо, омӯзишу касбу ҳунар, малакаҳои ҳаётӣ ва ғайраро баргузор мекунанд.

Ҳамзамон, экстремизми занон дар Тоҷикистон як мавзуи то ҷойе сунъӣ аст ва бештар аз ҷониби созмонҳои гуногуни байналмилалӣ муҳим карда мешавад. Чун таҷрибаи пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки занҳо ба ҳайси таблиғгарон (ба ҷузъ аз ду-се кейс) ҳузури густарда надоранд. Занон ва духтарон бештар қурбонии экстремизм мебошанд, ки он диди масъаларо комилан дигар мекунад. Ин далел, ки бештари баргаштагон аз

Ироқ ва Сурия ба Тоҷикистон занону ҷавондухтарон буданд, ба масъала тобиши дигар медиҳад.

Иқдомҳо дар самти маориф

Бештари ҳамоишҳои маърифатӣ дар Тоҷикистон бо фарогирии наврасон ва ҷавонони донишомӯз баргузор мешаванд. Аз ин ҷо, мақоми соҳаи маориф дар пешгирии экстремизм калидӣ аст.

Иқдомҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои маҳаллии он ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти маориф силсилаи тадбирҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва маърифатиро барои пешгирии экстремизм дар қаламрави кишвар баргузор мекунанд. Вазорати маориф як ниҳоди масъули татбиқи Стратегия мебошад. Бо назардошти гуногунпаҳлӯ ва фарогир будани фаъолияти Вазорат, ин сохтор нақши бузургро дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар ҷомеа, ба вижа дар пешгирии экстремизм дар муҳити наврасон ва ҷавонон бозӣ мекунад.

Тавре дар боло ошора кардем, донишгоҳҳо ва дигар ниҳодҳои соҳаи илм (якҷо бо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) барои ташаккули тафаккури зиддиэкстремистӣ фаъолияти худро ба роҳ мондаанд ва дар соатҳои тарбиявӣ дар мактабу донишгоҳҳо ин мавзуро фаро мегиранд. Бахши азими пажуҳиш дар соҳаи вобаста ба экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон дар донишгоҳҳо анҷом мешаванд. Донишомӯзон ва унвонҷӯён рисолаҳои тахассусии хатм, рисолаҳои магистрӣ, рисолаҳои номзадӣ, PhD ва докториро омода мекунанд. Баъди соли 2016 дар Шӯроҳои диссертатсионии Тоҷикистон як қатор рисолаҳои илмӣ ҳимоя шуданд ва чандин мутахассис дар соҳаи пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм ва терроризм рӯйи кор омаданд.

Бештари муҳтавои зиддиэкстремистӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби кормандони ин соҳа омода мешавад. Дар ин самт устодон ва донишомӯзони донишгоҳҳо фаъол мебошанд. Дар сомонаи ҳамаи донишгоҳҳо силсилаи

мақолаҳо ва дигар навишторро дар бораи оқибатҳои хатарбори экстремизм ва терроризм дидан мумкин аст.

Вазорати маориф дар баргузории силсилаи ҳамоишҳои маърифатӣ ба созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо фарогирии наврасон ва ҷавонон мусоидат мекунад. Ҷойгоҳи ин вазорат ва сохторҳои маҳаллии он дар пешгирии экстремизм бузург аст ва зарурати боз ҳам тақвият додани ҳамкориҳо миёни ҷонибҳои манфиатдор вуҷуд дорад.

Вазорати маориф ва илм якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нақши муҳимеро барои ислоҳ ва ба ҳаёти осоишта баргардондани 84 кӯдаки моҳи апрели соли 2019 аз Сурия ба Тоҷикистон овардашуда иҷро карданд. Нақши ин ду вазорат барои офиятбахшии 146 зану кӯдаке, ки 25 июли 2022 ба кишвар оварда шуданд, калидӣ буд. Инчунин, ҳарду вазорат барои офиятбахшӣ ва барқарорсозии кӯдаконе, ки моҳи майи соли 2023 аз Сурия ба ватан баргаштанд, силсилаи тадбирҳоро амалӣ карданд.

Иқдомҳои шарикони рушд. Созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо соҳаи маориф дар пешгирии экстремизм дар муҳити наврасон ва ҷавонон фаъолияти густардаеро ба роҳ монда натавонистанд. Чунки ин омил ба ноболиғ будани наврасон (хонандаҳои мактаб) вобаста аст. Якчанд барномаи таълимии берун аз дарсӣ ва дигар модулҳои алоҳида дар самти саводи расонаӣ (бо фарогирии мавзуи пешгирии экстремизм) навишта шуданд ва имрӯз аз ҷониби омӯзгорони мактабҳо истифода мегарданд.

Имрӯз бисёр муҳим аст, ки созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориро дар самти тақвияти иқдомҳои пешгирикунандаи экстремизм бо Вазорати маориф ва илм, инчунин сохторҳои маҳаллии он роҳандозӣ кунанд.

Иқдомҳои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон, ки дар ҳамкорӣ бо сохторҳои Вазорати маориф ба ғайр аз баргузории семинару тренинг барои ҷавонон ва наврасон, таҳияи муштараки барномаҳои таълимии берун аз дарсӣ ва

дигар модулҳои таълимии алоҳида кори дигареро анҷом надодаанд. Вале дар донишгоҳҳои кишвар ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ, семинар ва тренингҳо, вохӯриҳои маърифатӣ (таблиғоти зиддиэкстремистӣ) ва дигар чорабиниҳои тафреҳӣ барои пешгирии экстремизм гузаронида мешавад.

Дар самти расонаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Тавре аз баррасии боло бармеояд, мақоми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии экстремизм муҳим аст. Чун дар ҳар зерфасл мо ҷойгоҳи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (танҳо созмонҳои ҷамъиятӣ)-ро дар пешгирии экстремизм зикр кардем. Аз ин рӯ, ба такрор зарурат нест. Дар ин бахш таваҷҷуҳи асосиро ба расонаҳо равона мекунем:

Иқдомҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ. Ҳамаи мақомоти давлатӣ дар роҳандозии иқдомҳо дар самти пешгирии экстремизм аз тавонмандиҳои расонаҳо истифода мекунанд. Расонаҳо – ҳамчун абзори андешасоз барои офаридани “маҳсули фикрӣ” нақши муҳим дорад. Мақомоти давлатӣ бо истифода аз тавонмандиҳои расонаҳои миллӣ: телевизион, радио, нашрияҳои марказӣ пас аз соли 2016 маталбҳои зиддиэкстремистиро нашру паҳн карданд. Пажуҳишу мушоҳидаҳо ин нуктаро собит мекунад. Нақши расонаҳо дар коҳиши андешаҳои ифротӣ миёни мардум пас аз соли 2017 калидӣ буд.

Иқдомҳои шарикони берунаи рушд. Созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо расонаҳои ҷамъиятӣ ва мустақили кишвар дар офаридани маҳсули фикрӣ хеле фаъол буданд. Бинобар ба фарогир будани мавзуъ, ҳамчун намуна чанд матлабро зикр мекунем:

Маъракаи рушди маърифати расонаӣ дар Тоҷикистон – “Се нуқта. Бидон, чиро мебинӣ!” дар доираи лоиҳаи “Пурзӯр кардани устуворӣ ба ифротгароӣ ва иттилооти бардурӯғ дар Осиёи Марказӣ”, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ шуда, аз ҷониби Internews дар Тоҷикистон амалӣ гардид. Дар доираи ин иқдом матлабҳо дар бораи мушкилоти экстремизм дар

Тоҷикистон нашр шуданд ва чанде аз онҳоро меорем: “Чӣ бояд кард то роҳи шомилшавии ҷавонони тоҷик ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ гирифта шавад?”, “Муборизаи Тоҷикистон бо терроризм ва экстремизм то кучо самаранок аст ва чиро бояд тағйир дод?”, “Оё китобхонӣ ҷавонони тоҷикро метавонад аз ифротгароӣ боздорад?”, “Чаро муҳоҷирон “луқмаи хом”-и гурӯҳҳои экстремистӣ мешаванд?!”[1] ва ғайра.

Лоиҳаи **“Тавонмандсозии ҷомеа ба хотири муборизa бо ифротгароӣ дар Тоҷикистон”** аз ҷониби Намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Тоҷикистон амалӣ гардид. Дар доираи ин лоиҳа низ чандин матлабҳо нашр шуданд, ки намунае аз онҳоро меорем: “Як тадбир: то муҳоҷиронро ифротӣ нагӯянд”, “Қодирӣ: гароиш ба гурӯҳҳои ифротӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон коҳиш ёфтааст (чандрасонаӣ)”, “WhatsApp Музаффарро 12 сол паси панҷара бурд”, “Суғд: 12 соли зиндон барои пайвастан ба “ДИИШ”, “Чаро сокинони Исфара “ҷиҳодӣ” мешаванд?”[2] ва ғайра.

---

[1]Ниг.: Чӣ бояд кард то роҳи шомилшавии ҷавонони тоҷик ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ гирифта шавад? /30.06.2020. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20200630/ch-boyad-kard-to-roi-shomilshavii-avononi-toik-ba-guroi-ekstremistiyu-terrorist-girifta-shavad; Муборизаи Тоҷикистон бо терроризм ва экстремизм то кучо самаранок аст ва чиро бояд тағйир дод? / 31.08.2020. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20200831/muborizai-toikis ton-bo-terrorizm-va-ekstremizm-to-kuo-samaranok-ast-va-chiro-boyad-taiir-dod; Оё китобхонӣ ҷавонони тоҷикро метавонад аз ифротгароӣ боздорад? /30.09.2020. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20200930/oyo-kitobhon-javononi-toikro-metavonad-az-ifrotgaro-bozdorad; Чаро муҳоҷирон “луқмаи хом” - и гурӯҳҳои ифротӣ мешаванд?! /25.11.2020. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20201125/charo-muoiron-lumai-hom-i-guroi-ifrot-meshavand

[2] Қодирӣ: гароиш ба гурӯҳҳои ифротӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон коҳиш ёфтааст (чандрасонаӣ) /26.02.2018. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/security/20180226/odir-garoish-ba-guroi-ifrot-na-tano-dar-toikiston-balki-dar-tamomi-aon-koish-yoftaast-chandrasona; «WhatsApp» Музаффарро 12 сол паси панҷара бурд / 07.05.2018. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/security/20180507/whatsapp-muzaffarro-12-sol-pasi-panara-burd; Чаро сокинони Исфара «ҷиҳодӣ» мешаванд? / 31.10.2018. URL: https://www.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/security/20181031/charo-sokinoni-isfara-iod-meshavand

Мисолҳои боло собит мекунад, ки бештари матлабҳои таҳлилии касбӣ, ки бо истифода аз рӯйкарди чандрасонай таҳия шудаанд, дар доираи лоиҳаҳои созмонҳои байналмилалӣ рӯи кор омаданд.

Иқдомҳои институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Тавре аз мисоли боло бармеояд, расонаҳои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ иқдомҳои гуногунро амалӣ карданд. Аз пешсафони соҳа Дафтари Internews дар Тоҷикистон ва Намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Тоҷикистон буданд, ки силсилаи тадбирҳоро барои боло бурдани тавонмандиҳои расонаҳо ва хабарнигорони Тоҷикистон амалӣ карданд. Дар фазои иттилоотӣ фаъолияти расонаҳо ба он нигаронида шуда буд, ки ривоятҳои мусбат, ҷойгузинӣ ва зид офарида шавад. Зимни таҳияи матлабҳо тамоми соҳаҳоро дар бар мегирифтанд. Дар доираи ин лоиҳаҳо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон дар чандин ҳамоишҳои минтақай ва миллӣ ширкату суханронӣ карданд. Бо назардошти ҳамаи иқдомҳо ва чораҳо бинобар набудани барномаҳои вижа ва бурсияҳо дар мавзуи пешгирии экстремизм – силсилаи матлабҳои таҳлилӣ дар солҳои 2021-2025 камтар ба назар мерасанд, ки вобаста будани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз барномаҳои шарикони рушдро ба намоиш мегузорад. Аҳамияти ин масъала дар Тоҷикистон кам нашуд, вале азбаски фармоиш набуд, матлабҳо навишта нашуданд. Аз ин рӯ, баррасии таҷрибаи ихтисос додани маблағҳо аз хазинаи давлатӣ ё ҷалби имконоти молиявии шарикони рушд барои ба таври доимӣ таҳия кардани матлабҳои таҳлилӣ лозим аст.

Дар самти муҳити динӣ

Бо сабаби он ки дар Тоҷикистон падидаи экстремизми динӣ бештар ба назар мерасад, нақши муҳити динӣ дар пешгирии ин падида барҷаста аст. Мушкилоти асосии кишвар сӯистифода шудани боварҳои динии мардум аз ҷониби созмонҳои экстремистӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба таври мухтасар таҷрибаи мавҷудро дар зер меорем:

Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти

ваколатдори давлатӣ дар соҳаи робитаи давлат бо иттиҳодияҳои динӣ кори муайянеро дар самти пешгирии экстремизм ба сомон расонд. Кумита ва ниҳодҳои минтақаии он барои баргузории силсилаи ҳамоишҳои маърифатӣ бо фарогирии уламо ва ходимони дин бо созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иқдомҳои муштаракро амалӣ карданд. Кумита дар ҳамкорӣ бо Дафтари Internews, Намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) ва Дафтари САҲА дар кишвар ҳамоишҳои муштаракро барои ходимони дин ва масъулини сохторҳои паёнии худ роҳандозӣ кард. Аз рӯйи барномаи Кумита ҳамасола такмили ихтисос барои уламо ва ходимони динӣ дар пойтахт ва минтақаҳои кишвар гузаронида мешавад. Дар сомонаи расмӣ (http://www.din.tj/) ва маҷаллаи "Дин ва ҷомеа" матлабҳо дар самти пешгирии экстремизм ба назар мерасанд.

Дар самти ислоҳи ифротиҳо

Баҳогузории иқдомҳо дар самти ислоҳи ифротиҳо ва аъзои хонаводаи онҳо мавзуи пӯшида дар муҳити расонавӣ ва коршиносии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Тоҷикистон аввалин кишвари Осиёи Марказӣ буд, ки моҳи апрели соли 2019 аз Ҷумҳурии арабии Сурия, кишвари ҷангзадаи Ховари Миёна – 84 кӯдакро бозгардонид. Тасмими сиёсӣ дар кишвар ин буд, ки бо ин бозгаштаҳо танҳо мақомоти давлатӣ кор мекунанд. Ҳамаи ин кӯдакон зери сарпарастии сохторҳои Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, инчунин, дигар ниҳодҳои давлатӣ қарор гирифтанд. Барои кор бо ин кӯдакон созмонҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ (мисли Қазоқистон ва Ӯзбекистон) роҳ дода нашуданд. То моҳи июли соли 2021 дар кишварҳои ҷангзада, ки пештар минтақаҳои зери контроли "Давлати исломӣ" қарор доштанд, 286 занон ва кӯдакон аз Тоҷикистон номнавис шуда буданд[1].

[1] Farrell, W.B et al (July, 2021) Processes of Reintegrating Central Asian Returnees from Syria and Iraq. USIP. URL: https://www.usip.org/publications/2021/07/processes-reintegrating-central-asian-returnees-syria-and-iraq pp 11-13

Иқдомҳои ҷиддӣ барои баргардонидани онҳо ба ватан роҳандозӣ гардид.

Аз Сурия 250 шаҳрвандони Тоҷикистон дар ду давра: гурӯҳи аввал рӯзи 25 июли 2022 иборат аз 146 зану кӯдак (42 зан ва 104 кӯдак) ва гурӯҳи дуюм рӯзи 21 майи соли 2023 иборат аз 104 зану кӯдак (29 оила) ба Тоҷикистон баргандонида шуданд. Гузашта аз ин мутобиқи тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноии кишвар дар соли 2014 имкони бо хоҳиши худ баргаштан аз кишварҳои ҷангзада фароҳам оварда шуда буд (ин таҷрибаи нодир дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад). Бинобар ин, дар Тоҷикистон дар баробари онҳое, ки оварда шуданд, боз "худбаргашташаҳо" низ ҳастанд. Ҳамчунин, мутобиқи қонунҳои афви солҳои 2019 ва 2021 аз муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистон 255 маҳбусон, ки бо ҷурми амали экстремистию террористӣ паси панҷара рафта, ба озодӣ баромаданд.

Дар муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистон аз ҷониби худи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Тоҷикистон корҳои маърифатӣ сурат мегирад. Чанде пештар барномаи ислоҳи маҳбусон ва боло бурдани тавонмандии кормандон ба пешгирии экстремизм дар маҳбасҳо қабул шуда, ҳоло иҷро мешавад.

Дар Тоҷикистон танҳо Намояндагии DVV International дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ барои расонидани мадад ба маҳбусони пешин (машварати ҳуқуқию равоншиносӣ ва барқарор намудани ҳуҷҷатҳо) фаъолият доранд. Дар Тоҷикистон бо маҳбусони бо ҷурми экстремизму терроризм аз озодӣ маҳрум шуда - созмонҳои ҷамъиятӣ корбарӣ нодоранд, чун ин мавзуи вижа, ҳассос ва обнарасида боқӣ мемонад.

Дар охир бояд бори дигар зикр шавад, ки ин арзёбӣ бештар дар асоси матлабҳои дастрас таҳия шуда, даъвои фарогир буданро надорад. Инро ҳамчун як иқдоме барои шинохти маҷмӯии таҷрибаҳои мақомоти давлатӣ, шарикони рушд ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар самти пешгирии экстремизм бояд пазируфт.

4.2. Дуроҳиҳои офиятбахшӣ ва барқарорсозии баргаштагон дар Тоҷикистон

Дар муҳити фикрии Тоҷикистон дар масъалаи офиятбахшӣ ва барқарорсозии баргаштагон баҳсҳои илмӣ миёни масъулин, коршиносон ва пажуҳишгарон камтар сурат мегирад. Ин гуфтумон, гарчанде мустақиман ба суботу амнияти кишвар таъсир дорад, то ҷойе ба таври шоиста муаррифӣ нашудааст. Ангезаи нигориши ин бахш низ ҷалби таваҷҷуҳи доираи васеи пажуҳишгарон ба ин мавзуъ мебошад.

Дар қиёс бо бисёре аз кишварҳо Тоҷикистон дар масъалаи бозгардонидан ва барқарорсозии шаҳрвандонаш таҷрибаи нодир дорад. Солҳои 90-ум ва аввали солҳои 2000-ум гурезагони ҷанги шаҳрвандӣ ба кишвар баргаштанд, ки шумори онҳо аз баргаштагони имрӯзӣ ба маротиб бештар буд.

Ҳанӯз ҳамон замон механизмҳои зарурии молиявӣ, моддию техникӣ, сохторӣ, расонаӣ, ҳамгироӣ ва ғайраҳо таҳия шуданд, ки муносибати кишвар ба баргаштаҳо ва баргардонидашудаҳоро ба намоиш мегузорад. Бо вуҷуди таҷрибаи миллӣ, вижагиҳои ҳуқуқӣ ва амалии он то ба ҳол аз ҷониби пажӯҳишгарон ва коршиносону масъулони кишвар ба таври фарогир омӯзишу баррасӣ нашудааст, то намунаҳои иҷроии он ба воқеияти нав мутобиқ шаванд.

Аз ҷониби дигар вуҷуд доштани чунин пешина то андозае масъулонро фориғбол кард ва ҳатто суханҳое садо медод, ки “мо дар солҳои 90-ум тавонистем наздик ба як миллион касро ба Ватан бар гардонем ва ин як-ду ҳазор коре нест!”. Шояд ин эътимоди қавӣ ба таҷриба ва натиҷаҳои пешин боис шуд, ки ба масъалаи барқарорсозӣ ва офиятбахшии баргаштагон дертар таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардад.

Соли 2013 вазъи кишварҳои Ховари Миёна аз назари таҳдидҳои экстремистию террористӣ ба таври назаррас бад шуд ва таъсири мустақими худро ба ҷомеаҳои мусалмонии ҷаҳон расонд. Пайдоиши гурӯҳи тундгарои

“Давлати Исломӣ” боиси шиддати ҷалби густурдаи ҷангҷӯёни ифротӣ аз кишварҳои гуногун ҷаҳон гардид. Шаҳрвандони кишварҳои мухталиф бо аҳли хонавода ба Сурия ва Ироқ кӯчиданд ва дар он ҷо зери қонуну қоидаҳои як “давлат”-и худхондаи асримиёнагӣ зиндагӣ мекарданд. Ҳукуматҳои кишварҳои ҷаҳон дар баробари ин падида чораҳои гуногун андешиданд: бархе кишварҳо ҷонибдорони гурӯҳҳои ифротиро аз шаҳрвандӣ маҳрум сохтанд, дигарон тасмим гирифтанд онҳоро ба ватан бозгардонанд ё истирдод кунанд.

Тоҷикистон дар ин замина тадбирҳои қонунӣ ва амалӣ андешид. Ба Кодекси ҷиноятӣ ба моддаи нави 401^1 илова гардид (аз 26 июли 2014, №1088), ки барои ҷалб ва иштирок дар гурӯҳҳои мусаллаҳ ё ҷангҳои хориҷӣ ҷазо дар намуди маҳрумият аз озодиро ба муҳлати 12 то 20 сол пешбинӣ кард. Сипас ба ин модда эзоҳ илова шуд (аз 18 марти 2015, №1176) ва аз рӯйи он шаҳрвандони ихтиёрӣ аз ҷангҳои хориҷӣ баргашта ва ҷангро таркнамуда, агар ҷинояти дигар содир накарда бошанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мешаванд. Тибқи ин тағйирот, ҳар касе, ки бо пушаймонӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ихтиёрӣ ҳозир шавад ва эътироф кунад, ки бо роҳи фиреб ё ноогоҳӣ ба созмонҳои экстремистӣ пайвастааст, аз ҷавобгарӣ озод мегардад[1]. Ин тадбир шароити бозгашти ҷангиёнро фароҳам кард ва дар нӯҳ моҳи соли 2018 мақомоти корҳои дохилӣ аз бозгашти 163 аъзои гурӯҳҳои тундгаро ба монанди “Давлати исломӣ”, “Салафия”, “Гурӯҳи 24” ва “Ҷамоати Ансоруллоҳ” хабар доданд[2].

---

[1] Ниг. Холов Ф. Қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки гумроҳшудагон ислоҳ шаванд / 05.01.2017. URL: https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/onunguzor-imkon-medi-ad-ki-gumro-shudagon-islo-shavand/

[2] Раскаявшихся экстремистов в Таджикистане освобождают от ответственности /12.05.2016. URL: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/security/20160512/raskayavshikhsya-ekstremistov-v-tadzhikistane-osvobozhdayut-ot-otvetstvennosti; 163 узви «ДИИШ» ва дигар созмонҳои ифротиро ба Тоҷикистон баргардонданд / 25.11.2018. URL: https://www.ozodi.org/a/tajik-extremism-prevention-isis-islamic-extremism/29619482.html

Аз моҳи апрели 2019 дар Тоҷикистон бозгардондани оилаҳои дар ҷангҳо дармонда оғоз шуд. Он замон аз Ироқ 84 кӯдак (1,5 то 15-сола) ба Ватан оварда шуд. Баъдан, моҳи июли 2022 дар як амалиёти вижа 42 зан ва 104 кӯдак (2 то 18-сола) аз урдугоҳҳои Сурия баргардонда шуданд; моҳи майи 2023 боз 104 зану кӯдак (ҷамъ 29 оила) ба кишвар бозпас оварда гардид. Ҳанӯз ҳам музокироти Душанбе бо Димишқу Бағдод барои ирсоли онҳо ба Ватан идома дорад[1].

Бо назардошти ин, офиятбахшии худомадагон (шахсони худихтиёр баргашта) ва баргаштагон (аз хориҷ тавассути чораҳои давлатӣ овардашуда) дар шароити феълӣ аҳамияти вижа пайдо мекунад. Ин раванди бозгардонӣ ва барқарорсозӣ бевосита бо амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ пайванди дорад, зеро баргаштан ва офиятсозиву барқарорсозии ин касон ду паҳлуи муҳим, яъне иҷрои уҳдадориҳои инсондӯстона ва пешгирии хавфу чолишҳои воқеи дарозмуддат ба суботу амниятро ба ҳам овардааст.

Масъалаи баргаштагон дар сиёсати давлатии кунунӣ

Дар Стратегияи миллии муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021–2025 масъалаи баргаштагон ва офиятбахшии онҳо бори нахуст расман ҷой дода шуд. Бар асоси ин Стратегия, шаҳрвандони Тоҷикистон, ки 1) ихтиёрӣ аз иштирок дар низоъҳои мусаллаҳонаи хориҷӣ даст кашида ба ватан баргаштанд, ё 2) фаъолияташон дар ҳудуди ҷумҳурӣ манъшудаи ташкилотҳои ифротиро тарк карданд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод гардиданд.

Ин раванд дар давраи амали Стратегияи қаблӣ оғоз гардида, ба бозгашти шуморе аз шаҳрвандон мусоидат кард. Ҳамчунин, дар банди 12-и муқаддимаи Стратегия миёни омилҳои густариши экстремизм таъкид мегардад, ки “набудани механизми дақиқи барқарорсозӣ ва ба

[1] Ҳамаи занону кӯдакони аз Сурияву Ироқ баргашта ба оилаҳои худ пайвастаанд / 14.02.2024. URL: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/20240214/amai-zanonu-kdakoni-az-suriyavu-iro-bargashta-ba-oilaoi-hud-paivastaand

ҳаёти одӣ мутобиқ кардани ҷангиён-террористони баргашта, занону кӯдакони ба онҳо алоқаманд, инчунин шахсони аз гурӯҳҳои мамнуъ дасткашида" яке аз омилҳои хавфзост. Ин иқрори расмӣ, ки механизми муассири барқарорсозии баргаштагон мавҷуд нест, барои таҳия ва пешниҳоди чунин роҳкорҳо аз ҷониби ниҳодҳои илмӣ ва мақомоти масъул замина фароҳам овард. Ин нукта собит мекунад, ки дар санади роҳбурдии давлатӣ вазъи воқеӣ ба эътибор гирифта шуд ва зарурати таҳияи равишҳои нав эътироф гардид.

Дар бахши "Самтҳои асосии муқовимат"-и Стратегияи дуюм низ ду иқдоми марбут ба бозгаштагон пешбинӣ шудааст. Нахуст, дар самти баланд бардоштани нақши дин дар пешгирии тундгароӣ зикр мешавад, ки шаҳрвандони дар муассисаҳои ғайрирасмии динии хориҷӣ таҳсилдошта, барои бозгашт ба ватан ташвиқ гарданд ва воридшавии онҳо ба ҳаёти ҷомеа бо нармӣ сурат гирад. Дуюм, зербанди 12-и ҳамон бахш комилан ба офиятбахшӣ ва барқарорсозии шахсони дорои гузаштаҳои экстремистӣ ё террористӣ бахшида шудааст, ки на танҳо баргаштагон, балки доираи васеи мардуми собиқаи ифротидоштаро фаро мегирад. Аз ҷумла, чораҳои зайл пешбинӣ мешаванд:

1. Баланд бардоштани маърифату таҳаммулпазирии ҷомеаи маҳаллӣ ба чунин ашхос. Пажӯҳишу баррасиҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи қабул ва ҳамгироии иҷтимоии бозгаштагон дар маҳал аз тарзи нигоҳ ва донишҳои мардум вобаста мебошад.

2. Таҳияи барномаи офиятбахшии маҳкумшудагони барои чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла онҳое, ки барои ширкат дар низоъҳои ҳарбии берун аз кишвар дар маҳбас қарор доранд. Ин нишон медиҳад, ки давлат аз офиятбахшӣ ва барқарорсозии пас аз зиндон низ ғофил нест ва зарурати кор бо касони ифротгарои зиндониро эътироф мекунад.

3. Чорабиниҳои барои бозгардондан, солимгардонии тиббӣ ва равонӣ, таъмин бо ҷойи кор ва таҳсил барои занону кӯдаконе, ки аз минтақаҳои ҷангӣ баргардонида шуданд ё мешаванд. Дар ин банд ба гурӯҳи осебпазири

занону кӯдакон таваҷҷуҳ гардида, барои барқарорсозии устувори онҳо тадбирҳои иҷтимоиву равониро пешбинӣ мекунад.

4. Офиятбахшӣ ва барқарорсозии ҷангиён-террористони бозгашта ва шахсони ихтиёран гурӯҳҳои мамнуъро тарккарда. Ин механизмҳои умумии кор бо категорияи худомадагонро ҳам дар бар мегирад.

Чор нуктаи боло самти равиши давлатиро дар кори офиятбахшии ҳам бозгаштагони озодшуда ва ҳам маҳбусони экстремист нишон медиҳад. Таъкиди Стратегияи дуюм ба ин бандҳо собит месозад, ки коршиносон ва пажӯҳишгарон бояд ба ин мавзуъ ҷиддитар рӯй оранд, зеро ин масъала барои таъмини субот ва амнияти кишвар аҳамияти амалӣ дорад. Ба ибораи дигар, сиёсати давлатӣ роҳро барои ибтикорҳои нави илмӣ ва амалӣ боз кардааст.

Ривоятҳои расонаӣ перомуни офиятбахшии бозгаштагон

Таҳлили муҳтавои расонаҳои Тоҷикистон нишон медиҳад, ки атрофи мавзуи баргаштагон чандин ривоят шакл гирифтааст. Ривоят дар ин ҷо на як ҳикояти сода, балки як достони такрорёбандаест, ки пайваста дар фазои иттилоотӣ бозгӯйӣ мешавад ва ҳамин такрор ба он қудрати таҳрикбахш медиҳад. Барои роҳандозии чунин арзёбӣ интишороти се сарчашмаи асосии ахбори Тоҷикистон: АМИТ “Ховар” (арсаи расмии хабарии давлат), гурӯҳи расонаҳои “Asia-Plus” ва “Фараж” (расонаҳои пешоҳанг) ва Хадамоти тоҷикии Радиои Озодӣ (RFE/RL) (шохаи тоҷикии расонаи байналмилалӣ) баррасӣ шуданд. Ин расонаҳо ба таври пайваста рӯйкарди давлат ва ҷомеа, инчунин дидгоҳҳои байналмилалиро инъикос мекунанд. Мавод барои омӯзиш панҷ паҳлӯ доранд:

Якум, хабарҳои расмии мақомоти давлатӣ дар бораи бозпас овардани занону кӯдакон аз Сурияву Ироқ ва ба ватан расондани онҳо. Ин гузоришҳо башардӯстии роҳбарияти давлат ва бетараф набудани Тоҷикистонро

ба сарнавишти ҳар як шаҳрванд (ҳарчанд гумроҳшуда бошад ҳам) нишон медиҳанд. Бо чунин ривоятсозӣ талош мегардад, то симои мусбати давлати ғамхор ба намоиш гузошта шавад ва таваҷҷуҳро ба самти суботи иҷтимоӣ ҷалб мекунад.

Дуюм, хабарҳо дар бораи фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва сафоратҳои кишварҳои хориҷӣ, ки дар мавзуи мушкили бозгаштагон аз худ ташаббус нишон медиҳанд. Дар ин матолиб аз пуштибонӣ ва даъвати созмонҳои байналмилалӣ барои татбиқи офиятбахшӣ сухан меравад, ки бештар фарогири талошҳои оҷонсиҳои СММ, САҲА ё кишварҳои донор барои мадад дар бозгардониву мутобиқсозии онҳо мебошад.

Сеюм, мавод бо равиши сторителлинг (қиссанависӣ) дар бораи саргузашти касоне, ки ба гурӯҳҳои ифротӣ пайвастанд ва баъдан баргаштанд. Дар ин ҳикояҳо одатан масири зиндагии як инсон тасвир мешавад: чӣ гуна ҷалб шуд, ба минтақаи ҷангӣ рафт ва сипас кадом сарнавишт ӯро интизор шуд. Масалан: 1) ба ватан бозгашт ва афв шуду ҳоло дар ҷомеа фаъолият дорад; 2) ба ватан истирдод гардида, маҳкум ва ҳоло дар зиндон аст; 3) баргашт, маҳкум шуд ва адои ҷазо мекунад. Чунин достонҳои шахсӣ барои баён кардани паёмҳои пинҳонӣ истифода мешаванд: аз як тараф, бахшиши давлат ва шонси дуюмро нишон медиҳанд; аз дигар тараф, ҳушдор медиҳанд, ки на ҳама чунин бахт доранд ва қонуншиканӣ беподош намемонад.

Чорум, матолиб дар бораи боздошти зодагони Осиёи Марказӣ дар қаламрави Сурияву Ироқ ва тадбирҳои кишвари хостгоҳ барои бозгардонидани онҳо. Ин бахш ривояти минтақаиро инъикос мекунад: Тоҷикистон дар ин ҷой худро дар паҳлӯҳои ҳамсоягон мебинад. Гузоришҳо фарқи равиши кишварҳоро нишон медиҳанд. Масалан, рӯйкарди Ӯзбекистон, Қазоқистон ё Қирғизистон бо Тоҷикистон дар масъалаи бозгаштагон аз минтақаҳои фаъолияти террористӣ муқоиса мешаванд.

Панҷум, суханроиву мусоҳибаҳои расмӣ ва таҳлилӣ аз ҷониби мансабдорони давлатӣ ва коршиносони анде-

шакадаҳо дар мавзуи экстремизм ва терроризм, ки дар онҳо ба мушкилоти бозгаштагон низ ишора мешавад. Ин қабил ривоят талош мекунад назару мавқеи нухбагони сиёсиву амниятиро нишон диҳад. Яъне давлат мушкилро дарк ва дар бораи ҳалли он фикр мекунад; коршиносон машғули ҷустуҷӯйи роҳкору роҳҳалҳо ҳастанд.

Аз таҳлили ин сарчашмаҳо равшан шуд, ки давоми солҳои 2013 то 2025 дар фазои расонаии кишвар **даҳ ривояти асосӣ** шакл гирифтааст:

1. **Январи 2013 – ҳамоиши нахустин дар мавзуъ.** Дафтари САҲА дар Тоҷикистон аввалин мизи гирди минтақаиро дар мавзуи мушкилоти озодшавӣ, офиятбахшӣ ва барқарорсозии маҳбусони экстремисту террорист баргузор кард. Паёми калидӣ: ин нахустин тадбир дар паҳнои Осиёи Марказӣ буд ва дар чаҳорчӯби Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ сурат гирифт, ки ба бартарафсозии решаҳои тавлидкунандаи терроризм равона буд. Дар ҳамоиш ба ҳамкории мақомоти давлатӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ гардид. Ин ривоят нишон медиҳад, ки мавзуъ нав буда, Тоҷикистон дар пайравӣ аз рӯзномаи байналмилалӣ ба он рӯ меорад.

2. **Июн 2017 – хатари амниятӣ аз бозгаштагон.** Ривояте пайдо шуд, ки ҷангҷӯёни пешин баъди бозгашт метавонанд муттаҳид шуда, дар дохил гурӯҳи хатарноки худро ташкил кунанд. Бардошт: Баргаштагон таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллиянд. Ин гуфтор бештар нигаронии ниҳодҳои қудратиро инъикос мекунад, ки эҳтимоли созмонёбии дубора ё “вирус” паҳн кардани идеологияи ҷангиро меоранд. Чунин ривоят заминаи рӯйкарди сахти амниятӣ ва зарурати назорат ва эҳтиёт дар баробари бозгаштагонро қавӣ мекард.

3. **Январ 2018 – нақши занон дар пешгирӣ ва офиятбахшӣ.** Дар расонаҳо аз нақши занон дар пешгирии терроризм ва мусоидати онҳо ба офият-бахшии ҷангҷӯёни пешин ҳарф зада шуд. Бардошт: ҷойгоҳи оила, ба вижа модарон ва ҳамсарони ҷангҷӯён, дар раванди ислоҳи онҳо муҳим аст, ҳарчанд ривоятҳои

мушаххас дар ин замина ҳанӯз дида намешуданд. Ин паём ба зарурати ҷалби оила ба барномаҳои пешгирӣ ва барқарорсозӣ ишора мекунад, вале ҳамзамон холигии амалии онро нишон медиҳад.

4. Нимсолаи аввали 2018 – бозгаштагон аз ҷангҳои Ховари Миёна. Мавзуи баргаштагон аз минтақаҳои ҷангзада нахустин бор дар ҳафтаҳои аввали 2018 ба таври густарда расонаӣ шуд (ҳарчанд намунаи баргаштани зодагони Тоҷикистон аз кишварҳои ҷангзада аз соли 2014 дар расонаҳо бозтоб шуда буданд, вале он замон ривоятсозии пайваста сурат нагирифт). Дар соли 2018 расонаҳо рӯйдодҳои парокандаро пӯшиш медоданд: 1) бозгашт дар нимароҳ (дар Туркия), ки мақсади ба "Давлати исломӣ" пайвастанро доштанд; 2) истирдоди касони дастгиршуда ба Тоҷикистон; 3) бозгашти баъзе ихтиёриҳо аз Сурияву Ироқ. Баъдтар, ҳикоятҳое дар бораи таҷрибаи офиятбахшии ҳамин ашхос нашр шуд. Намунаҳо:

- Бозгашти ҷангиён аз "хилофат": ҳушдор аз хатари "узвҳои хомӯш" (Фараж, №5 (583) аз 31.01.2018);
- Нақшаи мушаххас ва хатсайри оддии ифротгароён (Фараж, №7 (585) аз 14.02.2018);
- Суғд: коҳиши шомилшавии сокинон ба гурӯҳҳои ифротӣ (Фараж, №7 (585) аз 14.02.2018);
- В Согде приговорили большую семью, которая хотела воевать в Сирии (Азия плюс от 18.04.2018);
- Таджикских детей вернули из Ирака в Душанбе (Азия плюс от 01.05.2019);
- Суд зани 71-соларо бо қасди "ҷиҳод" 12 сол равонаи зиндон кард (Фараж, №21 (600) аз 30.05.2018);
- Зиндагии осудаи Марям пас аз даҳшати ҷанг (Фараж, №28 (607) аз 18.06.2018);
- Кӯдаконе ки аз Сирия бармегарданд ба чӣ ниёз доранд? (Фараж, №29 (608) аз 25.07.2018); ва ғайра.

Бардошт: нигариш ба баргаштагони ҷангзада табиатан эҳтиёткорона ва то ҳадде беэътимодона буд, ки ин як "беэътимодии солим"-и ҷомеа ба онҳо мебошад.

5. Май 2018 – зарурати рӯйкарди маҷмӯӣ. Рӯзноманигорон пешниҳоди коршиносонро барои истифодаи равиши маҷмӯӣ (комплексӣ) дар офиятбахшии бозгаштагон ба миён гузоштанд. Ин иборат аст аз он ки ҳамаи мутахассисони марбута (равоншинос, омӯзгор, теолог, корманди иҷтимоӣ, ҳуқуқшинос ва ғ.) бояд дастаҷамъона кор кунанд. Пеш аз оғози офиятбахшӣ бояд **таҳлили аввалия** анҷом шавад, то дараҷаи хатар ва хислати ҳар фард муайян гардад – барои кӣ идомаи талошҳои реабилитатсионӣ мувофиқ аст ва барои кӣ не, то захираҳои маҳдуди инсонӣ ва молиявӣ беҳуда сарф нашавад. Дар моҳи ноябри 2019 низ матлаби дигаре ин нуктаро тақвият дод, ки офиятбахшӣ и иҷтимоӣ, равонӣ ва идеологӣ зарур аст ва барои худомадагони афвшуда як **барномаи вижа** бояд таҳия гардад, то ба онҳо мадад карда шавад зиндагии худро тағйир диҳанд. Муаллифони ин матлабҳо ҳушдор доданд, ки ин барномаҳо ҳанӯз нокомиланд ва бояд такмил шаванд, то аз радикалишавии дубора пешгирӣ шавад. **Бардошт:** Ҳарчанд на ҳамаи бозгаштагон шояд ислоҳшаванда бошанд, ба ҳар яки онҳо бояд шанси ислоҳ ва оғози зиндагии нав дода шавад. Ин ривоят як тавозуни байни реализм ва инсондӯстиро тарғиб мекунад.

6. Феврал 2019 – ниёз ба мадади хориҷӣ. Дар расонаҳо гуфта шуд, Тоҷикистон барои бозгардондани “қурбониёни андешаҳои ифротӣ ва тундрав” ва офиятбахшии онҳо ба мададу пуштибонии ИМА ва Иттиҳоди Аврупо ниёз дорад. Зикр гардид, ки механизми ихтиёрии бозгашт ва офиятбахшии чунин касон аллакай дар Тоҷикистон таҳия шудааст, аммо пуштибонии молиявию техникӣ аз ҷониби шарикони ғарбӣ иқдоми хуб мебуд. Бардошт: мақомоти Тоҷикистон барои татбиқи комили офиятбахшӣ ба мадади беруна, аз ҷумла, ба таҷриба ва рӯйкардҳои байналмилалӣ ниёз доранд. Ин ривоят ҳам саҳнасозии дипломатӣ (ҷалби таваҷҷуҳи донорҳо) ва ҳам иқрори норасоии захираҳои дохилиро дар бар мегирад.

7. Май 2019 – кӯдакони бозгашта аз Ироқ. Дар расонаҳо зикр шуд, ки офиятбахшии кӯдакони аз Ироқ овардашуда кори осон нест. Тавсия шуд, ки Тоҷикистон бояд аз тамоми таҷрибаҳои мусбат дар мутобиқсозии кӯдакон ба ҷомеа истифода барад. Хотирнишон гардид, ки кишвар дар солҳои 90-ум баъди ҷанги шаҳрвандӣ таҷрибаи кор бо кӯдакони осебдида (масалан, ятимон ва кӯдакони гуреза)-ро дошт ва бо назардошти таҷрибаи кишварҳои дигар метавон онро ба шароити имрӯз мутобиқ кард. Бардошт: то баҳори 2019 перомуни чӣ гуна муносибат кардан бо кӯдакони аз ҷанг баргашта дидгоҳи дақиқе вуҷуд надошт, ки ин худ аз нав будани чолиш шаҳодат медод. Зикр гардид, ки ин кӯдакон аз ҷанг осебҳои равонӣ ва таълимӣ дидаанд (наздиконашонро аз даст дода, мактаб нарафтаанд), бинобар ин барқарорсозии онҳо вазифаи мураккаб аст. Ин ривоят ҷомеаро омода месозад, ки офиятбахшии кӯдакон як раванди дарозмуддат ва ҳассос мебошад.

8. Феврал 2020 – мушкилоти умумиҷаҳонии офиятбахшӣ. Дар гузориши расонаҳо таъкид шуд, ки барои ҳар кишвар офиятбахшии ҷангҷӯёни бозгашта вазифаи мушкил аст. Хабар дода шуд, ки ИМА ба Тоҷикистон дар ин самт мадад пешниҳод кардааст. Бардошт: ягон “нӯшдору”-и умумӣ барои офиятбахшӣ вуҷуд надорад ва ҳамаи кишварҳо – новобаста аз сатҳи рушди иқтисодӣ – бо ин мушкил рӯ ба рӯянд. Ин ривоят ба афкори умум паём медиҳад, ки ин мавзуъ – мушкил ҷаҳонӣ ва душвор аст, бояд интизороти воқеӣ дошт. Дар воқеъ, таҷрибаи чандин кишварҳои аврупоиро метавон мисол овард, ки бо сарфи сармояи ҳангуфт барномаҳои мураккаби тундгарозудоиро роҳандозӣ карданд, вале на ҳама интизориҳо ҷомаи амал пӯшиданд. Дар Британиё, Фаронса ва дигар кишварҳои Аврупо низ барқарорсозии ҷангҷӯёни хориҷӣ бо муқовимати иҷтимоӣ ва хавфи амниятӣ рӯ ба рӯ шуд ва на ҳамаи талошҳо комёб гаштанд. Аз ин лиҳоз, ин ривоят ҳамдилии Тоҷикистонро бо барномаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад ва ҳамзамон, эҳсоси масъулиятро таъкид мекунад.

9. Феврал 2021 – на ҳама нияти баргаштан доранд. Вазири корҳои хориҷии кишвар Сироҷиддин Муҳриддин дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки соли 2020 ҳукумат қасд дошт ҳамаи шаҳрвандони худро аз урдугоҳҳои “Ал-Ҳавл” ва “Рож”-и Сурия баргардонад, вале пандемияи COVID-19 халал расонд. Ӯ гуфт, бештари онҳо баргаштан мехоҳанд, аммо дар миёнашон касоне низ ҳастанд, ки нияти баргаштан надоранд. Зикр шуд, ки дар урдугоҳҳои Сурия дар шароити вазнин 260 зану кӯдак аз Тоҷикистон қарор доранд. Бардошт: на ҳама онҳо хоҳиши бозгашт доранд, чун пайванди фазоии худро бо ватан гусастаанд – яъне ҳисси тааллуқи худро аз даст додаанд. Ин ривоят як паҳлӯи ҷолиберо мекушояд: бархе аз ин шаҳрвандон шояд дигар худро тоҷик ё пайванд ба ҷомеаи кишвар эҳсос намекунанд. Ин воқеияти душвор чолиши иловагиро пеш меорад: чӣ гуна ҳатто бо вуҷуди хоҳиши нокофии баъзеҳо, онҳоро баргардонда ба ҷомеа ҳамгиро кард? Паём боз ҳам ҳушдоромез аст – хат миёни хатар ва масъулияти инсонӣ бисёр нозук мебошад.

10. Сентябр 2022 – кӯдаконро ба хешовандон намедиҳанд: Расонаҳо гузориш доданд, ки кӯдакони аз Сурия ва Ироқ баргашта мустақим ба хешовандонашон супурда намешаванд (ин ривоят солҳои баъдӣ низ дар матолиби расонаҳо зикр мешуд). Ривояти калидӣ: “мақомот аз паҳншавии андешаҳои ифротӣ дар ҷомеа метарсанд”. Дар мақола сарнавишти ин кӯдакон тасвир меёфт, ки онҳо пас аз бозгашт дар як муассисаи махсус нигоҳдорӣ мешаванд. Ин амал нишон медод, ки мақомоти амниятӣ ҳанӯз эҳтиётро аз даст надодаанд ва намехоҳанд ҳатто кӯдакон бидуни назорат ба муҳити озод пайваст шаванд.

Дар ростои ин ривоят, баъдан хабарҳои умедбахш низ нашр шуданд. Масалан, дар апрели 2023 гуфта шуд, ки бештари кӯдаконе, ки соли 2022 бо модаронашон аз Сурия баргашта буданд, баъди ҳудуди 8 моҳи тавсеаи барномаи офиятбахшӣ ба хешовандонашон супурда шуданд. Онҳо қаблан дар осоишгоҳи Кумитаи андоз дар ноҳияи Варзоб нигоҳдорӣ мешуданд ва дар ин муддат

равоншиносон, адабиётшиносон ва дигар мутахассисон бо онҳо кор карданд. Танҳо пас аз хулосаи комиссияи вижа занону кӯдаконро ба наздикон доданд ва таъкид шуд, ки онҳо дар хонаҳояшон низ зери назорати давлат хоҳанд буд. Хешовандони кӯдакон ба расонаҳо гуфтаанд, ки иҷозаи суҳбат бо расонаҳоро надоранд, ки худ нишонаи идомаи режими махфияти иттилоотӣ аст. Бардошт: ин тадбир паҳлуҳои мусбату манфӣ дорад. Бешубҳа, паҳлӯи мусбат дар он аст, ки эҳтимоли табъиз ва тамға задан ба занону кӯдакони баргашта коҳиш меёбад ва ба онҳо имкон медиҳад зери шароити одӣ зиндагӣ кунанд. Давлат низ бо роҳ надодани "қаҳрамонсозӣ" ё "бадномсозӣ"-и ин касон, фазои оромтари иҷтимоиро ҳифз мекунад. Аз сӯи дигар, паҳлуи манфӣ ин аст, ки набудани иттилооти воқеӣ дар бораи ин баргаштаҳо шояд боиси паҳн шудани овозаҳо ва гумонҳои беасос дар ҷомеа гардад. Яъне, пӯшида нигоҳ доштани онҳо аз чашми ҷомеа худ метавонанд шарҳи нодурустро офарад, ки ба суботи иҷтимоӣ таъсири номатлуб мерасонад.

Натиҷагирӣ аз таҳлили ривоятҳо. Таҳлили ривоятҳои болозикр имкон медиҳад, ки дар бораи дурнамои офиятбахшӣ ва барқарорсозии баргаштагон чанд андешаро матраҳ кунем:

Якум, то ҳанӯз дар фазои расонаии Тоҷикистон раванди устувори қабули бозгаштагон шакл нагирифтааст. Яъне ривояти ягона ва пазируфта дар бораи тарзи муносибат бо баргаштагон вуҷуд надорад. Дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ баҳсҳои васеъи ҷамъиятӣ дар бораи ин ки "бозгаштагонро чӣ гуна бояд пазируфт?" мушоҳида нашуд. Инро метавон ба табиати мураккаби масъала рабт дод. Мавзуи бозгаштагон дар чорроҳаи меъёрҳои инсондӯстӣ ва ниёзҳои амниятӣ қарор гирифтааст. Аз як тараф, усули инсонпарварӣ ва ҳуқуқи башар тақозо доранд, ки бо занону кӯдакон ва ҳатто касони фиребхӯрда бо раҳмдилӣ рафтор шавад. Аз тарафи дигар, манфиати амнияти ҷомеа ва суботи миллӣ тақозо мекунанд, ки эҳтиёт ва назорат аз даст наравад.

Бинобар ин, мавзуъ ҳассос боқӣ мемонад ва роҳҳали қонеъкунандаи доираи васеъ ёфт нашудааст.

Дуюм, ошкорсозии ривоятҳо аҳамияти амалӣ дорад, зеро имкон медиҳад тамоюлҳои сиёсати давлатӣ, рӯйкардҳои байналмилалӣ ва мушкилоти калидии соҳавӣ дарк шаванд. Ба ибораи дигар, аз тариқи таҳлили муҳтавои расонаҳо манзараи мукаммали он чӣ дар ин солҳо дар Тоҷикистон анҷом шуд, ҳувайдо мегардад ва посух ба ин саволҳоро ёфтан мумкин аст: чӣ масъалаҳо муҳим мебошанд? Мақомоти давлатию шарикони хориҷӣ чӣ чораҳо андешиданд ва чӣ корҳоеро анҷом доданд? Инчунин, аз ин таҳлил рӯҳия ва мавқеи бозигарони масъул (мақомот) ва худи бозгаштагонро метавон дарёфт. Масалан, расонаҳо то кадом ҳад нигаронии ниҳодҳои қудратӣ ё баръакс паёмҳои умедбахши онҳоро ёд мекунад. Ҳамчунин, оҳанги мусоҳибаҳои баргаштагони афвшударо метавон таҳлил кард, ки соярушанҳои фаровон дорад. Ин ҳама ба пешгӯйии мушкилоти эҳтимолии ҳам масъулин ва ҳам баргаштагон мусоидат мекунад ва барои коршиносон имкон медиҳад роҳкор ва тавсияҳои мувофиқ таҳия кунанд.

Сеюм, барои таҳқиқи амиқи фазои иттилоотӣ ва дарки маъниҳо, ғояҳо ва арзишҳои вобаста ба офиятбахшии бозгаштагон истифодаи роҳкорҳои муосири **таҳлили худкор** тавсия мешавад. Корбурди барномаҳои компютерӣ бо забонҳои гуногун ҷустуҷӯи кулли иттилооти дахлдорро осон хоҳад кард. Пас аз он бояд таҳлили сифатӣ анҷом дод, то мушкилоти умдаи соҳа ва афкори умум ошкор гарданд. Чунин равиш имкон медиҳад ривоятҳои аллакай устувор ва нуҳуфта муайян шаванд – баъзе ривоятҳо метавонанд ба барқарорсозии ифротиҳои пешин мусоидат кунанд, бархеи дигар метавонанд онро боздоранд. Таҳлили худкори расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ як абзори муҳими муосир дар ихтиёри пажӯҳишгарон аст, ки бояд фаъолона истифода шавад. Натиҷаҳои чунин таҳлил метавонанд барои давлат дар таҳияи стратегияи иттилоотӣ ва равобит бо ҷомеа бисёр арзишманд бошанд.

Саволҳои бепосух ва дуроҳиҳои асосӣ. Таҳлили боло нишон дод, ки мавзуи офиятбахшӣ ва барқарорсозии баргаштагон ҳамоно бо силсилаи саволҳои кушода рӯ ба рӯст. Баъзе аз муҳимтарин саволҳои бепосух инҳоянд:

1. **Оё офиятбахшии баргаштагон умуман кори беҳуда нест?** Як гумони ғолиб вуҷуд дорад, ки ин касон дигар ислоҳ намешаванд, зеро мағзи онҳо аз андешаҳои ифротӣ "заҳролуд" шудааст. Ҳеҷ кас кафолат дода наметавонад, ки онҳо дигарбора ба роҳи хато намераванд. Дар таҷрибаи кишвар ва ҷаҳон мисолҳои муваффақи ислоҳ ва ҳам ҳолатҳои ифротишавии дубора дида мешаванд. Масалан, дар Фаронса чандин ҷангҷӯйи пешин пас аз гузаштан аз курсҳои тундгарозудоӣ низ ба ҷиноятҳои нав даст заданд[1]; дар Британиё соли 2020 як ифротгарои пешин баъди озодшавӣ даст ба ҳамла зад, ки мавҷи интиқоди барномаҳои тундгарозудоиро барангехт[2]. Ин савол масъалаи самаранокии тамоми равандро зери савол мебарад: оё метавон андешаи устуворшудаи идеологиро комилан тағйир дод?

2. **Оё барои офиятбахшии баргаштагон захираҳои кофии молиявӣ ва кадрӣ дорем?** Таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ, инчунин, Ӯзбекистон ва Қазоқистон нишон медиҳад, ки барои иҷрои пурраи офиятбахшӣ сармояи қобили мулоҳиза ва гурӯҳи мутахассисони гуногун лозим аст. Сарфи маблағҳои калон ва ҷалби равоншиносону кормандони иҷтимоӣ ҳанӯз кафолати комёбӣ нест. Ғайр аз ин, як паёмади ҳассосро набояд нодида гирифт: мадади фаровони давлатӣ ба ҷангҷӯёни пешин метавонад норозигии қишрҳои дигар, хоса оилаҳои камбизоат ё қурбониёни худи терроризмро ба бор орад. Дар Тоҷикистон низ ин нигаронӣ ҷой дорад. Аз

[1] Sylvene See. Counter Terrorist Trends and Analyses, Vol. 10, No. 6 (June 2018), pp. 7-15. URL: https://www.jstor.org/stable/26435161

[2] Renard, T. (2020, April). Overblown: Exploring the gap between the fear of terrorist recidivism and the evidence. *CTC Sentinel, 13*(4), 19–29. URL: https://ctc.westpoint.edu/overblown-exploring-the-gap-between-the-fear-of-terrorist-recidivism-and-the-evidence/

тарафи дигар, набудани пуштибонии кофӣ хавфи ин касонро барои ҷомеа афзоиш медиҳад. Ин як мувозанати душвор аст. То кунун кишварҳо роҳҳалҳои гуногунро пеш гирифтаанд. Масалан, Ӯзбекистон дар чанд амалиёти "Меҳр" занону кӯдаконро зуд ба хонаводаашон бипайваст ва бикӯшид онҳоро бетаъхир ба ҳаёти маъмулӣ ҷалб кунад. Дар Қазоқистон дар чорчӯбаи амалиёти "Жусан" бозгаштагонро аввлан дар марказҳои вижаи мутобиқсозӣ нигоҳ дошта, барномаи пайвастаи идеологию рӯҳонӣ гузаронд[1]. Ҳар ду равиш бартариҳо ва нуқсонҳои худро дорад.

Дар Тоҷикистон аз натиҷаҳои ин таҷрибаҳо огоҳанд ва он рӯйкарде, ки бештар ба шароити мо созгоранд метавон интихоб кард. Дар кишвар ба далели набудани мадади системавӣ баъзе бозгаштагони афвшуда дубора ба фаъолиятҳои ғайриқонунӣ даст задаанд. Вазорати корҳои дохилии кишвар то соли 2018 ҳадди ақал 30 ҳолати ҷиноятҳои такрории чунин касонро сабт кардааст[2]. Ин рақам нишон медиҳад, ки бидуни пуштибонии зарурӣ ва назорати пас аз бозгашт, хатари ба роҳи тундгароӣ баргаштани баъзеҳо воқеист ва набояд сармоягузории кофӣ ба ин соҳа ба таъхир афтад.

3. Барои пешгирии ифротгароии такрорӣ ва таъмини амният чӣ механизмҳоро бояд истифода кард? Агар ин касон муваққатан ислоҳ шаванд, оё кафолат ҳаст, ки баъдан дубора бар зидди ҷомеа қарор намегиранд? Оё назорати доимии давлатӣ зарур аст ё такя ба созгории иҷтимоӣ кофист? Посухи яқин вуҷуд надорад ва ин саволҳо аз нозукиву ҳассосияти масъала бармеоянд. Бояд эътироф кард, ки эътимоди комил ба ислоҳи ин одамон дар ягон ҷомеа вуҷуд надорад. Масалан, як гузориши пажуҳишии СММ тавсия медиҳад, ки комёбии барқарорсозӣ бояд бо коҳиши сатҳи такрори

[1] Nurbek Bekmurzaev. Promises and pitfalls of Tajikistan's latest repatriation program for Islamic State families from Syria. (2023, May 18). *The Jamestown Foundation*. URL:https://jamestown.org/promises-and-pitfalls-of-tajikistans-latest-repatriation-program-for-islamic-state-families-from-syria/

[2] Ҳамон ҷо.

ҷиноят санҷида шавад. Яъне, танҳо он замон метавон дар бораи коромадии барномаҳо ҳарф зад, агар шумори баргаштагони такроран ҷинояткарда хеле кам бошад. Ҳоло, чун посухи омода ба ин саволҳо вуҷуд доранд, пас кишварҳо маҷбуранд бо эҳтиёт ва озмоишкорона амал кунанд.

Ба назар расидани ин ҳама саволҳои кушода далолат аз он мекунад, ки масъалаи офиятбахшии бозгаштагон дар Тоҷикистон (ва дар ҷаҳон) ҳанӯз марҳилаи ташаккули равишҳо қарор дорад. Ҳарчанд аввалин бор ин мавзуъ соли 2013 расонай шуд, дар давоми ин солҳо пажӯҳишҳои жарфи илмӣ ва баҳсҳои васеи ҷамъиятӣ кам ба назар расиданд. Дар ин муддат “гуфтумони бозгаштагон” дар шаклҳои гуногун садо дод, барои бештари мардум моҳияти масъала ва чораҳои анҷомшуда нофаҳмо боқӣ мемонад. Ин ҳолат бинобар камбуди маълумот метавонад ба пайдоишу паҳни овозаҳои беасос сабаб гардад ва худ манбаи ноустувории иҷтимоӣ шавад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар ростои ин масъала сиёсати башардӯстонаро пеш гирифтааст ва бо супориши роҳбарияти олӣ занону кӯдаконро аз Ироқу Сурия ба ватан баргардонд. Аз ин рӯ, роҳандозии корҳои маърифатӣ ва огоҳибахшӣ ба ҷомеа ҷузъи муҳими сиёсати кишвар мегардад. Мардум бояд донад, ки чаро давлат ин сиёсатро пеш мебарад, кадом тадбирҳоро рӯйи даст гирифтааст ва кадом натиҷаҳоро интизор аст. Танҳо дар ин сурат метавон тавозун миёни унсурҳои инсондӯстонаи сиёсати давлатӣ ва нигарониҳои амниятии ҷомеаро таъмин кард.

Тавре маълум аст, Тоҷикистон қаблан ҳам таҷрибаи муайяни барқарорсозии иҷтимоӣ доштааст ва пас аз ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1997–2000) ҳазорҳо гурезаҳоро ба ҷомеа баргардонд ва афвҳои васеъро татбиқ кард. Таҷрибаи мутобиқсозии пас аз ҷанги шаҳрвандӣ бо вазъи ҳозира ба куллӣ фарқ мекунад. Чунки гурезаҳои ҷанги шаҳрвандӣ қурбониёни ҷанг буданд ва бозгаштаҳо қурбониҳо ва пайравони равияҳои идеологияи тундгаро мебошанд. Таҷрибаи солҳои 1990-ум дар ҷомеа як навъ

масуниятро ба хушунату ифротгароӣ ташаккул додааст. Имрӯз дар муносибати ҷомеаи Тоҷикистон ба баргаштагон аломатҳои беэътимодии солим дида мешавад ва шакке нест, ки аз сабаққои талхи гузашта сарчашма мегирад. Ин омил мардумро водор месозад, ки пеш аз оғӯш кушодан ба онҳо, дар бораи оқибатҳои эҳтимолӣ андеша кунанд. Ин беэътимодӣ на ҳамеша чизи манфист; онро ҳамчун ҳиси худҳимояи иҷтимоӣ низ метавон арзёбӣ кард, ки ҷомеаро аз хатарҳои эҳтимолӣ ҳушёр нигоҳ медорад. Вале аз ҳад бисёр шудани чунин беэътимодӣ низ хуб нест, зеро ба табъиз ва канораҷӯии баргаштагон меанҷомад. Ин худ сабаби ифротишавии такрорӣ шуда метавонад.

Барои ҳамин, дар шароити кунунӣ, пешбурди сиёсати таҳкими эътимоди мутақобила миёни ҷомеа ва баргаштагон аҳамияти бузург дорад. Равшан гуфтану шарҳ додан ба мардум, ки чаро табъизи ин касон қобили қабул нест (зеро қонунгузории кишвар ҷазои онҳоро лағв кардааст ва муҷозоти ғайрирасмӣ набояд идома ёбад); ё тавзеҳ дода шавад, ки баргаштагон низ шаҳрвандони мо ҳастанд ва давлат ӯҳдадор аст онҳоро ба ҳаёти оддӣ баргардонад. Ин корҳоро метавон тавассути маъракаҳои иттилоотӣ, барномаҳои радиоиву телевизионӣ, ҷалби рӯҳониён ва шахсиятҳои мӯътамади ҷомеа амалӣ кард.

Дуроҳиҳои офиятбахшӣ ва механизмҳои нави рафтори давлатӣ

Дар самти офиятбахшии баргаштагон воқеан як **дуроҳӣ** вуҷуд дорад: аз як тараф, бояд кӯшиши ислоҳи онҳо сурат гирад; аз тарафи дигар, бояд ба худ ҳам пазируфт, ки шояд на ҳама ислоҳ мешаванд ва рӯйкарди ягона барои ҳама мавҷуд нест. Ҳамчун натиҷагирии ин зерфасл метавон гуфт, ки самарбахшии офиятбахшӣ ба ин вобаста аст, ки барои ҳар фард **равиши инфиродӣ** дуруст таҳия шавад. Коршиносони соҳа кайҳо ба хулоса расидаанд, ки категорияи “бозгаштагон” якранг нест ва муносибати якхела ба ҳамаи онҳо хатост. Аз ин рӯ,

гурӯҳбандии онҳо ва арзёбии ҳар яке аз рӯи меъёрҳои муайян ҳаётан муҳим мебошад.

Аз таҷрибаи баррасии кейсҳои воқеии экстремистҳо (аз ҷумла, бозгаштагони ифротгаро)-ро метавон шартан ба **се гурӯҳ** ҷудо кард:

Гурӯҳи якум – фирефташудагон. Инҳо асосан бо ҳавову ҳавас ё ҷавонӣ ба роҳи хато рафтаанд. Сабабҳое чун кунҷковӣ, роҳгум задан, зери таъсири касе мондан ё хештанро ҷузъи як "гурӯҳи муҳим" ҳис кардан онҳоро ба созмонҳои ифротӣ бурдааст. Таъбире ҳаст, ки мағзи онҳо ҳанӯз пурра "заҳролуд" нашудааст ва ислоҳи онҳо имконпазир мебошад. Ин касон бо гузашти вақт ва кори босалоҳияти мутахассисон метавонанд аз нав ба ҷомеа пайванданд. Татбиқи чораҳои офиятбахшӣ барои ин гурӯҳ натиҷа медиҳад, агар пайгирона ва ҳирфай амал шавад. Коршиносон таъкид мекунад, ки агар барои ин тоифа офиятбахшии идеологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ пурра истифода гардад ва нишондодҳои мусбат медиҳанд.

Гурӯҳи дуюм – қурбониёни ҳолат. Инҳо ҳамсарону фарзандони ҷангҷӯёнанд, ки бевосита худ ақидаҳои ифротиро пайравӣ накардаанд, балки ё ба хотири пайравӣ аз сарпарасти оила ба минтақаи ҷангӣ рафтаанд, ё зери фишори ӯ рафтору зоҳири худро тағйир додаанд. Мағзи онҳо низ комилан заҳролуд нашудааст, бинобар ин ислоҳшавандаанд. Занону кӯдаконе, ки солҳои тӯлонӣ дар муҳити зери нуфузи "Давлати исломӣ" дар Сурияву Ироқ будаанд, ин фарзия эҳтимолан сусттар амал кунад. Чунки ин касон шоҳиди саҳнаҳои сахти ҷанг, идеологияи тунд ва зиндагии беқонунӣ шудаанд, ки беосор намемонад. Ислоҳ ва барқарорсозии чунин занону кӯдакон заҳмати бештар металабад. Дар кишварҳои дигар таҷрибаи кори натиҷабахш чунин касон ҷангдида дида мешавад. Масалан дар Фаронса ва Олмон барномаҳои вижаи равондармонӣ барои кӯдакони ҷангҷӯёни "Давлати исломӣ" татбиқ шуданд ва натиҷаҳои умедбахш низ нишон доданд. Аз ин рӯ, истифодаи равишҳои вижа (барномаи офиятбахшии кӯдакони ҷангдида, дармони оилавӣ ва ғайра) лозиманд.

Гурӯҳи сеюм – ислоҳнопазирон. Онҳое ҳастанд, ки мағзашон комилан аз ақидаи ифротӣ сироят ёфта, ҳувияту арзишҳои зиндагии худро тағйир додаанд. Онҳо меъёрҳои иҷтимоии қаблиро комилан рад карда, худро “наҷотёфта”-и идеологияи нав медонанд ва чунин ашхос ғолибан ислоҳ намешаванд. Онҳо мумкин аст тарки созмон кунанд, аммо ин ҷудошавӣ ҳанӯз маънии тундгарозудоиро надорад. Яъне аз ҷанг даст кашанд ҳам, ба идеологияи ифротӣ содиқ мемонанд. Бо ин касон бояд **муносибати инфиродӣ** кард: гурӯҳи мутахассисон (равоншинос, ҷомеашиносон, диншинос, ҳуқуқшинос ва ғайра) ҳар як ҳолатро ҷудогона ташхис диҳанд, то фаҳманд, ки оё умеде ба ислоҳи ақидаҳо вуҷуд дорад. Агар натиҷа манфӣ бошад, шояд беҳтарини кор нигоҳ доштани онҳо дар низоми адлия ё назорати доимӣ мебошад. Ин як мавзуи ҳассоси ахлоқӣ ва амниятӣ аст: ҷомеа то куҷо омодааст касони ифротиро қабул кунад? Дар бисёр кишварҳо барои ин гурӯҳ роҳбурди алоҳидаи қонунӣ вуҷуд дорад – аз назорати доимӣ то маҳрум сохтан аз шаҳрвандӣ (дар Британиё агар ҷангҷӯён душаҳрвандӣ дошта бошанд, онҳоро аз шаҳрвандии худ маҳрум мекунанд).

Тоҷикистон дар асоси роҳандозии сиёсати башардӯстона то ҳол шаҳрвандии ҷангҷӯёнро бекор накардааст. Барои чунин касон ҳатман **механизми ҳуқуқии муносиб** бояд тарҳрезӣ гардад (масалан, мониторинги электронии кору гашту гузор, маҳдудсозии муошират бо ашхоси шубҳанок ва ғайра), то амнияти ҷомеа таъмин бимонад.

Самаранокии офиятбахшӣ дар марҳилаи миёнамуҳлат маълум мешавад, агар ин касон дубора даст ба хушунат назананд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳими марҳилаи оянда арзёбии таъсирбахшии барномаҳои тавонбахшӣ аст. Масалан, омӯзиши мизони такрори ҷиноят (рецидивизм) миёни ҳамаи онҳое, ки аз чунин барномаҳо гузаштаанд, бояд сурат гирад. Танҳо бо маълумоти таҷрибӣ метавон дар бораи коромади равишҳо доварӣ кард.

Дар баробари гурӯҳбандии фавқ, таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки дар кор бо бозгаштагон **омезиши чандин равиш** натиҷаи беҳтар медиҳад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, як ҷузъи муҳими барномаҳо офиятбахшии динӣ, яъне ҷалби рӯҳониёни босалоҳият барои сӯҳбат бо онҳо ва ислоҳи тафсирҳои ғалати динӣ мебошад. Нақши созмонҳои динӣ ва рӯҳониён дар тарғиби исломи таҳаммулгаро ва радди ақидаҳои ифротӣ хеле муассир аст, вале бояд ба назар гирифт, ки худи ин раванд маҳдудият дорад. Чунки самаранокии офиятбахшии динӣ то ҷойе баҳсбарангез буда, омӯзиши илмии таъсири он ба камшавии хавфи тундгарошавии дубора то ҳол пурра омӯхта нашудааст.

Барномаҳои динӣ замоне коромад ҳастанд, агар унсурҳои равондармонӣ (мисли равишҳои шинохтию рафторӣ)-ро фаро гиранд. Чунки танҳо бо мавъизаю насиҳат наметавон ба натиҷаи чашмрас ноил шуд. Аз ин рӯ, агар равиши динӣ вижагии пуштибонии рӯҳонию маънавӣ дошта бошад, пас натиҷа медиҳад. Исботи хато будани ақидаҳои ҷангҷӯ хостаҳои дастандаркоронро қонеъ месозад, вале ба инсони мавриди назар таъсири кам дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар ба бозгаштагон такрор ба такрор бигӯянд, ки “бовариҳои шумо ғалатанд” – ин дар бештари ҳолат вокуниши манфӣ ва радкуниро ба бор меорад. Аз ин рӯ, талош бояд кард, то тавассути дин дар онҳо умед, ҳисси бовар ба худ ва оромиши рӯҳӣ парвариш гардад. Яъне динро на ҳамчун абзори идеологӣ, балки воситаи дармонбахшӣ бояд ба кор бурд. Пажуҳишҳо дар Индонезиё, Арабистони Саудӣ ва ҳатто зиндони Гуантанамо нишон доданд, ки ҷалби рӯҳониёни миёнарави ғамхору дилбардор ба зиндонӣ судмандтар аст. Чунин рӯҳониён ба зиндониҳо ҳамчун як инсони эҳтиёҷманд ба роҳнамоӣ муносибат мекарданд ва бо онҳо ба баҳси ақидатӣ ворид намешуданд.

Яке аз мушкилоте, ки худи мақомот эътироф мекунанд, ин норасоии кадрҳои ихтисосманд дар ин соҳа аст. Равишҳои “тамоми ҷомеа” (whole-of-society), ки

созмонҳои байналмилалӣ тавсия медиҳанд, дар Тоҷикистон ҳанӯз пурра татбиқ нашудаанд. То ҳол давлат мавзуи офиятбахшӣ ва барқарорсозиро инҳисор карда, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳатто созмонҳои байналмилалиро ба таври кофӣ ҷалб накардааст. Дар кишвар мутахассисони ҳатмии соҳа – монанди коршиносони кор бо ҷавонони осебдида, равоншиносони клиникӣ, кормандони иҷтимоӣ, омӯзгорони вижа хеле каманд. Дар сатҳи роҳбурдӣ низ норасоии донишу малака эҳсос мешавад, зеро тарҳи чунин барномаҳо барои Тоҷикистон нав аст. Пас яке аз шартҳои самарабахшии дурнамо таҳкими ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва истифодаи захираҳои онҳо мебошад. Масалан, ҷалби созмонҳои ҷамъиятӣ барои кор бо оилаҳои бозгаштагон ё гузаронидани тренинг барои муаллимону кормандони маҳаллӣ дар минтақаҳое, ки баргаштагон зиндагӣ мекунанд, муассир буда метавонад.

Хушбахтона, қадамҳои аввал дар ин самт ҳаст. Соли 2022 ташкилоти ҷамъиятии “Таҳлил” бо пуштибонии Иттиҳоди Аврупо ва СММ дар чанд шаҳру ноҳия лоиҳаи баланд бардоштани сатҳи огаҳии мардум оид ба бозгаштагонро роҳандозӣ кард. Дар доираи он, ҳамоишҳои иттилоърасонӣ ва огоҳибахшӣ гузаронда шуданд. Яке аз натиҷаҳои барҷастаи он буд, ки мардум моҳияти башардӯстонаи мавзуро дарк мекунанд, вале посух ба пурсишҳо надоранд. Ин нишон медиҳад, ки ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар афкори умум таъсири нек мегузорад ва бояд густариш ёбад.

Барномаҳои стратегии нави давлатӣ (2023–2028)

Солҳои охир Тоҷикистон барои такмилу расмият бахшидани равишҳои худ дар ин соҳа заминаи меъёриву ҳуқуқӣ эҷод кард, ки ниёзҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва фарҳангии занону кӯдакони аз минтақаҳои ҷангӣ баргардонда, инчунин, дигар қишрҳои осебпазирро ба эътибор мегирад. Ин равиш на танҳо башардӯстии стратегияҳои давлатиро бештар мекунад, балки посухе ба чолишҳои амниятӣ ва барои таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ

низ мебошад. Ду санади муҳими барномавӣ дар ин замина тасдиқ шудаанд, ки тафсири кутоҳи онҳоро меорем:

1) **Барномаи офиятбахшӣ, мутобиқсозӣ ба зиндагии муқаррарӣ ва таъмини шуғл ва таҳсили занону кӯдакони аз минтақаҳои даргир баргардонда барои солҳои 2023–2027**. Ин барнома бо қарори Ҳукумати кишвар №481, аз 28 сентябри 2023 тасдиқ шуда, дар асоси Сарқонун, қонунҳои барҳоли муқовимат ба экстремизм ва терроризм, Стратегия барои 2021–2025 ва дигар санадҳои байналмилалии эътирофшуда таҳия гардидааст. Барнома роҳандозии кор бо бозгаштагонро дар пояи сиёсати ҷинсиятҳассос (gender-sensitive) дар назар дорад. Барнома дорои чунин вижагиҳо аст:

Якум, таъкид ба паҳлӯҳои гендерӣ ва синнусолӣ. Унсури калидии барнома ба назар гирифтани ниёзҳои фарқкунандаи занон ва кӯдакон дар раванди бозгашт ба ҳаёти осоишта мебошад. Чун онҳо ҳам қурбонии ифротгарой ва ҳам осебдидагони ҷанг будаанд. Бинобар ин, талаботи вижа доранд. Барнома ба занону кӯдакон расонидани мадади равонӣ, иҷтимой ва тиббиро пешбинӣ кардааст. Ҳамчунин, таъмини ҳифзи иҷтимой; фароҳамсозии имконияти таълимӣ; ва мадад барои пайдо кардани шуғлро низ дар назар дорад. Масалан, кӯдакони бозгашта бояд фавран ба таълим фаро гирифта шаванд, камбудиҳои таълимии онҳо ҷуброн гардад ва дар ин раванд набояд ҳеҷ гуна табъиз ё тамғазанӣ роҳ дод.

Дуюм, баланд бардоштани озодии иқтисодии занон. Дар барнома додани қарзҳои имтиёзнок ба занони бекор ва хонашин барои фаъолияти иқтисодӣ зикр шудааст. Ин тадбир ду ҳадаф дорад: аввал, ин занон ҷойи худро дар ҷомеа меёбанд ва дар онҳо эҳсоси судмандӣ пайдо мешавад; ва дуюм, вобастагии иқтисодии онҳо аз дигарон (аз ҷумла шабакаҳои эҳтимолии ифротгароён) кам мегардад. Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки худсолории иқтисодии занони ҷавон метавонад хатари осебпазирии онҳо ба таблиғи гурӯҳҳои тундравро коҳиш диҳад. Пас ин тадбир як сармоягузорӣ ба пешгирии экстремизми такрорӣ ҳам ҳаст.

Сеюм, таъмини ҳуқуқи кӯдак ва мутобиқшавии оилавӣ. Барнома таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон ва беҳтар кардани муносибатҳои оилавиро яке аз шартҳои муҳими офиятбахшии муваффақ ва пешгирии тундгарошавии дубора мешуморад. Аз ин рӯ, таъмини дастрасии баробари кӯдакони бозгашта ба таҳсил, пешгирии ҳама гуна табъизи онҳо дар маҳалли зист ё мактаб, ташкили ҳамоишҳои фарҳангиву варзишӣ барои тавсеаи ҷаҳонбинӣ ва таҳкими ҳисси ватандӯстии онҳо дар назар дошта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки давлат мехоҳад кӯдакони баргашта мисли ҳама ҳамсолони худ дар фазои мусбату созанда рушд кунанд ва ҳеҷ унсури манфие монеи ҷомеапазирии онҳо нагардад.

Барнома посух ба зарурати таъхирнопазири расидагӣ ба тақдири 146 зани тоҷик ва беш аз 200 кӯдаки баргардондашуда аст, ки қисман то оғози соли 2023 дар марказҳои тавонбахшӣ нигаҳдорӣ мешуданд. Барнома бо равиши ҳамаҷонибаи худ нишон медиҳад, ки давлат дар баробари ин гурӯҳ на равиши “ҷазодиҳии қонунӣ”, балки рӯйкарди пуштибони иҷтимоиро пеша карданист. Ҷинсиятҳассос шудани сиёсати давлатӣ паҳлуи мусбаташ аст. Бо назардошти ҳамин омил (муносибат ба бозгаштагон аз рӯйи ҷинс ва синну сол) ҳамчун нахустин ҳуҷҷати давлатии кишвар намунаи ибрат барои кишварҳои минтақа мебошад.

2) Барномаи офиятбахшӣ ва барқарорсозии шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ барои солҳои 2024–2028. Барнома бо қарори Ҳукумати кишвар №339, аз 1 июни 2024 тасдиқ шудааст. Барнома доираи васеъро фаро гирифта, ба ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд (бо фарогирии аъзои хонаводаҳои онҳо)татбиқ мешавад, ки дар низоъҳои мусаллаҳонаи хориҷӣ иштирок кардаанд ва ба ватан баргаштаанд. Яъне барнома фарогири ҳам худбаргаштаҳои пештар афвшуда ва ҳам касони дар марҳилаҳои оянда бармегашта аст. Яъне онҳое, ки дар оянда аз Сурия, Ироқ ва дигар кишварҳои ҷангзада ба

кишвар оварда мешаванд. Аз ин рӯ, зикри ду вижагии барнома муҳим аст:

Якум, равиши ҳадафманд ва инфиродӣ. Барнома таъкид мекунад, ки ҳалли масъалаи офиятбахшӣ бояд барои ҳар фард мутобиқ гардад. Аз ин лиҳоз, пешбинӣ шудааст, ки барои барқарорсозии робитаҳои иҷтимоии ҳар бозгашта кор бурда шавад ва ҳамгироии ӯ ба ҷомеаи маҳаллӣ таъмин гардад. Ин иқдом барои занон аҳамияти ҳаётӣ дорад, чун аз ҳама бештар осебпазиранд ва ҳамгироии маҳаллӣ (дар маҳалла ва ҷамоат)-и онҳо муҳим мебошад. Ин равиш ба тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ мувофиқ аст. Чун гуфта мешавад, ки барои пешгирии ифротишавии такрорӣ, шахс бояд худро узви комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунад ва аз ҷониби атрофиён қабул гардад.

Дуюм, таъсиси комиссияҳо ва роҳандозии мониторинги доимӣ. Дар Барнома мувофиқи қонунгузории барҳол омадааст, ки мониторинг ва назорати пайваста ба ҷараёни офиятбахшӣ ва барқарорсозӣ бояд ҷузъи таркибии кор бошад. Барои ин, таъсиси гурӯҳҳои машваратии офиятбахшӣ дар назар аст, ки ба он равоншиносон, пизишкон, кормандони иҷтимоӣ ва ҳуқуқшиносон шомил мешаванд. Ин гурӯҳҳо ҳар як ҳолати баргаштаро инфиродӣ баррасӣ ва роҳнамоӣ мекунанд. Аҳамияти ин механизм дар он аст, ки паҳлӯҳои гендерӣ ва ниёзҳои шахсии ҳар як баргаштаро ба инобат мегирад. Яъне барои як ҷавони 25-солаи танҳо ва ё барои як зани миёнасоли дорои 3 фарзанд – нақшаи гуногуни кор таҳия мешаванд. Мониторинги доимӣ ду ҷиҳат дорад: мададу пуштибонии равонию иҷтимоии давомдор ба баргаштагон; ва ҳамзамон, назорати онҳо аз лиҳози риояи қонун ва дуриашон аз фаъолиятҳои шубҳанок. Чунин механизми “мониторинг бо ҳидоят” дар таҷрибаи Британиё (барномаҳои “Channel”), Дания (равишҳои чорабиниҳои профилактикӣ)[1] ва дигар

[1] Renard, T. (2020, April). Overblown: Exploring the gap between the fear of terrorist recidivism and the evidence. *CTC Sentinel, 13*(4), 19–29. URL:

кишварҳои пешрафта низ дида мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки назорати пасозиндонӣ ва ҳамгироии фаъол тавассути машваратҳои муназзам хавфи такрори ҷиноятро коҳиш медиҳад.

Ин ду барномаи нави давлатӣ то ҷойе талошҳои пештараи парокандаро ниҳодина мекунанд. Барномаҳо як навъ **ниҳодинашавӣ** (institutionalization)-и равиш-ҳоро таъмин месозанд. Масалан, агар пештар кор бо бозгаштагон бештар шакли аксиявӣ (амалиёти алоҳидаи бозгардонӣ, афвҳои якдафъаина)-ро дошт, ҳоло ба барномаи давлатӣ бо буҷаи махсус, гурӯҳҳои корӣ ва нишондиҳандаҳои муайян табдил ёфтааст. Чунин рӯйкард ҳамоҳангии байниидоравиро беҳтар месозад ва масъулини корҳои дохилӣ, амният, маориф, тандурустӣ, кумитаҳои кор бо дин ва занон, мақомоти маҳаллӣ ва ғайра дар як доира муттаҳидтар кор хоҳанд кард.

Як асли муҳим дар самаранокии барномаҳо дар он аст, ки амалигардии нишондодҳои он бештар аз сифати ттбиқаш дар **маҳал** вобаста аст. Яъне тавонмандиҳои кадрҳо, маблағгузории воқеӣ, вокуниши ҷомеа ва ҳолатҳои пешбининашуда ба натиҷа метавонанд таъсир расонанд. Барои мисол, дар гузориши Маркази пажуҳишии Ҷеймстаун зикр шудааст, ки Тоҷикистон назар ба соли 2019, ҳоло бо таҷрибаи бештар ба пешвози бозгаштагони нав меравад – Стратегияи миллӣ дорад, ду барномаи мазмунан ғанӣ тасдиқ кардааст ва аз хатогиҳои ҳамсояҳо низ огоҳӣ дорад[1]. Бо вуҷуди ин ду монеаи асосӣ боқӣ мемонад:

Якум, зарурати фарогирии тамоми ҷомеа. Давлат бояд ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҳатто худи маҳалларо бештар ҷалб кунад, зеро дар танҳоӣ аз уҳдаи ин кор баромадан душвор аст.

---

https://ctc.westpoint.edu/overblown-exploring-the-gap-between-the-fear-of-terrorist-recidivism-and-the-evidence/

[1] Promises and pitfalls of Tajikistan's latest repatriation program for Islamic State families from Syria. (2023, May 18). *The Jamestown Foundation*. URL: https://jamestown.org/promises-and-pitfalls-of-tajikistans-latest-repatriation-program-for-islamic-state-families-from-syria/

Дуюм, норасоии кадрҳои тахассусманд ва дорои донишҳои амалии кор бо экстремизм. Агар омӯзиши кадрҳо (равоншиносон, сарпарастони иҷтимоӣ, омӯзгорон, имомхатибони босавод) ҷиддан ба роҳ монда нашавад, бори бузург ба души чанд каси мавҷуд меафтад ва хавфи шикастро бештар мекунад.

Хушбахтона, дар ин барномаҳои давлатӣ ба ин нуктаҳо ишора шудааст. Ҷалби муассисаҳои илмӣ барои омӯзишу мониторинг ва таъсиси гурӯҳҳои машваратӣ гувоҳи дарки ин мушкилот мебошад.

Дар маҷмӯъ, Тоҷикистон дар баробари чолиши душвори бозгардонидани ҷангҷӯёни худ ва оилаҳои онҳо **марҳилаи нави сиёсати давлатиро** оғоз кардааст. Агар соли 2015 тасмими афв ва бозгардонии ихтиёрӣ як иқдоми ҷасурона, аммо нопурра (давлат факти бозгаштро қабул кард, вале барои пас аз бозгашт барномае надошт) буд, ҳоло дар солҳои 2023–2024 Тоҷикистон роҳбурди мукаммалеро рӯи даст гирифтааст, ки ҳам таҳкими амният ва ҳам барқарорсозии иҷтимоиро дар бар мегирад. Ин равиш ба як мувозанати даркшуда, яъне саъй дар ислоҳу ҳамзамон ҳифзи ҷомеа аз хатари эҳтимолии онҳо такя мекунад.

Чолишҳои пешорӯ ҳанӯз кам нестанд: коҳиши нобоварии ҷомеа, пайдо кардани маблағҳои кофӣ, ҷалби мутахассисони варзида ва санҷиши пайвастаи пешрафтҳо мебошанд. Муҳим он аст, ки баҳс аз сатҳи илмӣ ва сиёсати расмӣ баромад ва дигар ин мавзуъ пӯшида нест. Бинобар ин, пажуҳиши академӣ ва таҳлили таҷрибаи татбиқи ин барномаҳо дар ояндаи наздик нақши калидӣ хоҳад бозид. Тавре дар боло ишора гардид, самаранокии барномаҳо тавассути мониторинги мунтазам ва баҳодиҳии дусатҳаи барқарор кардани робитаҳо бо гурӯҳҳои ифротӣ ва ҷиноятҳои такрорӣ андозагирӣ шаванд. Гузашта аз ин, ҳамкорӣ бо андешакадаҳои хориҷӣ ва истифодаи дастурҳои созмонҳои байналмилалӣ метавонад ба такмили бештари равишҳои миллӣ мусоидат кунад.

Таҷрибаи Тоҷикистон ба эҳтимоли қавӣ ба дигар кишварҳои минтақа низ сабақ мешавад. Зеро ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ то андозае бо ин мушкил рӯ ба рӯянд ва ҳар кадом роҳи худро ҷустуҷӯ дорад. Тоҷикистон бо ин ду барнома нишон дод, ки омода аст бо пуштибонӣ аз арзишҳои инсондӯстӣ, хатари амниятиро қабул кунад ва бо он мубориза барад. Агар ин талош муваффақ шавад, он ба таҳкими суботу амнияти дарозмуддати кишвар ва минтақа мадад хоҳад кард. Агар мушкиле пеш ояд, таҳлил ва ислоҳи саривақтии онҳо бо арзёбии илмӣ аз таҷриба бояд ҷузъи раванди сиёсати давлатӣ боқӣ бимонад. Ҳадафи ниҳоӣ ин аст, ки бозгаштагони имрӯз ба шаҳрвандони созандаи фардо табдил ёбанд, ки ин ҳам ба суди худи онҳо, ҷомеа ва амнияти миллии Тоҷикистон мебошад.

4.3. Тағйири рӯзномаи ҷаҳонии муқовимат ба экстремизму терроризм: чолишу фурсатҳо

Вазъи имрӯзи байналмилалӣ чолишу фурсатҳои муайянеро барои кишварҳо дар самти муқовимат ба экстремизму терроризм ба вуҷуд овард. Бо иваз шудани рӯзномаи муқовимат ба терроризм, ҷаҳон ба марҳилаи нав ворид шуд, ки онро шартан ҳамчун "дигаргуниҳои сифатӣ" арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар чунин шароит қоидаҳои пештараи собит ва таърифҳои бетағйир бознигарӣ мешаванд, ки дар зоти худ барои кишварҳои худсолор ҳам чолиш ва ҳам фурсатанд.

Ҳоло арзёбии мавзуи дунявиятро зарур медонем. Дар шароити номаълумии рӯзномаи ҷаҳонии муқовимат ба экстремизму терроризм барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба унвони болини амниятӣ хидмат мекунад.

Падидаи дунявият дар Осиёи Марказӣ: оё тавонмандиҳои фаргашт дорад?

Дунявият ва раванди дунявишавӣ дар Осиёи Марказӣ мисли кишварҳои дигари мусалмоннишин як вожаи камошно, вале серистифода боқӣ мемонад. Дар гуфтумони умумии Осиёи Марказӣ дар бораи "дунявият" бисёриҳо ҳарф мезананд, аммо кам касон воқеан медонанд, ки сухан дар бораи чӣ меравад. Дар қонунҳои асосии кишварҳои минтақа бунёди "давлати дунявӣ" зикр мешавад; дар суханрониҳо "дунявият" пайваста такрор меёбад. Вақте баҳс ба сатҳи зиндагии рӯзмарра ва шуури умумӣ меравад, мутаассифона маълум мегардад, ки аз дунявият на ба унвони ҷаҳонбинӣ, балки ҳамчун шиор; ва на интихоби пухтаи иҷтимоӣ, балки бештар посухи сиёсӣ ба таҳдид истифода мекунанд. Кишварҳо гӯё ҳар рӯз таъриф медиҳанд, ки "мо дунявӣ ҳастем", аммо ҷомеа ҳам ҳар рӯз дубора мепурсад: "Дунявӣ яъне чӣ? Бехудоӣ? Ғарбгароӣ? Зиддидинӣ?" ва ғайра.

Пеш омадани чунин вазъ тасодуфӣ нест ва натиҷаи гиреҳи печидаи иборат аз чаҳор унсур: анъанаҳои динӣ,

муосирсозии шӯравӣ, мероси атеизми давлатӣ ва мавҷи нави диндорӣ бо тобиши ифротӣ аст.

Дунявият дар Осиёи Марказӣ ба фарқ аз Ғарб, ба таври табиӣ, яъне аз баҳсу таҷрибаи тӯлонӣ дар худи ҷомеа ба вуҷуд наомадааст. Он бештар ба як тарҳи “воридотӣ” монанд аст, ки нахуст бо дасти империя, баъд бо мушти шӯравӣ, сипас бо тарҳи маъмурии кишварҳои худсолор пиёда мешавад. Аз ин рӯ, дунявият дар шуури мардум ҳамчун “арзиши худӣ” реша нагирифт.

Имрӯз масъала боз ҳам тезутунд гашта, саволе ба миён овард, ки “чӣ гуна метавон мероси ғании фарҳангӣ ва исломиро бо талаботи рушди миллӣ, навсозӣ, давлатдорӣ ва амният якҷо кард?”.

Гузаштаи шӯравӣ як мероси дусатҳаро аз худ боқӣ гузошт. Аз як тараф, сохтору ниҳодҳои дунявии маориф, идоракунӣ, ҳуқуқ ва фанноваро сохт ва ҷомеаро аз сиёсисозии ошкори дин дур кард. Аз тарафи дигар, саркӯби эътиқод ва зери фишор бурдани дин – халои маънавӣ ва ҳатто осеби равониро ба вуҷуд овард. Вақте ИҶШС фано ёфт, ин хало бо эҳёи номунназзам ё “аз берун танзимшуда”-и исломӣ пур гардид: бархе динро ба унвони ҳувияти аслӣ таъриф карданд; дигарон паноҳгоҳ донистанд ва гурӯҳи сеюм ҳамчун навъи эътироз пазируфтанд.

Давлатҳо дар ҳамин фазо талош карданд, то роҳи дунявиро нигоҳ доранд, зеро тарсе аз ифротгарой дида мешуд. Мушкили асосӣ дар он буд, ки ҷомеа дунявиятро ҳамчун идеяи “эътирофшуда” намепазируфт. Миёни мардум ҳамчун идеологияи “бегона”, “ғарбӣ” ё “зиддидинӣ” таъриф мегардид. Чунин муносибат то ҷойе табиӣ менамуд, зеро дунявиятро аз аввал бо забони манъу назорат ба ҷомеа муаррифӣ карданд ва дар ин хел ҳолат наметавонист эътимодро ба даст орад.

Барои бозкушоии ин осебпазирӣ, аввал бояд ба як саволи равишшиносӣ посух биҷӯем: оё худи модели аврупоии ҷудо кардани дин ва давлат ба ислом татбиқшаванда аст? Дар таърихи Аврупо секуляризм аз низои калисо ва ҳокимияти сиёсӣ тавлид шуд. “Меҳроб”

ва “тахт” ду маркази қудрат буданд ва барои фазои ҷамъиятӣ мубориза мебурданд. Ислом чунин ниҳоди калисоиро надошт. Уламо дар ислом на сохтори мустақили қудрат, балки бештар мақоми ахлоқӣ ва илмӣ доштанд. Халифаҳо, султонҳо ва амирон исломро ҳимоя мекарданд, аммо бо як “калисои рақиб” рӯбарӯ набуданд. Аз ин рӯ, асли “ду шамшер”, ки барои масеҳият шинос аст, дар ислом шакл нагирифт.

Аз ҳамин сабаб, дар Осиёи Марказӣ идеяи “давлати исломӣ” таърихан маънои динсолорӣ (theocracy) надошт. Он бештар ба маънои давлатдорӣ дар доираи меъёрҳои ахлоқию динӣ корбурд гардида, чун “ҳокимияти рӯҳониён бар сиёсат” таъриф намешуд. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки кӯшиши нусхабардории модели аврупоии секуляризм дар воқеияти Осиёи Марказӣ ба бунбасти методологӣ меорад. Агар дунявиятро мехоҳем устувор кунем, бояд онро на бо қолаби омода, балки бо матои таърихӣ ва ҳуқуқии худ ҳамоҳанг созем.

Омили дигар паси сар нашудани таҷрибаи табии дунявият, миллатгарой ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар паҳнои Осиёи Марказӣ мебошад. Дар минтақа гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба муосир зери таъсири қувваҳои беруна сурат гирифт: аввал империяи рус, баъдан низоми шӯравӣ “аз боло” ин равандро анҷом доданд ва ҷомеа фурсат надошт, ки ин падидаро ба як фарҳанги зинда табдил бидиҳад. Дар давраи импературӣ ва даҳаи аввали Шӯравӣ ҳатто бо пайдо шудани унсурҳои идоракунии дунявӣ - додгоҳ ва маҳкамаҳои шариатӣ то охири солҳои 1920 фаъол буданд. Он замон ҷадидон талош доштанд, бидуни шикастани пояҳои фарҳангӣ ҷомеаро навсозӣ кунанд. Ин ҷараён нокомил монд ва бо пойдор шудани ҳукумати Шӯравӣ қатъ гардид.

Иттиҳоди Шӯравӣ на секуляризми бетараф, балки “динзудоии маҷбурӣ” оварда. Атеизми давлатӣ рӯйкарди расмӣ эълон гардид, масҷиду мадрасаҳоро бастанд, рӯҳониёнро таъқиб карданд ва дин аз фазои ҷамъиятӣ ронда шуд. Ин ҷо давлат на танҳо аз дин ҷудо набуд, балки худро ба ҷойи дин гузошт: марксизм ленинизм ҳамчун як

“идеологияи муқаддас” амал карда, ба рақиб таҳаммул надоштанд. Аз ин рӯ, дар хотираи мардум дунявият бо “ҷанги зидди дин” омезиш ёфт. Ин падида, яъне омезиш то ба имрӯз ба афкори умум таъсир дорад.

Дар он давра миллатҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври табиӣ ташаккул наёфтанд. Ҳувиятҳои миллӣ аз боло - сохта шуда, бо лоиҳаи Homo Sovieticus ҳамзистӣ доштанд ва ҷомеа фарҳанги баҳси озод ва худсозиро пайдо накард. Соли 1991 ҷумҳуриҳои навистиқлол ба давраи худсолорӣ бо таҷрибаи кам ворид шуданд. Чун анъанаи устувори худидоракунӣ, фарҳанги баҳси ҷамъиятӣ ва тасаввури дақиқи муносибати дину давлатро надоштанд. Дар қонунҳои асосии онҳо дунявият ҳамчун сифат ва асли низоми давлатӣ сабт гардид, аммо мундариҷааш бештар ба модели маъмурии шӯравӣ монанд буд.

Баррасии паҳлӯи забонӣ ва истилоҳии мафҳуми “дунявӣ” низ муҳим мебошанд. Ин вожа дар забонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо решаи “дунё” меояд, ки дар анъанаи исломӣ маънои “гузаранда”, “паст” ва гоҳе “фуқдони маънавият”-ро дорад. Вақте худи калима аз аввал бо маънии манфӣ меояд, чӣ гуна метавон аз он як арзиши мусбат сохт? Барои бисёриҳо дунявият то ҳол ҳаммаънои “ғайридинӣ” ва ҳатто “бехудоӣ” аст. Пурсишҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки қисми назарраси мардум наметавонад ба таври содда шарҳ бидиҳад, ки “давлати дунявӣ чист?”. Дар зеҳнҳо як тафсири хатарнок: “ё исломӣ, ё зидди ислом” шакл гирифтааст. Хотираи таъқиботи шӯравӣ ин дугонагиро тақвият дода, барои тафсирҳои ифротӣ ғизо медиҳанд.

Дар ҷомеаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ баҳси ҷиддӣ дар бораи намудҳои гуногуни секуляризм дида намешавад. Моделҳои англосаксонӣ (бетарафии давлат ба ҳама динҳоро таъкид дорад), фаронсавии лаисите (рамзҳои динро дар фазои ҷамъиятӣ сахт маҳдуд мекунад) ва шӯравӣ (танзими ҳаёти динӣ аз боло) – ҳар кадом мантиқ ва паёмади вижаи худро доранд. Аз ҳамин сабаб, дар ростои секуляризм интизориҳои гуногун ба вуҷуд меоянд: муҳофизакор (conservative) аз дунявият

тарси “беимонӣ” дорад, либерал мехоҳад, ки давлат дар ин масоил “бетараф” бимонад.

Имрӯзҳо дар паҳнои Осиёи Марказӣ шаклгирии модели “фаргаштӣ”-и дунявият ба назар мерасад, ки гузариш аз модели “шӯравӣ” ва “пасошӯравӣ” ба арзёбии “худӣ” аст. Як нишонаи он истифодаи кам ва эҳтиёткоронаи вожаи “дунявӣ” дар фазои расмӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар кишварҳои минтақа ба ҷойи “дунявият” вожаҳои “миллӣ”, “шаҳрвандӣ” ва “равшанфикр”-ро васеъ истифода мекунанд. Ҳадафи истифодаи ин рӯйкард, то ҷойе гурез аз маъноҳои манфии “дунявӣ” мебошад, вале набудани баҳсҳои академикӣ ва коршиносӣ асли мушкилро ҳал намекунад. Аз ин рӯ, лозим ба назар мерасад, ки маънои “дунявият” дар кишварҳои минтақа берун аз моделҳои англосаксонӣ, фаронсавии лаисите ва шӯравӣ баҳсу баррасӣ ва таъриф шаванд, яъне таҷрибаи мавҷуд назариябандӣ гардад. Агар чунин шуд, имкони истифодаи ифротиҳо аз ин вазъ маҳдуд мегардад. Делалҳои ифротиҳо барои “душмани ислом” нишон додани давлат ва “тавтеа” арзёбӣ кардани дунявият беҳадаф мешавад.

Ҳамзамон, ҳар гуна “нармнигарӣ” ва “таблиғоти нарм”-и созмонҳое чун Толибон ва ҲТШ, ё шиносоии онҳо ҳамчун шарики қобили эътимод дар зеҳни ҷомеа як ибрати хатарнокро эҷод мекунад. Гӯё “лоиҳаи ифротӣ” мумкинанд ва дар ҷуғрофиёи муайян “мувафақ” низ мебошанд. Ин гуна рӯйкардҳо ба лоиҳаи дунявии кишварҳои Осиёи Марказӣ зарбаи рамзӣ мезананд.

То 20 соли оянда дар Осиёи Марказӣ эҳтимоли рӯйи кор омадани се сенария бештар воқеӣ менамояд:

Якум, таҳаввулгаро ва мутобиқшаванда. Кишварҳо дарк мекунанд, ки танҳо мамнуъият кофӣ нест; ба маърифат, тавзеҳи маънои дунявият ва рушди маорифу расонаҳо мегузарад; бо уламои динии муътадил ҳамкорӣ мекунад; қонунҳоро дақиқтар ва монеаҳоро камтар намуда, “хатҳои сурх”-ро нигоҳ медоранд. Дар ин ҳол, дунявият ба фарҳанги зиндаи ҷомеаҳо ворид шуда, дигар на ҳамчун як абзори “зидди ислом”, балки як навъ

муосиршавии мусалмонӣ пазируфта мешавад, ки дар он имон ва дониш мухолиф ва рақиб нестанд.

Дуюм, инерсионӣ (ё ҳифзи статус-кво). Ҳама чиз расман дунявӣ мемонад, аммо амалан сиёсати танзим идома мекунад; диндорӣ хусусӣ мешавад; ва нофаҳмии мафҳумҳо боқӣ мемонад. Низоъҳо рӯйи саҳна кам пайдо мешаванд, аммо “зери ях” нобоварӣ меафзояд.

Сеюм, буҳронӣ. Фарсоиши дунявият, қавитар шудани популизми динӣ, заъфи ҳамзистии мусолиматомез ва сахттар шудани посухҳои давлатӣ метавонад паёмадҳои сангин дошта бошад.

Ба эҳтимоли қавӣ омезиши сенарияи якуму дуюм рӯйи кор меояд. Дигаргунии сифатии зуд ё “ғарбишавӣ” дар назар нест, вале имкон вуҷуд дорад, то: халои идеологиро бо маънои мусбати дунявият пур карда, аз унсурҳои “исломи равшанфикр”, мероси маънавии ниёгон, таълими тафаккури интиқодӣ ва фарҳанги муколама ба таври васеъ истифода шавад. Агар ин раванд бо беҳбуди воқеии иҷтимоӣ ва адолати иқтисодӣ ҳамроҳ шавад, дунявият аз мафҳумии меъёрию сиёсӣ метавонад ба як идеяи фаҳмо барои зиндагии муштарак табдил ёбад.

Хулоса, дар ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ дунявият ҳанӯз “арзиши худкифо” нест; пайваста онро бояд шарҳ дод ва дифоъ кард. Дунявият на догма, балки тавозуни ҳадди ақали зарурӣ дар шароити имрӯзӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи даҳсолаҳои оянда гузаронидани дунявият аз “шакл” ба “мундариҷа” аст. Дар чунин ҳолат посухгӯ ба чолишҳои тағйири рӯзномаи ҷаҳонии муқовимат ба экстремизму терроризм мегардад.

Таҳаввули қолабҳои зиддитеррористӣ

Вижагии асосии тағйири рӯзномаи ҷаҳонӣ ин аст, ки гурӯҳҳои дирӯз “террористӣ” таъриф мешуда, имрӯз гоҳо ҳамчун бозигарони расмӣ ё шибҳирасмии сиёсӣ пазируфта мешаванд. Тағйири шеваи муносибат ба гурӯҳи Толибон баъд аз рӯйдодҳои моҳи августи соли 2021 дар Афғонистон ва раванди “машрӯиятбахшии омехта” дар атрофи Ҳайъат таҳрир аш-Шом (ҲТШ) дар

Сурия аз намунаҳои барҷастаи ин рӯйкард мебошанд. Баъди бозгашти Толибон ба қудрат, бархе кишварҳои минтақа ба равобити амалӣ гузаштанд ва ҳатто номи Толибонро аз феҳристи гурӯҳ ва созмонҳои мамнуъ берун карданд.

Дар бораи ҲТШ, ки аз ҷиҳоди ҷаҳонӣ расман канор рафта, худро ҳаракати маҳдуд ба Сурия нишон медиҳад, дар доираҳои алоҳида масъалаи ҷойгоҳи эҳтимолии он дар ояндаи сиёсии Сурия ҳанӯз чанд сол пеш матраҳ гардида буд[1]. Ин чархиш саволи калидиро ба бор оварда: дар воқеияти имрӯз фарқ миёни "террорист" ва "сиёсатмадор" дар куҷост ва паёмади ин тағйир барои ояндаи амнияти Осиёи Марказӣ дар чист?

Тавсифи манзараро метавон аз давраи ташаккули низоми муайяни байналмилалии зиддитеррористӣ оғоз кард. Дар даҳсолаҳои аввали асри XXI, ба вижа бо тасвиби Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ (2006), қолаби ниҳодию шахсӣ қувват гирифт: созмонҳо ба таври расмӣ экстремистӣ/террористӣ эътироф мешуданд ва роҳбарону аъзояшон фард-ба-фард ҳамчун террорист сабт мегаштанд. Ин усул ба кишварҳо имкон дод, ки талошҳои худро ҳамоҳанг созанд, рӯйхатҳо таҳия намуда, зидди таблиғоти ифротгароён мубориза баранд ва ривоятҳои ҷавобӣ (контрнарратив) эҷод кунанд. Бо ин ҳама, як мушкили бунёдӣ боқӣ монд: то ҳол дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ таърифи ягонаи қабулшудаи "терроризм" вуҷуд надорад. Ихтилофи дидгоҳҳо дар бораи он, ки терроризм чиро дар бар мегирад ва чӣ гуна аз муборизаҳои қонунии худмуайянсозӣ фарқ мекунад, ҳамкории кишварҳоро мушкил мегардонд[2]. Ин ҳолат майдони таъвил ва истисноҳоро барои ҳар кишвар боқӣ

[1] Zelin, A. Y. (2021, August 6). *From global jihad to local regime: HTS builds different forms of legitimacy*. The Washington Institute for Near East Policy. URL: https://www.washingtoninstitute.org/policy-analysis/global-jihad-local-regime-hts-builds-different-forms-legitimacy

[2] European Parliament. (2015). *Understanding definitions of terrorism* (EPRS Briefing No. ATA (2015)571320). Brussels: European Parliamentary Research Service. URL: https://www.europarl.europa.eu/RegData/etudes/ATAG/2015/571320/EPRS_ATA(2015)571320_EN.pdf

гузошт, зеро ҳар кишвар тавзеҳи худро барои мафҳум ва рӯйкарди “душманӣ бо терроризм” дошт.

Дар даҳсолаи охир самаранокии ин рӯйкард коҳиш ёфт. Қудратҳои бузург дар муқовимат ба гурӯҳҳои мусаллаҳ бештар аз дид манфиатҳои воқеии худ менигаристанд: бо тағйири конъюнктура гурӯҳ ё шахс метавонад аз рӯйхати сиёҳ берун гашта, ҳамчун шарики муваққатӣ пазируфта шавад. Чунин роҳбурд эътибори механизмҳои байналмилалии пешинаро коста гардонд, зеро мақоми бозигарон на бо меъёрҳои расмӣ, балки бештар бо воқеияти геополитикӣ таъйин мешавад.

Ин тағйири гуфтумон дар баробари бархе аз созмон ва ҳаракатҳои пештар ифротию террористӣ рӯшан мушоҳида шуд. Масалан, дар сӯйи Толибон пас аз созиши Давҳа (2020) ва баъди ғасби қудрат дар Кобул муносибатҳои беруна амалан “прагматикӣ” шуданд. Мутаносибан, бархе ҳамсояҳо ва кишварҳои калидӣ ба сӯйи муколама ва ҳамкорӣ бо давлати воқеии Толибон гузаштанд, ҳарчанд то ҳол онҳоро расман эътироф накардаанд. Дар бораи ҲТШ низ ишораҳои дуршавӣ аз идеяи “ҷиҳоди фаромиллӣ” дида мешаванд: раҳбарияти он пас аз қатъи робита бо Ал-Қоида кӯшиш дорад, худро як нерӯи маҳдуди суриёӣ ҷилва диҳад ва барои ҷойгоҳ пайдо кардан дар ояндаи сиёсӣ иқдом намояд. Дар адабиёти илмӣ ин равандро чун падидаи “тартиботи гибридӣ” тавзеҳ медиҳанд. Вақте неруҳои мусаллаҳи ғайридавлатӣ ҳамзамон ҷанг мебаранд, идораи қаламравро ба даст мегиранд ва ба навъе эътирофи маҳдуди сиёсӣ низ соҳиб мешаванд. Ба ибораи дигар, аксуламали ҷомеаи ҷаҳонӣ ба гурӯҳҳои шабеҳи Толибон ё ҲТШ акнун якранг нест, балки вобаста ба шароити мавқеият тағйир меёбад.

Амниятисозӣ ва парадигмаи нави муқовимат бо терроризм

Бунёди назариявии ин рӯйкарди таҳлилӣ аз консепсияи “амниятисозӣ” (securitization) Барри Бузан ва мактаби Копенҳаген маншаъ мегирад. Тибқи ин назария,

як масъала бо василаи сухан ва амал таҳдиди вуҷудӣ номида шуда, ба бахши амниятӣ кашонда мешавад ва барои муқобила бо он чораҳои фавқулода қонунӣ мегарданд[1]. Пас аз рӯйдодҳои 11 сентябри 2001, гуфтумони "ҷанги ҷаҳонӣ алайҳи террор" қонунгузорӣ ва ихтиёроти ниҳодҳои қудратиро дар бисёр кишварҳо густариш дод, зеро мубориза бо терроризм чун авлавияти рақами яки амниятӣ муаррифӣ мешуд.

Аз миёнаи солҳои 2010-ум, ҳамзамон, парадигмаи нави "пешгирӣ ва муқовимат ба ифротгароии хушунатомез" (PVE/CVE) ривоҷ ёфт. Таваҷҷуҳ ба сабабҳои решаӣ, ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ, ҷавонон ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бештар гардид. Дастурҳои минтақаии САҲА барои Осиёи Марказӣ низ ҳамин равиши "фарогирии тамоми ҷомеа"-ро таъкид доштанд. Бар асоси ин дастурҳо, ҳукуматҳо бояд на танҳо ниҳодҳои қудратии худро, балки қишрҳои васеи ҷомеа – аз ҷавонону занон то роҳбарони мазҳабӣ ва муассисаҳои ғайридавлатиро – дар пешгирии ифротгароӣ шарик созанд. Чунин шарикӣ нафақат масъулиятро тақсим мекунад, балки фазои эътимод миёни давлат ва ҷомеаро фароҳам оварда, татбиқи стратегияҳои PVE/CVE-ро устувор месозад[2]. Ҳадаф аз ин тағйири парадигма он буд, ки тадбирҳои арзишбунёд ва ҳуқуқмеҳвар чораҳои қудратиро такмил диҳанд ва ҷараёни ҷалби мардум ба гурӯҳҳои ифротиро коҳиш диҳанд. Таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ то ҳадде аз ҳамин усули "ҳамгироии ҷомеа" таъсир пазируфт: стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатии онҳо дар соҳаи муқовимат ба экстремизм тавсияҳои созмонҳои байналмилалиро дар бораи эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пешгирии табъиз инъикос карданд[3].

---

[1] Buzan B., Waever O., de Wilde J. Security: A New Framework for Analysis. — London; Boulder, CO: Lynne Rienner Publishers, 1998. -p.32.

[2] OSCE. A Whole-of-Society Approach to Preventing and Countering Violent Extremism and Radicalization That Leads to Terrorism: A Guidebook for Central Asia. -Vienna: OSCE Secretariat, 2020. -128p.

[3] Участникам Международной конференции высокого уровня «Региональное сотрудничество государств Центральной Азии в

Дар сатҳи глобалӣ, акнун бархӯрди ду тамоюл мушоҳида мешавад. Аз як сӯ, лағжиш ва инътифпазирӣ дар таърифҳо – вақте "террорист" метавонад зери шартҳо ба "бозигари қисман қонунӣ" табдил ёбад. Аз сӯи дигар, ниёзи фаврӣ ба стратегияи муассири байналмилалӣ алайҳи таҳдидҳои воқеӣ (мисли "Давлати исломӣ") боқӣ мемонад, бидуни он ки ҷомеаи ҷаҳонӣ пурра аз усули худ даст кашад. Дар чунин фазо сиёсати муқовимат пароканда ва ноҳамгун (heterogeneous) мешавад: ҳар кишвар маҷбур аст миёни ҳифзи озодиҳо ва изтирори амниятсозӣ таносуб биҷӯяд. Ба ибораи дигар, душман ҳамеша якранг набуда, таърифи таҳдид вобаста ба манфиатҳои лаҳзавӣ тағйир меёбад. Ин ҳолат масъули мақомоти амниятро дар ҷустуҷӯи роҳҳалҳои нав мегузорад, зеро моделҳои қаблӣ эътимоди пурра намебахшанд.

Аз "ҷанги зидди террор" то "машрӯиятбахшии интихобӣ"

Гузариш аз гуфтумони сахти қаблӣ ба прагматизми имрӯз дар қазияи Толибон равшантар эҳсос мегардад. Пас аз соли 2021, "Аморати Исломии Афғонистон"-ро танҳо Русия 3 июли соли 2025 эътироф кард. Маскав муносибаташро бо ҳокимияти нави Афғонистон мехоҳад бозбинӣ кунад, то дар шароити душвори амниятии минтақа манфиатҳои худро ҳифз кунад.

Сарфи назар аз бақои таҳримҳои Шӯрои Амнияти СММ, робитаҳои амали қудратҳои гуногун дар сатҳи баланд ба вуҷуд омадаанд. Ҳарчанд бештари кишварҳои ҷаҳон то ҳол Толибонро расман эътироф намекунад ва нигарониҳо ҳамоно боқӣ мемонанд[1].

рамках Совместного плана действий по реализации Глобальной контртеррористической стратегии ООН»/ 03.03.2022. URL: https://president.uz/ru/lists/view/5023

[1] Russia's Supreme Court suspends ban on Afghanistan's Taliban / *Al Jazeera*, 17.04.2025. URL: https://www.aljazeera.com/news/2025/4/17/russia-suspends-ban-on-taliban

Дар солҳои 2023–2024 кишварҳои Осиёи Марказӣ равишҳои худро бозбинӣ карданд. Қазоқистон Толибонро аз рӯйхати миллии гурӯҳҳои мамнуъ хориҷ кард[1] ва Қирғизистон низ чунин кори мувофиқро анҷом дод[2] ва инро бо ниёзи таъмини "суботи минтақаӣ ва идомаи муколама" асоснок намуд. Туркманистон лоиҳаи деринаи гази TAPI-ро дубора фаъол кард, ки зимнан ризоияти Толибонро ҳамчун шарти асосӣ дар назар дорад[3] Ӯзбекистон бо мақомоти нави Кобул созишҳои бузурги тиҷоративу сармоягузорӣ имзо намуд, аз ҷумла дар соҳаи роҳи оҳан ва барқ, ки ба ниёзҳои энергетикии Афғонистон равонаанд. Тоҷикистон бо Афғонистон солҳои 2021-2022 мавқеи созишнопазир дошт; то соли 2024 дар бахши амният гуфтугӯҳо пӯшида буданд ва дар мавзуи таъмини барқ гуфтушуниди ошкор дошт. Ҳарчанд Душанбе ҳанӯз мавқеъро расман тағйир надодааст ва Толибонро эътироф намекунад, идомаи ҳамкории иқтисодӣ далели як навъ "пазириши воқеият" аст[4]. Тибқи маълумоти расонаҳо, соли 2023 Афғонистон тамоми қарзи барқи худро ба Тоҷикистон пурра пардохт кард. Ҷонибҳо дар бораи афзоиши содироти нерӯи барқи Тоҷикистон ба Афғонистон созиш карданд[5]. Ин нишон медиҳад, ки сарфи назар аз ихтилофи сиёсӣ, ҳамсояҳо омодаи ҳамкории амалӣ бо ҳукумати де-фактои Толибон барои ҳалли масоили фаврӣ мебошанд.

Дар баробари ин, созмонҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ аз Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) то СММ дар баёнияҳои худ оҳиста аз забони таҳқиромез ба гуфтори

[1] Kazakhstan to remove Taliban from list of terrorist groups /Radio Liberty, 29.12.2023. URL: https://www.rferl.org/a/kazakhstan-taliban-afghanistan-terrorist-groups/32752347.html

[2] Voice of America. (2024, September 7). Kyrgyzstan follows regional trend, takes Taliban off terrorist list. URL: https://www.voanews.com/a/kyrgyzstan-follows-regional-trend-takes-taliban-off-terrorist-list/7775060.html

[3] Eurasianet. (2025, October 21). Turkmenistan and Afghanistan tout modest TAPI pipeline progress. URL: https://eurasianet.org/turkmenistan-and-afghanistan-tout-modest-tapi-pipeline-progress

[4] Ҳамон ҷо.

[5] Ҳамон сарчашма.

“фарогирӣ ва ҳамашумулӣ” ва “риояи ҳуқуқ” гузаштанд. Масалан, дар изҳороти ҷаласаҳои Шӯрои Амнияти СММ оид ба Афғонистон пайваста талаб мешавад, ки ҳукумати Кобул фарогири ҳама қавму гурӯҳҳо бошад ва ҳуқуқи занону ақаллиятҳоро эҳтиром кунад.

Толибон дар пушти ин тағйири лаҳн тактикаи муайян доранд: онҳо таҳдиди гурӯҳи Шохаи Хуросони “Давлати Исломӣ”-ро ҳушмандона ҳамчун воситаи фишор истифода мебаранд. Аз як тараф, Толибон воқеан алайҳи Шохаи Хуросони “Давлати Исломӣ” амалиёт мебаранд ва кӯшиши маҳви онро доранд (бо ин роҳ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки дар мубориза бо терроризм шариканд). Аз ҷониби дигар, Толибон ҳанӯз як ҳадди “беназмии идорашаванда”-ро нигоҳ медоранд, то худи онҳо ягона қувваи созандаи субот ба назар расанд. Барои Толибон хатари “Давлати исломӣ” барои гирифтани сабукиҳои таҳримӣ ва имтиёзҳои сиёсӣ мусоидат мекунад.

Масири наздикшавии Русия бо ҳукумати Толибон низ аз манфиати муштараки онҳо дар муқобили Шохаи Хуросони “Давлати Исломӣ” сарчашма мегирад: соли 2024 раисҷумҳур Владимир Путин Толибонро дар мубориза бо ин гурӯҳ “шарики худ” номид ва Додгоҳи олии Русия дар моҳи апрели 2025 мақоми террористии Толибонро лағв кард, то заминаи ҳуқуқии ҳамкорӣ фароҳам шавад[1]. Ин ҳама нишон медиҳад, ки дар сиёсати зиддитеррористии имрӯзӣ меъёрҳои пешина ҷойгоҳи худро ба воқеиятҳои нав медиҳанд.

Қазияи ҲТШ низ суръати ивазшавии барчасбҳоро нишон дод. Дар муддати кӯтоҳ (2024–2025) бархе доираҳои сиёсӣ ва расонаӣ нигоҳи худро ба ин гурӯҳ тағйир доданд: аз таъкиди қаблии “террористӣ” гузариш ба тасаввури он ҳамчун ҷузъе аз мухолифати дохилии Сурия, ки гӯё метавонад дар созишҳои баъдиҷангӣ нақше бозад. То кунун ҳеҷ кишвари ғарбӣ ҲТШ-ро расман эътироф накардааст ва он дар феҳрастҳои гурӯҳҳои

[1] Al Jazeera. (2025, April 17). *Russia's Supreme Court suspends ban on Afghanistan's Taliban*. URL: https://www.aljazeera.com/news/2025/4/17/russia-suspends-ban-on-taliban

террористӣ боқист. Вале афзоиши баҳсҳо дар бораи эҳтимоли гуфтугӯ бо баъзе аъзои ин гурӯҳ ё чашмпӯшӣ аз ҳузури он дар муқовимати зидди “Давлати исломӣ”, аз тағйири фазои сиёсат ҳикоят мекунад. Дар натиҷа рӯзномаи глобалӣ таҷзия шудааст:

- “душмани террорист” дигар мафҳуми яксон барои ҳама нест. Барои қудратҳои ҷаҳонӣ “Давлати Исломӣ” ва “Шохаи Хуросон”-и он ҳамоно таҳдиди мутлақи террористӣ маҳсуб меёбад;

- Толибон ҳамчун шарики шартӣ ва прагматикӣ пазируфта мешаванд;

- ҲТШ ҳамчун актори эҳтимолан табдилёбанда ... (ба ҳукумати билфеъл) вориди ҷараёни сиёсӣ мешаванд.

Ин воқеият роҳбурдҳои универсалиро заиф мекунад ва равишҳои мавқеиятӣ бо хатари меъёрҳои дугона (double standards)-ро тавоно мегардонад[1]. Ба ибораи дигар, сиёсати зиддитеррористӣ аз қолаби “як андоза ба ҳама мувофиқ” хориҷ шуда, ба ҳар минтақа ва ҳолат мувофиқи манфиатҳо татбиқ мегардад.

Тағйироти арзишӣ ва паёмадҳои маҳаллӣ

Таъсири ин таҳаввулот ба тарзи арзёбиҳои ахлоқӣ ва арзишии терроризм низ қобили мулоҳиза аст. Равиши қаблан арзишмеҳвари мубориза бо терроризм, ки дар он “қувваҳои хайр” бар зидди “ифротгароёни шарр” гузошта мешуданд, зери зарба қарор гирифт. Вақте ҳамкорӣ бо “душманони дирӯз” ба як амри маъмулӣ табдил меёбад, забони мубориза суст мешавад. Барои мисол, дар фазои расонаӣ ва сиёсӣ акнун ба ҷойи истилоҳоти идеологияи ифротӣ бештар манфиатҳои амалӣ баҳс мегарданд.

Номутавозунии дигар болоравии қувваҳои рости популистӣ дар Ғарб аст, ки шиорҳои зиддимухоҷират ва исломҳаросонаро аз ҳошия ба ҷараёни асосӣ оварда-анд. Дар як қатор кишварҳои аврупоӣ ҳизбҳои ростгарои

[1] Voice of America. (2024, September 7). *Kyrgyzstan follows regional trend, takes Taliban off terrorist list.* URL: https://www.voanews.com/a/kyrgyzstan-follows-regional-trend-takes-taliban-off-terrorist-list/7775060.html

миллатгаро ба парлумонҳо роҳ ёфтанд ва дар расонаҳо лаҳни тунд нисбати муҳоҷирону мусалмонон маъмулӣ гардид. Ин раванд боис шуд, ки забони “муқовимат ба ифротгароӣ” камтар бетараф ва бештар сиёсишуда ба назар расад. Ба ибораи дигар, барномаи зиддитерористӣ гӯё дигар на фақат муҳофизати аҳли ҷамъият аз хатар, балки идомаи рақобати идеологӣ миёни гурӯҳҳои гуногунро таҷассум мекунад.

Ҳуқуқшиносон ва созмонҳои ҳомии ҳуқуқ зикр мекунанд, ки суханроniҳои нафратпарокани миллатгароён дар Аврупо афзуда, гоҳе боиси нигаронии ҷиддии ҷомеаҳои ақаллиятӣ мегарданд. Бар асоси гузориши Дидбони Ҳуқуқи Башар, дар якчанд кишвари аврупоӣ дар солҳои охир дар пайи низоъи Ховари Миёна мавҷи эътирозҳои зиддимусалмонӣ ва ҳатто тасҳеҳоти қонун барои маҳдуд кардани намоишҳои муҳофизатомез дида шуд[1]. Ин ҳама боис мегардад, ки дар чашми бисёре аз нозирон мафҳумҳои “экстремизм” ва “мубориза бо он” худ мавриди баҳс қарор гирифта, ба бозии сиёсии қудратҳо монанд мешаванд.

Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ин вазъ ба як дуроҳии амалӣ, яъне: интихоб миёни садоқат ба доктринаҳои пешинаи амниятӣ (бо таърифҳои собит ва рақибони тағйирнопазир) ё мутобиқ шудан ба қоидаҳои нави бозии қудратҳо табдил ёфтааст. Тамоюли эҳтимолӣ он аст, ки дар шароити печидаи имрӯз кишварҳои минтақа ба амниятисозии бештар дар сатҳи миллӣ рӯ биёранд: шадидтар кардани қонунгузорӣ, васеъ намудани назорати фазои иттилоотӣ (аз ҷумла филтркунии интернет) бо нишони мубориза бо “идеологияи экстремистӣ”, тӯлонӣ кардани муҳлатҳои ҷазо барои ҷиноятҳои марбут ба терроризм ва ғайра. Чунин афзоиши тадбирҳои қудратӣ дар кӯтоҳмуддат зоҳиран суботро ҳифз мекунад, аммо таҳлилҳо ҳушдор медиҳанд, ки такя танҳо ба нерӯи давлатӣ бе кор бо

[1] *Interview: Antisemitism and Islamophobia spike in Europe* (2023, December 18). URL:https://www.hrw.org/news/2023/12/18/interview-antisemitism-and-islamophobia-spike-europe

сабабҳои решавии ифротишавӣ метавонад ҷудой ва танишро дар ҷомеа афзояд. Ҳалли муътадил ва дарозмуддат танҳо дар тавозуни меъёрҳои ҳуқуқбунёду фарогир бо тадбирҳои ҳадафманди амниятӣ имконпазир аст. Маҳз дар шароити тирагии мафҳумҳо ва нобоварӣ ба таърифҳо татбиқи ин тавозун душвор шудааст.

Барои Осиёи Марказӣ, ки аз ибтидо сиёсати худро мутобиқ ба ҳуҷҷатҳо ва тавсияҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ сохта буд (стратегияҳои миллӣ, Нақшаи муштараки амал барои татбиқи Стратегияи глобалии СММ), ин тағйирот як навъ “бунбасти роҳбурдӣ”-ро эҷод карданд. Аз як сӯ, кишварҳои минтақа даҳсолаи охир дастовардҳои муайян дар амри муқовимат ба терроризм доштанд ва инро натиҷаи пайравии худ ба меъёрҳои байналмилалӣ медонанд. Аз сӯйи дигар, норӯшан ва ноустувор шудани худи ин меъёрҳо ва муносибати интихобӣ ба гурӯҳҳои мусаллаҳ эътимоди онҳоро ба роҳбурдҳои пешин коста мегардонад. Арзёбиҳо нишон медиҳанд, ки дар ин шароит чанд хатар ҳувайдо мешаванд:

Якум, **афзоиши ифротишавӣ ва ҷалб ба созмону ҳаракатҳои ифротӣ** миёни ҷавонони минтақа. Вақте гурӯҳҳои тундрав мисли Толибон амалан муваффақ ва “қонунишуда” ба назар мерасанд, ин метавонад барои қабати ҷавонон симои романтикии “ҷиҳоди ғолиб” эҷод кунад. Дар фазои шабакавӣ ва гурӯҳҳои бастаи интернетӣ паёми “Ғарб худ эътироф кард, ки роҳи мо дуруст буд” паҳн мешавад, ки қаблан як тарғиботи пинҳонӣ буд.

Дуюм, **бозгашти ҷангиёни хориҷӣ** ба минтақа. Пас аз суқути “хилофат”-и “Давлати исломӣ” дар Ироқу Шом, қисми ҷангиёни Осиёи Марказӣ ба Афғонистон интиқол ёфтанд. Баъзе зери чатри Толибон ҳамчун “муҳоҷирон” ҷой гирифтанд, дигарон ба Шохаи Хуросони “Давлати исломӣ” пайвастанд. Толибон барои эътирофи байнулмилалӣ кӯшиш доранд, ин ҷангиёнро дар дохил ором нигоҳ доранд ва ҳатто ба онҳо вазифаҳои муайян (масалан, масъули таъмини амният дар шимоли Афғонистон)-

ро супурдаанд[1]. Ин ҳамгироӣ хатарро муваққатан поин мебарад, аммо бидуни офиятбахшӣ ва ифротзудоии он ҷангиён чун “нерӯи хобида” боқӣ мемонанд, ки дар шароити муносиб метавонанд фаъол шаванд.

Сеюм, **тақвияти Шохаи Хуросони “Давлати исломӣ”**, ки ошкоро Осиёи Марказиро ҳамчун ҳадафи стратегии худ эълон кардааст. Ин шохаи “Давлати исломӣ” пас аз пайдо кардани ҷойгоҳ дар Афғонистон, солҳои 2022–2023 якқатор амалҳои хунинро дар кишварҳои гуногун (Афғонистон, Покистон, Эрон, Русия, Туркия ва ғайра) анҷом дод ва сафашро бо ҷалби зодагони Осиёи Марказӣ пурра мекунад. Ҳатто таҳдид ба ҷони роҳбарони кишварҳо низ аз ҷониби ин шохаи “Давлати исломӣ” садо дод: ин гурӯҳ мустақиман раҳбарияти Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро ба қатл таҳдид кардааст[2]. Дар ҳамин ҳол, таваҷҷуҳи бисёре аз қудратҳои бузургу миёна пас аз хуруҷи неруҳо аз Афғонистон дубора ба рақобатҳои геополитикӣ (мисли ҷанги Укроин ё танишҳои ИМА-Чин) равона шуда, мавзуи терроризм дар рӯзномаи онҳо ақиб рафтааст.

Чорум, **номувофиқати гуфтумон ва коҳиши эътимод** дар дохили ҷомеа ва ниҳодҳои амниятӣ. Вақте “душмани дирӯз” ногаҳон ба “шарик” табдил меёбад, ҷомеа инро бозии қудратҳо мешуморад ва шакку шубҳа ба маълумоти расмӣ пайдо мешавад. Дар сохторҳои қудратӣ ва низомӣ низ ин ҳолат метавонад саволҳоеро ба миён орад: оё мо бояд роҳбурдамонро тағйир диҳем? оё қурбониҳои пешина беҳуда набуданд? Чунин беэътимодӣ ба устувории институтҳо таъсири манфӣ

[1] Бекмурзаев Н. Приход к власти «Талибан» в Афганистане и угрозы терроризма и насильственного экстремизма в Центральной Азии/ *CABAR,* 04.04.2022. URL: https://cabar.asia/ru/prihod-k-vlasti-taliban-v-afganistane-i-ugrozy-terrorizma-i-nasilstvennogo-ekstremizma-v-tsentralnoj-azii

[2] Curtis, L. (2025, June 26). *Assessing the terror threat landscape in South and Central Asia and examining opportunities for cooperation* [Testimony before the U.S. House Committee on Foreign Affairs, Subcommittee on South and Central Asia]. Center for a New American Security. https://www.cnas.org/publications/congressional-testimony/assessing-the-terror-threat-landscape-in-south-and-central-asia-and-examining-opportunities-for-cooperation

мерасонад. Ҳар таҳдид дар баробари худ фурсатҳои муаянро эҷод мекунад. Ҳамзамон, фурсатҳо низ боиси пайдоиши таҳдидҳо мешаванд. Аз рӯйи ин мантиқ шароити имрӯзӣ баъзе фурсатҳоро офаридааст:

Якум, **омили афғонӣ ва суботи марзӣ**. Ҳузури як маркази нисбатан мутамарказ дар Кобул (ҳукумати Толибон) ба кишварҳои ҳамсоя имкон медиҳад, то дар мавзуи амниятии фаромарзӣ муколамаи бевоситаро пеш баранд ва амалгароёна танзим кунанд. Ҷонибҳо ҳамкории наздикро дар таъмини амнияти марзҳо ва мубодилаи иттилооти фаврӣ дар бораи таҳдидҳои террористиро метавонанд ба роҳ монанд. Аз соли 2022 дар марзи Тоҷикистону Афғонистон як қатор вохӯриҳои масъулин ва марзбонон баргузор гардид, ки дар онҳо масъалаи муборизаи муштарак бо қочоқбарону ҷангҷӯён муҳокима мешуд (ҳарчанд ин мулоқотҳо расман эълон нашуданд). Ҳамоҳангии амалиёт алайҳи Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" низ дар меҳвари манфиатҳои муштараки ҳамсояҳо қарор дорад. Ӯзбекистон ва Толибон дар ҳошияи конфронсҳои минтақаӣ борҳо зарурати талошҳои ҳамҷояро алайҳи "Давлати исломӣ"-ро таъкид кардаанд[1]. Бо вуҷуди ихтилофи идеологӣ, як заминаи амалии ҳамкорӣ барои коҳиши хатарҳои фаврӣ вуҷуд дорад.

Дуюм, **фурсатҳои иқтисодиву зерсохтӣ.** Амалишавии лоиҳаҳои ТАПИ (интиқоли гази Туркманистон тавассути Афғонистон ба Покистону Ҳинд) ва CASA-1000 (интиқоли нерӯи барқи Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон) пештар ба далели ҷангу бесуботӣ номаълум буданд. Акнун бо таъмини нисбии амният дар Афғонистон эҳёи ин тарҳҳо воқеӣ ба назар мерасанд. Худи Толибон изҳори ҳавасмандӣ мекунад, ки CASA-1000 ва тарҳҳои шабеҳро идома диҳад. Соли 2023 бори аввал пас аз ду даҳа дар Афғонистон ба полоиши қубурҳои ТАПИ оғоз карданд ва ҷониби

[1] Voice of America. (2024, September 7). *Kyrgyzstan follows regional trend, takes Taliban off terrorist list.* URL: https://www.voanews.com/a/kyrgyzstan-follows-regional-trend-takes-taliban-off-terrorist-list/7775060.html

Туркманистон дар маросими оғози кор ҳузур дошт[1]. Бо ҷалби Кобул ба чунин лоиҳаҳо, кишварҳои минтақа метавонанд сармоя ва ҷойҳои кори нав ба даст оранд, ҳамчунин, ба як масири муҳими транзити энергетикӣ табдил ёбанд. Гарчанде монеаҳо, аз ҷумла таҳримҳои байнулмилалӣ алайҳи режими Толибон ва набуди механизми маблағгузории бонкӣ боқӣ мондаанд, талош барои ҳалли онҳо бо миёҷигарии СММ ва кишварҳои шарик идома дорад.

Сеюм, **фазои нав барои дипломатияи бисёр-самтӣ.** Бо ақибнишинии қудратҳои ғарбӣ аз "сангари зиддитеррористӣ" дар Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ то ҳадде озодии амал пайдо карданд. Кишварҳои минтақа метавонанд нақшҳои пешбар дар ташаббусҳои вобаста ба Афғонистон – аз мизбонии ҳамоишҳои сатҳи баланди байналмилалӣ то пешниҳоди миёнҷигарӣ миёни Толибон ва мухолифони дохилии онҳоро бигиранд. Соли 2023 Ӯзбекистон як конфронси вижаи минтақаӣ дар мавзуи Афғонистонро баргузор кард, ки дар кори он намояндагони кишварҳои ҳамсоя, ИМА, Чин, Русия ва худи Толибон иштирок карданд. кишвар-ҳои Осиёи Марказӣ бо риояи мувозинат миёни Ғарбу Шарқ, Чину Русия ва режими нави Кобул кӯшиш доранд ҳам амнияти худро таъмин кунанд ва ҳам аз имконияти иқтисодии ҳамкорӣ бо ҳама ҷонибҳо баҳра баранд.

Чорум, **бознигарии роҳбурдҳои худӣ.** Таҷрибаи бесамар ё нимамуваффақ будани моделҳои универсалии зиддиэкстремистӣ дар гузашта зарурати маҳаллисозии бештарро талаб дорад. Яъне ҳар кишвар бояд бо такя ба воқеият ва суннатҳои маҳаллӣ стратегияи миллии худро такмил диҳад. Зарур аст, ки захираҳои иҷтимоӣ – аз муассисаҳои динӣ то оила ва мактаб – ба гунаи муассир ҷалб шаванд. Барномаҳои бозгардонӣ ва барқарорсозии ҷангиёни пешин бояд бо дарназардошти ҳисси адолат ва амнияти шаҳрвандон пеш бурда шаванд, то ҳам ҷомеаҳои маҳаллӣ ҳифз шаванд, ҳам касони гумроҳ ба ҳаёти

[1] Eurasianet. (2024, February 5). *Afghanistan clears electricity debts to Tajikistan.* URL: https://eurasianet.org/afghanistan-clears-electricity-debts-to-tajikistan

осоишта баргарданд. Муттаҳид кардани арзишҳо ва тадбирҳои амниятӣ: ҳам эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳо ва ҳам омодагии қотеона алайҳи таҳдидҳои террористӣ бояд ҳадафи ниҳоии роҳбурди нави кишварҳои минтақа бошад.

Тибқи мушоҳидаҳо ҳоло бештари ҳукуматҳои минтақа рӯйкарди "хомӯшии роҳбурдӣ"-ро пеша кардаанд: худдорӣ аз изҳороти зуд дар бораи ихтилофи рӯзномаи нав ва парҳез аз қадамҳои ҷиддии сиёсӣ, ки метавонанд боиси вокунишҳои ғайриматлуб шаванд. Ин эҳтиётпешагӣ қобили дарк аст, чун минтақа солҳои душвори муқовимат ба ифротгарой ва терроризмро паси сар карда, дубора ба саҳнаи рақобатҳои шадиди қудратҳои бузург намехоҳад табдил ёбад. Ба дарозо кашидани ҳолати номуайянӣ низ баъзе чолишҳоро дар пай дорад, чун муҳит босуръат дигар гардида, эҷоди сиёсати мутобиқ ногузир менамояд.

Осиёи Марказӣ дар як чархасари таърихӣ қарор гирифтааст. Низоми кӯҳани таърифҳои равшан ва хатҳои қатаъӣ дар шинохти "душман" аз ҳам пош хӯрдааст. Қоидаҳои наве, ки дар арсаи ҷаҳонӣ шакл мегиранд, ҳанӯз на пурра муваффақу муътабар ва на барои ҳама қобили қабуланд. Ин вазъ эътимодро суст мекунад ва бетоқатиро меафзояд. Роҳи устувор барои кишварҳои минтақа пайравии кӯр-кӯрона аз рӯзномаи берунӣ ва фурӯ рафтан ба қудратгароии холис набуда, балки бозбинӣ ва ҳамгунсозии стратегияҳои миллӣ ва минтақай дар соҳаи муқовимат ба терроризм бо назардошти воқеиятҳои ҷадид ва ҷалби фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷамоатҳои динӣ ва коршиносони мустақил мебошад. Чунин раванди фарогир ба кишварҳо имкон медиҳад, ки ҳам амнияти миллии худро таҳким бахшанд ва ҳам масъулиятшиносии иҷтимоиро боло баранд. Гарчанде ин роҳ бо монеаҳои девонсолорӣ ва маҳдудияти захираҳо тӯлонитар менамояд, аз амниятисозии мутлақ бояд парҳез кард. Таҷриба нишон додааст, ки амниятисозӣ таҳдидҳои кутоҳмуддатро боз медорад, аммо решаҳои ифротишавиро нобуд намесозад.

Воқеияти нав на як зуҳури гузарон, балки ҷунбиши устуворанд: барчасбҳои “террорист” ва “сиёсатмадор” тағйирпазир шудаанд. Танҳо бо тавозуни миёни амалгарой ва усул – яъне ҳам пиёда кардани иқдомҳои қатъӣ алайҳи таҳдидҳои хатарноки ҷорӣ ва ҳам кор бо сабабу решаҳои асосии ифротгарой – кишварҳои минтақа метавонанд ин давраи мушкилро ба фурсати таҳкими амният ва соҳибихтиёрии худ табдил диҳанд.

Сенарияҳои эҳтимолии рушди вазъият

Сенарияи прагматикӣ (мусбат): кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври муваффақ стратегияҳои худро мутобиқ мекунанд ва тавозуни заруриро миёни амният ва озодиҳо меёбанд. Дар ин ҳолат, ҳамкории амалии онҳо бо ҳукумати Толибон барои маҳви хатари Шохаи Хуросони “Давлати исломӣ” бурдборона пеш меравад. Толибон низ ба фишорҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ қисман тан дода, аз паноҳ додани гурӯҳҳои зиддиҳамсоя худдорӣ мекунанд. Лоиҳаҳои иқтисодӣ, аз қабили CASA-1000 ва TAPI бо ҷалби сармояи хориҷӣ пеш мераванд ва ба кишварҳои минтақа манфиат меоранд. Дар дохили худи кишварҳо тавассути барномаҳои таъсирбахши иҷтимоӣ, сатҳи тундгарой паст мешавад. Дар натиҷа, то чанд соли оянда фазои босубот устувортар шуда, Осиёи Марказӣ худро ҳамчун яке аз минтақаҳои амни ҷаҳон муаррифӣ мекунад.

Сенарияи қудратгароии шадид (манфӣ): зери таъсири таҳдидҳои беруна ва тақозои нухбагони амниятӣ, кишварҳои минтақа комилан ба модели амниятисозии қудратмеҳвар мегузаранд. Қонунҳои фавқулода ҷорӣ шуда, фишор ба озодии баён ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ меафзояд. Ҳар навъ интиқоди сиёсати давлатӣ метавонад бо иттиҳомоти “экстремизм” саркӯб гардад. Дар кӯтоҳмуддат ин раванд суботро нигоҳ медорад, аммо дар дарозмуддат норозигии пинҳонӣ ва эҳсоси беадолатӣ дар ҷомеа рушд мекунад. Бинобар набуди имкони ифодаи осоиштаи эътироз, баъзе ҷавонон ба гурӯҳҳои пинҳонии ифротӣ ҷалб мешаванд. Ҳатто мумкин аст дар солҳои оянда

ҳаракатҳои махфии мухолиф пайдо шаванд, ки бо идеологияи тундравона амал мекунанд. Ин сенария хатари таркиши ногаҳонии иҷтимоиро дар пай дорад.

Сенарияи таҳдидҳои афзоянда (буҳронӣ): вазъи амниятӣ дар Афғонистон рӯ ба вахомат мениҳад. Ҷанҷолҳо дар дохили Толибон ё шиддати ҷанги шаҳрвандӣ метавонад ба вуҷуд оянд. Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" ва гурӯҳҳои дигари террористӣ аз фурсат истифода бурда, пойгоҳи худро тавсеа медиҳанд. Таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба рақобатҳои геополитикӣ монанди пешин боқӣ мемонад ва халои амниятӣ эҷод мешавад. Дар чунин шароит, марзҳои Осиёи Марказӣ осебпазир мегарданд: ҳодисаи террористӣ ё ҳамлаи марзӣ метавонад рух диҳад (Хабаргузории "8AM Media" (Ҳашти субҳ) иттилоъ дод[1], ки 23 декабри соли 2025 се узви "Ансоруллоҳ" аз хоки Афғонистон ба қаламрави Тоҷикистон барои ҳамла ба постгоҳи марзӣ ворид шуданд. Рӯзи дигар дар задухӯрд террористҳо безарар гардонида мешаванд ва мутаассифона, ду афсари неруҳои марзбонӣ шаҳид мегарданд). Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" метавонад талош кунад амалиёти таблиғотии густарда ба забонҳои узбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ роҳандозӣ намояд ва гурӯҳҳои хобидаи худро дар минтақа бедор созад. Кишварҳои минтақа маҷбур хоҳанд шуд, ки ба таври фаврӣ нирӯҳои худро сафарбар кунанд ва ҳатто эҳтимолан аз шарикони беруна (Чин, Русия, Туркия ва ғайра) кӯмак пурсанд. Ин сенария ба як буҳрони калони амниятӣ мебарад ва таъсири манфии он ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа дарозмуддат хоҳад буд.

Сенарияи созиши ҷаҳонӣ (миёна): дар сатҳи байналмилалӣ дар чанд соли оянда шаклгирии як тавофуқи нисбӣ дар мавзуи Афғонистон рух медиҳад. Бо тағйири ҳукумат дар баъзе кишварҳои Ғарб мумкин аст нуқтаи назари мулоимтар дар бораи Толибон пайдо шавад ва роҳбурд муайян гардад (эътирофи шартӣ бо

[1] 8AM Media, منابع: سه مهاجم کشته‌شده در مرز افغانستان و تاجیکستان با طالبان ارتباط داشتند] 25.12.2025. URL: https://8am.media/fa/sources-three-attackers-killed-on-afghanistan-tajikistan-border-had-ties-to-taliban/

талабҳои қатъӣ). Толибон ба фишори муттаҳидаи ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гардида, ба шаклдиҳии ҳукумати фарогир ва бозбинии сиёсати дохилӣ (ба вижа, дар бораи таъмини ҳуқуқи занон) маҷбур мешаванд. Дар ин замина, таҳримҳои СММ қисман сабук ва роҳ барои барқарории расмии равобит ҳамвор мегардад. Осиёи Марказӣ дар ин раванд нақши “пул” миёни Афғонистони нави эътирофшуда ва ҷомеаи ҷаҳониро иҷро хоҳад кард. Ин сенария на қатъиян мусбат ва на манфӣ аст: хатари таҳдидҳои амниятиро кам мекунад, вале нуфузи қудратҳои бузург дар минтақа боз меафзояд. Сарнавишти минтақа дар ин сурат то андозае аз ирода ва созиши қудратҳои ҷаҳонӣ вобаста мешавад.

Сенарияи идомаи номуайянӣ (вазъи ғайри қобили пешбинӣ): равандҳои Афғонистон нишон медиҳанд, ки дар ин кишвар ҳама гуна рӯйдоди ногаҳонӣ рӯйи кор омаданаш мумкин аст. Ин тамоюл эҳтимоли фаргашти вазъ аз мусбати мусбат то манфии манфиро дорад ва таъсири бештаре ба кишварҳои Осиёи Марказӣ хоҳад расонд. Дар доираи ин сенария густариши нуфузу қудрати Толибон; ҳифзи вазъи мавҷуд ва вожгунгардии ҳукумати онҳо дар ҷуғрофиёи Афғонистонро баррасӣ кардан мумкин аст.

Агар қудрату нуфузи Толибон дар Афғонистон тақвият ёбад, пас кӯшиши бештари ҳамгироӣ бо кишварҳои Осиёи Марказиро пеша мекунанд. Чун дар ин масир ҳамсояҳои нисбатан заифашон (дар муқоиса бо Покистон, Эрон ва Чин) ҷойгиранд. Ин омил бо назардошти тарси баъзе аз кишварҳои минтақа Толибонро ба “бародари бузург”-и нави Осиёи Марказӣ табдил медиҳад ва дуроҳии муқовимат бо андешаҳои ифротӣ дар кишварҳоро меафзояд.

Агар вазъи кунунӣ ҳифз шавад, пас эҳтимоли рӯйи кор омадани чор сенарияҳои болозикр мавҷуд аст.

Агар Афғонистон ба давраи пасотолибонӣ гузарад, пас се масирро баррасӣ кардан мумкин аст: 1) эҷоди ҳукумати нави муросоӣ бо ҷалби ҳамаи неруҳои дохилию беруна; 2) вожгунсозии ҳукумати Толибон аз ҷониби

қудратҳои беруна (мисли соли 2001); ва 3) суқути Толибон аз сӯйи рақибони қудраташон дар симои "Давлати исломӣ" ё гурӯҳҳои сиёсию низомии муқовиматӣ. Дар чунин ҳолат суботу амнияти нисбӣ дар Афғонистон кам мешавад ва эҳтимол ин кишвар ба як давраи нави буҳронӣ ворид мешавад. Ин ҳолат барои кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои нави амниятиро месозад, ки ҳам паёмадҳои манфии манфӣ ва ҳам мусбати мусбатро дар пай дошта метавонад. Аз ин рӯ, омода будан ба ҳама гуна рушди эҳтимолии вазъ дар Афғонистон шарти муҳими таъмини суботу амният дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

ОХИРСУХАН

Пешгирии экстремизм бо назардошти вазъи кунунии минтақа ва ҷаҳон барои Тоҷикистон муҳим боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, пажуҳиши мавзуъ ва роҳандозии мониторинги масъала кори саривақтӣ аст. Дар анҷоми китоб хулоса ва мулоҳизаҳои зер пешкаш мешаванд:

1. Дар муҳити илмӣ ва расонаии Тоҷикистон вожаҳои “муқовимат” ва “пешгирӣ” ба таври гуногун фаҳмида мешаванд. Таҷрибаи пажуҳиши масъала нишон медиҳад, ки вақте дар бораи “муқовимат” суҳбат мекунад, он мазмуни фарогир дошта, ҳамзамон “пешгирӣ”-ро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар номгузории Стратегияҳо барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 вожаи “муқовимат” омадааст, ки ҳам вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандиро ифода мекунад. Яъне, “муқовимат” то ҷойе “мубориза” ва “пешгирӣ”-ро дар худ ба ҳам меорад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомию махсус ҳаққи истифодаи зӯриро доранд, барои ҳамин танҳо онҳо бо экстремизму терроризм мубориза мебаранд. Ниҳодҳои дигари давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо пешгирии ин падида машғуланд. Бинобар ин, агар ҷомеа ба ин мушкилот бетараф набошад, дар марҳилаи аввал ҷилавгирӣ кардан мумкин аст.

2. Қабули Стратегия барои солҳои 2016-2020 дар давраи фаъол будани тарғибгарони ҳаракатҳои тундгароӣ, ба важа “Давлати исломӣ” ва ҷой доштани гароиши мардум ба сафи онҳо рост омад. Стратегия барои солҳои 2021-2025 дар асоси таҷрибаи мавҷуд таҳия шуда, дар давраи пасодоишӣ (яъне, пас аз саркӯби “Давлати исломӣ” дар Ироқу Сурия) қабул гардид. Яъне аз рӯйи замони таҳия ва қабул ин ду ҳуҷҷат фарқ доранд. Дар матн ва нақшаи амалҳои Стратегияи якум нуктаҳои бисёр барои пешгирии экстремизм зикр шуда буданд. Натиҷаи баҳогузорӣ нишон медиҳад, ки як қатор нишондоди нақшаи амалҳо иҷро нашудаанд ва он пеш аз ҳама, ба маблағгузории тадбирҳо ва ҳамоишҳои алоҳида

рабт дошт. Дар Стратегияи дуюм ин ҳолат нисбатан ислоҳ шуда, вазифаҳои иҷрошаванда вобаста ба шароит ва имконоти мавҷуд дар Тоҷикистон оварда шудаанд.

3. Дар нақшаи амалҳои Стратегияи якум қисме аз тадбир ва ҳамоишҳои пешгирикунанда мазмуни умумӣ доштанд. Аз ин рӯ, муайянкунии имкони татбиқи онҳо мушкил буд. Дар Стратегияи дуюм барои пешгирӣ чораҳои нисбатан амалӣ оварда шудаанд, ки арзёбии натиҷаҳои онро осонтар мекунад.

4. Дар матн ва нақшаи амалҳои ҳарду Стратегия барои пешгирии экстремизм мақоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зикр шудааст. Кам будани шумораи чунин созмонҳои ҷамъиятӣ, ки дар сатҳи зарурӣ дар самти пешгирии экстремизм фаъолиятро ба роҳ монда метавонанд, нигарониро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба татбиқи амалии ин нишондод ба суди рушди ҷомеаи шаҳрвандии кишвар мебошад.

5. Мушкилоти дигаре, ки дар давраи татбиқи Стратегияи якум вуҷуд дошт, ин кам будани интишороти касбии руҳияи зиддиэкстремистӣ дошта буд. Дар Стратегияи дуюм мақоми ВАО дар пешгирии экстремизм ба таври амалӣ оварда шудааст. Аз ин рӯ, боло бурдани тавонмандиҳои хабарнигорон дар самти пешгирии экстремизм зарур мебошад.

6. Дар нақшаи амалҳои Стратегияи дуюм сифатан беҳтар кардани тадбирҳои маърифатӣ барои пешгирии экстремизм дар сатҳи маҳалҳо зикр шудааст. Дар нақшаи амалҳо омадааст, ки созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои боло бурдани тавонмандиҳои кормандони масъули мақомоти давлатӣ дар маҳалҳо ҳамоишу омӯзишҳоро баргузор мекунанд. Ин нукта дар Стратегияи якум равшан баён нашуда буд.

7. Дар нақшаи амалҳои Стратегияи дуюм масъалаи барқарорсозӣ ва интегратсияи шахсони гузаштаи экстремистӣ ё террористидошта низ зикр шудааст. Агар бо инҳо кор дар сатҳи зарурӣ сурат гирад, ифротишавии дубораро пешгирӣ мекунад.

8. Таҳлили муқоисавии чораҳои пешгирикунанда дар Стратегияҳо барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 бе анҷоми пажуҳиши амалӣ (сифатӣ ва миқдорӣ) номумкин аст. Чун баъди қудратгирии Толибон дар Афғонистон ва Ҳайъат таҳрир аш-Шом дар Сурия контексти мушкилоти экстремизм ва терроризм дар кишварҳои Осиёи Марказиро тағйир дод. Имрӯзҳо дар Афғонистон фаъолшавии созмонҳои террористӣ, ба вижа Шохаи Хуросони "Давлати исломӣ" ба назар мерасад. Дар Сурия амалан қудрат дар дасти гурӯҳе аст, ки каме пештар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо он мубориза мебурд. Аз ин рӯ, ин мавзуъ арзандаи пажуҳиши алоҳида мебошад.

9. Барои самаранок кардани пешгирии экстремизм дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ба назар гирифтани чунин андешаҳо муҳим аст: а) боло бурдани тавонмандиҳои кормандони мақомоти давлатӣ дар сатҳи маҳал барои пешгирии эстремизм ва қависозии маҳорати таҳлилии онҳо; в) маблағгузории бандҳои дахлдори барномаҳои давлатӣ, ки дар онҳо ҷалби имконоти шарикони рушд зикр шудааст; ва с) ташкили урдугоҳ, вебинар ва нишастҳои таҳлилӣ барои ҷавонон бо ҷалби мақомоти ваколатдори марказӣ ва маҳаллии соҳа, ки масъули пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон мебошанд.

10. Зимни баргузории тренинг ва дигар омӯзишҳо барои пешгирии экстремизм дар ҷомеаи Тоҷикистон (аз он ҷумла, дар доираи барномаҳои шарикони рушд) дар барномарезии он ба се марҳила таваҷҷуҳ намудан ба мақсад мувофиқ аст: Марҳилаи 1.: алифбои масъала (мафҳум, воридшавӣ ба мавзуъ, омода будани тренерон барои гузаштани мавзуъ); Марҳилаи 2.: дар бораи роҳҳои муосири пешгирии экстремизм; ва Марҳилаи 3.: кор бо баргаштаҳо ва хонаводаҳои онҳо (масъалаи ислоҳи ифротиҳои пешин ва барои бозгардонидани ба ҷомеа чӣ бояд кард?).

11. Имрӯзҳо сатҳи рушди равонӣ ва ҷисмонии ҷавонон аз ҳамдигар бисёр фарқ мекунад. Аз ин рӯ, тавозун бояд риоя гардад ва барои ҳамаи қишрҳои ҷавонон маҳсули

зеҳнии мувофиқ офарида шавад. Ҷавонон ҳаҷми калони иттилоро дар як рӯз аз худ мекунанд (муҳтавои шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои гуногун аз тариқи телефон мехонанд/мебинанд/ мешунаванд). Аз ин рӯ, равонакунии таваҷҷуҳ ба рушди қобилияти таҳлилӣ ва андешаи интиқодии ҷавонон муҳим мебошад.

12. Ин пажуҳиш нишон медиҳад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва видеохостинги YouTube ва дигар шабакаҳои иҷтимоии маъруф миёни ҷавонон аз ҷониби мубаллиғони гурӯҳҳои экстремистӣ васеъ истифода мешаванд. Зимни таҳия ва пахши муҳтаво, таблиғгарони андешаҳои экстремистӣ нозукӣ ва вижагии қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба назар мегиранд. Бештари муҳтавои видеоии экстремистӣ, аз ҷумла вижагии сиёсӣ ва мазҳабидошта, дар YouTube таҳия мешавад ва баъдан тариқи шабакаҳои иҷтимоии маъруф миёни ҷавонон паҳну пахш мегардад. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва видеохостингҳо ба абзори ҷиддии таблиғоти андешаҳои ифротӣ табдил ёфтаанд ва мураббиёну ҷалбкунандагони гурӯҳҳои экстремистӣ аз онҳо самаранок истифода мекунанд. Ҳар шабакаи иҷтимоӣ вижагии худро дорад. Масалан, дар Facebook мардуми гуногун, аз ҷумла ҷавонон ҳузур доранд. Аз ин рӯ, муҳтавои экстремистии эҷодшуда ба ҳамаи мардум, аз ҷумла, ба ҷавонони босавод нигаронида шудааст. Шумори чашмраси корбарони Одноклассники маълумоти умумӣ доранд ва бештари онҳо муҳоҷирони корӣ ё миёнасолон ҳастанд. Instagram ва дигар пойгоҳҳо асосан наврасону ҷавононро муттаҳид мекунанд. Зарурати чунин гурӯҳбандиро бо он метавон асоснок кард, ки инсонҳо вобаста ба синну сол истифодаи шабакаи иҷтимоиро оғоз мекунанд. Ба ҳамон бештар дил мебанданд, ки ҳамсолону ҳамандешон дар он бештар ҳузур доранд. Бинобар ин, лозим ба назар мерасад, ки барои ташаккули эҳсоси таҳаммулпазирӣ, бо назардошти вижагии корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ тадбирҳо, равишҳо ва амалҳои алоҳидаро бояд таҳия кард, то: ниёзҳои корбаронро қонеъ созад (i) ва аз рӯйи мазмун барои онҳо оддӣ ва фаҳмо бошад (ii). Агар ин

нукта ба назар гирифта шавад, пас тадбир самаранок хоҳад буд. Таҳияи муҳтавои якхела барои тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ натиҷаи лозимаро намедиҳад.

13. Пажуҳиши васеи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар пойгоҳҳо нишон медиҳад, ки муҳтавои экстремистӣ (ҳам сиёсӣ ва ҳам мазҳабӣ, ки дар бештар ба ҳамдигар омезиш доранд) дар асоси воқеияти мавҷуд таҳия гардида, чунин ниёзу эҳтиёҷро инъикос мекунад (бозтоби ҳадафмандона, барои ба вуҷуд овардан ё густариш додани тавонмандиҳои эътирозӣ). Мураббиёни андешаҳои тундгароӣ ва ҷалбкунандагони гурӯҳҳои экстремистӣ аз равандҳои зиндаи ҷомеа: аз камбудӣ, осебпазирии “адолати иҷтимоӣ” ва рӯҳияи ҷомеа ба хубӣ огоҳанд. Дар ҳамин асос муҳтавои экстремистӣ эҷод мешавад, ки ба ҷаҳонбинии мардум таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ба назар гирифтани ин нукта зимни таҳияи чораҳои пешгирикунанда муҳим аст.

14. Ҷалбкунандагони гурӯҳҳои экстремистӣ дар овардани силсилаи далелҳо барои дуруст будани мавқеи худ рӯйкардҳои гуногунро истифода мебаранд. Онҳо маълумоту андешаи худро бо истифода аз меъёрҳои динӣ ва ҳадисҳои лозима асоснок мекунанд. Як вижагии мардуми мо дар он аст, ки ҳар матне, ки бо забон ва ё ҳуруфи арабӣ оварда мешавад, онро муқаддас медонанд ва бештар ба дурустиаш шубҳа намекунанд. Онҳое, ки масъули пешгирӣ ҳастанд, дар муҳтавои худ камтар чунин далелҳоро намеоранд. Дар натиҷа, дар назари як корбари оддӣ, ки маърифати динӣ надорад (ҳар гуфта ё навишта бо забони арабиро муқаддас мешуморад) мавқеи пайравони гурӯҳҳои экстремистӣ “дуруст” метобад. Ба назар гирифтани ин нукта дар таҳияи чораҳои пешгирикунанда зарур мебошад.

15. Вижагии кори маърифатӣ дар муҳити ҷавонон идомаи ҳамеша ва пайвастаи он мебошад. Чун мухотабон ҳамеша дигар мешаванд, яъне ҳамасола як қишри наврасон ба балоғат мерасанд ва ниёзу эҳтиёҷи ҳаммонанд ва фарқкунанда бо насли пешин доранд. Бо назардошти ин нукта, на ҳамеша тадбирҳои

пешгирикунанда натиҷаи дилхоҳ медиҳанд. Бинобар ин, лозим ба назар мерасад, ки ҳар се сол як маротиба самаранокии чораҳои пешгирикунанда бояд арзёбӣ шаванд, то мутобиқ ба эҳтиёҷу ниёзҳои ҷавонон тарзи истифодаи муассири онҳо таҳия шавад.

16. Ба таҳия ва татбиқи чораҳо дар самти ташаккули эҳсоси таҳаммулпазирӣ миёни корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ, ба вижа ҷавонон омилҳои зерин монеъ мешаванд: якум, фаъолияти мунтазам дар самти ташаккули эҳсоси таҳаммулпазирӣ миёни ҷавонон аз ҷониби мақомоти масъули давлатӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мушоҳида намерасад; дуюм, мақомоти масъули давлатӣ ба ин масъала муносибати пайваста надоранд ва фаъолияти худро пас аз пайдо шудани мушкил тақвият мебахшанд. Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тавонмандиҳои заруриро дар ин самт надоранд ва фаъолиятро “аз лоиҳа то лоиҳа” ба роҳ мондаанд: вақте будани бурсия чунин корро анҷом медиҳанд ва бо анҷоми маблағгузорӣ фаъолиятро бозмедоранд; сеюм, силсилаи чора, муҳтаво ва ҳамоишҳо бештар ба он ҷавононе нигаронида мешаванд, ки худашон фаъоланд ва бо андешаи таҳаммулпазирӣ ва гуногунандешӣ ошно ҳастанд. Гурӯҳи калони ҷавонон, ки бо сабабҳои гуногун чунин ҷаҳонбинӣ надоранд, берун аз ин ҳамоишҳо мемонанд. Аз ин рӯ, ба назар гирифтани ин нукта зимни таҳияи чораҳои пешгирикунанда дар муҳити ҷавонон аҳамияти вижа дорад.

17. Дар самти пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон идома додани чораҳои зерини мақомоти давлатӣ ба мақсад мувофиқ аст: якум, бисёр кардани ҳамоишҳо ва татбиқи дигар тадбирҳо барои боло бурдани маърифати сиёсию ҳуқуқии шаҳрвандон, ба вижа ҷавонон, ки ба чунин донишҳо ниёзӣ доимӣ доранд. Чунки ҳамасола қишри наврасон ба балоғат мерасанд ва ба талабот ҷавобгӯ набудани маърифати сиёсию ҳуқуқӣ эҳтимоли сӯистифода шуданро бештар мекунад; дуюм, роҳандозии рӯйкард ва механизмҳои ҳавасмандкунӣ барои ҷалби ҷавонон ба имломӯзӣ ва

